# ҶОН БИВЕР

Муаллифи китоби машҳур бо номи *"Доми шайтон"*

# НЕКӢ

*Ё*

# ХУДО?

БАРОИ ЧӢ НЕКӢ БИДУНИ ХУДО КОФӢ НЕСТ

Дӯсти азиз,

Ҳангоме ки мо назди Худо меоем, Ӯ ҳамаи соҳаҳои ҳаёти моро тағйир медиҳад! Дар зери ҳукмронии Исои Масеҳ буда ва ҳар рӯз дар файзи Ӯ зиндагӣ карда, мо ҳаёти фаровон дорем.

“Некӣ ё Худо?” ин на танҳо китоб аст. Ин номае, ки одамонро рӯҳбаланд мекунад, ки ҳаёти муқаддас дошта бошанд ва онро сар то сари дунё паҳн кунанд. Шумо низ ба роҳбарони калисо, аъзои калисо ва оилаатон дар бораи муқаддасӣ гуфта, дар ин кор саҳм гузошта метавонед. Фақат як одам, Вакил Павлус, ки гурӯҳи хурдеро дар як мактаби хурдакак тарбия медод, бас буд, ки дар тӯли ду сол Хушхабар ба гӯши тамоми аҳолии Осиё бирасад! Онҳо ҳузури Худоро бо худ мебурданд. (Аъмол 19:1,10-ро бихонед). Агар мо дар кӯшиш ва ҳаракатҳои худ муттаҳид шавем, онгоҳ Худо қодир аст ба воситаи мо корҳояшро анҷом диҳад?

Худованд ба дили ман ин номаро гузоштааст, ки ба ту ва ба дигар роҳбарони калисо дар тамоми дунё бирасонам. Ман туро мусаллаҳ карданӣ ҳастам, ки ту ин номаро ба ҳар шахсе, ки мешиносӣ, бирасонӣ. Илтимос, ин нома ва тамоми муҳаббати моро дар дили худ қабул кун. Ман аз ту шунидан мехоҳам, ки чӣ гуна ин нома ба ту ва ҳамаи наздиконат таъсир расонидааст.

Бародари ту дар Масеҳ,



Ҷон Бивер

JohnBevere@ymail.com

MESSENGER INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

# НЕКӢ

*Ё*

# ХУДО?

## Дар бораи китоби *«Некӣ ё Худо?»*

*“Некӣ ё Худо?”* ин сайругашти пурқувват дар Китоби Муқаддас мебошад, ки ба назар ва фаҳмиши шумо даъват мепартояд, ки ҳаёти нек доштан кадом маъноро дорад”.

— Марк Баттерсон, муаллифи китоби машҳур ба номи “The Circle Maker”, ба ақидаи маҷаллаи “New York Times”

“Некӣ ё Худо?” ин дарси аҷоибе, ки шуморо водор мекунад, боз ҳам бештар Худовандро биҷӯед ва иродаи Вайро дар ҳаёти худ амалӣ гардонед”.

— Ҷойс Майер, устоди Китоби Муқаддас ва муаллифи китобҳои беҳтарин

“Ҷон Бивер ин муаллим, роҳбар ва муаллифи боэҳтиром ва дӯсти наздик ва ҳамкори ман дар Подшоҳии Худо мебошад. Вай пур аз хоҳиши дидани он аст, ки чӣ гуна ҳар як инсон на фақат ҳаёти хуб мебарад, балки ҳаёт бо Худо дорад, ки имони шуморо афзун мегардонад, то ки ба он чизҳое, ки Исо пешбинӣ кардааст, далерона рафта тавонед. Таълимоти Ҷон ва он чизҳое, ки ба вай ошкор шудааст, ба шумо назари наве ба иродаи Худо ва нақшаҳои Ӯ баояндаи шумо хоҳад дод”.

— Брайан Хюстон, ускуфи калони калисои “Хиллсонг”

“Ҳангоме ки ман ҳодисаҳои шахсонеро мехонам, ки аз рӯи муҳаббат корнамоҳои аҷоибе барои Худо кардаанд, ман мехоҳам, ки аз ҷумлаи ин шахсон бошам. “Некӣ ё Худо?” дар бораи он мегӯяд, ки дар ақл ва дилҳои он шахсоне, ки ба ҷои бо чизҳои қалбакӣ қонеъ гаштан, аз сидқи дил чизҳои беҳтарини Худодоштаро интихоб мекунанд, чӣ рӯй медиҳад. Агар шумо хоҳиши бештар донистани Худоро дошта бошед ва бо шуҷоат ба Ӯ хизмат кардан мехоҳед, ман ба шумо ин китобро маслиҳат медиҳам”.

— Ҷон Максвелл, муаллифи китобҳои беҳтарин ва воиз

“Китоби Ҷон Бивер бо номи “Некӣ ё Худо?” моро даъват мекунад, ки ҳеҷ вақт бо чизҳои хурд розӣ нашавем, чунки Худо дигар

чизро барои мо омода кардааст. Ҷон кори аҷоиберо кардааст ва ба мо хотиррасон мекунад, ки агар мо Худоро биҷӯем, хоҳем ёфт”.

— Ҷентезин Фраклин, усқуфи калони калисои “Free Chapel” ва муаллифи китоби “Рӯза”, ки ба ақидаи маҷаллаи “New York Times” китоби беҳтарин ба шумор рафтааст.

“Некӣ ё Худо” шуморо то қаъри дилатон таъсир мерасонад. Агар шумо аз кори худ ҷудо шуда натавонед, он гоҳ ин китоб барои шумо намебошад. Лекин агар шумо то абад ояндаи худро тағйир додан хоҳед, он гоҳ ин номаро фурӯ баред. Он ҳаёти шуморо тағйир хоҳад дод.

— Кристин Кейн, асосгузори “Ширкати A21” ва муаллифи китоби беҳтарин “Боздоштнашаванда”

“Даъваткунанда, Аниқ, Зарур. Китоби “Некӣ ё Худо?” ба мо ҳақиқати муҳимро ба хотир меоварад, ки мақсади мо на дар он аст, ки нек бошем. Ин китоб ба одамон имконият медиҳад, ки ба ивази ҳаёти ҷаҳонӣ, ҳаёти пур аз баракатро дар Исои Масеҳ дошта бошанд.

— Луи Гиглио, усқуфи калисои “Passion City Church”, Атланта, Ҷорҷия ва асосгузори “Passion”

“Ҳамчун гӯгирди дар торикӣ даргиронда, Ҷон Бивер роҳро ба ҳузури Худо равшан намуда, хоҳиши хонандаро бедор мекунад, ки ин хоҳишро фақат муносибати наздик бо Худо қонеъ гардонида метавонад”.

— Усқуф Т. Д. Ҷейкс, сардори ташкилоти “TDJ Enterprises” ва муаллифи китобҳои беҳтарин, ба ақидаи маҷаллаи “New York Times”

“Некии Худо моро иҳота мекунад, лекин оё дар ҳақиқат мо инро эҳсос мекунем? Дар китоби “Некӣ ё Худо?” Ҷон Бивер таҳқиқ мекунад, ки нек будан чӣ аст ва некӣ бо Худо кадом вобастагие дорад. Дар вақти хондани ин китоб шумо ҳаяҷон ва даъватро эҳсос мекунед, ки шуморо водор мекунад, дунболи чизҳои беҳтарине, ки Худо ба шумо дорад, шавед, ва онро ба дигарон низ нақл кунед.

— Крейг Гречел, усқуфи калони калисои “LifeChurch.tv” ва муаллифи китоби “Минбаъд” ва “Панҷ вазифа барои оилаи комил”

“Ҷон Бивер боз барои Бадани Масеҳ даъвати ба ҳаёт тағйирот оварданро партофт. Дар китоби худ бо номи “Некӣ ё Худо?” вай барои хонанда нишон медиҳад, ки чӣ тавр аз муносибатҳо бо Худо натиҷаи беҳтаринро сазовор гашта, дар ҳар соҳаи зиндагии худ стандартҳои болоро ноил гардем”.

— Мэтю Барнетт, усқуфи калони “Angelus Temple”, Лос Анҷелес, Калифорния, ва яке аз асосгузорони “Маркази Орзу”

“Дар китоби “Некӣ ё Худо?” Ҷон Бивер моро маҷбур мекунад, ки назари худро дар бораи некии Худо аз нав дида бароем ва ба он соҳаҳои ҳаёт, ки мо стандарти худро ба ҷои стандарти Худо ҷойгир кардаем, иқрор шавем. Бо ҳикмати амиқи Китоби Муқаддас ва дар мисоли таҷрибаҳои талхи худ Ҷон хонандаро водор мекунад, ки аз некиҳои қалбакии ҷаҳонӣ даст кашида, дили худро ба муқаддасии комили Падар ба итоат оваранд. Ҳар як пайрави Исо, ки фақат чизҳои беҳтаринро хоҳон аст, ва ба ҳеҷ чизи дигар ҷуз он ки Худо барояш омода кардааст, розӣ намешавад, бояд ки китоби “Некӣ ё Худо?”- ро бихонад.

— Крис Хоҷес, усқуфи калони Калисои “Church of the Highlands” ва муаллифи китобҳои “Ҳавои тоза” ва “Чор пиёла”

ҶОН БИВЕР

# НЕКӢ *Ё* ХУДО?

БАРОИ ЧӢ НЕКӢ БИДУНИ ХУДО КОФӢ НЕСТ

Good or God? by John Bevere, Tajik
© 2016 Messenger International
www.MessengerInternational.org
Originally published in English as Good or God?
Additional resources in Tajik by John Bevere are available for free download at: www.CloudLibrary.org
To contact the author: JohnBevere@ymail.com

“Некӣ ё Худо?” Ҷон Бивер ба забони тоҷикӣ
© 2016 Messenger International
www.MessengerInternational.org
Нусхаи аввал ба забони инглисӣ бо номи “Good or God?” ба нашр баромадааст.
Маводҳои иловагии Ҷон Биверро ба забони тоҷикӣ аз сайти; www.CloudLibrary.org ба таври ройгон ба даст оварда метавонед.
Алоқаи суроғаи электроникии муаллиф: JohnBevere@ymail.com

*Ман ин китобро ба писарамон,*
*Арден Кристофер Бивер мебахшам.*

*Ту боқувват, меҳрубон, боҳикмат ва бодиққат мебошӣ.*
*Ман ба меҳрубонии ту нисбати шахсоне,*
*ки дар азобу машаққат мебошанд, қоил ҳастам.*
*Писарам, ман бо ту фахр мекунам ва туро*
*то абад дӯст хоҳам дошт.*

# МУНДАРИҶА

Сипосгузорӣ ..........13
Дар бораи китоб..........15
Муқаддима ..........17
1. Некӣ чист?..........19
2. Ин чӣ тавр рӯй дод?..........31
3. Меъёри одатии некӣ ..........45
4. Таҳкурсӣ ..........63
5. Оё танҳо хоҳиш доштан кифоя аст? ..........81
6. Роҳнамои дохилии мо..........97
7. Моро рашк мекунад..........115
8. Дӯстӣ..........131
9. Ростие, ки аз он мегурезанд..........151
10. Сӯзишворӣ..........169
11. Хуб ё фоиданок?..........191
12. Устоди ҳаёти муқаддас..........205
13. Чизе, ки моро рӯҳбаланд мекунад ..........221
14. Нишондодҳои мо ..........241
15. Фарқ кардан..........261
16. Тасвири калон ..........279
Хониш ва саволҳо барои муҳокима ..........285

# СИПОСГУЗОРӢ

Ба ҳамсарам, фарзандонам ва наберагонам: ҳар яке аз шумо ин тӯҳфа аз ҷониби Худо мебошед, шумо ҳаёти маро бисёр ғанӣ гардондаед. Ман шуморо то абад дӯст хоҳам дошт.

Ба даста, аъзоёни идоракунанда ва шарикони хизматгузории Messenger International: барои дастгирии ман ва Лиза ба шумо миннатдорӣ баён мекунам. Барои дастрас кардани халқҳои ҷаҳон бо Инҷили Пурҷалоли Исои Масеҳ, мо аз шумо дида дигар одамони вафодор ва дӯстони аслиро аз Худо талаб карда наметавонем.

Ба Брюс, Джейлин, Винсент, Элисон, Эддисон ва Лоран: барои кӯшиши шумо барои таҳрир ва ба тартиб даровардани ин пайём сипосгузор ҳастем. Ман ба бахшоишҳои шумо, ки аз ҷониби Худо мебошад, қоил ҳастам.

Ба Аллан: Барои муқовимаи зебо ва равшани ин китоб аз ту сипосгузор ҳастам.

Ба Эдисон, Колин, Эстер, Том, Мэт, Арден, Аллан, Джейлин ва Давид: сипосгузорам, ки дар тӯли навишта шудани ин китоб шумо бодиққат онро мутолиа карда, дар мавридҳои мушкил маслиҳатҳои бохирадона ва солими худро медодед.

Ба Том, Эстер, Аддисон, Остин ва Ҷон: ба заҳмати шумо барои маркетинги ин китоб сипосгузорӣ мекунам.

Ба Роб ва Ванесса: барои меҳнати доимии шумо ба паҳн кардани ин китоб дар байни халқҳои ҷаҳон сипосгузорам.

Ба Падари мо, Худованди мо Исои Масеҳ ва Рӯҳи Муқаддас: ташаккур барои кафорати пурраи мо аз гуноҳ, барои он ки моро фарзандони Худ хондӣ ва ин пайёмро барои халқи Худ додӣ. Ба Ту тамоми ҷалол бод.

# ДАР БОРАИ КИТОБ

“Некӣ ё Худо?” мисли дигар китобҳо аз саҳифаи аввал то саҳифаи охир хондан мумкин аст. Ва барои шахсоне, ки ин китобро ҳамчун дастурамал мутолиа карданӣ ҳастанд, ман дар охири китоб саҳифаҳои иловагӣ ҷой додаам. Ин маводро дар алоҳидагӣ ё дар гурӯҳ мутолиа кардан мумкин аст. Ин китоб барои курси шашҳафтаина тартиб дода шудааст, лекин шумо онро мутобиқи шароити худ фароҳам сохта метавонед.

Ҳар як ҳафта дар бар мегирад:

- Саволҳо барои мутолиаи фардӣ ва ё гурӯҳӣ
- Дуо ва мутолиаи Навиштаҷот дар давоми ҳафта ва гузаронидани вақти шахсӣ бо Худо
- Фикрронӣ: ояте, ки дар давоми ҳафта дар бораи он фикр мекунем.
- Эзоҳ: тарзи соддае, ки мо дониши гирифтаамонро ба ҳаёти рӯзмарраи худ истифода мебарем.

Бобҳое, ки барои хониш дар давоми ҳафта пешбинӣ шудаанд, пеш аз саволҳо барои муҳокима меоянд.

Агар шумо ин китобро ҳамчун як қисми дарсии омӯзиши “Некӣ ё Худо?” мутолиа мекарда бошед, он гоҳ мо ба шумо маслиҳат медиҳем, ки як маротиба дар як ҳафта дарси таълимиро гӯш карда, ба саволҳое, ки дар охири ин китоб ҷойгир шудаанд, ҷавоб диҳед. Ва баъд аз он ҳар як аъзои ин гурӯҳ боби навбатиро то вохӯрии оянда хонда метавонад. Дар як ҳафта мутолиаи танҳо як бобро ба шумо маслиҳат медиҳем.

Ҳаловат баред!

# МУҚАДДИМА

Ба наздикӣ ман бо телефон бо яке аз роҳбари обрӯманд ва машҳури амрикоӣ сӯҳбат мекардам. Мо хайрухуш мекардем, ки вай ногаҳон чунин суханонро гуфт: "Ҷон, як лаҳза сабр кун. Ман як чизро бояд ки ба ту бигӯям. Дар тӯли бист соли охир ту бисёр китобҳоро ба нашр баровардаӣ ва ҳоло акнун вазифадор ҳастӣ, ки боз яктои дигарро бинависӣ. Ба ин китоб талаботи бисёр мешавад, номаи пайғамбарона ба калисо: ва ин вазифа аз осмон барои ту мебошад".

Ӯ ҳоло суханони худро ба охир нарасонида буд, ки ман аллакай дар ҳузури Худо бо шукргузорӣ зону задам. Баъд аз ин занги телефонӣ дар давоми якчанд ҳафта дар дохили ман хоҳиши навиштани китоб афзун мегашт.

Моҳияти ин номаро бо як ибора чунин баён кардан мумкин аст: агар некӣ бошад, боз ягон чизи дигар лозим аст?

Дар замони ҳозира калимаҳои некӣ ва Худо ҳаммаъно гаштаанд. Мо фикр мекунем, ки агар ягон корро ҷамъият нек шуморад, он гоҳ Худо ҳатман тарафдори ин кор мебошад. Саховатмандӣ, фурӯтанӣ ва адолат некӣ мебошад. Худпарастӣ, ғурур ва дилсахтӣ ин бадӣ аст. Фарқияти байни ин ду возеҳу равшан менамояд. Оё ин ҳама чиз аст? Пас, агар некӣ он қадар возеҳу равшан бошад, пас барои чӣ Китоби Муқаддас мефармояд, ки фарқи байни неку бадро донем (ниг. Ибриён 5:14).

Вакил Павлус менависад: "Худро ба ин олам ҳамшакл насозед, балки ба ақли худ шакли тозаеро бигиред, то ки дарк кунед, ки иродаи нек, писандида ва комили Худо чист" (Румиён 12:2). То он даме ки мо ақли худро тоза накунем, мо он чизе, ки барои ҳаёти мо хуб аст, фарқ карда наметавонем. Бидуни тағйирёбӣ дар натиҷаи тоза кардани ақламон, мо аз ҳаёти аҷоиб, пур аз ҳузури Худо, ки дар Исои Масеҳ мебошад, маҳрум мемонем.

Пеш аз офариниши олам Худо ба ҳаёти мо нақшае кашида буд. Ин нақша ҳадафи муайяне, хурсандии беканор ва қаноатмандии бузург дошта, ва мувофиқи иродаи Ӯ пурра нек мебошад. Лекин некиҳои қалбакие низ вуҷуд доранд, ки барои чизҳои беҳтаре, ки аз ҷониби Худованд мебошанд, монеъ шуда метавонанд.

Афсӯс ки бисёриҳо, аз ҷумлаи мо, бо ин чизҳои қалбакӣ қонеъ мешаванд. Мо баъзан дарк накарда (ё дарк карда), аз қафои чизҳои нек давида, хости Худоро раъд мекунем.

Роҳбарони калисои аввал моро дар бораи ин фиреб чанд маротиба огоҳ карда буданд (фиреб хӯрдан, ин яъне боварӣ доштан, ки мо дар ростӣ зиндагӣ мекунем, дар он вақте ки ин ростӣ намебошад). Худи Исо огоҳ карда буд, ки дар замони охир фиребу найранг то ба андозае печу тоб мехӯрад, ки ҳатто интихобшудагон низ ба доми он меафтанд. Оё ба ин огоҳиҳо бепарвоёна муносибат кардан мумкин аст? Оё инро бо он сабаб раъд кардан мумкин аст, ки мо ба фиреб намеафтем ва некиро аз бадӣ бо ҳиссиёти худ фарқ карда метавонем?

Хабари хуш дар он аст, ки Худо чизҳои хубро аз мо пинҳон карданӣ нест. Ӯ ба чашми мо хок намепошад. Ӯ ваъда медиҳад, ки: касе меҷӯяд, хоҳад ёфт. Агар мо аз пайи ҷустуҷӯи ростӣ бошем, он гоҳ дар доми фиреб нахоҳем афтод. Гап дар сари он аст, ки оё мо ба Сарчашмаи ҳақиқат назар мекунем, ё ин ки бо донишҳои рӯякӣ дар бораи иродаи неки Ӯ худро қонеъ мегардонем? Ман умедворам, ки шумо ин китобро хонда, бо он чизҳои хурде, ки доред, розӣ нашуда, чизҳои беҳтаре, ки Худо барои шумо дорад, пайдо мекунед.

Пеш аз хондани ин китоб биёед, дуо мекунем:

*Падар, ба исми Исои Масеҳ дуо мекунам, ки Ту чашмон ва гӯшҳои дили маро воз кунӣ, то ки ман дида, шунида тавонам ва иродаи Туро барои ҳаёти худ қабул карда тавонам. Рӯҳи Муқаддас ҳангоме ки ман ин номаро мехонам, маро бо роҳҳои Исо дақиқ ва мустаҳкам таълим деҳ. Ман ба Ту ҳамчун ба устоди худ назар мекунам. Ба воситаи ҳар як ҷумлаи ин китоб ба ман сухан рон. Бигзор ҳаёти ман пурра тағйир ёбад. Омин.*

1

# НЕКӢ ЧИСТ?

Танҳо Худо нек аст.
— Марқӯс 10:18 (тарҷумаи нав).

Дар коҳинот ҳамон чиз некӣ аст,
агар бо табиати Худо мувофиқ
бошад ва ҳама чизе, ки бо он
мувофиқ нест, бадӣ аст.
— А. У. Тозер

Некӣ ва бадӣ. Ҳамаи мо фарқи онро медонем, ҳамин тавр нест? Гӯё ки аз вақти таваллуд, аз вақти ба дунё омаданамон, фарқ байни чизҳои хуб ва бадро медонем?

Ман бисёр вақт мешунавам, ки дар ҷамъият мегӯянд, ҳамаи инсонҳо дар дохил инсони нек мебошанд. Оё ин дуруст аст? Мо медонем, ки он филмҳо ва барномаҳои телевизионие, ки дар бораи некиҳои инсон ба навор мебароянд, мувофиқи таъби дили мо мебошанд. Ман ягон достон, филм ё ҳодисаи машҳуреро ба ёд оварда наметавонам, ки дар он бадӣ некиро мағлуб карда бошад.

Ҳамаи мо бо тасвири он қаҳрамонҳои хубе, ки аз мушкилиҳо мегузаранд, ба воя расидаем. Ҳамаи нафарони золим бар зидди онҳо мебароянд ва ин саҳна маро дар ҳаяҷон нигоҳ медорад, то он даме ки шахси нек ҳамаи онҳоро мағлуб карда, адолатро барпо кунад. Мо ин гуна саҳнаи охиринро интизор буда, баъд ба қаҳрамон қарсак мезадем. Мо ҳама вақт мунтазир будем, ки некӣ ғалаба мекунад, чунки Худо тарафдори некӣ аст, оё ҳамин тавр нест?

Дар солҳои охир наворгирони телевизионӣ навоварие даровarда, дар барномаҳои телевизионии худ тағйирёбии ҳаётҳои одамонро нишон медиҳанд. Ҳамаи он аз он барномае оғоз ёфт, ки чи гуна дар як оилаи пур аз ҷангу ҷидол оромӣ барқарор мегардад. Мо назди оинаи телевизионҳои худ шах шуда, ба он саховатмандӣ ва некии он одамоне, ки ба ин гуна оилаҳои бенавову мӯҳтоҷ кӯмак мекарданд, бо ҳавас назар мекардем. Мо ҳамроҳи он қаҳрамонҳои барнома мушкилиҳои онҳоро аз сар мегузаронидем ва ҳангоми тағйир ёфтани ҳаёти онҳо ва хонаҳои онҳо якҷоя бо онҳо хурсанд мешудем. Баъд аз он дигар барнома оғоз ёфт, ки дар он ба шахсони “ноком”, ки вазни зиёдатӣ дошта, аз фарбеҳии худ азоб мекашиданд, кӯмак мекарданд. Пас аз он, дигар барнома, ки ба қаҳрамонҳои худ либоси зеборо дар бар кардан ё ороиши зебои мӯй ва ё рӯйро ёд медоданд, ба навор баромад.

Ба зудӣ ин навовариро шахсони машҳур давом дода, ба онҳое ки суруд хондан мехостанд, вале имконияти нишон додани маҳорати худро надоштанд, кӯмак мерасониданд. Мо ба ин шахсони номашҳуре, ки имконияти нишон додани маҳорати худро ёфта ва дар як лаҳза фурсати ситора шуданро ба даст меоварданд, қарсак мезадем. Ин чи гуна некӣ! Кори пурсаховат ва амали хубе ҳаст!

Ҳар як барномае, ки саховатмандӣ, муҳофизати камбизоатон ва вақти худро барои беҳбудии дигарон сарф мекард, зуд машҳур мегашт. Ба ин рӯйхат барномаҳо дар бораи кормандони полис ва ё онҳое, ки аз пайи сайди ҷинояткорони хатарнок буданд, низ даромад. Ин барномаҳо ба зудӣ машҳуртарин шуданд ва тамошобинони зиёд пайдо карданд.

Инак, дар маркази қаноатмандии мо ин аъмоли неки инсон қарор гирифт.

Асосҳои маркетинг ва фурӯши мол дар бозор, моро таълим медиҳанд, ки барои фурӯши хуб, моли ба фурӯшмондашуда бояд намуди хуб, бӯи хуш, садои форам, маззаи олӣ дошта бошад. Он бояд ки харидорро ҷалб кунад ва ба ӯ эҳсосоти хуширо тӯҳфа кунад. Мо медонем, ки моли хуб ҳама вақт харидори худро дорад. Дар охир

ҳеҷ кас моли бадро хариданӣ нест. Фақат одамони ифлос ягон моли бадро фурӯхтанӣ мешаванд.

Ҳангоме ки мо мешунавем: "Ӯ марди хуб аст" ё "Вай зани нек аст", одатан мо ин суханонро ҳамчун ростӣ қабул мекунем. Шахси содда зуд ҳушёрии худро аз даст дода, ҳамаи суханон ва рафтори он касонеро, ки одамони хуб ва нек мешуморад, қабул мекунад. Оё ҳамеша чунин тарзи баҳодиҳӣ дуруст аст?

Оё мо фиреб хӯрда, чизҳои хубро бад ва баръакс чизҳои бадро хуб шуморида метавонем? Оё ба ҳамаи одамон фарқи неку бад маълум нест? Ва аниқ аст, ки мо некиро бадӣ ва бадиро некӣ гуфта, дар ин бобат иштибоҳ намекунем. Дуруст аст?

Он ҳодисаро дар бораи он ҷавони сарватманде, ки ба Исои Масеҳ муроҷиат кард, ба хотир биёред. Ин шахси содиқ ва росткор буд. Ӯ ҳеҷ вақт зино ё қатл накарда, ҳеҷ вақт дурӯғ нагуфта буд, дуздӣ накарда буд ва ҳеҷ касро дар додугирифти тиҷорати худ фиреб надода буд. Вай падару модари худро эҳтиром мекард. Вай шахси боэҳтироми он ҷамъият ва барои бисёр одамон намунаи ибрат буд. Ӯ бо эҳтиром ба Исо муроҷиат карда, Ӯро "Устоди нек" хонд.

Як пешво ба дигар пешво муроҷиат кард, як *шахси нек* дигар шахсро нек хонд. Ӯ бо Устоди машҳур, ки маротибаи аввал вохӯрд, монандӣ ва ҳамоҳангиро меҷӯст. Шояд ки вай дар дохили худ чунин фикр мекард: "Агар ман таваҷҷӯҳи ин пайғамбарро ба худ ҷалб кунам, он гоҳ Вай ба хоҳиши ман бодиққат назар мекунад". Аммо Исо пеш аз он ки ба муроҷиати ин шахси ҷавон ҷавоб диҳад, Худаш аз ӯ савол кард, ва дар ҷавоб гуфт: "Барои чӣ ту Маро нек мегӯӣ, фақат Худо нек ҳаст" (Марқӯс 10:18, тарҷумаи нав).

Барои чӣ Исо ин шахсеро, ки Вайро нек мехонад, ислоҳ мекунад? Оё Исо шахси нек набуд? Албатта, буд! Барои чӣ Ӯ чунин суханонро гуфт? Оё чунин шуда метавонад, ки "некӣ" ин он хислати зарурӣ барои хизмат кардан намебошад? Ё бо дигар суханон гӯем, имкон дорад, ки стандарти некии инсон аз стандарти некии Худо фарқ кунад?

Агар мо ба ҷои ин шахси ҷавон буда, ба Исо бо суханони “Устоди нек” муроҷиат мекардем, ҷавоби Ӯ чӣ мебуд? Ман барои худ ҷавоб дода метавонам. Ман дар тӯли чандин сол фарзанди Худо ҳастам, Китоби Муқаддасро пурра хондаам, ман дар давоми рӯз Навиштаҷотро мутолиа карда, дуо мехонам, вақти худро барои хизмат кардан ба Худо мебахшам ва ба ҳамаи ин нигоҳ накарда ҳамон ҷавоберо мегирифтам, ки он шахси ҷавон гирифт. Исо айни ҳамон тавр ба ман мегуфт: “Ҷон, барои чӣ Ту Маро нек мегӯӣ?” Ман инро аз куҷо медонам? Рӯҳи Худо ба ман муроҷиат кард, айни ҳамон тавре ки ба ин шахси ҷавон муроҷиат карда буд.

## Хабари ҳайратангез

Ба ман иҷозат диҳед, ки инро ба шумо фаҳмонам. Боре дар охирҳои солҳои 1990-ум ман барои иштирок дар конфронс, ба Шветсия парвоз кардам. Парвози ман шабона буд ва тайёраи мо мебоист ки саҳарӣ дар Стокголм, пойтахти Шветсия фуруд ояд. Баъд аз фуруд омадан ва гузаштани назорати паспортӣ ва ба даст овардани бағоҷ берун баромада, он бародареро, ки ба пешвози ман омада буд, вохӯрдам. Ва мо ҳоло аз фурудгоҳ берун набаромада будем, ки ӯ ба ман хабари сол ё ҳатто даҳсоларо, ки ҳамон шаб рӯй дода буд, гуфт.

Вай гуфт: “Ҷон, имшаб ҳангоме ки ту дар тайёра парвоз мекардӣ, як фоҷиа рӯй дод, ту дар бораи он хабар надорӣ?”

Ман бо кунҷковӣ ва хавотирӣ айни замон аз вай пурсидам: “Чӣ рӯй дод?”

Вай дар бораи садамаи автомобилӣ, ки якчанд соат пештар аз омадани ман ба Швесия, рух дод, гуфт, ки дар он садама яке аз занҳои машҳуртарини рӯи дунё ба ҳалокат расид. Ҳар кори ин зан дар хатти аввали хабарҳои дунё буд. Ман ва ҳамсарам Лиза корнамоиҳои вайро дар рӯзномаю маҷаллаҳо хонда, аз фаъолияти ӯ дар тааҷҷуб будем. Дар ин ҷо гуфтанӣ ҳастам, ки на танҳо ман дар бораи корнамоиҳои ин зан мехондам, ҳатто аз дидани аксҳои вай дар

маҷаллаҳо хушнуд мешудам. Содда карда гӯем, ман мухлиси ашаддии ин зан будам. Ҳар дафъае, ки дар телевизион гузоришҳоро дар бораи ӯ нишон медоданд, ман ҳамаи корҳои худро як тараф гузошта, ба вай нигоҳ мекардам.

Хабари марги ин зан дили маро шикаст. Вай зани ҷавон буд, фарзандони хурдсол дошт, илова бар ҳамаи ин, шахси фаъоли сиёсӣ, зани зебо ва бохирад буд. Аз машҳур будани худ истифода бурда, вай ба ятимон ва шахсони дар ҷангҳо осебдида сар то сари дунё кӯмак мерасонд. Ва фақат ин аъмоли вай кофӣ буд, ки дили маро ба даст биёрад, лекин корнамоиҳои вай фақат ин набуд. Ин зан ҳамеша бо тарафдорони худ муносибати хуш дошта, онҳоро бо табассуми худ ва ё дигар назарҳои гарм ва таваҷҷӯҳ мукофот медод.

Ман бовар карда наметавонистам, ки чунин инсон аз дунё гузаштааст. Наход ки вай ба марг расида бошад? Ин чӣ тавр имкон дорад?

Маро ба меҳмонхона оварданд. Ва ба утоқи худ даромада, ман зуд телевизионро равшан кардам. Ин хабарро аз ҷои ҳодиса нишон медоданд. Лекин дар ҳама шабакаҳо ба забони шведӣ сухан меронданд ва ман ҳеҷ чизро намефаҳмидам ва дигар шабакаҳоро гузоштам, то он даме ки шабакаи “CNN” ва “BBC Sky News”-ро наёфтам. Ман дар як канори тахти хоби худ нишаста, ҳатто ҷомадони худро накушода будам ва ба гӯшҳои худ бовар карда наметавонистам.

Дар хабарҳо хонаи он занро нишон медоданд, ки ҳазорҳо нафар дар он ҷо ҷамъ омада, гиря мекарданд. Одамони ҳамаи синну сол ҷамъ шуда, дар дастони худ гул доштанд ва аз чашмони онҳо ашк мерехт. Бисёриҳо дар гурӯҳҳо ҷамъ шуда, якдигарро ба оғӯш гирифта, дуо мекарданд. Тамоми ҷаҳон дар ҳайрат монда буд.

Дар давоми чор рӯзи навбатӣ ҳамаи рӯзномаю маҷаллаҳо фақат дар бораи ин ҳодиса менавистанд. Гузоришҳо дар бораи садамаи нақлиётӣ, тафтиш ва таҳқиқи он, аксуламали оила ва маросими дафн ҳамаи ахбори умумро пур карда буданд. Ба маросими дафни он зан сарварони кишвар, садҳо одамони машҳур омада буданд ва

нашри телевизионии ин маросим миллионҳо нафарро дар назди оинаи нилгун ҷамъ карда буд.

Дар он рӯзҳои аввали ман дар Стокголм ман дар утоқи меҳмонхонаи худ пур аз ғаму андӯҳ буда, худро бо маҷбурӣ ба ҷамъомади бегоҳӣ омода мекардам. Ақли ман ба он саволҳое, ки ҷавобаш набуд, ҷавоб ҷустуҷӯ мекард, ва ман бо хашми худ, бо он ҳодисаи бемаъное, ки сабаби марги ин зан шуд, мубориза мебурдам. Ва ба ин мубориза нигоҳ накарда ман дарк кардам, ки як фикри дигаре берун баромадан мехоҳад.

Ман мехостам, аз ин фикри нав озод шавам, лекин кӯшишҳои ман бефоида буд. Ва дар охир баъд аз муборизаҳои тӯлонӣ бо фикр ва рӯҳи худ, ман дар назди тахти хоби худ зону зада, ба дуо гуфтан машғул шудам: "Падар, ман нисбати марги ин зан ғамгин ҳастам. Лекин дар дили худ эҳсос мекунам, ки чизи дигаре мудохила мекунад. Ин чӣ аст?"

Ва дар лаҳзаи навбатӣ ман дар дохили худ возеҳ шунидам: "Боби ҳаждаҳуми китоби Ваҳиро хон". Ман ба шумо иқрор шуданӣ ҳастам, ки дар он вақт ман намедонистам, ки дар он боб чӣ навишта шудааст ва китоби охирони Китоби Муқаддасро бодиққат мутолиа намекардам. Вақте ки ман онро кушода хонданро сар карда, ба ояти ҳафтум расидам, дар ҳайрат мондам:

> "Ҳар қадар вай ҷалол ёфта, айшу нӯш мекард, ҳамон қадар бо азият ва бадбахтӣ сазояшро диҳед. Зеро ки вай дар дили худ мегӯяд: "Малика шуда нишастам ва бева нестам ва бадбахт нахоҳам буд. Бинобар ин дар як рӯз балоҳо, мамот ва мотам ва қаҳатӣ ба сари вай хоҳад омад. Вай дар оташ хоҳад сӯхт, зеро пурқувват аст Худованд Худо, ки вайро доварӣ мекунад. Ва подшоҳони замин, ки бо вай зино ва айшу нӯш кардаанд, вақте ки дуди сӯхтори вайро бинанд, дар ҳаққи вай гиря ва навҳа хоҳанд кард" (Ваҳӣ 18:7,9).

Ман ин суханонро хондам ва эҳсосот вуҷуди маро пур кард. Байни ин зане, ки дар ин ҷои Китоби Муқаддас омадааст ва он зане, ки ба марг расида буд, шабоҳат ва монандие буд. Бо ин суха-

нон гӯё ки аз сари ман як сатил оби хунукро рехта бошанд, баъд аз он ман дар ҳолати карахтӣ, бероҳагӣ ва ҳайрат мондам. Чӣ тавр ин навиштаҷот ба як зани чунин саховатманд ва амалҳои некро анҷомдиҳанда тааллуқ доштанаш мумкин аст?

Муҳим аст, қайд кунем, ки расул Юҳанно дар ин ҷо дар бораи ягон инсони муайян сухан намеронад. Дар ин ҷо дар бораи рӯҳе гуфта мешавад, ки ба ин олами гуноҳкори мо дохил шудааст. Аммо ин бо он ҳодиса шабоҳат дошт ва Рӯҳ ин ҷои Навиштаҷотро ба ман нишон дод, ки дар фикрронии ман таъсир расонида метавонист. Оё ягон бор Худо дар ҳаёти шумо ягон ҷои Китоби Муқаддасро шабоҳат дода, сухан ронда буд? Маҳз ҳамин тавр дар ин ҳолат низ буд.

Рӯҳи Худо ба ман возеҳу равшан меъёри ченаки *некие,* ки ман барои худ мондам, нишон дод, мисли он ки Исо ба он шахси ҷавони сарватманд. Баъд аз он чизе, ки Худованд ба ман ошкор кард, ман дар утоқи меҳмонхонаи худ бо садои баланд бо Вай баҳсу мунозира кардам: “Худованд, чӣ тавр ин суханон ба он зан тааллуқ дошта метавонад? Вай бо бисёр корҳои башардӯстона машғул буд, ба осебдидагони ҷанг, ятимон ва.....ёрдам медод”.

Худованд дар ҷавоб гуфт: “Вай зинокорӣ ва беитоатии худро нисбати ҳукуматдорон ба намоиши тамоми ҷаҳон гузошт. Вай ба Ман итоат намекард”.

Ман ба ин суханони шунидаам бовар накарда, баҳси худро идома медодам: “Хайр корҳои неки зиёди вай ба одамон чӣ мешавад?”

Он гоҳ шунидам, ки Рӯҳи Худо ба ман чӣ мегӯяд: “Писарам, ба дарахти шинохтани неку бад, Ҳавворо на тарафи *бади он,* балки тарафи *неки он* ҷалб кард”.

Ин суханон, ки возеҳ ба дили ман садо доданд, маро ба ҳаяҷон оварданд. Ман дар Китоби Муқаддас боби сеюми китоби Ҳастиро кушода, барои суханони шунидаам тасдиқи онро дидан мехостам. Ва дар асл дар он ҷо ҳамин суханон навишта шуда буданд:

> “Ва зан дид, ки он дарахт барои хӯрок хуб аст ва назаррабост ва дарахти дилпазири донишафзост ва аз меваи он гирифта хӯрд ва ба шавҳари худ низ дод ва ӯ хӯрд” (Ҳастӣ 3:6).

Калимаҳои “хуб”, “назаррабо” ва “дилпазир”- ро дида, ман дар ҳайрат мондам. Ва баъд аз ин Рӯҳи Худо ба ман гуфт: “Чунин некие ҳаст, ки аз ҷониби Ман намебошад ва ба Ман итоат намекунад”.

Ман дар бораи он чизе, ки хондам ва шунидам, нишаста фикр мекардам. Каломи Худо ҳамаи сирро ошкор карда, маро низ ислоҳ кард. Маълум аст, ки меъёри некии ман аз меъёри илоҳӣ (Худо) фарқ мекард.

Худо ба дили ман сухан ронд. Ӯ ба ман нишон дод, ки чӣ гуна одамони “хуб”, махсусан масеҳиёни ба гуноҳҳои ифлоси ҷинсӣ иштирок намекарда, мусиқиҳои шайтониро, ки суханони қабеҳ дар он ҷо аст, гӯш намекарда, қатл намекарда, дуздӣ ва ё дигар бадие содир намекарда, фиреб мехӯранд. Бисёри одамон бо он рафторҳо ва чизҳое, ки намуди хубро доранд ва дуруст ва боҳикмат маълум мешаванд, лекин бо ҳикмати Худо мувофиқат намекунанд, фиреб мехӯранд. Навиштаҷот мефармояд:

> “Роҳе ҳаст, ки ба *назари* кас *рост* менамояд, вале оқибаташ роҳҳои мамот аст” (Масалҳо 14:12).

Биёед, қисми дуюми ин оятро, ки мегӯяд: “вале оқибаташ *роҳҳои мамот аст”,* дида мебароем. Бисёр масеҳиён ба ин суханон диққати худро ҷалб намекунанд, чунки гумон мекунанд: “Ман наҷот ёфтам, шифо ёфтам, ман ба осмон меравам ва бо марг дучор намешавам”. Ба фикри онҳо ин суханон фақат ба беимонон taалluқ доранд. Аммо биёед, як маротибаи дигар мебинем, ки Каломи Худо чӣ мегӯяд.

Ба ин ибораи “роҳҳои мамот аст” нигоҳ мекунем. Навиштаҷот дар бораи роҳҳои мамот ва ҳаёт бисёр сухан меронад. Худо ба халқи Худ муроҷиат карда мегӯяд (на ба онҳое, ки ба Ӯ тааллуқ надоранд): “Ва ба ин қавм бигӯй: “Худованд чунин мегӯяд: Инак, Ман ба шумо роҳи ҳаёт ва роҳи мамотро пешниҳод менамоям” (Ирмиё 21:8).

Роҳ он ҳикматеро ки мо аз рӯи он зиндагӣ мекунем, нишон медиҳад. Шумо бо ин калима бисёр дар Китоби Муқаддас дучор мешавед. Матто дар инҷо қайд мекунад: “Аз дари танг дароед: зеро

фарох аст он дар ва васеъ аст он роҳе, ки сӯи ҳалокат мебарад ва онҳое, ки ба он дохил мешаванд, бисёранд: Зеро танг аст он дар ва душвор аст он роҳе, ки сӯи ҳаёт мебарад ва ёбандагони он кам ҳастанд" (Матто 7:13,14). Оё Исо дар инҷо фақат дар бораи абадият сухан меронад?

Худо дарахти ҳаётро дар маркази боғи Адан шинонд. Он нишонаи роҳи ҳаёти Худо, ҳикмати Ӯ буд. Ва дарахти дигаре, ки низ дар маркази боғи Адан гузошта шуда буд, ин дарахти маърифати неку бад буд. Ин дарахт роҳи маргро нишон медод: ҳикмати инсонӣ бидуни Худо буд. Ҳангоме ки Одам ва Ҳавво аз меваи ин дарахт чашиданд, онҳо на танҳо таъсири ҳаёти дигарро ба сари худ оварданд, балки дар ҳамон лаҳза меваи он дарахт ба онҳо таъсири худро расонд. То он иштибоҳи бузург, ки онҳо анҷом доданд, Одам ва Ҳавво солим, босамар, бемаҳдуд ва дар ҳар коре, ки мекарданд, комёб буданд. Лекин ҳамон лаҳзае, ки онҳо аз меваи дарахти манъшуда хӯрданд, ҳаёти онҳо душвор гардид. Тақдири онҳо заҳмат кашидан, касалӣ, мӯҳтоҷӣ ва он мушкилиҳое шуд, ки онҳо дар бораи ин мушкилиҳо ҳатто хабаре ҳам надоштанд. Онҳо дар роҳи марг қадам заданд.

Валекин Худо Бахшанда аст. Ӯ аллакай нақшаи барқарор кардани инсонро дошт. Ӯ аҳд баст, то ки инсонро ба *роҳи ҳаёт* баргардонад. Ҳикмати Ӯ боз хушбахтии ҳақиқиро, ки он қаноатмандӣ, осоиштагӣ, фаровонӣ ва дигар хурсандиҳои аслиро дорад, овард.

> "Хушо касе, ки ҳикмат пайдо кардааст ва касе, ки ба хирад ноил шудааст, зеро ки фоидаи он аз фоидаи нуқра ва ҳосили он аз ҳосили зари холис беҳтар аст. Он аз ҷавоҳир азизтар аст, ва ҳеҷ чизи дилхоҳи ту ба он баробар нест. Дар ямини он дарозии айём аст ва дар дасти чапи он сарват ва ҷалол. Роҳҳои он роҳҳои хуш аст ва ҳамаи тариқаҳои он осоиштагӣ. Барои касоне, ки онро нигоҳ медоранд, *дарахти ҳаёт* аст ва хушо касе, ки онро маҳфуз медорад!"

Навиштаҷот нишон медиҳад, ки агар мо ҳикмати Худоро ба ҳаёти худ истифода барем, он гоҳ ҳаёти мо босамар, комёб, дурудароз, пур аз осоиштагӣ ва бошараф мешавад.

Аз дарахт мо чизе мегирем. Мувофиқи ин ҷои Навиштаҷот, агар мо роҳи ҳаёт (ҳикмат)-ро пайравӣ намоем, он гоҳ мо дарахти ҳаёт, сарчашмаи ғизо барои хӯрандагони ҳосили ин дарахт мегардем. Ва баръакс низ агар мо бо ҳикмати инсонӣ зиндагӣ кунем, мо дарахти зараровар мешавем ва меваҳои мо ба шахсоне, ки аз он истеъмол мекунанд, мушкилӣ, беҳосилӣ, касалӣ, худпарастӣ ва дигар самараҳои марговар мебиёранд.

Ба Китоби Масалҳо (14:12) бармегардем ва боз мехонем: "Роҳе ҳаст, ки ба *назари* кас *рост* менамояд, вале оқибаташ роҳҳои мамот аст". Агар мо қисми аввали ин оятро хонем, он гоҳ мо мефаҳмем, ки инро ба ҳама одамон, хоҳ имондорон ва хоҳ беимонон истифода бурдан мумкин аст. Роҳҳое мавҷуд мебошанд, ки ба инсон роҳи рост, яъне роҳи хуб, боҳикматона, ояндадор, фоиданок ва ғайра намоён мегарданд. Лекин огоҳӣ хеле возеҳ мегӯяд: он чизе, ки хуб намоён мегардад, дар асл зарарнок ва бенатиҷа шуда метавонад ва ин роҳ сӯи марг мебарад.

Муаллифи Нома ба Ибриён ин оятҳои ҳушёркунандаро навиштааст:

> "Дар ин хусус мебоист бисёр сухан меронем, лекин фаҳмидани он душвор аст, чунки гӯшҳои шумо вазнин шудааст. Зеро, мувофиқи дарозии замон, мебоист шумо муаллим мешудед, лекин аз нав ба шумо асосҳои аввалини Каломи Худоро таълим додан лозим меояд ва барои шумо шир лозим аст, на ғизои сахт.... Вале ғизои сахт барои касонест, ки ба камол расидаанд, ки ҳиссиёташон ба василаи *малака ба фарқ кардани неку бад омӯхта шудааст*" (Ибриён 5:11,12,14).

Аз инҷо маълум мегардад, ки фактори асосӣ ин фарқ кардани байни некии ҳақиқӣ аз бадии ҳақиқӣ мебошад. Бо дигар суханон, бо ақли табиии худ, тафаккур ва эҳсосоти худ, мо на ҳама вақт некии ҳақиқиро фарқ карда метавонем.

Шумо савол дода метавонед: "Оё муаллифи Нома ба Ибриён нагуфтааст, ки ин хислатҳоро машқ дода мешавад, то ки онҳо фарқ карда тавонанд?" Бале, гуфтааст, лекин дар бораи кадом ҳис-

сиётҳо гуфтааст? Оё шумо пай бурдаед, ки муаллифи ин оятҳо ба он масеҳиён муроҷиат кардааст, ки гӯшҳояшон вазнин гаштааст. Дар бораи кадом гӯшҳо вай мегӯяд? Наход ки ба ҳамаи имондорони ибрии ҳамонвақта асбобҳои шунавоӣ лозим буд? Албатта, не. Ӯ дар бораи лаёқати бо дилҳои худ шуниданро мегуфт. Исо доимо таълим медод: "Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад!" (Матто 11:15). Ҳамаи онҳое, ки ин таълимотро мешуниданд, гӯшҳои ҷисмонӣ доштанд, лекин на ҳамаи онҳое, ки мешуниданд, қалби шунаво доштанд, то ки Каломи Худоро шунида, чизҳои заруриро барои худ қабул кунанд.

Ва баъдтар мо дар ин бораи фарқияти рӯҳонӣ чуқуртар меомӯзем, лекин ҳоло бояд дарк кунем, ки некӣ ва бадиро дар сатҳи рӯякӣ фарқ кардан номумкин аст. То он даме ки ман бо ҳақиқат дар он утоқи меҳмонхонаи худ рӯ ба рӯ нашудам, ман фикр мекардам, ки неку бад мисли рӯзу шаб аён мебошад. Биёед, дигар мисолро мебинем: Петрус яке аз шахсони асосӣ дар дастаи Исо буд, ба Наҷотдиҳанда мегуфт, ки Вайро муҳофизат хоҳад кард, ва Вай бояд ки умри дароз дошта бошад. Ин мисли он ки вай ба Раиси худ маслиҳати хубе медиҳад. Валекин Исо вайро сарзаниш карда мегӯяд, ки Петрус аз тарафи Рӯҳи Худо роҳнамо намебошад (ниг. Матто 16:21,23).

Ин фақат яке аз бисёр мисолҳое, ки Китоби Муқаддас мегӯяд, ки чӣ гуна мо некиро аз бадӣ фарқ карда наметавонем.

Сулаймон дуо мекард: "Пас, ба бандаи Худ дили бохирад ато намо, то ки қавми туро доварӣ кунам ва ба фарқи байни нек ва бад сарфаҳм равам, зеро кист, ки ин қавми сершумори Туро доварӣ тавонад кунад?" (3 Подшоҳон 3:9). Дили бохирад, ки қодир аст, некиро аз бадӣ фарқ кунад, лозим аст. Ҳавво дар ҳама чиз комил буд. Дар он боғе, ки вай зиндагӣ мекард, ҳузури Худо пурқувват ва пурқудрат буд. Аммо он чизе, ки вай неку хуб барои худ шуморид, дар асл зарарнок ва осебрасон буд. Вай фиреб хӯрд ва барои ҳамин осеб дид.

Ҳамаи ин моро ба мақсади навишта шудани ин китоб оварда мерасонад, ки мо ба воситаи Навиштаҷот ва кӯмаки Рӯҳи Муқаддас фарқи он чизҳое, ки барои ҳаёти мо нек ва чизҳое, ки дар натиҷа барои ҳаёти мо осебрасон мебошанд, донем. Агар Ҳавво комилу беайб буда ва дар муҳити беҳамто зиндагӣ карда, фиреб хӯрда бошад, он гоҳ чӣ қадар ба мо, он касоне, ки ақли нокомил ва дар олами гуноҳкор зиндагикунандагон осон аст, ки фиреб хӯрем ва он чизҳоеро, ки моро ба ҳалокат мерасонанд, некӣ шуморем?

2

# ИН ЧӢ ТАВР РӮЙ ДОД?

Бародарон ва хоҳарони азизи ман,
фирефта нашавед. Ҳар як бахшоиши
нек ва комил аз ҷониби Худои Падар,
аз осмон ба мо ҷорӣ мегардад.
— Яъқуб 1:16,17 (NLT, тарҷума аз забони инглисӣ).

(Масеҳиён) фикр накунед, ки Худо моро
барои корҳои некамон дӯст хоҳад дошт,
албатта, не, Худо аз барои он ки моро дӯст
медорад, моро нек мегардонад...
— К. Л. Люис

Он рӯз ман пур аз эҳсосот ва ҳаяҷон дар утоқи меҳмонхонаи худ дар Шветсия нишаста будам. Аз ҷавоби Худо ба ғами ман нисбати марги ин зани машҳур, баданам ба ларза омад, лекин ба ҳар ҳол барои худ ҷои ороме ёфта наметавонистам. Хавотирӣ дили маро пур мекард, дар фикри худ бисёр саволҳо доштам. Дар тӯли бисёр солҳо ман дар хизматгузорӣ будам, бисёр китобҳо ба нашр дода будам, имондоронро сар то сари дунё дарс медодам ва ногаҳон нодонии ман ошкор гашт, ман намедонистам, ки дар асл некӣ чӣ аст.

Маро саволе ташвиш медод: “Боз чиро ман нек мешуморидам, ки дар назари Худо нек намебошад?” ва боз дигар саволи муҳим: “Натиҷаи ин нодонӣ чист?”

Пеш аз он ки ба ин саволҳо ҷавоб доданро оғоз кунем, фоиданок мешавад, ки он ҷо баргардем, ки ҳама чиз оғози худро гирифт, Боғи Адан. Ин қадами мантиқӣ мебошад, чунки дар он утоқи меҳмонхона Рӯҳи Худо диққати маро ба он ҷои Навиштаҷот ҷалб кард. Маро ҷа-

воби он савол, ки ба бисёр имондорон оромӣ намедиҳад, ташвиш медод: чӣ тавр мор Ҳавворо фиреб дод, ки аз итоати Худо берун бароянд?

Биёед, фикр мекунем. Ҳавво дар фазои комил зиндагӣ мекард. Вайро ҳеҷ гоҳ ва ҳеҷ кас, на падар, на шавҳар, на хешовандон, на устод, хафа намекард. Онҳо дар олами комил зиндагӣ карда, ҳама чизҳои лозимаро доштанд ва на аз касалӣ, на аз мӯҳтоҷӣ хабаре надоштанд ва аз ин ҳам бештар, вай дар якҷоягӣ бо Холиқи худ умр ба сар мебурд. Ҳузури Худо фазои заминро пур мекард, ва Худи Ӯ ҳамроҳи Одам ва Ҳавво дар салқинии рӯз сайругашт мекард. Чӣ тавр ин мор тавонист, ки ин зан ва ҳатто Одамро фиреб диҳад, ки аз Холиқи худ рӯй гардонанд.

## Боғи аҷоиб

Дар ибтидо Худо олами комилро офарид. Олам бисёр аҷоиб, беайб ва аз манбаъҳои бисёри моддӣ ва чизҳои ҳаловатбахш барои ҷони инсон пур буд. Худо на фақат якчанд намуди ҳайвонот, дарахтҳо ва табиатро офарид. Ӯ зиёда аз миллион намуди ҷонварҳо, зиёда аз дусаду панҷоҳ ҳазор намуди растаниҳо, зиёда аз сад ҳазор намуди дарахтҳо ва манбаъҳои зеризаминиро ба нақша гирифта, онҳоро офарид. Замин ин натиҷаи санъати илоҳӣ буд. Дар тӯли ҳазорсолаҳо олимони ин дунё дар бораи ин табиат омӯхта, аз сохтори пурпечутоби он дар ҳайрат мондаанд. Онҳо то ҳол ба пуррагӣ ин дунёро наомӯхтаанд ва амри маҳол аст, ки ягон вақт то охир онро дарк кунанд.

Худо ҳамаи инро барои махлуқи дӯстоштаи Худ, яъне инсон офаридааст. Ба ин зебогии сайёраи мо нигоҳ накарда, Худо ба кори Худ анҷом надод. Ӯ шахсан боғи зебоеро кишт кард, бале наофарид, балки дар рӯи замин кошт.

Ман табиат ва боғро дӯст медорам. Лекин ман иқрор шуданӣ ҳастам, ки дар он кор карданро дӯст намедорам, Лиза инро барои шумо тасдиқ карда метавонад. Вай бо қошу қавоқ ба шумо гуфта метавонад, ки чӣ тавр ман бе завқу рағбат дар боғ кор мекунам. Аммо ман сайругаштро дар боғ ва ҷангалзор хеле дӯст медорам. Ман аз бӯй, зебогӣ, дарахтон ва растаниҳое, ки дар боғ мавҷуданд, ҳаловат мебарам.

Ба наздикӣ ман дар Олмон, дар шаҳри Констанс, ки дар соҳили кӯли Боден ҷойгир шудааст, маъвиза мекардам. Кӯли Боден калонтарин кӯл дар Олмон буда, оби он аз пиряхҳои кӯҳи Алп об шуда меояд. Мо бо Лиза дар меҳмонии дӯстони худ, усқуфон аз Олмон, бо номи Фреймут ва Ҷоан будем.

Дар вақти ин сафар мо якчанд рӯзи озод доштем ва дӯстони мо якчанд пешниҳоде барои босамар истироҳат кардан доштанд. Мо фаҳмидем, ки дар Констанс бисёр ҷойҳои хуб барои истироҳат мавҷуд мебошанд, лекин дар байни ҳамаи ин як чизе буд, ки маро бештар ҷалб мекард.

Дар наздикии кӯли Констанс ҷазираи гулҳо мавҷуд аст. Номи расмии он ҷазира Майнау мебошад, лекин ҷазираи гулҳо номи мувофиқтар аст, барои он ки тамоми ин ҷазира мисли боғи гулҳо мебошад. Ман мехостам, ки тамоми ҷазираро сайругашт кунам, лекин барои ин як рӯз лозим буд.

Вақте ки ман барои сайругашт кардан ин ҷазираро интихоб кардам, Лиза, Ҷоан ва Фреймут фикр карданд, ки ман шӯхӣ мекунам. Оё ин дуруст менамояд, вақте шахси ҷавоне, ки варзиш ва истироҳати фаъолу боҳаракатро дӯст медорад, сайругашт карданро дар боғи калон интихоб кунад? Вақте ки ман якчанд маротиба такрор кардам, ки ба боғи гулҳо рафтан мехоҳам, он гоҳ дӯстони ман гуфтанд: “Мо фикр кардем, ки ту шӯхӣ мекунӣ, наход дар ҳақиқат ту ба он ҷой рафтанӣ ҳастӣ?”

“Бале”- гуфтам ман. Инак, ба он нигоҳ накарда ки дигарон ба сайругашт кардани ин ҷазира завқу рағбати зиёде надоштанд, мо ба сафар баромадем.

Рӯзи аҷоибе буд. Мо ба воситаи кӯпрук то ҷазира расидем ва барои даромад маблағи заруриро пардохта, ба он ҷо ворид шудем. Вақти зиёде нагузашта, ман ба зебогӣ ва рангорангии ин боғ дар тааҷҷуб мондам. Хуб буд, ки ман танҳо набудам. Ҳангоме ки мо дар байни зебогии он қарор гирифтем, мазоқу бозии ҳамсафарони ман ба охир расиданд.

Ҳар як метри мураббаи ин боғи калон хурсандие барои чашми инсон буд. Қаторҳои зебои гулҳо чунон ботартиб кошта шуда бу-

данд, ки ҳар як растанӣ ба чашм намоён буд. Аз ин гулҳо харитаҳо, қолибҳои калони ҳайвонот, фарзандон ва ҳатто хонаҳо аз дарахтон ва растаниҳо сохта шуда буданд. Кӯлчаҳои ҳаршакла дар гирду атроф ҷойгир шуда буданд.

Ҳамаи мо ба зебогӣ ва фаъолияти эҷодкоронаи ин боғ дар ҳайрат монда будем ва то нисфирӯзӣ мо фақат нисфи ин боғро давра зада будем. Дар он рӯз ман бисёр фикр мекардам: “Агар одамон чунин ҷазираи зеборо, ки ҳаловати чашмон аст, бӯйҳои нотакрор дорад, офарида бошанд, он гоҳ боғе, ки Худо офарида буд, чӣ гуна буд?” Боғи Аданро боғбони моҳир наофарида буд, онро Худи Худованд, Холиқи дунё офарида буд.

Худо боғи аҷоиби Аданро офарида, дар он Одамро гузошта, ҳайвонотро назди вай овард. Худованд ба он нигоҳ мекард, ки чӣ гуна инсон тамоми ин 1,25 миллион ҳайвонотро номгузорӣ мекунад. Ин инсон соҳиби чӣ гуна тафаккуре буд! Лекин одам на фақат лаёқати ном гузоштани ин миқдори ҳайвонотро дошт, инчунин ҳамаи онро дар хотир дошт, гарчанде ки вай соҳиби айпад ва ё Гугол набуд. Одам беҳад доно буд.

Аммо Худо ҳайвонотро назди одам на фақат барои номгузорӣ овард. Худованд мехост, бубинад ки оё Одам яктои онро барои худ ҳамчун шарик интихоб мекунад.

Одам ба ҳамаи ҳайвонот ва паррандагон ном гузошт, лекин дар байни онҳо барои одам ҷуфти муносибе ёфт нашуд. Баъд Худованд Худо Одамро ба хоб ғарқ кард. Дар вақти хобаш, яке аз қабурғаи одамро гирифта, ба ҷои он гӯштро пур кард. Аз ин қабурғаи одам Худованд занро офарида, назди вай овард. Он гоҳ одам гуфт:

> “Ва Одам гуфт: “Ин аст устухоне аз устухонҳоям ва гӯште аз гӯштам, вай нисоъ номида шавад: зеро ки аз инсон гирифта шудааст” (Ҳастӣ 2:23).

Зан барои одам ёрдамчии муносибе гашт. Онҳо якдигарро пурра мекарданд. Ба онҳо вазифа дода шуда буд, ки заминро тасарруф намоянд ва махсусан ба боғ нигаҳбонӣ кунанд.

Пеш аз он ки Ҳавво аз Одам ба вуҷуд омад, ба одам вазифаи аниқе дода шуда буд. “Ва Худованд Худо ба одам амр фармуда гуфт:

"Аз ҳар дарахти боғ хӯрдан гир: аммо аз дарахти маърифати неку бад зинҳор нахӯр, зеро рӯзе, ки аз он бихӯрӣ, ҳатман хоҳӣ мурд".

Ва мо намедонем, ки ҳодисаи навбатии Китоби Муқаддас баъд аз чанд вақт рӯй дод, шояд ки баъд аз як ҳафта, ё як сол ё даҳҳо сол гузашта бошад ва ё аз он ҳам бештар. Лекин он рӯз фаро расид, ки айёртарин ҳайвони рӯи замин, мор бо Ҳавво сӯҳбат карда, ба аҳкоми Худованд шак овард.

(Чӣ тавр мор гап зада тавонист? Шахсан ман ба он бовар ҳастам, ки то гуноҳи аввали инсон ҳамаи ҳайвонот бо одам гап зада метавонистанд. Ана барои ҳамин, вақте ки мор бо зан гап зад, мо шоҳиди он мешавем, ки Ҳавво натарсид ва ё музтариб нашуд. Дониши он ки ҳайвонот бо инсон гап зада метавонанд, аз насл ба насл дода мешуд, барои ҳамин вақте ки хар бо Билъом гап мезанад, вай дар ҳайрат намонд (Ниг. Ададҳо 22:21,35). Ӯ ба хари худ бо оромӣ ҷавоб дод, ягон ҳайрат ва нороҳатиро эҳсос накард.).

## Чӣ тавр вай тавонист?

Биёед, бо мақсади таҳқиқи худ, ба он чизе, ки дар боғи Адан рӯй дод, бармегардем. Мо дарк карданӣ ҳастем, ки чӣ тавр шайтон дар андоми мор Ҳавворо, ки дар шароити комил буд, фиреб дод, то ки аз Худо рӯй гардонад. Биёед, ҳиллаи вайро дида мебароем.

Вай аз зан пурсид:

> "Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст, ки аз ҳамаи дарахтони боғ нахӯред" (Ҳастӣ 3:1).

Бо ин савол мор қадами асосии худро барои ба даст овардани мақсади худ гузошт. Ба вай лозим буд, ки Ҳавворо аз ҳикмати илоҳӣ дур кунад. Саволи моҳирона фикркардаи вай дар як лаҳза назари Ҳавворо аз тамоми дарахтон, меваҳое, ки онҳо истеъмол карда метавонистанд, дур карда, диққати вайро танҳо ба дарахти манъшуда ҷалб кард.

Худо ба Одам ва Ҳавво гуфт: "Аз меваи ҳамаи дарахтони боғ хӯрда метавонед, лекин..." Худованд саховатманд аст ва барои ҳамин Ӯ

қайд кард: "Аз ҳар як дарахт истеъмол карда метавонӣ". Дар олам ба мо ҳазорон намуди меваи дарахтон маълум мебошанд ва ман фикр мекунам, ки ҳамаи намуди онҳо дар он боғ мебаромаданд. То кадом дараҷа мор моҳиру зирак буд? Ҳавво аз ҳазорҳо намуди мева истеъмол карда метавонист, лекин як саволи нобобро аз шайтон шунида, вай чашмони худро аз як дарахти манъшуда дур карда наметавонист.

Замонаҳо дигар нашуданд. Худо барои ҳар яки мо беандоза зиёд бахшоишҳо додааст, ба мо ҳамаи баракатҳои осмонӣ дастрас мебошанд (ниг. Эфс. 1:3). Барои номбар кардани ҳамаи ин бахшошиҳо як китоби дигар навиштан лозим аст! Илова ба ҳамаи ин, ба мо гуфта шудааст, ки дар Исои Масеҳ ба мо ҳама чиз тааллуқ дорад (ниг. 1 Қӯринтиён 3:21,23). Аммо душман айни ҳамон ҳиллаи худро, ки дар боғи Адан дошт, истифода мебарад. Ӯ аз мо саховатмандии Худоро пинҳон карда, чашмони моро фақат ба чизҳои "манъшуда" равона мекунад. Барои чӣ Худо баъзе чизҳоро аз мо пинҳон карданӣ аст? Мо ин саволи муҳимро баъд аз якчанд саҳифа дида мебароем, ҳоло бошад, ҷавоби содда медиҳем, ки ин барои фоида ва беҳбудии мо мебошад. Ӯ аз мо беҳтар медонад, ки чӣ барои нафъи мо аст. Ҳавво ба ҷавоби худ бисёр фикр накарда, амри Худовандро ба хотир оварда гуфт:

> "Аз меваи дарахтони боғ хӯрда метавонем, лекин аз меваи дарахте, ки дар васати боғ аст, Худо гуфт, ки нахӯред ва онро *ламс* накунед, мабодо бимиред" (Ҳастӣ 3:2,3).

Аҷибаш он аст, ки ҷавоби Ҳавво дақиқ ва дуруст набуд. Худо нагуфта буд, ки шумо дарахтро ламс карда наметавонед. Мумкин ки ин хатогии ночизе намоён гардад, лекин ин сабаби асосие мебошад, ки ҷаро мор на Одамро, балки Ҳавворо ҳадафи ҳамлаи худ қарор дод.

Ҳангоме ки Худо аҳкоми Худро эълон мекард, Ҳавво мавҷуд набуд, барои ҳамин вай мисли Одам ин суханонро аз даҳони Худованд нашунида буд. Шахсан ман фикр мекунам, ки як рӯз пеш аз он ҳодиса Одам ва Ҳавво дар боғи Адан сайругашт мекарданд ва аз назди дарахти маърифати неку бад мегузаштанд. Одам он дарахтро нишон дода, ба Ҳавво дар бораи аҳкоми Худо, махсусан дар бораи

ин дарахт, гуфта дод. Чунин тарзи мушоракатро ман *додани* маълумот аз шахси дуюм мегӯям. Фарқият дар чист? Дониши мустақим, ин вақте ки Худи Худо ба мо мегӯяд.

Боре Исо аз шогирдони худ пурсид: “Мардум Маро, ки Писари Одам ҳастам, кӣ мегӯянд?” (Матто 16:13). Шогирдон пайи ҳам он номҳое, ки шунида буданд, номбар карданд: Яҳёи Таъмиддиҳандае, ки аз мурдагон зинда шуд, Илёс, Ирмиё ё яке аз пайғамбарон, ин он маълумотҳое буданд, ки онҳо аз дигарон, аз Твитер, Фейсбук, Инстаграм ва шабакаҳои дигари дастрас, гирифта буданд.

Ҳангоме ки Исо ин маълумотҳоеро, ки дигарон ба онҳо дода буданд, шунид, аз онҳо дигар саволе кард: “Шумо Маро кӣ мегӯед?” (ояти 15).

Шогирдон дар тааҷҷуб монданд. Агар Исо саволи аввалро намедод, онҳо зери таъсири фикру ақидаи дигарон мегаштанд ва ҷавоби онҳо дар асоси донишҳои дигарондода мебуд. Исо бо ду саволи Худ ин ҷавобҳои дигар одамон додаро дур кард, то он чиро ки Худо ошкор кардааст, маълум гардонад. Ҷавобро танҳо Петрус дошт: “Ту Масеҳ, Писари Худои Ҳай ҳастӣ” (ояти 16).

Тасаввур мекунам, ки чӣ гуна Исо табассум карда ва ба нишонаи розигӣ дастони Худро ба китфи Петрус гузошта, гуфт: “Хушо ту, эй Шимъӯн, писари Юнус, чунки башар инро ба ту зоҳир накардааст, балки Падари Ман, ки дар осмон аст” (ояти 17). Петрус он маълумотеро, ки аз дигарон шунида буд, ё дар хабарҳо гӯш карда буд, такрор накард. Ӯ он ҳақиқатеро, ки мустақим аз ҷониби Худо шунида буд, эълон кард.

Баъд Исо эълон кард, ки дар чунин *дониши кушод* Вай Калисои Худро бино хоҳад кард ва ҳеҷ гуна қувваҳои дӯзах онро мағлуб нахоҳанд кард. Ва баръакс, он шахсоне, ки донишҳои аз дигарон гирифтаро истифода мебаранд, қувваҳои дӯзах ба осонӣ онҳоро мағлуб хоҳад кард.

Мо донишҳои мустақимро бо ҳар гуна роҳ гирифта метавонем: дар вақти мутолиа (хондан) кардани Навиштаҷот ё дигар китоби рӯҳонӣ, дар вақти оромона дуо гуфтан, дар вақти маъвизаи усқуф, ё дар рӯъё дидан, мисли он ки Петрус дар болои бом дида

буд (ниг. Аъмол 10:9,16), ё бо каломи Худо, ки Рӯҳи Муқаддас ба дили мо ошкор мекунад. Ва ба ҳамаи ин мафҳуми ягона додан номумкин аст. Баъзан овози ором ва маҳинро дар дили худ шунида метавонем. Баъзан шумо бо воситаи он чизе, ки дар Рӯҳи шумо ошкор мешавад, дарк мекунед. Баъзан ҳангоми хондани Каломи Худо тапиши дили шумо бештар гашта, ҳузури Худо шуморо пур мекунад. Лекин аз ҳама муҳимаш он аст, ки шумо медонед, ки ин ваҳӣ аз ҷониби Худованд мебошад ва ҳеҷ чиз онро аз дили шумо дур карда наметавонад.

Аз дигар тараф, *дониши инсонӣ* ё ки *дониши додашуда* аз шунидани суханони дигарон ва ё он чизҳое, ки дигарон аз Худо шунидаанд, меоянд. Ин донишҳо дақиқ шуда метавонанд, лекин агар Рӯҳи Худо ба дили шумо ошкор накунад, онро ба осонӣ тағйир додан мумкин аст.

Баъзан ман бо шахсоне вомехӯрам, ки бо донишҳои худ нисбати Каломи Худо фахр карда, ба ман мегӯянд: “Медонӣ, Ҷон, решаи ҳамаи бадиҳо ин пул мебошад”. Ин одамони гумроҳшуда ягон вақт хондаанд ё ин ки шуниданд, ки ягон воиз дар бораи ҷои Навиштаҷот 1 Тимотиюс 6:10 гуфтааст: “Решаи ҳамаи бадиҳо ин зарпарастӣ” (ё дӯст доштани пулу чиз).

Пулҳо ин фақат асбоб ё олоте, на каму беш аз он аст. Ин асбобро дуруст ва ё нодуруст истифода бурдан мумкин аст. Олот (яроқ) ин фақат як восита мебошад. Дар дасти роҳзан он нодуруст истифода бурда мешавад. Аммо дар дастони корманди милиса он қодир аст, ки ҷинояткорро аз ҷиноят боздошта, шахси бегуноҳро ҳимоя кунад. Ин айни як яроқ аст, ки худ ба худ на бад ва на хуб аст. Инчунин пулҳо, ин як асбобе мебошад, ки решаи ҳамаи бадиҳо шуда наметавонад. Муҳаббат ба пулҳо решаи ҳамаи бадиҳо мебошад.

Одамони ваҳии номустақимдошта шарҳи нодурусти каломро медиҳанд. Аз таҷрибаи худ гуфта метавонам, ки ваҳии номустақим аз набудани ваҳӣ низ хатарноктар аст.

Суханони Ҳавво дар бораи он ки мо меваи ин дарахтро ҳатто ламс карда наметавонем, нишонаи он буд, ки ин донишро ба вай каси дигар дода буд. Худо доимо дар он боғ ҳузур дошт. Имкон дорад, ки Ӯ бо Одаму Ҳавво ҳар рӯз сайругашт мекард (ниг. Ҳастӣ

3:8). Ҳеҷ чизи баде дар он нест, ки Одам ин донишро ба Ҳавво додааст, лекин аз имкон дур нест, ки худи Ҳавво кӯшиш накард, ки онро мустақим аз даҳони Холиқи худ бишнавад.

Танҳо он шахсоне, ки Худоро меҷӯянд ва Вайро бештар ва амиқтар шинохтан мехоҳанд, аз ҷониби Ӯ дониши мустақим гирифта метавонанд. Бингаред, вақте ки Павлус ба имондорони шаҳри Бирия каломро овард, онҳо чӣ карданд:

> “Яҳудиёни он ҷо назар ба аҳли Таслӯникӣ равшанфикртар буданд: бо иштиёқи комил каломро гӯш мекарданд ва ҳар рӯз Навиштаҳоро санҷида мебаромаданд, то бидонанд, ки оё дар ҳақиқат ҳамин тавр аст ё не” (Аъмол 17:11).

Бериёгиҳо суханони Павлусро бодиққат гӯш карда, пас аз он Навиштаҳоро таҳқиқ мекарданд. Ва он суханоне, ки дар бораи онҳо:- *равшанфикр* буданд,- гуфта шудааст, писанд меояд. Фикрҳои онҳо ба овози Рӯҳ кушод буд. Роҳҳо байни рӯҳ ва ақли онҳо кушода буд ва онҳо барои ваҳиҳо омода буданд.

Бериёгиҳо дар фарқ аз бисёр имондороне, ки ҳар маълумотро аз интернет, фейсбук, твитер ва блогҳо бе санҷиш барои худ мегиранд, боҳикматтар буданд. Мисли Исо, ки бо шогирдонаш Шахсияти Худро муҳокима карда истода, ба суханони одамон, ки тариқи шабакаҳои ҳамонвақта дар бораи ӯ чиҳо мегуфтанд, аҳамияте намедод. Вай донистан мехост: “Бачаҳо, Худо ба шумо чиро ошкор кард?”

Шояд ки дар яке аз сафарҳо ҳамроҳи Исо, ба гӯши Петрус расида бошад, ки як нафар мегӯяд: “Исо, ин Масеҳ аст”. Дар ҳамон лаҳза ин дониш ақл ва дили вайро пур карда, ҳузури Рӯҳи Муқаддас вайро пур кард. “Ана! ҳамин гап рост аст. Ӯ Писари Худост. Ӯ Масеҳ аст!”. Ҳангоме ки Худо ба мо ягон чизро ошкор мекунад, моро низ чунин эҳсосот фаро мегиранд.

Ё имкон дорад, ки бо Петрус дигар хел буд. Як шом пеш аз хоб ва ё рӯзона дар вақти сайругашт ва ё бегоҳӣ дар назди оташ вақте Исо бо шогирдон сӯҳбат мекард, дар дили вай ваҳӣ меояд. Имкон дорад, ки ин ваҳӣ он вақт омада бошад, ки вай ҳатто фикри онро надошт. Худо ба вай яке аз ҷойҳои Навиштаҷотро аз Аҳди Қадим

ба ёдаш оварда, масалан, Ишаъё (9:6,7), ки дар он ҷо нубувват дар бораи Масеҳ омадааст.

Ё ҳангоме ки Исо ягон шахси беморро шифо дод, чашмони рӯҳонии Петрус воз шуд. Ногаҳон шогирд ба ёд овард, ки дар вақти бачагиаш як устоди яҳудӣ нубуввати Аҳди Қадимро дар бораи омадани Масеҳ, қироат мекард: “Ӯ бемориҳо ва нотавониҳои моро ба Худ гирифт” (Ишаъё 53:4).

Ваҳӣ дар бораи шахсияти Исо, Петрусро ҳаргуна фаро гирифтанаш мумкин буд, лекин муҳимаш он аст, ки инро *ба ӯ Худи Худо ошкор карда буд.*

Ва бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки Ҳавво ин тавр набуд. Баръакс, вай дониши мустақимро надошт ва чунин ҳисоб кард, ки барояш дониши аз шахси дигаргирифта низ кофист. Шояд ки Одам ба вай ин пайёмро дар твитер фиристода бошад: “Салом, азизам! Ман пай бурдам, ки ту чӣ гуна ба дарахти маърифати неку бад назар мекардӣ. Лутфан, ба он даст нарасон! Худо амр карда гуфтааст, ки ҳамон вақте ки мо меваи он дарахтро бихӯрем, хоҳем мурд”.

## Қадами дуюм

Ва акнун вақте ки мор диққати Ҳавворо ба ягона дарахти манъшуда ҷалб кард, вай дар мақсади нопоки худ қадами дуюмеро гузошт. Ин қадам пурра ба суханоне, ки Худо гуфта буд, мутобиқат намекард. Лекин суханони вай бисёр боваринок ва ҷалбкунанда вонамуд мешуд.

> “Мор ба зан гуфт: “Не, нахоҳед мурд”. Балки Худо медонад, ки дар рӯзе ки аз он бихӯред, чашмони шумо воз хоҳад шуд ва шумо монанди Худо орифи неку бад хоҳед шуд” (Ҳастӣ 3:4,5).

Дар бораи суханони вай фикр кунед: “балки Худо медонад”. Яъне мор ба он пичинг мекунад, ки аз Одаму Ҳавво чизи хуберо пинҳон медоранд, он чизеро, ки ҳаёти онҳоро беҳтар мекард ва онҳоро ба сатҳи баланд мебардошт. Аз сабаби он ки дар ин дарахт як чизи *хубе* буд, барои ҳамин мор нақшаи худро ҳамин тавр сохта буд, то ки суханонаш мантиқан дуруст ва боваринок намоён гарданд. Ва нақшаи вай натиҷа дод.

> “Ва зан дид, ки он дарахт барои хӯрок *хуб* аст ва назаррабост ва дарахти *дилпазири* донишафзост ва аз меваи он гирифта хӯрд ва ба шавҳари худ низ дод ва ӯ хӯрд” (Ҳастӣ 3:6).

Ҳавво дид, ки дарахт хуб аст ва назаррабост ва қобилият дорад, ки вайро ҳикмат бахшад. Ҳамаи ин ба вай дилпазир ва зарур намоён гашт.

Ҳангоме ки Ҳавво ба ин дарахт нигоҳ мекард, фикре ба сараш омад: “Як лаҳза. Дар ин дарахт як чизи хуб ва фоиданоке ҳаст, Худо бошад, ба мо манъ кардааст, ки ба он даст расонем. Мо бо шавҳарам ҳаёти хубе дошта метавонем. Ва агар аз мо чизеро пинҳон намекарданд, он гоҳ мо боҳикматтар ва хушбахттар шуда метавонистем. Ман фикр мекардам, ки Холиқи мо меҳрубон ва бомарҳамат мебошад, лекин дар асл Ӯ моро фиреб медиҳад. Вай аз мо чизеро пинҳон кардааст”.

Ҳар як сония фикрҳои вай тезтар шуда, хоҳиши чашидани ин меваи манъшуда зиёдтар мешуд. Чи қадаре ки вай бештар худро ба он бовар мекунонд, ки чизи хубе дар ин дарахт ҳаст, ҳамон қадар бештар хоҳиши вай кори дуруст менамуд.

Ҳадафи душман дар он буд, ки дар назари Ҳавво Худоро сиёҳ кунад. Ва агар вай дар ин комёб мегашт, он гоҳ Ҳавво аз Худо рӯй мегардонид. Барои чӣ? Ба хотири он ки Подшоҳии Худо дар асоси хислати Ӯ пойдор гаштааст ва дар он устувор мебошад.

Шоҳ Довуд навиштааст: “Адолат ва инсоф асоси тахти Туст: эҳсон ва ростӣ пешопеши Ту меравад” (Забур 88:15). Довуд худаш шоҳ буда мефаҳмид, ки ин хислатҳо тахтро устувор мегардонад. Агар шоҳ вафодор, одил ва боҳикмат бошад, он гоҳ шоҳигарии вай пойдор хоҳад монд. Агар вай вафодор ва содиқ набошад, он гоҳ подшоҳии вай устувор нахоҳад буд.

Хислати Худо комил аст, лекин мор ба ҳар ҳол тавонист, ки Ҳавворо ба баръакси он бовар кунонад. Вай дар назди чашмони Ҳавво ҳақиқати номавҷудро кашид. Дарахти манъшударо вай мисли як чизи хуб ва ботаъм тасвир дод. Аз рӯи суханони вай он дарахт инсонро боҳикмат мекард, лекин он чизе, ки намоён аст, одатан моро фиреб медиҳад. Ана барои ҳамин, навишта шудааст: “Мо диққати худро на ба чизҳои намоён, балки ба чизҳои нонамоён

ҷалб мекунем” (ниг. 2 Қӯринтиён 4:18, TEV). Нонамоён ин Каломи Худо. Каломи Ӯ аз рӯи адолат буда, дуруст мебошад.

## Фиреб нахӯред

Душман назари Ҳавворо ба хислати Худо дигар карда тавонист, ки вай аз Холиқаш рӯй гардонад. Одатан дар вақтҳои муҳориба, вақте ки ман ба дуоҳои худ ҷавобро дар мӯҳлатҳои худам таъинкарда намебинам, бо чунин фикрҳо ҷанг мекунам. Дар ин вақтҳо ман вафодории Худоро ба хотир меоварам. Аз вақтҳои мушкил гузашта, ман ҳамеша ба худ мегӯям, мушкилӣ дар Худо нест, Ӯ ҳеҷ як чизи некро аз мо бознамедорад, Ӯ Падари нек ва меҳрубон аст.

Мор тавонист, ки Ҳавворо бо он бовар кунонад, ки Худо чизи хуберо аз онҳо пинҳон кардааст. Агар вай инро дар муҳити комили он ҷое, ки занро ҳеҷ кас, ҳеҷ вақт, хафа накарда, ҳеҷ кас таҷовуз накарда буд, анҷом дода тавониста бошад, он гоҳ дар ин олами пур аз гуноҳи мо, пур аз хафагӣ, бадӣ, таҷовуз ва фиреб, вазифаи душман чанд маротиба сабуктар шудааст? Барои ҳамин, Расул Яъқуб моро огоҳ мекунад:

“Эй бародарони маҳбуби ман, фирефта нашавед” (Яъқуб 1:16).

Ман такрор кардани онро дӯст медорам, ки ягона мушкилии фиреб дар он аст, ки мо фиреб мехӯрем! Шахси фиребхӯрда аз сидқи дил бовар мекунад, ки вай ҳақ аст, вай фиреб нахӯрдааст ва ҳақиқат дар тарафи ӯ мебошад. Лекин дар асл вай иштибоҳ мекунад ва фиреб хӯрдааст ва ҳақиқат дар тарафи ӯ нест. Ин чӣ қадар даҳшатнок аст!

Ҳавво фиреб хӯрд ва барои ҳамин ба гуноҳ афтод. Яъқуб намехоҳад, ки мо низ ба ҳамон дом афтем. Биёед, ин порчаро пурратар мебинем:

> “Эй бародарони маҳбуби ман, фирефта нашавед. Ҳар як инъоми нек ва ҳар як бахшоиши комил аз боло, аз ҷониби Падари нурҳо нозил мешавад, ки дар Ӯ тағйироте ва ҳеҷ дигаргуние мавҷуд нест” (Яъқуб 1:16,17).

Яъқуб намегӯяд, ки *аксарияти* бахшоишҳои нек аз ҷониби Худо меояд. Маҳз ана ҳамин тавр, бисёри аз одамон фикр мекунанд. Не, албатта, лекин вай возеҳу равшан мегӯяд, ки *ҳар як* инъоми нек ва

бахшоиши комил аз ҷониби Худо мебошад. Чунин навиштан мумкин буд, ки: "Берун аз иродаи Худо ҳеҷ чизи хубе барои мо мавҷуд нест". Ҷумлаи зеринро бодиққат хонед.

*Муҳим нест, ки ин ё он гуна чиз то кадом андоза намуди ҷалбкунанда дорад, то кадом андоза он шуморо хушбахт ё рӯҳонӣ карда метавонад, чӣ қадар хурсандӣ барои шумо меоварад, чӣ қадар боигарӣ ва комёбӣ ба шумо меоварад, чӣ қадар зебо, машҳур ва намуди хубе дорад ва ғайра...Агар он ба ҳикмати Худо зид бошад (ё ба Каломи Худо), дар натиҷа он чиз шуморо несту нобуд карда, ғаму андӯҳро ба ҳаёти шумо меоварад.*

Ҳавво боварӣ дошт, ки интихоби вай дуруст, хуб буда, ҳаёти вай ва шавҳарашро ба тарафи беҳтар тағйир медиҳад. Ин тавр нашуд. Агар шумо низ баъд аз ҳазорсолаҳо фикр кунед, ки аз Худо боҳикматтар гаштаед ва беҳтар медонед, ки барои шумо чӣ фоиданок аст, он гоҳ шумо низ мисли Ҳавво фиреб хӯрдаед ва боре самари талхи онро хоҳед чашид.

Шумо фикр карда метавонед, ки ман шахси манфӣ ва кӯтоҳандеш мебошам. Ман фақат шуморо огоҳ мекунам. Ин китоб пур аз маслиҳатҳое мебошад, барои донистани он ки чӣ хуб аст, барои хизмат, тиҷорат, оила ва муносибатҳои шумо. Аммо барои бо пуррагӣ маъвиза кардани пайёми Исои Масеҳ, ман бояд ки *таълим диҳам ва огоҳ намоям*. Павлус инро бо суханони зерин тасдиқ мекунад:

> "Ва Ӯро мо маъвиза намуда, ба ҳар кас мефаҳмонем ва ба ҳар кас ҳар ҳикматро ёд медиҳем, то ки ҳар касро дар Исои Масеҳ комил намуда, ҳозир кунем" (Қӯлассиён 1:28).

Бе огоҳӣ ва таълим додан моро ба воя расонидан номумкин аст. Ман инро чунин мебинам. Ҳар дафъае, ки мо восита ва ё асбоби нави электроникӣ мехарем, он гоҳ дар саҳифаҳои аввали китобчаи он мо дастурамалро бо чунин суханон пайдо мекунем: "Илтимос: пеш аз истифода бурдани ин асбоб, бо дастурамал шинос гардед". Ва баъд аз он, аз тарафи истеҳсолкунандаи он асбоб, рӯйхати огоҳиҳо дар мавриди истифодаи он ва аз хатар эмин доштани ин асбоб ва шахси истифодакунанда, оварда шудааст. Агар шумо қои-

даи истифодабарии ин асбобро риоя кунед, он гоҳ вай якчанд сол ба шумо хизмат хоҳад кард. Лекин агар истеҳсолкунанда шуморо дар бораи истифода бурдани асбоб ва қоидаҳои бехатарии огоҳ накарда бошад, он гоҳ шумо барои худ хатар расонида метавонед ё асбобро вайрон карда, баъд ба истеҳсолкунанда бо аризаи худ шикоят мекунед, ки чаро шуморо дар бораи ин ё он огоҳ накарда буданд. Павлус мегӯяд, ки мо ба огоҳиҳои Аҳди Нав бодиққат бошем. Агар мо онҳоро риоя кунем, онгоҳ дар оянда моро солҳои пурсамар ва бобаракат ҳамроҳи Худованд мунтазир мебошанд. Лекин агар ба онҳо хунукназарона нигоҳ кунем ва ё вайрон кунем, он гоҳ мо мисли Одам ва Ҳавво азоб мекашем. Дар он маврид мо дар саҳифаҳои интернетии худ хоҳем навишт, ки дар ҳаёт адолат мавҷуд нест, ҳаёт пур аз азобу уқубат ва мушкил мебошад. Ба ҳар ҳол, Худо возеҳ мегӯяд:

> “Китоби таълимотро доимо биомӯз, аз болои он рӯзу шаб мулоҳиза намо, то ки ҳар он чиро ки дар он навишта шудааст, дақиқ иҷро намоӣ: он гоҳ ту нашъунамо ёфта, дар ҳар кори худ комёб хоҳӣ гашт” (Еҳушаъ ибни Нун, NLT, тарҷума аз забони инглисӣ).

Агар мо ҳама чизи дар китоби таълимот навишташударо доимо ва дақиқ иҷро кунем, он гоҳ Худо ба мо комёбӣ ва ҳаёти пурбаракатро кафолат медиҳад. Аммо дар ин китоб фақат таълимотҳои рӯҳбаландкунанда ва қулай мавҷуд нестанд. Дар он огоҳиҳо ҳастанд.

Афсӯс ки дар замони мо хизматгузорон ва муаллимон дар бораи ин огоҳиҳо зиёд сухан намеронанд. Ин қисми Каломи Худо ҳамчун чизҳои манфӣ шуморида мешавад ва мо тарафдори он нестем, ки аз минбари калисо номаи хафакунанда садо диҳад, чунки ин номаҳо ба гӯши аъзои калисо ва ё меҳмонони конфронс форам намебошад. Барои ҳамин мо шоҳиди он ҳастем, ки чӣ гуна ҳаёти бисёр имондорон барбод мераванд ва агар мо таълим медодем ва огоҳ мекардем, ин чизҳо рӯй намедоданд.

Ҳозир ман шуморо даъват мекунам, ки ин ҳақиқатро қабул кунед, ки бидуни иродаи Худо ё берун аз Каломи Худо барои шумо умуман ҳеҷ чизи хуб ё қобили қабул мавҷуд нест. Агар шумо ба ин бовар кунед, он гоҳ биёед, таҳқиқи худро нисбати фарқи некӣ ва Худо давом диҳем.

3

# МЕЪЁРИ ОДАТИИ НЕКӢ

Ҳар як Каломи Худо пок...
— Масалҳо 30:5

Бо дониши устувор ба каломи ҳақиқат
худро аз иштибоҳот эмин нигоҳ
доштан мумкин аст
— Метю Генри

Дар ин китоб ман дар бораи се ҷиҳати мафҳуми *некӣ* сухан меронам. Ҷиҳати аввал ин - муносибати мо бо Худо, дуюм - хислат ва рафтори мо ва сеюм - нақшаҳо ва стратегияҳои мо. Ҳар ин се бо якдигар пайваст мебошад, барои он ки аввалин, ин асоси мо аст, дуюмин, пуррагии ҳаёти моро нишон медиҳад ва сеюмин, нишонаи барпо гаштани зиндагии мо мебошад. Агар дутои аввал боқувват бошад, он гоҳ меҳнати мо босамар ва тӯлонӣ хоҳад буд. Агар якеи он ларзанок бошад, он гоҳ мо дар зиндагии худ бо бисёр мушкилиҳо рӯ ба рӯ шуда, меҳнати мо натиҷа нахоҳад дод.

Ман дар хотир дорам, ки гӯё ин дирӯз буд, чӣ гуна мо хонаи аввалини худро месохтем. Мо бо Лиза пурра дар кори сохтмон ғарқ шуда будем. Аз рӯзи аввали он мо ҳар рӯз ба сохтмон омада, назорат мекардем.

Гузоштани таҳкурсӣ он қадар шавқовар набуд, барои ҳамин мо ба он диққат надодем. Тақрибан дар ҳамон вақтҳо дӯстони мо низ хонаи аввалини худро бино мекарданд, ки он аз хонаи мо зеботар буд. Баъд аз якчанд соли зиндагии онҳо дар он хона деворҳои хона аз фарш то болор кафид. Боре мо дар хонаи онҳо меҳмон будем,

тарқишро пай бурда, аз онҳо савол кардем, ки чӣ рӯй дод. Бо овози ғамгинона онҳо ҷавоб доданд, ки дар вақти таҳкурсӣ гузоштан иштибоҳе рӯй додааст. Коргарони онҳо стандарти сохтмониро вайрон кардаанд ва кӯшишҳои баъдтар барои барқарор кардан хона бенатиҷа монда буд. Барои аз байн бурдани ин мушкилӣ вақт ва маблағи зиёде лозим буд. Ин ҳодиса бо дӯстони мо, нишон дод, ки таҳкурсии дуруст гузоштан чӣ қадар муҳим аст, гарчанде ки дар сохтмони хона он кор шавқовар намебошад, лекин он хеле муҳим буда, устувор будани хона аз он вобаста аст.

Ҳангоме ки таҳкурсӣ гузошта шуда буд, ба сохтани деворҳо гузаштем. Дар он вақти сохтмон сафарҳои мо дар он ҷо шавқовар гаштанд. Мо дар он ҷо вақти дарозтаре мегузарондем, чунки дар дохили хона қадам зада мешуд. Мо мунтазири он будем, ки кай намуди утоқҳоро дида метавонем, тасаввуроти хонаи будшуда ба мо наздиктар ва наздиктар мегашт.

Аз ҳама чизҳои шавқовар дар вақти охири сохтмон фаро расид, он гоҳ мо боз ҳам бештар вақти худро дар сохтмон мегузарондем. Баъд аз бардоштани деворҳо мо мушоҳида мекардем, ки чӣ тавр андова мекунанд, фарш мезананд, рангмолӣ мекунанд ва дар охир чароғҳои утоқҳо дар ҷояашон гузошта мешаванд. Ин хонаи аввалини мо буд ва мо дар он аз рӯи хости диламон ҳама чизро ҷой ба ҷой карда метавонистем. Ҳар субҳ мисли субҳи Зодрӯзи Масеҳ оғоз меёфт.

Бо ҳамаи ин ман чӣ гуфтанӣ ҳастам? Агар ду қадами аввали сохтмон, гузоштани таҳкурсӣ ва бардоштани деворҳо дуруст анҷом намеёфт, он гоҳ якбора ва ё бо гузашти вақт тамоми хона мисли он хонаи дӯстонамон осеб медид.

Инчунин, қисми охирини ин китоб дар бораи нақшаҳои ҳаёт ва стратегияҳои зиндагӣ, мисли як чизи болаззат, дар охир хоҳад буд. Он бо қарорҳое, ки мо дар оила, тиҷорат, хизматгузории худ қабул мекунем, вобаста мебошад.

Баъзан дар назди мо интихобе ҳаст, ки ба назари мо хуб намоён мегардад, лекин дар асл чунин намебошад. Ва агар мо он роҳҳоро интихоб кунем, он гоҳ интихоби мо тамоми қувват ва қобилияти

моро фурӯ мебарад. Ҳақиқатро тағйир додан номумкин аст: "...касони рострavро аз некӣ маҳрум нахоҳад кард" (Забур 83:12). Ӯ ҳамеша хоҳони некӣ ба шумо мебошад, ки Худаш онро бо фаровонӣ дорад.

Баъдтар ба ин мавзӯъ хоҳем баргашт, лекин ҳоло, мисли дар сохтмони хона, бояд ки таҳкурсӣ гузошта, деворҳоро бардорем.

## "Нек" кадом маъноро дорад

Биёед, дида мебароем, ки "нек" кадом маъноро дорад. Дар забони ибронӣ ин калимаи "тов" аст. Луғати (The Complet Word Dictionary) ин калимаро чунин маънидод мекунад, "хурсандиовар, қобили қабул, нек, дуруст". "Энсиклопедияи нави луғатҳои Китоби Муқаддас" чунин мафҳуми чуқурро медиҳад.

> "Ин калимаи содда маънои некиро бо тамоми мафҳуми амиқи он дорад. Он маънои як чизи зебо, ҷазбкунанда, намоён, фоиданок, хоҳишовар, ахлоқан дурустро дорад".
>
> Ҳамаи ин калимаҳое, ки маънои "нек"- ро медиҳанд, як калимаи умумӣ доранд, ин баҳодиҳӣ мебошад. Барои муайян кардани чизи хуб ва бад мо бояд ки як чизро ба чизи дигар нисбати сифаташ, амалаш.. муқоиса кунем.
>
> Дар ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи офариниши олам мо калимаи "тов"-ро мушоҳида мекунем, ки Худо ба кори Худ назар карда ва онро хуб мехонад. Худо низ баҳо медиҳад. Дар асл инсон қобилияти баҳодиҳиро аз Худо мерос гирифтааст, чунки Ӯ моро ба сурат ва шабоҳати Худ офаридааст. Аммо гуноҳ фикр ва тасаввуроти одамро тағйир дод. Барои ҳамин фақат Худо қодир аст, ки дар баҳодиҳии Худ пурра комил бошад. Муаллифони Аҳди Қадим ба он боварии комил доштанд, ки Худо на фақат офаранда ва баҳодиҳандаи некӣ мебошад, балки танҳо Ӯ медонад, ки чӣ барои мо хуб ва ахлоқан дуруст аст. Фақат ба туфайли он ки Ӯ дар Каломи Худ баҳодиҳии некиро ба мо нишон додааст ва мо шахсоне, ки ба Вай таваккал мекунем, бо боварии комил гуфта метавонем, ки кадом чиз ва ё амал, сифат ё кор ба нафъи мо аст.

Калимаи калидӣ, ин калимаи баҳодиҳӣ аст. Одам ва Ҳавво бидуни раҳнамоии Каломи Худо ба баҳо донани некӣ ва чизи хуб

оғоз карданд. Онҳо дар асоси меъёрҳои худ, ки аз меъёрҳои Худо фарқ мекарданд, баҳо медоданд. Аз ҳамон ҷо ҷудоии инсон бо Худо реша давонд. Он ҳар гуна намуд ва андомро ба худ мегирифт, аммо як моҳият дорад: “Ман худам медонам, ки барои ҳаётам чӣ дуруст аст ва ба маслиҳатчиён зарурат надорам”. Лекин Худо мегӯяд: “Роҳе ҳаст, ки ба назари кас рост менамояд, вале оқибаташ роҳҳои мамот аст” (Масалҳо 16:25).

Дар боби аввал ман айни ҳамин суханонро навиштам, лекин ҷои Навиштаҷот боби чордаҳуми масалҳо, ояти дувоздаҳ буд. Тасодуф нест, ки ин суханон такрор мешаванд. Ҳамаи такрориҳо дар Китоби Муқаддас бо ягон сабаб оварда шудаанд. Ҳама вақт бояд дар хотир дошта бошем, ки баъзе масъалаҳо барои Худо аҳамияти бештаре доранд (ниг. Матто 23:23). Вақте мо мебинем, ки ин ё он суханҳо такрор мешаванд, мо бояд ба онҳо диққати бештаре ҷалб кунем. Дар ин ҳолат ин огоҳии ҷиддие мебошад.

Худо медонад, ки сарҳади некӣ ва бадӣ зуд аз байн меравад. Агар ин дар он боғ рӯй дода бошад, пас чӣ қадар имкони он зиёд аст, ки дар замони мо рӯй диҳад? Худо огоҳ мекунад, ки роҳҳо-тарзи рафтор, тарзи фикрронӣ, бовариҳо, одатҳо ва ҳатто анъанаҳое мавҷуд мебошанд, ки ба назари шумо рост менамоянд, лекин дар охир барои сохтмони зиндагии шумо зараровар шуда, ба бисёр озмоишҳо рӯ ба рӯ мекунанд. Натиҷаи онро мо баъд аз якчанд рӯз, ё якчанд сол ва ё ҳатто дар рӯзи Доварӣ дида метавонем. Павлус мегӯяд: “Гуноҳи баъзе касон ошкор аст ва рост сӯи маҳкумият мебарад, лекин гуноҳҳои баъзеи дигарон баъдтар ошкор мешавад” (1 Тимотиюс 5:24). Намедонам, барои шумо чӣ гуна аст, лекин дуюм қисми ин оят маро ба ларза меорад. Ин маънои онро надорад, ки ман аз Худо метарасам, лекин аз фикри он ки ман аз Ӯ дур шуда метавонам, маро ҳарос мегирад.

Оё дар асл ман боварӣ дорам, ки ҳикмати Худо комил аст ва ман пурра ба Ӯ таваккал карда метавонам, ки Ӯ ҳамаи чизи беҳтаринро барои ҳаёти ман дорад-ин аст аз ҳама чизи муҳим. Ҳар як инсон

бояд ки ба ин савол дар дили худ ҷавоб дошта бошад. Ин боварии комил ва устувор аз тағйир ёфтани савол дигар намешавад. Ё ки ҳикмати Худо дар ҳар ҳолат комил аст, ё ин ки дар он норасогие мавҷуд мебошад, ва мо новобаста аз Ӯ, бояд ки фикри худро оиди ин масъала дошта бошем.

Инак, ба кадом меъёри некӣ мо бояд ки боварӣ дошта бошем? Чӣ моро ба роҳи ҳаёт ҳидоят мекунад? Расул Павлус мефармояд:

> “Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст” (2 Тимотиюс 3:16).

Биёед, ба суханони Павлус калимаҳои калидиро дида мебароем.

*Тамоми Навиштаҷот.* На ягон қисми алоҳидаи он, на фақат гуфторҳое, ки ба шумо маъқул мебошанд ё бо онҳо шумо розӣ ҳастед, на фақат ҷойҳои Навиштаҷот, ки ба тарзи ҳаёт ва фикррониии шумо мувофиқ аст, балки тамоми Навиштаҷот. Бо худ ростқавл бошед: шумо ҳикмати Худоро ба баъзе соҳаҳо дуруст мешуморед, шояд дар аксарият мавридҳо онҳо кӯҳна шуда, ба шароитҳои ҳозиразамон ҷавобгӯй набошанд?

Ҳавво Худоро ҳамчун Холиқи худ мешинохт, вай аз бузургӣ ва некии Ӯ бо якҷоягии ҳузураш ҳаловат мебурд. Ба вай боигарии ин олам, оромӣ, саломатӣ ва ғизои лазиз аз Хӯҷаини дарахтҳо ато шуда буд. Лекин ҳамон вақте ки вай худро ба он боварӣ кунонд, ки ҳикмати Худо нодуруст аст, вай дар роҳи марг қадам гузошт. Агар Ҳавво дар шароити комил буда, фиреб хӯрда бошад, мо дар ин олами пур аз гуноҳ зиндагӣ карда, дар куҷо эмин шуда метавонем? Бехатарии ягонаи мо ин Навиштаҷоти Муқаддас мебошад.

*Навиштаҷот барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст.* Баъзе чизҳое, ки фақат намуди некиро дарбар кардаанд, дар асл он чизҳо бадӣ мебошанд. Чунин ақидаҳо, фикрҳо, сифатҳо, ва тарзи фикррониҳое, ки намуди хуб ва дурустро доранд, лекин дар асл чунин намебошанд. Худо ин хатарҳои нонамоёнро ба назар гирифта, ба мо Китоби Муқаддасро

додааст, то ки мо аз пушти нодонии худ шуда, аз роҳи рост нагардем ва дар роҳи марг қадам назанем.

Мо бояд аз худ савол кунем (ва ростқавлона ба он ҷавоб диҳем), оё ман Китоби Муқаддасро ҳар рӯз мехонам? Оё ман дар бораи он мулоҳиза мекунам? Оё ман роҳнамоӣ ва ҳикмати Худоро дар ҳаёти худ меҷӯям? Ё ки ман мисли Ҳавво дар он ақида ҳастам, ки Каломи Худоро хуб медонам? Ман дар сайёрае зиндагӣ мекунам, ки аз гуноҳ ифлос гаштааст, ман бо озмоишкунанда мубориза мебарам, ва наход ки дар ин ҳолат ман аз Ҳавво беҳтар буда, самти дурусти ҳаётро интихоб карда бошам?

*Тамоми Навиштаҷот аз рӯи илҳоми илоҳист.* Ин ибора ягон маънои пинҳонӣ ва истисноиро надорад. Ё ҳама чиз ё ҳеҷ чиз. Агар тамоми (ҳамаи) Навиштаҷот аз рӯи илҳоми илоҳӣ набошад, ин яъне мо дастурамали хаторо дар даст дорем.

Биёед, маълумотҳои дақиқро дар бораи Китоби Муқаддас дида мебароем. Он аз шасту шаш китоб иборат буда, дар бисёр забонҳо ва дар тӯли 1500 сол навишта шудааст, муаллифи ин китобҳо зиёда аз чил нафар мебошанд, ки дар се қитъаи курраи замин зиндагӣ кардаанд (Африқо, Осиё ва Аврупо).

Ҳамаи муаллифони Китоби Муқаддас аз ҳар гуна табақаи иҷтимоӣ буда, касб ва назарҳои гуногуне доштанд. Онҳо аз ҷумлаи моҳигирон, чӯпонон, аскарони низомӣ, шоҳон, соқии шоҳ, духтур, бочгир, хаймадӯз буданд. Баъзеҳо дар зиндон бандӣ буда, аз он ҷо, дигарон бошанд, дар қасри шоҳӣ менавистанд.

Ҳамаи ин шахсон дар мавзӯъҳои гуногун менавиштанд, лекин ба ҳар ҳол, он ягона фикре, ки мо дар Китоби Муқаддас мушоҳида мекунем, ҳайратовар буда, тасодуфӣ нест. Мавзӯи асосии он як аст: одамизод дар гуноҳ олуда шуда, аз Холиқи худ ҷудо гашта шуда, бо қудрати худ ин муносибатҳоро барқарор карда наметавонад ва ҷавоби илоҳӣ барои ин ҳолат Масеҳ, Худованд Исои Масеҳ мебошад. Ин ақида дар ҳамаи китобҳо аз Ҳастӣ сар карда, то китоби Ваҳӣ мушоҳида карда мешавад.

Гап дар сари он аст ки муаллифони Китоби Муқаддас барои маслиҳат кардани мавзӯи китоб якҷоя ҷамъ нашудаанд ва ҷамъ

шуда ҳам наметавонистанд. Ин аҷоиб аст! Ягон одам ва ё гурӯҳи одамон барои худ вазифаи назорат кардани ин муаллифонро надошт. Инро Худи Худо анҷом додааст. Аз сабаби он ки китобҳои Навиштаҷоти Муқаддас дар тӯли солҳои бисёр навишта шудаанд, бисёре аз муаллифон якдигарро намешинохтанд ва инчунин дар минтақаҳои гуногун умр ба сар мебурданд. Дар тӯли 1500 сол китобҳо навишта шудаанд (фақат дар бораи ин тасаввур кунед, якуним ҳазор сол. Ин вақти бисёр тӯлоние мебошад. Империяи Британиё ҳамин қадар сол ҳукмронӣ мекард. Ин рақамҳои калон аст!).

Акнун вақте ки бисёр наслҳо иваз шудаанд, маро он ба тааҷҷуб меорад, ки Китоби Муқаддас аз тарафи бисёр муаллифоне навишта шудаанд, ки онҳо пай намебурданд, ки навиштаҷотҳояшон дар як китоб ҷамъ меоянд. Кори онҳо ба он монанд аст, ки агар одамони гуногун аз ҳар насл ва фарҳанг, бобҳои алоҳидаи як асарро менавиштанд ва ҳеҷ яктои онҳо мавзӯъ ва маънои ин асарро намедонист, ки дар бораи чӣ аст. Пайдарҳамии аҷоиби ин китоб исботи илоҳияти он мебошад. Мисли симфония ҳар як қисми алоҳидаи Китоби Муқаддас нотаи худро дорад ва ба мусиқӣ илова мешавад, Худо якто дирижери ин аст.

Фақат худи ҳамин фаҳмиш аз рӯи илҳоми илоҳӣ будани Китоби Муқаддасро исбот мекунад. Ва биёед, боз як чизро ба исбот илова мекунем, ки ҳамаи муаллифон дақиқ менавиштанд.

Нубуввват (пешгӯӣ) дар бораи омадани Масеҳ дар ҳар гуна қисмҳои Аҳди Қадим дар тӯли садсолаҳо ва ҳатто ҳазор сол пеш аз таваллуди Исо омадааст. Бисёр олимони худошинос дар он ақидае ҳастанд, ки дар Аҳди Қадим сесад нубувват дар бораи Масеҳ мавҷуд мебошад. Ҳангоме ки Исо ба дунё омад, Вай ба Падари Худ гуфт: "...Инак, меоям,- чунон ки дар тӯмори китоб дар бораи Ман навишта шудааст,- то ки иродаи Туро, эй Худо, ба ҷо оварам" (Ибриён 10:7). Ба одамон Исо гуфт "...Навиштаҷот... дар бораи Ман шаҳодат медиҳад" (Юҳанно 5:39).

Иҷро шудани ҳамаи нубувватҳои матн дар Исои Масеҳ ин исботи бузури илҳом ёфта будани Навиштаҷот мебошад. Одатан ода-

моне, ки ин далелро раъд мекунанд, ба он ақида мебошанд, ки дигар шахсиятҳое дар таърих мавҷуданд, ба ин нубувватҳо мутобиқ ҳастанд. Бале, чунин шахсе буда метавонад, ки як ё ду то, ё ҳатто якчанд то аз ин нубувватҳоро иҷро кунад. Аммо ёфтани он шахсе, ки ҳамаи ин нубувватҳоро иҷро кардааст, ғайриимкон мебошад.

Иҷозат диҳед, ки ман инро маънидод кунам. Якчанд саҳифаҳои навбатӣ аз рӯи моҳияти худ илмӣ ва техникӣ бошанд ҳам, лекин ба шумо гуфтанӣ ҳастам, ки ин далелҳо ва рақамҳои дар зер овардашуда бисёр ҷолиб ва шавқовар мебошанд.

## Дақиқ будани Навиштаҷот

Дар мобайнҳои асри гузашта профессор, олими илм бо номи Питер Стоунер китоберо бо номи "Назари илмӣ" ба нашр баровард. Дар ин китоби худ он шахс дар бораи нубувватҳои Масеҳ аз рӯи назари эҳтимолӣ баҳс мекунад. Дар бораи кашфиёти ӯ олими илм Х. Херолд Харслер дар сарсухани он китоби "Назари илм" чунин навиштааст:

> "Дастнависи китоби "Назари илм"-ро кумитаи олимони амрикоӣ ва шӯрои он гурӯҳ бодиққат омӯхта, ба хулосае омад, ки он маълумотҳои дар китоб овардашуда дақиқ мебошанд ва ба принсипҳои назари эҳтимолӣ (теория вероятности), ки ба он профессор Стоунер такя кардааст, рост меоянд".

Стоунер на фақат кори худро пешкаш кард, балки ӯ ба он хулосаи зиёда аз шашсад донишҷӯ, аз дувоздаҳ гурӯҳро пешниҳод кардааст. ӯ бодиққат ин маълумотҳоро омӯхта, баъд онҳоро ислоҳ кардааст, то ки маълумотҳо боз ҳам дақиқтар бошанд. Таҳқиқоти онҳо ин ҳашт нубувватро дар бораи Исои Масеҳ дарбар мегирифт:

1. Масеҳ бояд ки дар Байт Лаҳм ба дунё ояд (Нубуввати Мико 5:2 иҷро шуд дар Матто 2:1-7; Юҳанно 7:42; Луқо 2:4-6).
2. Пеш аз Масеҳ қосид меояд (Нубуввати Ишаъё 40:3 ва Малокӣ 3:1 иҷро шуд дар Матто 3:1-3; 11:10 ва Юҳанно 1:23).
3. Масеҳ бояд ба Ерусалим дар харкуррае ворид шавад (нубуввати Закарё 9:9 иҷро шуд дар Луқо 19:28-37 Матто 21:1-11).

4. Масеҳро бояд ки дӯсташ таслим кунад (Нубувват дар Забур 40:10 ва 54:13-15 иҷро шуд дар Матто 10:4; 26:47-50 Юҳанно 13:21-27).
5. Масеҳ бояд ки ба сӣ тангаи нуқра фурӯхта шавад (Нубуввати Закарё 11:13 иҷро шуд дар Матто 26:15; 27:3).
6. Пулҳое, ки Масеҳ ба он фурӯхта шуда буд, бояд ки дар хонаи Худованд барои кӯзагар дода шавад (Нубуввати Закарё 11:13 иҷро шуд дар Матто 27:5-7).
7. Масеҳ бояд ки дар назди даъвогарони худ хомӯш монад (Нубуввати Ишаъё 53:7 иҷро шуд дар Матто 27:12, Марқӯс 14:60,61; 15:3-5).
8. Масеҳ ҳамчун роҳзан дар салиб мехкӯб мешавад (Нубувват дар Забур 21:17, Закарё 12:10 ва Ишаъё 53:5,12 иҷро шуд дар Луқо 23:33, Юҳанно 19:18, Матто 27:38, Марқӯс 15:24-27).

Пеш аз он ки идома медиҳем, иҷозат диҳед, ки ба шумо камтар дар бораи назарияи эҳтимолӣ (теория вероятности) маълумот диҳам. Тасаввур кунед, ки шумо дар як сабад нӯҳ-то тӯбчаи зарди теннис ва якто сафедро доред. Шумо онҳоро дар як сабад гузошта, хуб омехта мекунед. Ва баъд мо чашми як нафарро банд карда, аз вай хоҳиш мекунем, ки як тӯбро аз он ҷо бигирад. Имконияте, ки он шахс тӯби сафедро мегирад, аз даҳ як мебошад. Ин эҳтимолият ба шакли соддааш аст.

Аз ин баромада, Питер Стоунер ба чунин хулоса омад, ки дар ҳашт нубуввате, ки дар боло номбар кардем:

> “*...Имконияти иҷро кардани ҳамаи ин ҳашт нубувватҳо аз тарафи одами то ин замон зиндагӣ карда, баробар аст 1 ба 100.000.000.000.000.000”.*

Ин омор аҷоиб аст, лекин фақат олим ва ё риёзидон (математик) қодир аст, ки онро дарк кунад. Стоунер мисоли хуберо меовард, ки ман ба шумо дар бораи он мегӯям. Агар мо имконияти *гирифтани 100.000.000.000.000.000* тангаи нуқраро медоштем, он гоҳ бо мушкилии ҷой ба ҷой кардани онҳо дучор мешудем. Дар тамоми ҷаҳон

анбор ё биное ёфт намешавад, ки онҳоро ғунҷонида тавонад. Онҳо ҳамин қадар ҷойро ишғол мекарданд, ки тамоми Иёлоти Техасро 60 сантиметр рӯйпӯш карда мешуд. Ин беандоза микдори бисёре мебошад.

Тасаввур кунед, ки мо ҳамин қадар танга дорем. Акнун биёед, яктои онро нишона мекунем ва онро дар тамоми ҳудуди Техас омехта мекунем. Акнун чашми як одамро банд мекунем, ва вайро ба чархбол мешинонем ва тамоми Иёлотро давр мезанем ва ӯ бо хости худ ҷои нишастро интихоб карда, бо чашми банд ин тангаро меёбад. Эҳтимолияти он ки вай тангаи нишонкардаро меёбад, ба он баробар аст, ки одамеро аз вақти пайғамбарон то замони Исо пайдо кунем, ки дар вай тасодуфан ҳамаи ин ҳашт нубувват иҷро шавад.

Стоунер ба хулоса омад:

> *"Иҷро шудани ҳамаи ин ҳашт нубувват дар як одам исботи он аст, ки Худо бо боварии комил барои навиштани ин нубувватҳо пайғамбаронро илҳом додааст, ки фақат як имконият аз 100.000 трилион намерасад, ки он мутлақ бошад".*

Ин далели аҷоиб аст. Аммо Стоунер дар ин ҳашт нубувват боз намеистад. Вай боз ҳашт нубуввати дигареро аз Аҳди Қадим мегирад (ҳамагӣ шонздаҳ), ки дар бораи Исо мегӯяд.

Эҳтимолияти он ки як одам ҳамаи ин шонздаҳ то ро иҷро мекунад 1 ба 10 дар дараҷаи 45 мебошад.

Ин рақам чӣ гуна аст? Ин маънои онро дорад, ки баъд аз 1 чилу панҷто сифр меояд. Ва чунин менамояд:

1.000.000.000.000.000.000.000.000.000.000.000.000.000.000.000

Стоунер ин эҳтимолиятро нишон медиҳад ва ман онро бо мисол ба шумо мефаҳмонам. Агар мо чунин миқдори тангаи нуқра дошта бошем, онро курраи замин ғунҷонида наметавонист. Он гоҳ ин тангаҳоро ба курраи дигар ҷой кардан лозим мешуд, ки ин курра дар диаметри худ аз масофаи замин то офтоб шаст маротиба зиёд мешуд, ки 5,5 миллиард милро (1 мил 1,6 км) ташкил медод!

Иҷозат диҳед, ба шумо фаҳмонам, ки ин курра то кадом андоза бузург мебошад. Ман барои таълим додани Каломи Худо бисёр ба дигар давлатҳо сафар мекунам. Аҷоибаш он аст, ки дар замони муосир мо ба дигар тарафи курраи сайёра бе истгоҳ дар тӯли бисту чор соат парвоз карда метавонем. Ин замони муосир ба шогирдони аввали Масеҳ писанд меомад. Аммо агар мо гирди он куррае, ки аз тангаи нуқраи сохтаамонро дар тайёра давра кардан мехостем, мо онро давра карда наметавонистем, чунки умри ягон инсон ин қадар дароз намебошад. Ба мо чорсад сол лозим мешуд, ки бетанаффус гирди ин курраи аз тангаи нуқрагӣ давр занем! Агар мо вақте ки пилигриммҳо дар Плимут расиданд, соли 1620 ба парвоз мебаромадем, то ҳамин рӯз гирди он курраи тангаҳои нуқрагин парвоз мекардем.

Бояд дар хотир дошт, ки ин мисол бо он ки тангаҳои нуқрагин 60 сантиметр тамоми Иёлоти Техас рӯйпӯш карда буд, фарқ мекунад. Ин курраи нав пур аз тангаҳои нуқрагин мебошад.

Тасаввур кунед, ки дар ин курраи калон мо фақат як тангаро нишона мекунем ва онро дар байнаш мепартоем ва баъд назди он як шахсро бо чашмони баста меорем ва аз вай хоҳиш мекунем, ки якеро интихоб кунад. Шумо чӣ фикр мекунед, вай тангаи нишонашударо мeёбад? Акнун шумо мефаҳмед, ки то чӣ андоза имконияти каме ҳаст, ки дар инсон ин шонздаҳ нубувват дар бораи Исо иҷро шавад.

Ана боз як мисол! Стоунер ба шонздаҳ нубуввати иҷрошуда боз наистод ва чилу ҳашттои онро интихоб кард. Хулосаи вай ба ҳаяҷон меоварад, биёед мехонем, ки ӯ чӣ менависад:

> “Барои он ки ин фаҳмишро ба ақли инсонӣ ҷой кунем, биёед, чилу ҳашт нубувватро, мисли он ки пештар эҳтимолияти ҳашт нубувватро ба як шахс иҷро шуданашро дида баромада будем... айни ҳамон принсипи назарияи эҳтимолиро истифода бурда, мо ба хулосае меоем, ки эҳтимолияти иҷро шудани ин чилу ҳашт нубуввват дар як инсон, баробар аст ба 1 дар дараҷаи 157”.

Ин адад 1 ва аз қафои он 157 то сифр мебошад. Ин сифрҳоро навиштан лозим нест. Стоунер боз бо як мисол ба мо нишон дод,

ки ин адад чи гунае мебошад. Ин маротиба тангаи нуқраӣ бисёр калон мебошад. Барои ҳамин ба чизи хурдтаре рӯ меоварем.

Электрон аз ҳама хурдтарин чиз мебошад. Электрон то ҳамон андоза хурд аст, ки агар дар дарозии як дюйм (3см) онҳоро дар як қатор гузорем ва агар сурати ҳисоб кардани мо дар як дақиқа 250 электрон бошад, онгоҳ ба ҳисоб кардани он ба мо нуздаҳ миллион сол зарур мешуд. Ва аз хотир набаоред, ки дарозии он хатти мо фақат як дюйм (3см) мебошад. Ин дафъа шуморо бо натиҷаҳои ҳисобу китоби як дюйми квадратӣ ва ё як дюйми кубии электронҳо бор карданӣ нестам. Лекин барои ин вақти аз он ҳам зиёдтар лозим аст.

Инро дар ёди худ нигоҳ медорем ва акнун тасаввур мекунем, ки куби аз электронҳо ташкилшудаи 1 дар дараҷаи 157 то кадом андоза бузург аст. Кӯтоҳ карда гӯем, радиуси ин курра аз замин то он нуқтае, ки инсон дар кайҳон дида метавонад, мерасад, ин нуқта дар сенздаҳ миллиард соли нури аз мо дур мебошад (Соли нурӣ ин масофае, ки рӯшноӣ дар як сол бо суръати 300 ҳазор километр дар як сония, на дар як соат, ҳаракат мекунад, мебошад!). Агар мо ин курраеро аз электронҳо бо радиуси сенздаҳ миллиард соли нурониро дошта бошем, мо ба ҳар ҳол электронҳоро дар миқдори 1 дар дараҷаи 157-ро дар он ҷо ҷой карда наметавонистем. Ҳаҷми онҳо аз ин ҳам зиёдтар мешуд.

Эҳтимолияте, ки инсон дар ин ҳаҷми электронҳо даромада, бо чашми баста якто нишонашудаашро меёфт, баробар аст ба он ки як инсон дар таърих чилу ҳашт нубувватеро, ки дар бораи Масеҳ аз тарафи муаллифони Аҳди Қадим пешгӯӣ шудааст, иҷро мекард.

Мехоҳед, ки ман таҳқиқи худро давом дода, назарияи эҳтимолиятиро дар сесад нубувват дар бораи Масеҳ дида бароям? Шояд шумо гӯед: “Илтимос, дигар лозим нест!” Умедворам, ки ҷавоби шумо чунин аст, чунки дар акси ҳол ин ададҳо ва мисолҳоро бо ақли инсонӣ дарк кардан номумкин аст.

Инак, хулоса мекунем. Зиёда аз сесад нубувват, ки ба воситаи ҳар гуна одамоне, ки бо забонҳои гуногун гап мезаданд, дар ҳар гуна мамлакатҳо зиндагӣ мекарданд, дар тӯли солҳо зиндагӣ кар-

данд, гуфта шудаанд, дар як Шахс иҷро шуд! Чӣ тавр инкор кардан мумкин аст, ки муаллифи ягонаи ин китоб Худи Худо мебошад? Ва ин суханон аз даҳони Вай дигар маъно дошта метавонад?

Ҳар сухани Худо ҳақиқат аст(ниг. Масалҳо 30:5 NLT).

Маҳз Вай мегӯяд: "...Ман бар каломи Худ бо хубӣ диққат мекунам: то ки онро ба амал оварам" (Ирмиё 1:12). Аз ҳамин сабаб, навишта шудааст. "...аз тамоми каломи неке, ки Ӯ гуфта буд, як сухан ҳам зоеъ нарафтааст" (3 Подшоҳон 8:56).

Исо дар бораи он мегӯяд, ки Каломи Худо аз тӯлӯи офтоб ҳам карда бовариноктар аст. "Осмон ва замин гузарон аст, лекин каломи Ман гузарон нест" (Матто 24:35). Холиқи мо изи Худро гузоштааст, то ки мо донем, ки Ӯ Худо Ҳаст, ва иродаи Вай дар каломаш навишта шудааст.

## Хуб рӯйпӯшшуда

Суханони Расул Павлусро, ки дар Номаи дуюм ба Тимотиюс 3:16 омадааст, такрор мекунем: "Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст". Дар ин суханон чизҳои мушкилфаҳм вуҷуд надоранд, ҳамаи онҳо бисёр содда мебошанд. Навиштаҷот, ин Каломи Худо аст ва ҳангоми баҳодиҳӣ ва муайян кардани хубу нек ба он ҳамчун стандарти ягона таваккал кардан мумкин аст. Агар шумо фикр кунед, ки ҳикмати шумо, ё ҳикмати дӯстонатон ва ё ягон мутахассиси он соҳа ва ё ҷамъият аз ҳикмати Худо болотар аст, илтимос, андеша кунед, чунки Каломи Худо мефармояд:

> "Худо аз осмон ба бани одам назар андохт, то бубинад, ки оё касе соҳибфаҳм ва толиби Худо ҳаст? Ҳама ақиб гаштаанд, бо ҳамдигар фосиқ шудаанд, накӯкоре нест, як нафар ҳам нест" (Забур 52:3,4).

Чи тавре ки пештар дар ин боб мо муҳокима карда будем, Худо исботи бечунучароро дар бораи дуруст будани Каломи Худ ба мо

додааст. Дар ин оятҳо забурнавис қайд мекунад, ҳикмате, ки зидди Каломи Худо мебошад, агар он зоҳиран хуб бошад ҳам, дар асл барои ҳаёти мо зиёновар ва хатарнок аст.

Биёед, бодиққат мехонем, ки Павлус ба Тимотиюс чӣ мегӯяд:

> “Лекин ту дар он чӣ таълим гирифтаӣ ва мӯътақид шудаӣ, қоим бош, чун медонӣ, ки туро кӣ таълим додааст: ва аз кӯдакиат Навиштаҳои Муқаддасро медонӣ, ки метавонад, туро ҳикмат омӯзонад, барои наҷот ёфтан ба василаи имоне, ки дар Исои Масеҳ аст. Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст. То ки марди Худо комил гардида, ба ҳар амали нек муҳайё бошад” (2 Тимотиюс 3:14,17).

Мо ба он чизе, ки таълим ёфта будем, бояд вафодор монем. Павлус дар бораи ақидаи одамон, равоншиносон, иҷтимоичиён ё ҳикмати ин ҷаҳон намегӯяд, вай дар бораи Навиштаҷоти Муқаддас мегӯяд. Расул писари рӯҳонии худро ба он даъват мекунад, ки вафодор бошад. Вай ба аҳамияти муҳим доштани Калом ва дар дили худ дар ҷои аввал гузоштани он таъкид мекунад. Агар Одам ва Ҳавво чунин зиндагӣ мекарданд, мо дар олами умуман дигаре зиндагӣ мекардем.

Чунин ҳодисаро ба худ тасаввур кунед. Шумо бояд ба сафаре равед, ки дар он шумо майдони пур аз минаро гузаштанатон лозим аст. Дар он ҷо на фақат чизҳои тарканда пинҳон шудаанд, балки чоҳҳои пинҳоншуда, хазандагони заҳрнок низ мебошанд.

Пеш аз ба сафар баромадан шумо харитаи он ҷойро гирифта, бодиққат ҳар як ҷои мина ва ё хатарҳоро меомӯзед, то ки ба он дучор нашавед. Шумо бо ин харита чӣ гуна рафтор мекардед? Шумо онро дар борхалтаи худ монда, аз мушкилии сафар онро аз ёдатон бароварда, ба он нигоҳ ҳам намекардед? Шумо танҳо агар вақт ёбед, ба он рӯй меовардед? Шумо ҳар замон онро мехондед? Шумо онро дар аввал бодиққат меомӯхтед ва баъд ба як ҷои дурдаст пинҳон мекардед? Оё рафтори шуморо яке аз ин амалҳо нишон медиҳанд? Агар шумо яке аз ин рафторҳоро медоштед, он гоҳ дар он майдон шумо маҷрӯҳ шуда ва ё онро дар тобут тарк мекардед.

Иҷозат диҳед, ба шумо як ҳақиқати аёнро гӯям. Шахси боҳикмат ин харитаро гирифта, бодиққат меомӯзад, дар бораи он фикр мекунад ва баъд онро дар халтаи худ дар он ҷое мегузорад, ки дар вақти лозима онро ба осонӣ гирифта тавонад. Ҳангоми сафари худ вай доимо ба он назар оварда, қадамҳои худро мувофиқи нишонаҳои дар он гузошташуда мегузорад. Агар шумо ба ин гуна сафар мебаромадед, шумо низ чунин рафтор мекардед?

Гап дар сари он аст ки ҳамаи мо ҳар рӯз дар чунин сафар ҳастем ва Китоби Муқаддас харитаи мо мебошад. Инро дар хотир дошта, гӯш диҳед, ки Худо ба воситаи Навиштаҷот чӣ мегӯяд. Дар зер ман якчанд оятҳои калидиро меорам. Илтимос, ин оятҳоро бодиққат хонед, на ин ки фақат аз назар гузаронед. Ин оятҳои Китоби Муқаддас моро рӯҳбаланд ва огоҳ мекунанд, ки ҳангоми сафар чӣ тавр бо "харитаи Навиштаҳои Муқаддас" рафтор карда, аз ин ҷаҳони пур аз мина ва дом, ки дар он зиндагӣ мекунем, осеб надида, берун бароем. Ба калимаҳои "саъю кӯшиш" ва "бодиққат" назари бештар кунед.

> "Пас, саъю кӯшиш намуда, ончунон ки Худованд Худои шумо ба шумо ато фармудааст, ба амал оваред, ба тарафи рост ё чап майл накунед" (Такрори Шариат 5:32).

Навишта шудааст, ки мо *ҳамаи* аҳкоми Худо, на ин ки баъзе аз онро иҷро кунем. Мо бояд ки ҳамаи аҳкоми Вайро то чизҳои хурди он иҷро кунем. Ӯ моро хеле зиёд дӯст медорад ва барои ҳамин намехоҳад, ки мо дар роҳ маҷрӯҳ ва ё ҳалок гардем. Ана боз як ҷои Навиштаҷот:

> "Пас...бишнав ва саъю кӯшиш намо..., то ки барои ту некӯ бошад" (Такрори Шариат 6:3).

Ҳангоме ки мо мешунавем ва дақиқ иҷро мекунем, Худи Худо ин ваъдаҳоро медиҳад ва кафолат медиҳад, ки Каломи Вай иҷро мешавад! Айни ҳамон чизҳоро мо дар китоби Такрори Шариат (8:1,12:28,32 ва 28:13) мушоҳида карда метавонем. Бодиққат назар карда шумо мебинед, ки бо иҷро кардани аҳкоми Худо, мо бо пур-

рагии ҳаёт ҳаловат мебарем, самаранокии меҳнати мо афзун мегардад, дар ҷамъият мо мавқеи баландро ишғол мекунем ва ҳеҷ гоҳ қафо ё паст нахоҳем монд. Оё шумо дар хотир доред, ки то кадом андоза шунидан ва иҷро кардани Каломи Худо муҳим мебошад?

Шумо мегӯед: "Ҷон, охир ин аҳкомҳо барои шахсоне, ки зери шариат зиндагӣ мекарданд, дода шудааст, ин аҳкомҳои Аҳди Қадим мебошанд. Мо зери Аҳди Нав, ки аҳди файз мебошад, зиндагӣ мекунем. Оё Исо моро аз бори иловагӣ озод накардааст?" Исо моро аз шариат озод кардааст, лекин дақиқ иҷро кардани Каломи Худоро, ки барои ҳаёти мо муҳим мебошад, аз байн набурдааст. Бубинед, ки дар Аҳди Қадим чӣ навишта шудааст:

> "Чунончи, Мӯсо ба падарони мо гуфта буд: "Худованд Худои шумо Пайғамбаре мисли ман барои шумо аз миёни бародарони шумо ба миён хоҳад овард, бояд ба он чи ӯ ба шумо мегӯяд, гӯш диҳед" (Аъмол 3:22).

Дар ин ҷо гуфта шудааст, ки мо ба ҳар сухане, на ба баъзе аз суханоне, ки Исо мегӯяд, итоат кунем. Суханони Расул Яъқубро мехонем:

> "Аммо касе ки ба шариати комил, ба шариати озодӣ диққат мекунад ва дар он устувор мемонад, дар ҳолате ки на шунавандаи фаромӯшхотир, балки иҷрокунандаи кор мебошад,- хушо он кас дар амали худ (Яъқуб 1:25).

Ана боз як аҳкоми дигар:

> "Он амонати некро ба воситаи Рӯҳи Муқаддас, ки дар ту сокин аст, нигоҳ дор" (2 Тимотиюс 1:14).

> "Бинобари ин мо бояд ба чизҳои шунидаамон бодиққат бошем, то ки аз самти дуруст дур наравем" (Ибриён 2:1, тарҷумаи нав).

Дар зиндагӣ ҳангоме ки мо аз самти дуруст мегардем, ин ногаҳон ва номаълум мешавад. Дар вақти бачагиам ҳангоме ки ман бо қаиқ ба моҳидорӣ мебаромадам, баъзан ман бо ҷараёни моҳидорӣ банд шуда, лангар задан аз ёдам мебаромад. Ман бо моҳигирӣ

банд шуда, баъд аз ним соат ба гирду атроф нигоҳ карда, соҳилро намедидам. Ман аз ҳисоби бепарвоии худ аз соҳил дур шудагиамро пай бурда наметавонистам.

Инчунин, мо низ ба ҳақиқат диққати заруририро надода, аз самти дуруст дур рафта метавонем. Ин он вақт рӯй медиҳад, ки мо Каломи Худоро дигар намехонем, аз болои он мулоҳиза намекунем ва онро иҷро намекунем. Агар мо диққати худро ба ин ё он чизҳо ҷалб накунем, онгоҳ бо мурури замон онҳо аз чашми мо дур мешаванд. Мо ба осонӣ аз самти зарурӣ дур мешавем, таъсири ҷамъият ва овози одамон иродаи Худоро иваз мекунанд. Бо баҳодиҳии нодурусти воқеият раҳнамо гашта, мо он чизҳое, ки ба назарамон бароямон хуб мебошанд, қабул мекунем.

Дар боби пештара мо як ҳақиқати муҳимро асос гузоштем: берун аз хости Худо барои мо ҳеҷ чизи хубе мавҷуд намебошад. Оё шумо бо он розӣ ҳастед, ки иродаи Худо дар Навиштаҷот ошкор шудааст? Агар ҷавоби шумо бале бошад, он гоҳ вақти гузоштани таҳкурсӣ фаро расидааст.

4

# ТАҲКУРСӢ

...одил бунёди ҷовидонӣ дорад.
— Масалҳо 10:25

Агар шумо ба он чизҳое, ки дар Инҷил
ба шумо писанд аст, имон дошта бошед ва он
чизҳоеро, ки писанд нест, раъд карда бошед,
он гоҳ шумо на ба Инҷил, балки
ба худатон бовар мекунед.
— Августин

Мо гуфтем, ки ин китоб аз се қисм иборат мебошад, ки инҳоянд: якум қисми он дар бораи таҳкурсӣ сухан меронад, дуюм дар бораи он ки чӣ ҳаётро устувор мегардонад ва сеюмин дар бораи сохтмони ҳаёт. Ва ин чизҳо дар давоми ин китоб дар маркази назари мо мебошанд.

Барои муносибати дуруст доштан бо Худо, таҳкурсӣ мавқеи муҳимеро ишғол мекунад. Агар шумо муддати дароз имондор бошед, он гоҳ ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки ба ҳикояи зерин бодиққат бошед. Ман кӯшиш ба он медиҳам, ки шумо на фақат таҳкурсии худро устувор гардонед, балки инчунин ба одамоне, ки шумо ба онҳо роҳбар гузошта шудаед, кӯмак расонда, онҳоро ба муносибат бо Холиқи Дунё даъват намоед.

Дар Навиштаҷот гуфта шудааст:

> “Касе одил нест, як нафар ҳам нест. Касе соҳибфаҳм нест: касе толиби Худо нест: ҳама гумроҳ шудаанд ва аз як сар ношояманд: *накӯкоре нест, як нафар ҳам нест”* (Рум. 3:10,12).

*Накӯкоре нест, як нафар ҳам нест.* Ба ғайр аз Исои Масеҳ, ягон нафаре, ки дар рӯи ин замин зиндагӣ карда бошад, ё ба дунё меояд, ҳамеша он некии аз назари Худо дурустро накардааст ё нахоҳад кард. Барои чӣ? Барои он ки ҳар инсон ғулом таваллуд мешавад. Бале, ману шумо ғулом ба дунё омадаем. Шумо мепурсед:

- Ғуломи кӣ?

- Ғуломи гуноҳ.

Ба одамони аз олами боло таваллудшуда Павлус менависад: "...шумо, ки пештар ғуломи гуноҳ будед..." (Румиён 6:17).

Одам ва Ҳавво ҳамон лаҳзае, ки аз итоати Худо берун баромаданд, ҳамон вақт мурданд. Дар ҳолати хӯрдани меваи он дарахт, Худо тақдири онҳоро гуфта буд, аммо марги ҷисмонии онҳо баъд аз якчанд сол рух дод.

Аз ин саволе ба миён меояд: Чӣ тавр Одам ва Ҳавво ҳамон лаҳзае, ки меваи дарахтро хӯрданд, ҳамон лаҳза мурданд? Марг рӯҳи онҳоро, ки моҳияти асосии инсон мебошад, фаро гирифт. Онҳо аз Худо, ки Ҳаётбахш ва сарчашмаи зиндагӣ аст, ҷудо шуда, он хислатҳоро мерос гирифтанд, ки ба табиати Худо мувофиқ набуд. Ва дар натиҷаи ин насли онҳо низ ин хислатҳоро мерос гирифтанд, ки то ҳол аз насл ба насл меояд. Тасдиқи ин суханонро мо дар китоби Ҳастӣ пайдо карда метавонем: "Ва Одам саду сӣ сол бизист ва писаре ба шабоҳати худ, ба сурати худ ба дунё овард" (Ҳастӣ 5:3).

Аз ҳамон лаҳза, одамон аниқ намедонанд, ки некӣ чист ва онро дуруст анҷом дода наметавонанд, ақрабаки дохилии ахлоқ ва одоби онҳо вайрон шудааст. Аз сабаби он ки аз ҳамон вақт инҷониб одам фақат бо гуноҳ идора карда мешуд, ва ҳеҷ чиз ҷуз ҳузури Худо ба ӯ некӣ ва бадиро нишон дода наметавонист. Бидуни дахолати Худо, инсон неку бадро фарқ карда наметавонад. Ҳокими нав ва қонунгузори асосӣ дар рӯи замин шайтоне, ки дар дохили мор даромада буд, гашт.

Худо ба одам заминро барои тасарруф дода буд, Вай ӯро ҳокими ҳама чиз таъин карда буд, лекин инсон қудрати худро ба шайтон дод. Баъд аз ҳазорсолҳо, шайтон Исоро дар болои кӯҳ бароварда,

далерона ба Вай гуфт: “Тамоми салтанат ва ҷалоли онҳоро ба Ту медиҳам, зеро ки он ба дасти ман супурда шудааст ва ман ба ҳар кӣ хоҳам, онро медиҳам” (Луқо 4:6). Вай барои гуфтани ин суханон асосе дошт, барои он ки дар асл ин қудратро дар боғи Адан аз Одам гирифта буд.

Худо барои наҷоти мо дар рӯи замин бо қудрати илоҳии худ омада наметавонист, чунки замин ба одамизод дода шуда буд. Онҳо ин қудратро аз даст дода буданд ва танҳо инсон онро баргардонида метавонист. Худо бо он нақшае, ки ҳатто пеш аз гуноҳ кардани инсон дошт, омад, барои он ки Худо интихоби Одамро медонист. Худо Писари Худ, Исои Масеҳро, ки аз ҷониби Рӯҳи Муқаддас, ба воситаи зан ба дунё омада буд, табиати Илоҳии Худоро дошт ва табиати пурраи инсониро дошт, фиристод. Барои ҳамин, Исо аз лаънати ғуломӣ, ки ҳар инсон дар он таваллуд мешавад, озод буд.

Ӯ дар замин ҳаёти комил дошт. Ӯ ҳеҷ вақт гуноҳ намекард ва беитоат набуд. Ҳамчун ягона инсони пок, Ӯ ҳаёти Худро барои озодии башар дод. Дар рӯи салиб Вай гуноҳҳои ҳамаи мардон ва занонро, ки то вақти салиб, дар он замон ва баъд аз салиб ба дунё меомадагонро ба дӯши Худ гирифт. Ӯ барои кафорати ғуломии мо ва аз он озод шудан хуни шоҳонаи худро рехт.

Исо ҷон дод ва дар хок супорида шуд. Ба хотири он ки дар рӯи замин Вай ҳаёти пок ва бегуноҳ дошт, баъд аз се рӯзи маслуб гаштанаш Рӯҳи Худо Вайро дубора зинда кард. Акнун вай дар ямини Худои Таоло нишастааст, ки чунин суханонро ба мо гуфтааст:

> “Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт. Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст” (Румиён 10:9,10).

Дар ҳамон лаҳзае, ки шумо Исои Масеҳро ҳамчун Худованди худ қабул кардед, мӯъҷизаи аҷоибе рӯй дод. Табиати гуноҳкорона ва марговари шумо аз байн рафта, ба ҷои он одами нави ба сурат ва шабоҳати Исо офаридашуда таваллуд ёфт. Аз олами боло рӯҳи

мо (шахсияти асосӣ), на ин ки бадани мо, таваллуд шуд. Бадани ҷисмонии мо то ҳол зери таъсири хоҳишҳои гуноҳкорона буда, замоне мерасад, ки бадани мо пурра аз байн хоҳад рафт. Ҳаёти нав фақат ба воситаи бахшоиши файзи Худованд омада, аз рафтори хуб ва дастовардҳои мо вобаста нест. Нуқта.

Боиси қайд аст, ки дар ояти дар боло овардашуда аз Нома ба Румиён гуфта шудааст, ки мо Исоро ҳамчун Худованд, на танҳо Наҷотдиҳанда эътироф кунем. Дар ин ҷо як иштибоҳи бузурге ҳаст, ки одатан калисоҳои Ғарб дар он меафтанд. Калимаи "Худованд" ба забони юнонӣ kurios маънои "хӯҷаин, соҳиб, ҳокимияти болоӣ"- ро дорад.

Исоро танҳо ҳамчун Наҷотдиҳанда эътироф кардан барои озодӣ ва ҳаёти нав доштан кофӣ намебошад. Ман дарк мекунам, ки ин суханон сахт ба гӯши мо мерасад ва ба он тарзе, ки мо гуноҳкоронро ба тавба даъват мекунем, намебошад, лекин Навиштаҷот маҳз ҳамин тавр мегӯяд.

Калимаи Наҷотдиҳандаро мо 36 маротиба ва калимаи Худовандро 7800 бор дар Китоби Муқаддас вомехӯрем. Шумо чӣ тавр фикр мекунед, Худованд диққати моро ба чӣ ҷалб мекунад? Худованд ин мавқеъ дар ҳаёти мо мебошад. Наҷотдиҳанда ин коре, ки Ӯ барои мо анҷом додааст. Агар мо мавқеи Худовандӣ ва Шоҳии Ӯро қабул накунем, ба кори Вай шарик шуда наметавонем.

Мо ғулом таваллуд шудаем. Гуноҳ ҳукмфармои мо буд. Лекин мо бо иродаи озод офарида шудаем, ва барои ҳамин қарори қатъӣ қабул карда, хӯҷаини худро иваз карда метавонем. Наҷот барои ҳамаи одамизод тӯҳфа карда шуда буд, лекин ҳар як инсон бояд ки онро мустақилона ва аз рӯи шартҳои Худо қабул кунад.

## Зиндон дар ҷазира

Барои ин ҳақиқатро фаҳмонида додан як ҳикояи бофташудашударо ба шумо нақл мекунам.

Тасаввур кунед, ки тамоми оилаи шумо дар як ҷазира, дар зиндон зери ҳукмронии хӯҷаини бад асир мебошанд. Якчанд сол пеш ин, ҷазира ба бобои шумо аз тарафи як шоҳи нек, аз мамлакати дур-

даст тӯҳфа карда шуда буд. Аммо бобои шумо як иштибоҳи бузурге карда: ин ҷазираро барои худ нигоҳ дошта натавонист. Ҳӯҷаини бад ва роҳзанон-хизматгорони вай бо фиребу найранг омада, ҷазираро муҳосира карда, аҳолии онро, бобои шумо ва авлодони ӯро ба ғуломон табдил доданд. Хӯҷаини бад ва хизматгорони бад дар он ҷо зиндон сохта, тамоми оилаи шуморо дар он ҷо банд карданд.

Тарзи ҳаёт дар он ҷазира ба табиати ин хӯҷаини бад ва хизматгорони вай мутобиқ гашта, пур аз фиску фасод шуд. Дар натиҷа шоҳи нек ин ҷазираро маҳкум кард. Аммо пеш аз несту нобуд кардани ҷазира, аз хотири муҳаббате, ки ба оилаи шумо дошт, вай омада бо артиши хӯҷаини бад ҷанг карда, онҳоро мағлуб кард.

Шоҳ дарвозаҳои зиндонро кушода ва гуфт: "Ҳамаи асирон озод шуданд. Агар аз хӯҷаини бад рӯй гардонида, ба ман савганд ёд кунед, шумо метавонед аз зиндон берун бароед".

Ба хотири некии шоҳ тамоми оилаи шумо сазовори озодӣ гаштанд. Аммо шоҳи нек шуморо маҷбур намекунад, ки пайрави ӯ бошед. Ҳар як зиндонӣ ин қарорро бояд ки худаш қабул кунад. (Агар ба ивази интихоби озодӣ додан ба ҳар шахс, шоҳ итоатро ба худ талаб мекард, ин як намуди дигари зӯроварӣ мешуд). Агар интихоби шумо ба тарафи озодӣ бошад, шумо бояд ки аз зиндон берун бароед, ҳамроҳи шоҳ ба киштии Ӯ савор шавед, ба мамлакати вай шино кунед, яке аз шаҳрвандони он мамлакат гардед ва аз рӯи қоидаву қонуни он сарзамин зиндагӣ кунед. Ба шумо имконият пешкаш карда шудааст, лекин розигии шахсии шумо ба шартҳои шоҳи нав зарур мебошад.

Шоҳи нек наҷотдиҳандаи оилаи шумо ба шумор меравад. Аммо барои аз кори наҷотоварандаи Вай истифода бурдан, ҳар як аъзои оилаи шумо худро пурра ба итоати Вай биовард, ва ин маънои ба қонунҳои мамлакати Ӯ итоат карданро дорад. *Бидуни итоат кардан ба шоҳигарии Ӯ, ҳеҷ яке аз шумо наҷоти шоҳро қабул карда ва ҷазираро тарк карда наметавонад.*

Агар шумо қарори пайрави кардани шоҳи некро қабул накунед, он гоҳ шумо дар ҷазира мемонед. Лекин киштиҳои ҳарбии шоҳ дар

соҳил истода, мунтазири несту нобуд кардани ҷазира мебошанд, ҳангоме ки шоҳ ҷазираро тарк кунад, ҷазои ҷазираи маҳкумшуда фаро мерасад. Хешовандони шуморо, ки қарор карданд дар ҷазира бимонанд ва ба шоҳи нек итоат накунанд, новобаста аз он ки озодӣ барои онҳо ба даст оварда ва тӯҳфа карда шуда буд, ҳамон тақдире, ки ба хӯҷаини бад ва хизматгорони вай пешбинӣ шуда буд, фаро хоҳад гирифт.

Хонандаи азиз, маро бишнав. Худо дӯзахро барои ту ва барои дигар одамон наофаридааст. Ӯ онро барои шайтон ва фариштаҳои вай офаридааст. Дар рӯзи доварӣ Исо ба он шахсоне, ки ба Вай итоат накарданд, тақдири онҳоро хоҳад гуфт:

> "Он гоҳ ба онҳое ки ба тарафи чапи Ӯ ҳастанд, хоҳад гуфт: "Эй малъунон, аз Ман дур шавед ва ба оташи ҷовидоние, ки барои иблис ва фариштагони вай муҳайё шудааст, биравед" (Матто 25:41).

Дӯзах ин ҷои воқеӣ мебошад. Исо дар бораи он, нисбат ба осмон, бештар мегуфт. Ӯ дар бораи нақл кардани азобҳои беохире, ки дар дӯзах ҳаст, камбудӣ намешуморид. Ин ҷои истиқомати абадӣ барои мурдагон, ки Подшоҳии муҳаббати Ӯро раъд карданд, мебошад.

Аз рӯи суханони Исо, ин ҷои азобу машаққат барои одамизод тайёр нашуда буд, лекин афсӯс, аз сабаби беитоатии бобокалони мо Одам ҳамаи мо ҳукми айбдоркунандаро гирифтем. Акнун тақдири шайтон, тақдири мо гаштааст ва роҳи ягонаи халосӣ, ин интихоби хӯҷаини нав мебошад. Новобаста аз он ки Исо тамоми одамизодро аз ғазаби Худо наҷот дод, бисёре аз одамон бо ҳамроҳии шайтон маҳкум хоҳанд шуд, чунки дар зиндагии заминии худ аз табиати шайтонӣ озод нашудаанд, бо дигар суханон гӯем, онҳо ин ҷазираи лаънатиро тарк накарданд.

Шумо мепурсед: "Барои чӣ Худо марҳамати Худро нишон дода, ба ҳамаи одамизод иҷозат намедиҳад, ки ҳамон гунае ки ҳастанд, вориди Подшоҳии вай гарданд?" Одамоне, ки худро ба итоати Ху-

довандии Исо надароварданд, табиати рӯҳонии бад ва гуноҳкорона доранд. Ҳангоме ки онҳо ин заминро тарк мекунанд, ин табиат то абад бо онҳо хоҳад монд. Агар онҳоро иҷозат диҳем, ки ба Подшоҳии абадии Худо дохил шаванд, он гоҳ онҳо ба бисёриҳо зарар мерасонанд.

Маҳз ба ҳамин сабаб, Худо Одам ва Ҳавворо аз боғ берун карда, онҳоро аз дарахти ҳаёт дуртар нигоҳ дошт.

> "Ва Худованд Худо гуфт: "Инак, Одам мисли яке аз Мо орифи неку бад гардидааст: ва акнун мабодо дасти худро дароз кунад ва аз дарахти ҳаёт низ гирифта хӯрад ва то абад зинда монад. Ва Худованд Худо ӯро аз боғи Адан берун кард..." (Ҳастӣ 3:22,23).

Муҳаббати Худо онҳоро муҳофизат кард, то ки онҳо табиати марговарро то абад мерос нагиранд.

## Ҳукмронӣ

Аз сабаби он ки Калисои Ғарб диққати моро бештар ба он кори наҷотдиҳандаи Исо, на ин ки ба мавқеи Ӯ ҳамчун Худованд ҷалб мекунад, дар таҳкурсии мо итоат кардан ба қудрати Ӯ ба таври кофӣ ҷой нагирифтааст. Ба суханони Павлус гӯш диҳед:

> "Пас, чи тавре ки Исои Масеҳро ба *унвони Худованд* қабул кардаед, ҳамин тавр дар Ӯ рафтор намоед, *ки дар Ӯ реша давонда ва бино ёфта*, дар имон мустаҳкам шудаед" (Қӯлассиён 2:6,7).

Павлус намегӯяд, ки: "Чи тавре ки шумо Исои Масеҳро ба унвони Наҷотдиҳанда қабул кардаед". Ҳаёти мо бояд ки дар зери итоати Ӯ бошад, он дар зери назорати Вай, на ин ки дар кори қаҳрамононаи наҷоти Ӯ бояд бино гардад. Ин маънои онро дорад, ки мо ба Вай ҳамчун шоҳи ягона ва ҳукмрони худ итоат кунем ва он гоҳ самари наҷоти худро мебинем. Дар амал ин бояд дар итоати мо ба Калом, ҳикмат, маслиҳат, таълим, самт ва рӯъёи Худованд, новобаста аз он ки мо инро дарк мекунем ё не, бояд инъикос ёбад. Мо дигар аз меваҳои дарахте, ки барои фаҳмиши худамон хуб ё бад аст, намехӯрем. Мо дар Ӯ зиндагӣ мекунем ва ҳаёти Вай аз они мо мегардад.

Ман бо Лиза дар тӯли сӣ сол дар никоҳ мебошем. Ва ҳамаи ин солҳо ман фоидаро аз зиндагӣ бо ошпази олӣ ҳаловат мебарам. Лиза ҳамаи ғизоҳоро болаззат мепазад. Баъзе аз дӯстони ман хоҳиш мекунад, ки вай занони онҳоро ба пухтупази ин ё он ғизоҳо таълим диҳад.

Баъзан ман Лизаро "ошпазчаи хурдакак" меномам. Дар тамоми тӯли сӣ соли зиндагиамон ман фақат даҳ маротиба вайро чунин номида бошам, лекин зиёда аз ҳазор маротиба вайро хонум хондаам. Барои чӣ? Барои он ки мавқеи вай ин зани (хонум) ман аст. Мавқеи "ошпазчаи хурдакак" фақат дар бораи он ҷиҳати мусбие, ки вай дорад ва ман ҳамчун шавҳар аз он лаззат мебарам.

Лекин фақат бо сабаби он ки Лиза барои ман ғизо тайёр мекунад, ин маънои онро надорад, ки бо ин сабаб ман ба ӯ тааллуқ дорам. Ҳатто то тӯйи мо ҳам, Лиза дар зодрӯзи ман ғизоҳои болаззат мепухт. Лекин он вақт иттифоқи мо абадӣ ва муносибатҳои мо тӯлонӣ набуданд. Аҳде, ки ман бо Лиза баста, дигар духтарҳоро аз хотири худ бароварда, қалби ягонаи худро ба вай бахшида ва вайро зани худ хондам, моро дар акди никоҳ баст.

Муносибатҳои мо бо Исо ба ин монанд мебошанд. Барои қабул кардани наҷоти Ӯ, мо бояд ки ба Ӯ ҳамчун Худованд итоат карда, шоҳигарии Вайро қабул кунем. Мо ҳаёти худро пурра ба Ӯ мебахшем ва ба роҳнамоияш, хислат ва муҳаббаташ таваккал мекунем, ки Ӯ беҳтар медонад, ки барои мо чӣ хуб аст. Вай Шоҳи Шоҳон ва Худованди Худоён аст ва ҳеҷ вақт бо мавқеи шахси дуюмдараҷа дар зиндагӣ қаноатманд намешавад.

Дар Калисоҳои Ғарб ва Амрико ман бисёр вақт шоҳиди он будам, ки хизматгузорон дар бораи наҷоти Худованд маъвиза карда, дар бораи Худовандии Исои Масеҳ ҳеҷ сухане намегуфтанд. Хизматгузорон мегӯянд: "Ҳама чизе, ки ба шумо зарур аст, ин Исоро ҳамчун наҷотбахши худ эътироф кунед ва шумо фарзанди Худо мегардед". Ё ки "Биёед ҳамроҳ ин дуоро такрор мекунем: Исо ба дили ман дохил шуда, маро имрӯз наҷот деҳ. Раҳмат, ки Ту имрӯз маро ба фарзандӣ қабул кардӣ. Омин". Ҳамаи ин даъватҳо ба ои-

лаи Худо бе ягон қатра суханоне, ки бояд аз тарзи ҳаёти ҷаҳонӣ рӯй гардонӣ, бо роҳи худ нарафта, Вайро дар ҳама чиз пайравӣ кунӣ, гуфта мешаванд.

Ин пайём намуди хубе дорад ва баъзе оятҳоро аз Аҳди Нав гирифтааст. Аммо оё дар асл Аҳди Нав моро ба ин даъват мекунад? Оё ҳикмат дар ин аст? Ё ин ки мо номаи аслии наҷотро тағйир дода, онро барои одамон қулайтар кардем? Оё мо аз дарахти баҳодиҳии худамон намехӯрем?

## Худраъдкунӣ

Биёед, ба суханони Исо назар мекунем, суханони Вай ба мардуми зиёд мурочиат карда шудаанд, ва осону фаҳмо мебошанд.

> “Пас мардум ва шогирдонашро назди Худ хонда гуфт: “Ҳар кӣ хоҳад аз ақиби Ман биёяд, бояд хештанро инкор карда ва салиби худро бардошта, Маро пайравӣ намояд. Зеро ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад: ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман ва Инҷил барбод диҳад, онро мераҳонад” (Марқӯс 8:34,35).

Агар мо пайрави Ӯ шудан хоҳем, бояд ки худро инкор кунем. Нуқта. Ин чӣ маъное дорад? Ба ду оғо хизмат кардан номумкин аст, ва агар ҳардуи он оғоҳо амалҳои гуногунро талаб кунанд, ту фақат ба яке вафодор шуда метавонӣ. Ҳангоме ки табиати гуноҳкоронаи мо тоза нашудааст, хоҳони он баъзе чизҳое мебошад, аммо Каломи Худо ба мо дигар чизҳоро мегӯяд, агар мо то ҳол қарор накарда бошем, ки Исои Худовандро ҳамчун хӯҷаини олимартаба пайравӣ кунем, он гоҳ мо ба осонӣ роҳи бетараферо ишғол карда, Ӯро ҳамчун Наҷотбахши худ эълон карданро давом медиҳем. Оё инро эътироф карда, иштибоҳ кардан мумкин аст?

Имкон дорад, барои ҳамин Исо гуфтааст: “Чаро Маро “Худовандо, Худовандо!”- мегӯед, вале он чиро ки ман мегӯям, ба ҷо намеоваред?” (Луқо 6:46). Бо дигар суханон, Худованди мо ин ҳаёти ҳеҷу пучи бемаъно мегардад. Агар мо “Худованд” гуфта, ба ин калима

аҳамияте надиҳем, он гоҳ Исо ба мо мегӯяд, ки беҳтар аст, ки мо Ӯро "Устоди бузург" хонем. Он гоҳ ақаллан мо аз таълимоти Вай чизе гирифта, худро фиреб намедиҳем, ки мо ба Ӯ тааллуқ дорем, дар ҳолате ки мо ба Вай тааллуқ надорем.

Дар Инҷили Марқӯс (8:34,35) ва дар бисёр ҷойҳои дигари Аҳди Нав, худро раъд кардан, ин на танҳо яке аз роҳҳои аз "ҷазира"-и ин олами лаънатёфта баромадан мебошад. Ин роҳи ягонаи гурез аз ғазаби дар пешистода аст. Ман фаҳмидам, ки ба одамони ғарбӣ инро дарк кардан хеле мушкил аст. Сабаб дар он аст ки мо *қонунҳои Малакути Осмониро* аз нуқтаи назари *демократия* дарк карданӣ ҳастем. Дар ИМА ва дигар мамлакатҳои ғарбӣ принсипи демократия амал мекунад, лекин агар мо ин принсипҳоро нисбати Худо истифода барем, он гоҳ ноком мемонем. Ӯ Шоҳи воқеӣ аст, на ин ки ҳукмрони номӣ, мисли шоҳи Британиё.

Демократия, ин "ҳокимияти халқ; шакли ҳукумати сиёсие, ки ҳокимияти болоӣ дар дасти халқ буда, новобаста аз тарафи он ё намояндагони интихобшудаи он, идора карда мешавад". Мо ин гуна фикрҳрониро дорем. Ин гуна принсипҳо дар тафаккури мо ҷой дода шудаанд. Барои ҳамин, агар мо бо ягон чиз розӣ набошем, он гоҳ фикр мекунем, ки бо он мо баҳс карда ё аз болои он шикоят карда метавонем, чунки мо ба он ақидае ҳастем, ки ҳуқуқ ва озодии баён ин қисми "ҷудонашавандаи" ибрози назари шахсии ҳар фард мебошад.

Чунин тарзи ҳукумат дар ИМА вуҷуд дошта, барои одамони замине, ки дар ҷамъияти озод зиндагӣ мекунанд, раво дониста шуда, дар Подшоҳии Худо амал намекунад. То кадом андозае, ки ҷамъияти ғарбӣ моро ба хашм наоварда бошад ҳам, Худо ягона ҳукмфармо (диктатор) аст. Вай саховатманд ва меҳрубон, лекин сухани охирин аз ҷониби Ӯст. Агар ҳаёти худро бо Худо бо андоза ва ченакҳои демократия чен кунем, он гоҳ фақат ҳаёти риёкорона ба даст оварда метавонем.

Ҳаёт зери дасти Шоҳ дигаргун аст. Худованд ва Шоҳ, ин калимаҳои ҳаммаъно буда, ҳукумати болоиро нишон медиҳанд. Агар мо дар асл пайрави Худо шуданро мехоста бошем, он гоҳ мо прин-

сипҳои демократияро дар Подшоҳии Худо истифода бурда наметавонем. Дар он ҳолат, мо аз Одам ва Ҳавво, ки аз дарахти маърифати неку бад хӯрданд, ҳеҷ фарқе дошта наметавонем. Мо то ҳол худамон ҳукмронӣ карда, худамон қарор мекунем, ки чӣ ба нафъи мо мебошад.

## Салиби худро бардор

Баъд аз он Исо ба мо амр мекунад, ки салиби худро бардорем. Ин кадом маъноро дорад? Ин маънои худраъдкуниро надорад, пас чаро Исо инро такрор кард? Ҷавобро мо дар Номаи Павлус ба Ғалотиён мебинем, ки ӯ мегӯяд:

> "Ман бо Масеҳ *маслуб шудаам*, ва акнун на ман зиндагӣ мекунам, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад. Ва ин ки ҳоло дар ҷисм зиндагӣ мекунам, ин яъне бо имон ба Писари Худо зиндагӣ мекунам, ки Ӯ маро дӯст дошт ва Худро барои ман таслим кард" (Ғалотиён 2:20).

Павлус дар бораи маслуб шудани воқеӣ (ҷисмонӣ) намегӯяд, дар он ҳолат вай ҳалок мешуд ва ин номаро навишта наметавонист. Ӯ дар бораи қарори худ, ки якчанд сол пеш дар бораи пайрави кардани Худованд қабул карда буд, менависад. Павлус салиби худро бардошт. Асрори ин дар суханони зерин "ва акнун на ман зиндагӣ мекунам, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад", иброз ёфтааст. Ҳар як фарзанди Худо бояд ки чунин эътироф дошта бошад. Мо дигар новобаста нестем ва аз дарахти некиву бадии баҳодиҳии худ намехӯрем. Акнун мо дар Ӯ зиндагӣ мекунем, ва акнун тамоми ҳаёти мо аз Ӯ вобаста мебошад, аз салиби Ӯ, ки ба мо озодиро аз ғуломӣ мебахшад, то ки мо дар итоат ва қуввати Худо зиндагӣ карда тавонем.

Салиб тамоман тарзи нави ҳаётро ба мо пешкаш мекунад. Чунон ки Павлус менависад: "Пас мо дар мамоташ таъмид ёфта, бо Ӯ дафн шудаем, то ки чунон ки Масеҳ бо ҷалоли Падар аз мурдагон эҳё шуд,ончунон мо низ дар *ҳаёти нав* қадамгузор шавем" (Румиён 6:4). Ин

ҳаёти нав ба мо қуввати боздоштанро ба он чизҳое, ки мо пештар худро боздошта наметавонистем, медиҳад. Гуноҳ дигар аз болои мо ҳукмрон намебошад, чунин тарзи ҳаётро мо барои худ бояд интихоб кунем. Худи мо қарор мекунем, ки худро пурра ба иродаи Ӯ тобеъ гардонем.

Павлус дар идома мегӯяд: "Лекин онҳое, ки ба Масеҳ тааллуқ доранд, ҷисмро бо ҳирсҳо ва ҳавасҳояш маслуб карданд" (Ғалотиён 5:24). Ва боз: "Ва ман, ҳошо ва калло, ки фахр намоям, магар ин ки фақат бо салиби Худованди мо Исои Масеҳ, ки ба воситаи он ҷаҳон ба ман маслуб шудааст ва ман барои ҷаҳон" (Ғалотиён 6:14). Салиб ба мо қувват медиҳад, ки аз ҳаёти гуноҳкорона ва ҳавасҳои ҷисмӣ озод шуда, зери таъсири ин ҷаҳон зиндагӣ накунем.

Дар ҷавонӣ то вохӯрдан бо Исо ман баъзан корҳои аҳмақона карда, аз онҳо ҳеҷ озод шуда наметавонистам. Ман афсӯс мехӯрдам, ки боз ва боз мағрурият ва ҳавасҳои ҷисмонии худро нишон медодам, дигаронро хафа мекардам, лекин чи қадаре ки бисёртар ман аз ин рафторҳо озод шудан мехостам, ҳамон қадар афсурдахотир мегаштам. Ман бо гуноҳ ва ҳукмронии он дар ҳаёти худ баста шуда будам. Лекин ҳамон вақте ки ман бо Масеҳ маслуб гаштам, ман дар озодӣ зиндагӣ карданро оғоз кардам.

> "Зеро медонем, ки инсони кӯҳнаи мо бо Ӯ маслуб шудааст, то ки ҷисми пургуноҳ ботил гардад ва мо дигар бандагони гуноҳ набошем; чунки мурда аз гуноҳ фориғ аст" (Румиён 6:6,7).

Умедворам, ки ин оят аз назари шумо намегузарад. Аз ин суханон бинӯшед, барои он ки озодии шумо дар ин суханон мебошад. Ҳақиқат аҷоиб аст. Ба салиб назар андохтан ба мо озодӣ аз гуноҳро дода, имконияти дар Ӯ бо итоат зиндагӣ карданро медиҳад. Навишта шудааст: "Зеро пайёми салиб барои гирифторони ҳалокат ҷаҳолат аст, вале барои мо, ки дар роҳи наҷот ҳастем, қуввати Худост (1 Қӯринтиён 1:18). Он чизеро, ки мо пештар бо қуввати худ карда наметавонистем, акнун бо роҳҳои Вай гашта, метавонем. Акнун мо ба Худо тақлид карда метавонем. Акнун мо Исоро пайравӣ карда метавонем.

Инак, мо гуфтем, ки худро раъд накарда (роҳҳои худро як тараф гузошта ва қудрати илоҳии Вайро қабул кунем) ва салибро набардошта (бо қуввати Масеҳ пур гашта, роҳҳои ҷаҳонӣ ва гуноҳкоронаро таъқиб накарда), Исоро пайравӣ карда наметавонем. Мо бо имон ба қудрат ва тавоноии Ӯ, ки дар мо амал ва фаъолият мекунад, умр ба сар мебарем. Мо аз Ӯ қувват мегирем. Чӣ гуна чизҳои аҷоибе дар наҷоти Ӯ ба мо дода шудааст!

## Огоҳӣ бо садои баланд

Исо огоҳ карда буд, ки баъд аз рафтани Вай дар ҳама ҷо Инҷили наҷот ёфтан, бидуни ба Худовандии Вай итоат кардан, маъвиза ва пазируфта хоҳад шуд. Расулон аниқ гуфтанд, ки пеш аз баргаштани Исо дар рӯи замин, кадом чизҳо ба вуқӯъ хоҳанд омад. Ин таълимоти бардурӯғ, ки мегӯяд Исоро ҳамчун Худованд, яъне хӯҷаини ҳаёти худ қабул кардан ҳатмӣ нест, паҳн хоҳад гашт. Хоҳанд гуфт, ки Ӯро ҳамчун Худованд хондан кофӣ аст. Одамон Ӯро Худованд хонда, лекин аз корҳои худ даст накашида ва салиби худро бардошта Вайро пайравӣ нахоҳанд кард. Суханони Исоро бодиққат хонед:

> "На ҳар касе ки ба Ман: "Худовандо! Худовандо!" мегӯяд, ба Малакути Осмон дохил хоҳад шуд, балки он касе ки иродаи Падари Маро, ки дар осмон аст, ба ҷо меоварад" (Матто 7:21).

Исо дар бораи одамоне мегӯяд, ки маҳз Вайро, на ин ки Муҳаммад, Джозеф Смит, Будда, Конфуси ё дигар пайғамбарони бардурӯғи замони моро, Худованд мехонанд. Не, балки ин одамон далерона ва боваринок Исои Масеҳро Худованд мехонанд.

Барои чӣ дар ин оят Исо калимаи *Худовандро* ду маротиба истифода мебарад? Мо медонем, ки дар Навиштаҷот ин ё он калимаҳо ва ибораҳо бесабаб такрор намешаванд. Муаллиф моҳияти онро қайд мекунад. Аммо дар ин бобат такроршавӣ на фақат барои қайд кардани ягон ақида истифода бурда шудааст, балки таъкиди ҳаяҷонӣ истифода бурда шудааст: "Ва подшоҳ рӯи худро пӯшони-

да буд ва подшоҳ бо овози баланд фарёд мезад: "Вой писарам Абшолӯм! Вой Абшолӯм писарам, писарам!" (2 Подшоҳон 19:4). Ман фикр намекунам, ки дар асл Довуд ду маротиба писарам, писарам такрор карда бошад. Мумкин аст, ки одами ин воқеаро навишта ду дафъа инро навишта бошад, то ки хонанда он дарде, ки Довуд дошт, эҳсос карда тавонад.

Айни ҳамон чиз дар китоби Ваҳӣ такрор мешавад: "Ва як фариштаро дидам ва шунидам, ки дар миёни осмон парвоз карда, бо овози баланд мегӯяд: "Вой, вой, вой бар ҳоли сокинони замин аз садоҳои дигари карнайҳои се фаришта, ки хоҳанд навохт!" (Ваҳӣ 8:13). Дар дигар тарҷумаҳо навишта шудааст, ки фаришта "бо садои баланд дод мезад". Дар ин ҷой ҳам, муаллиф калимаи "вой"-ро бо такрор навишта, ҳолати эҳсосотиро таъкид карданӣ аст.

Устод дар бораи меҳрубонии зиёде, ки мардум нисбати Ӯ дошта метавонанд, мегӯяд. Онҳо на фақат бо таълимоте, ки Исои Масеҳро ҳамчун Худованд эътироф мекунад, розӣ мебошанд, балки боварии онҳо сахт ва мустаҳкам аст. Ин одамоне, ки бо хурсандӣ ба Вай рӯ оварда, бо оташ дар бораи имони худ шаҳодат дода, дар хизматгузориҳои калисо гиря мекунанд. Онҳо на фақат ба Масеҳ вафодорӣ нишон медиҳанд, балки ба Ӯ хизмат мекунанд:

> "Ман мебинам, ки дар рӯзи доварӣ ҳазорҳо нафар мағрурона назди ман омада мегӯянд: "Устод, мо пайёмро башорат додем, мо девҳоро берун кардем; дар бораи хизмати мо ба Худо ҳама мегӯянд" (Матто 7:22, The Message, тарҷума аз забони инглисӣ).

Дар ин ҷо, ман тарҷумаи The Message- ро истифода мебарам, барои он ки дар ин тарҷума аён аст, ки ин одамон тамошобинони бегона набуданд. Онҳо бевосита ба корҳои калисо иштирок карда, фаъолиятҳои онро дастгирӣ мекарданд. Онҳо дар бораи имони худ бо садои баланд дод зада "мо Инҷилро маъвиза мекардем", мегуфтанд. Онҳо бо кӯшишу заҳмат ҳаёти дигаронро беҳтар мекарданд.

Дар тарҷумаи Китоби Муқаддаси The Message калимаи *ҳазорҳо* истифода бурда шудааст. Аммо дар дигар тарҷумаҳо калимаи *бисёр*, дар забони юнонӣ polus мебошад, истифода бурда шудааст,

ки маънои “миқдори зиёд, адад ва ё шумора”-ро дорад. Одатан ин калима дар вақти нишон додани “аксарият” истифода бурда мешавад. Ба ҳар ҳол, Исо дар ин ҷо на дар бораи миқдори ками одамон, балки дар бораи миқдори зиёд сухан меронад. Имкон дорад, ки ин одамон ҳатто аксариятро ташкил медиҳанд.

Биёед, хулоса мебарорем. Исо дар бораи одамоне, ки дар таълимоти Инҷил бовар мекунанд, сухан меронад. Онҳо Вайро Худованд мехонанд, онҳо пур аз эҳсосот мебошанд, онҳо Пайёмро эълон мекунанд ва бо хизмати масеҳиёна машғул мебошанд. Дар онҳо масеҳиёни ҳақиқиро дидан мумкин аст. Пас чӣ онҳоро ҷудо мекунад? Онҳо аз имондорони ҳақиқӣ чӣ фарқ доранд? Исо мегӯяд:

> “Он гоҳ дар ҷавоби онҳо хоҳам гуфт: Ман ҳаргиз шуморо намешинохтам; аз ман дур шавед, эй бадкорон!” (Матто 7:23).

Калимаи калидӣ дар ин ҷумла “бадкорон” аст. Дар “Луғати юнонӣ- инглисии Аҳди Ҷадид-”и Тайэр гуфта шудааст, ки бадкорӣ (дар дигар тарҷумаҳо “беқонунӣ”), ин рафтори берун аз чорчӯбаи қонун дар натиҷаи нодонӣ ва ё беитоатӣ ба қонун мебошад. “Фарҳанги калимаҳои Китоби Муқаддас” маънои ин калимаро васеъ карда мегӯяд, ки anomia, инчунин маънои “амале, ки рӯирост қонуни Худо ва ё меъёрҳои ахлоқиро вайрон мекунад” -ро дорад. Бо суханони оддӣ гӯем, инсоне, ки қонунро вайрон карда, ба ҳокимият ва обрӯи Каломи Худо итоат намекунад.

Ин мардон ва заноне намебошанд, ки гоҳ-гоҳ пешпо мехӯранд, ин шахсон доимо Каломи Худоро раъд мекунанд, ба он беэътиноӣ карда, итоат намекунанд. Агар ки дар ҳақиқат онҳо аз рӯи файз наҷот ёфта мебуданд, онҳо на танҳо фикр дар бораи гуноҳро бад медиданд, балки бо ҳар кӯшиши худ аз гуноҳи фишоровар озод шудан мехостанд. Онҳо ҷисми худро бо ҳавасҳо ва хоҳишҳояш маслуб карда, хислати муқаддасиро дар бар карда, дар зиндагии худ самараи ҳаёт меоварданд.

Қайд кардани он ҷолист, ки боре Исо ба онҳо хоҳад гуфт: “Ман ҳеҷ гоҳ шуморо намешинохтам”. Калимаи “*шинохтан”* ба забони

юнонӣ ginosko, маънои “ошногии наздик”-ро дорад. Ин одамон ҳеҷ вақт муносибати наздике бо Исо надоштанд. Новобаста аз он ки онҳо Вайро Худованд ва Устод мехонанд, барои онҳо ин фақат як намуди муроҷиат кардан мебошад, чунки онҳо суханони Вайро ба ҳар ҳол иҷро намекунанд. Бо Ӯ муносибати аслӣ доштан, ин яъне иҷро кардани Каломи Ӯ мебошад.

> “Аз ин медонем, ки Ӯро мешиносем; ки аҳкоми Ӯро риоят мекунем. Касе ки гӯяд: “Ман Ӯро мешиносам”, аммо аҳкоми Ӯро риоят намекунад, вай дурӯғгӯй аст ва дар вай ростӣ нест” (1 Юҳанно 2:3,4).

Айни ҳамон фикрро Яъқуб дар навиштани суханони зерин дорад: “Балки касе хоҳад гуфт: “Ту имон дорӣ, вале ман аъмол дорам, имони худро бе аъмол ба ман нишон бидеҳ, вале ман ба ту имони худро аз аъмоли худ нишон медиҳам” (Яъқуб 2:18). Ин гуфтаҳо пурра бо суханони Исо мувофиқ аст. “Одамонро бояд ки аз рӯи аъмолашон баҳо дод” (Матто 7:20, NLT, тарҷума аз забони инглисӣ ). Рафторҳое, ки Исо дар бораи онҳо мегӯяд, умуман, бо хизматгузории масеҳӣ, маъвизаи Инҷил ё ташриф овардани ҷамъомадҳои калисо вобаста нест, барои он ки онҳое, ки ба Малакути Худо дохил намешаванд, онҳо низ ин корҳоро анҷом медиҳанд.

Суханони Исоро Тим Келлер чунин маънидод мекунад:

> “Ин бисёр суханони сахт аст. Ин одамон имоне доранд, ки онҳоро тафаккурашонро ташвиқ, эҳсосоташонро қонеъ ва иҷтимоияшонро ором мекунад. Ҳамаи мо талабгори чунин имон ҳастем. Мо хоҳони ташвиқоти тафаккур, хоҳиши пур аз эҳсосот шудан ва барои иҷтимоиёт ва ҷамъият фоидаовар гаштан ҳастем, на ин ки Худоро хоҳон ҳастем.... Барои он ки агар дар ҳақиқат ҳузури Худо дар ҳаёти мо бошад, он гоҳ мо бояд ки иродаи худро ба итоати Вай дарорем. Ана ҳамин тавр, мо фарқи байни инсонеро, ки аз Худо сӯиистифода бурданӣ аст ва шахсе, ки дар ҳақиқат ба Вай хизмат мекунад, мебинем”.

Худоро истифода бурдан, ин яъне Ӯро дар роҳҳои худ ба фоидаи худ истифода бурдан, ҳатто ин фоида агар роҳҳате ба осмон бо-

шад ҳам, мебошад. Ба Худо хизмат кардан, ин яъне танҳо бо муҳаббат ба Ӯ ҳар амалро иҷро додан мебошад. Агар мо ба Ӯ муҳаббат дошта бошем, онгоҳ аҳкоми Вайро риоя хоҳем кард.

Имрӯз бисёри аз шахсонеро, ки Исои Масеҳро Худованд мехонанд, ба таълимоти Ӯ бовар мекунанд, пур аз эҳсосот ҳастанд, дар хизматгузориҳои масеҳӣ иштирок мекунанд, фарзандони Худо мешуморанд. Ба ҳар ҳол, аз рӯи суханони Исо мо аниқ мебинем, ки ин хислатҳо барои имондори аслӣ будан аввалиндараҷа намебошад. Бе шакку шубҳа дар имондори аслӣ шумо ин хислатҳои номбаршударо хоҳед ёфт, бидуни ин хислатҳо шахс имондор шуда наметавонад. Аммо доштани ин хислатҳо нишонаи фарзанди Худо будан нест. Аз ҳама муҳимаш, худро раъд карда, салиби худро бардошта, Ӯро пайравӣ кардан мебошад. Боз аз ҳама муҳимаш, ба суханони Падари осмонӣ итоат кардан мебошад.

Маъвизаи болои кӯҳии Исо низ дар ҳамин мавзӯъ хотима ёфта, Вай бо ин суханони ҳайратангез нуқтаи калонеро гузошт.

> “Пас ҳар кӣ суханони Маро бишнавад ва онҳоро ба ҷо оварад, ӯро ба марди оқиле монанд мекунам, ки хонаи худро бар санг бино кард; ва борон борида, селобҳо равон шуд ва бодҳо вазида, ба он хона фишор овард; лекин он фурӯ нарафт, чунки бар санг бино шуда буд. Ва ҳар кӣ ин суханони Маро бишнавад ва онҳоро ба ҷо наоварад, ба марде нодоне монанд аст, ки хонаи худро бар рег бино кард; ва борон борида, селобҳо равон шуд ва бодҳо вазида, ба он хона фишор овард; ва он хона фурӯ рафт ва харобии он бузург буд” (Матто 7:24,27).

Ин масал он огоҳӣ барои шахсоне, ки воридшуданро ба Малакути осмонӣ бараяшон раъд кардаанд, ин масал бо гуфтаҳои боло бо калимаи “инак” пайваст шуда, ба ин шахсон равона карда шудааст.

Агар ба ҳарду гурӯҳи ин одамоне, ки дар бораашон дар ин масал гуфта шудаанд, бодиққат назар кунем, он гоҳ мебинем, ки дар байни онҳо фарқияти калоне мавҷуд намебошад. Ҳам инҳо ва ҳам онҳо каломи Худоро мешунаванд, гурӯҳи аввал онро иҷро мекунанд ва гурӯҳи дуюм онро иҷро намекунанд. Ҳардуи ин хонаҳо аз

як мавод, яъне як таълимот бино шудаанд. Як хона дар Худовандии Исои Масеҳ бино карда шуда буд, дуюм дар баҳодиҳии некиву бадии инсонӣ дар ҳамон "дарахти" фалсафаи ҳаётӣ, ки Одам ва Ҳавво ба он руҷӯъ карда буданд.

Афсӯс ки он гуноҳи аввалине, ки дар боғи Адан рух дода буд, то замони мо ҳар рӯз такрор мешавад. Имрӯз он шакли дигаре дошта бошад ҳам, лекин решааш айни ҳамон аст. Боз ҳама чиз сари он меояд: *наход ки мо фикр кунем, ки тарзи дурусти ҳаёт ва ё имон оварданро аз Худо хубтар медонем ё мо боварӣ дорем, ки Худо аз мо боҳикматтар аст?*

5

# ОЁ ТАНҲО ХОҲИШ ДОШТАН КИФОЯ АСТ?

Ва акнун худи корро бо ҳамон
тайёрӣ ва хоҳише,
ки дар аввал доштед, анҷом диҳед.
— 2 Қӯринтиён 8:11 (тарҷумаи нав).

Қоидаи тиллоии дарк
кардани чизҳои рӯҳонӣ ин
на дар ақл, балки дар итоат аст.
— Освалд Чемберс

Ба худ тасаввур кунед: Ҷавонмарде бо духтаре вомехӯрад. Ин духтар зебо, тозаву озода, забони ширин дорад, бо кӯдакон хуб муомила мекунад ва аз ҳама муҳимаш хислати хубе дорад. Ин шахси ҷавон ба вай ошиқ шуда, тамоми ҳаёташро бо ӯ гузаронидан мехоҳад. Дар як лаҳзаи аҷоиб, ки ба он вақт ҷавонмард бисёр тайёрӣ дида буд, назди ин духтар ба зону афтода, як қуттичаи хурдеро кушода, аз дохили он ангуштарини тиллоии бо санги алмосбударо гирифта, ба ин духтар тӯҳфа карда, дили худро ба ӯ пешниҳод мекунад.

Ба тааҷҷуби ин ҷавонмард, рӯи ин духтар бо лабханд пур мешавад, вай аз хурсандӣ дод мезанад, ашк аз чашмонаш ҷорӣ мешавад ва баъд аз лаҳзае духтарак ба худ омада, бо ҳаяҷон фарёд мезанад: “Бале! Бале! Ман албатта розӣ ҳастам. Ин аз ҳама рӯзи хушбахтарин дар ҳаёти ман аст! Ман туро хеле ва хеле дӯст медорам. Ман розӣ ҳастам, ки зани ту бошам”.

Ғарқи хушбахтӣ шуда, онҳо якдигарро бо оғӯш гирифта, ба чашмони якдигар нигоҳ мекунанд ва духтар ваъда медиҳад: "Мо хеле хушбахт мешавем. Ман аз ҳама хонуми беҳтарин мешавам, хонаамонро ба ҳолати беҳтаринаш нигоҳубин мекунам, корҳои хонаро ба хубӣ анҷом медиҳам, барои фарзандонамон хӯрокҳои болаззат тайёр мекунам, тарзи дуруст хӯрок хӯрданро риоя карда, андомамро зебо нигоҳ медорам, либосҳои замонавиро дар бар карда, ҳамеша туро дар оғӯши муҳаббати худ гарм мекунам".

Ҷавонмард фикр мекунад: "Ана ин хушбахтӣ аст! Ман аз ҳама шахси хушбахтарин дар рӯи замин мебошам!"

Ва баъд аз ин духтар боз як ҷумлаи дигареро мегӯяд, ки он ҷавонмардро андаке хавотир месозад: "Албатта, дигар ҷавонмардҳое низ ҳастанд, ки ба ман писанд меоянд, ва ҳар замон бо онҳо низ вомехӯрам".

Шахси ҷавон бо норозигӣ дод мезанад: "Охир, ин тавр намешавад!"

"Барои чӣ азизам?"

Вай дар ҳолати ногувор аст. Лаҳзаҳои хурсандиовар ба охир расиданд. Ҳаяҷони хурсандӣ гум шуд. Фикре дар ақли вай меояд: "Ин духтар шӯхӣ мекунад? Лекин чӣ тавр вай ин шӯхиҳои беҷоро баъд аз таклифи хонадоршавиамон карда метавонад?"

Баъд аз як лаҳзаи хомӯшие, ки ба назари онҳо бисёр тӯлонӣ вонамуд гашт, духтар он лаҳзаҳои хушбахтиро баргардониданӣ шуда, дигар роҳеро пешкаш мекунад: "Хуб, майлаш, барои дигар ҷавонмардон ман фақат як рӯзро дар як сол ҷудо мекунам. Ман худамро бо пуррагӣ 364 рӯз дар давоми як сол ба ту медиҳам ва як рӯзро барои дигар мардон мебахшам".

Шахси ҷавон ба гӯшҳои худ бовар карда наметавонад. Маълум мешавад, ки ин духтар мазоҳ накарда истодааст ва дар суханони худ ҷиддӣ аст. Шахси ҷавон дар ҷавоб боз мегӯяд: "Не, ин тавр ҳам намешавад".

Духтар ҳам дар бероҳа аст, чунки ин ҷавонмардро бисёр дӯст медорад ва барои ҳамин шартҳои хубтаринро пешниҳод кардааст. "Хуб, агар ин фақат чор соат дар як сол бошад-чӣ? Ҳамагӣ чор соа-

ти ҳаётамро дар як сол бо дигар мардҳо мегузаронам”. “НЕ!”- бори дигар ҷиддитар такрор мекунад мард.

Духтар идома дода мегӯяд: “Агар бист дақиқа дар як сол бошад-чӣ? Иҷозат деҳ, ки ман ҳамагӣ як маротиба дар ҷогаҳи марди дигар бошам!” “НЕ!”

Дар умеди роҳ ёфтан аз ин бероҳа вай домоди худро ба илтимос кардан медарояд: “Азизам, ман туро хеле дӯст медорам, ман аз муҳаббати худ ақламро аз даст додаам. Ман туро аз дигарон бештар дӯст медорам. Лекин ман чунин талаботро дорам. Ман ба як мард тааллуқ дошта наметавонам. Ман аз сидқи дил медонам, бояд ки ба ту вафодор буда, бо дигар мардон дар алоқа набошам. Лекин биё, ба ҳаёт бо дигар назар нигоҳ мекунем. Дар ҷаҳон бисёр ҷавонмардони зебо ҳастанд ва диққати онҳо ба ман хеле писанд меояд. Пас, чаро ман бояд ки онҳоро раъд кунам? Барои чӣ айни замон бо ту ва бо онҳо будан мумкин нест?”

Ҷавонмард то ба андозае хафа шудааст, ки ҳатто ба вай ҷавоб надода, фақат сари худро меҷубонад. Баъд аз якчанд лаҳза духтар оромона ба вай мегӯяд: “Ман бояд ки бо ту ростқавл бошам: ба фикри ман талаботи ту зиёд аст. Ман бо ҳаёт пурра лаззат бурдан мехоҳам”.

Тоқати ҷавонмард ба ҳадди охираш мерасад ва вай мегӯяд: “Ин ғайриимкон аст. Мо бо ту оиладор намешавем ва дигар вонамехӯрем”.

Онҳо ҷудо шуда, ҳарду бо роҳи худ мераванд.

Биёед, дар бораи ин ҳодиса фикр мекунем. Шахси ҷавонмард духтари аҷоиберо вомехӯрад, ки хислати хубе дорад. Ин духтар дар корҳои хона бисёр хуб, вай ин ҷавонмардро дӯст медорад, омодаи хизмат аст ва ҳама чизҳои беҳтарини худро ба вай доданӣ аст. Духтар пешниҳоди оиладоршавиро бо хурсандӣ ва шодӣ қабул мекунад. Ҳама чиз хуб ба пеш меравад. Он ҷавонмард фақат бояд бо он розӣ шавад, ки хонуми ӯ 20 дақиқа дар як сол бо дигар мард бошад! Барои чӣ вай ин шартро қабул намекунад?

Ҷавоб аён аст, ин духтар омада нест, ки тамоми ҳаёт ва дили худро ба ӯ бубахшад. Вай медонад, ки чӣ дуруст аст ва ҳатто инро

мехоҳад, лекин гап дар сари он аст ки ин духтар бо дигар мардҳо алоқа дорад.

Ягон марди солим ингуна духтарро ба занӣ намегирад, пас барои чӣ мо фикр мекунем, ки Исо ҳамин гуна арӯсро мегирад? Биёед, боз ин суханонро мехонем:

> "Пас мардум ва шогирдонашро назди худ хонда гуфт: "Ҳар кӣ хоҳад аз ақиби Ман биёяд, бояд хештанро инкор карда ва салиби худро бардошта, Маро пайравӣ намояд. Зеро ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад; ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман ва Инҷил барбод диҳад, онро мераҳонад" (Марқӯс 8:34,35).

Диққат кунед, ки агар мо фақат хоҳиши раҳонидани ҷони худро дошта бошем, онгоҳ ҳама чизро аз даст медиҳем. Исо нагуфтааст: "Касе, ки ҷони худро муҳофизат кунад, онро аз даст намедиҳад". Фақат хоҳиши нигоҳ доштани ҳаёти худ кофӣ нест, мисли он ки дар ҳодисае, ки мо гуфтем, арӯс фақат хоҳиши ҳаёти худро ба домод бахшиданро дошт.

Барои аҳд бастан бо Шахсияти аз ҳама хубтарини ин ҷаҳон, бояд ки худро ба пуррагӣ ба Ӯ бубахшем, яъне дар ҳар маврид ба Ӯ итоат кунем. Аҷоиб аст, ки Китоби Муқаддас муносибатҳои инсонро бо Худо бо муносибатҳои зану шавҳар муқоиса мекунад. Павлус менависад:

> "Аз ин сабаб мард падару модари худро тарк карда, бо зани худ хоҳад пайваст ва ҳарду як тан хоҳанд буд. Ин сирр бузург аст, вале ман нисбат ба Масеҳ ва Калисо сухан меронам. Пас, бигзор ҳар яке аз шумо зани худро мисли худ дӯст дорад ва зан аз шавҳари худ битарсад" (Эфсӯсиён 5:31,33).

Павлус ин аҳкомро барои муносибати заношӯӣ додааст, лекин бар ҳар ҳол вай нишон додааст, ки муносибати мо бо Масеҳ низ ҳамин тавр мебошад. Ҳеҷ як мард ба он зане оиладор намешавад, ки худро ба вай бахшиданӣ аст, аммо инро намекунад. Шумо фикр мекунед, ки Исо дигар хел аст? Яъқуб менависад:

> "Эй бевафоён ва касоне, ки ба Худо хиёнат мекунанд! Оё шумо намедонед, ки дӯстӣ бо ин ҷаҳон, ин душманӣ бо Худо мебо-

шад? Касе, ки дӯсти ин ҷаҳон шудан мехоҳад, душмани Худо мегардад" (Яъқуб 4:4, тарҷумаи нав).

Ду маротиба ба ин нишон дода, онро таъкид мекунад. Ин чизи камаҳамият нест, дар муносибат бо Худо ин чизи муҳим аст.

Хиёнаткор ин шахсе, ки бо як кас аҳд баста ва бо дигар кас дар алоқа шуда, он аҳдро вайрон мекунад. Ингуна одам ба он аҳди басташуда вафодор намемонад.

Бо Худованд Исои Масеҳ аҳд баста, мо ӯҳдадор мешавем, ки худро аз тарзу усули ин ҷаҳон ҷудо карда, пайрави Ӯ бошем. Аз мо пурра бахшидан ва итоат кардан ба Ӯ, талаб карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки мо иродаи Ӯро қабул карда, онро аз иродаи худ бештар иҷро кардан мехоҳем. Ба ивази ҳаёти худ мо ҳаёти Вайро қабул мекунем. Никоҳ байни мард ва зан низ ҳамин тавр барпо мегардад.

## Ман аз рӯи хости худ зиндагӣ кардан мехоҳам

Агар тарзи пештараи ҳаёти худро нигоҳ дошта мешуд, он гоҳ бисёриҳо бо хурсандӣ аз фоидаҳое, ки мо ба воситаи наҷот ба даст меоварем, истифода бурдан мехостанд. Гуфтан зарур аст ки бисёриҳо дарк мекунанд, ки барои пайравӣ кардани Масеҳ, онҳо аз бисёр чизҳо бояд рӯй гардонанд ва барои супоридани ин нарх тайёр нестанд. Онҳо назди Худо ва назди худ ростқавл мебошанд.

Боре ман як ҳамсояе доштам (биёед, номи ӯро Кевин мегӯем), ки аз ин гурӯҳи одамон буд. Вай ситораи варзиш, аъзои Федератсияи гӯштингирии ҷаҳонӣ буд. Вай ҳамроҳи оилаи худ бо мо дар як кӯча зиндагӣ мекард. Вақте ки онҳо ба кӯчаи мо кӯч карда омаданд, занаш шавҳарашро огоҳ кард, ки вай аз ман худро дуртар нигоҳ дорад.

Вай гуфт ки: "Онҳо фанатики Исо ҳастанд".

Баъд аз ду моҳ ин зан дар ҳолати ҳамлаи асабонӣ, дар гирё ва нола ба оғӯши Лиза афтод. Ин ҳолат дарро ба Лиза кушод, ки вай имконияти дар бораи Исо маъвиза карданро пайдо кунад. Зани варзишгар наҷотро қабул кард. Ва баъд аз якчанд рӯз, ду писари онҳо ҳаёти худро ба Исо бахшиданд.

Мо муносибати худро бо ин оила нигоҳ дошта, бо Кевин дӯсти хубе шудем. Мо вақти зиёдро бо ҳам гузаронида, ҳамроҳ бо писаронамон баскетбол, хоккей, голф, бозӣ мекардем.

Боре як бегоҳ Худо ба ман нишон дод, ки дар ҳаёти Кевин чӣ рӯй хоҳад дод. Соат 10, шоми бегоҳ буд, лекин ман ҳис кардам, ки бояд бо вай ҳамон замон сӯҳбат кунам. Мо бо Кевин вохӯрдем ва ман дар бораи се чизе, ки дар тӯли нӯҳ моҳи оянда бо вай рух хоҳад дод, гуфтам.

Албатта, ҳамаи ин чизҳо рӯй дод. Ман фикр кардам: “Акнун Кевин ҳаёти худро ба Исои Масеҳ мебахшад”. Лекин то ҳол дар ҳаёти вай тағйироте набуд. Баъд аз якчанд моҳ Худо боз ба ман як ҳодисаро, ки дар ҳаёти вай рӯй медиҳад, нишон дод. Ман боз дар бораи ин бо вай гап задам. Ин дафъа ман рӯйрост гуфтам: “Кевин, Худо дар бораи се ҳодисаи ҳаёти ту сухан ронд, ту шоҳид ҳастӣ, ки Ӯ ба ту мурочиат мекунад. Пас, барои чӣ ту ҳаёти худро ба Исо намебахшӣ?”

Кевин шахси азимҷуссае, ки қомати 2- метра ва вазни 110 кило дошта, дар баданаш ҳамагӣ 4 фоиз чарбӣ дошт. Бо намуди зоҳирии худ вай метавонист, ҳамаро тарсонад. Вай маро аз сар то пой нигоҳ карда гуфт: “Ман медонам, ки барои ин нархе супоридан лозим аст. Ман медонам, ки ҳаёти худро пурра ба Исо бахшида, ба Ӯ итоат кардан лозим аст, лекин ман тайёр нестам, ки тарзи ҳаёти худро дигар кунам”.

Пас аз он вай илова кард: “Ҷон, дар ташкилоти мо як варзишгари машҳуре ҳаст. Вай мегӯяд, ки масеҳии аз олами боло таваллудёфта мебошад, ин шахс дар он барномае, ки ту мусоҳиба доштӣ, дар бораи Худо маъвиза мекунад. Лекин ман медонам, ки вай нашъа истеъмол мекунад ва алоқаҳои ҷинсии берун аз никоҳ дорад. Ба ман бигӯй, фарқи ману ӯ чист? Ман мисли вай риёкор шудан намехоҳам. Беҳтар аст, ки ман бо ҳамаи зебогӣ ва беҳбудиҳои ҳаёт лаззат бурда, барои худ ниқоб пӯшида, риёкор намешавам”.

Гарчанде ингуна ҳодисаҳо бо бисёриҳо рӯй медода бошанд ҳам, ин суханони дӯстам маро бисёр ғамгин карданд. Дар рӯи ҷаҳон бисёр одамон ба калисо мераванд, Исоро Худованд мехонанд, лекин ҳаёти худро ба зери Худовандии Масеҳ надаровардаанд, оё чунин одамон наҷот ёфтаанд?

Оё дар калисо нав имоновардагон таваллуд меёбанд, ки фарзанди Худо нагаштаанд? Ба пешвоёни гузашта Исо гуфтааст: "Шумо хушкӣ ва баҳрҳоро давр мезанед, то ки як нафарро пайрави худ созед ва ҳангоме ки ин кор аз дастатон меояд, онгоҳ вайро аз худ ду маротиба бадтар писари ҳалокат мекунед" (Матто 23:15, тарҷумаи инглисӣ). Ман намегӯям, ки роҳбарони калисои ғарб писарони дӯзах мебошанд. Вале ман савол дорам: кадом шахсонро мо тарбия мекунем?

Агар мо ба одамоне, ки Худоро меҷӯянд, "барои Худо худро раъд кунед" нагӯем, он гоҳ нав имоновардагон фикр мекунад, ки тарзи дурусти ҳаётро доранд ва барои ба ҳаёти ҷовидонӣ ноил гаштан, ҳеҷ чизро тағйир додан лозим нест. Ҳамон лаҳзае, ки нав имоноварда дуои машҳур "Дуои тавба"- ро такрор кунад, ҳамон лаҳза виҷдони вай пок мегардад. Аз рӯи назария, вайро аз Худо дигар ҳеҷ чиз дур нигоҳ дошта наметавонад. Чунин имондорон узви калисо гашта, бо дигарон алоқаи наздике доранд. Аён аст, ки онҳо ба *некӣ кардан* кӯшиш мекунанд, ба камбағалону бенавоён ёрдам доданро ба таври ихтиёрӣ сар мекунанд. Ба ғайр аз ин, онҳо таълимоти рӯҳбаландкунандае дар бораи ҳаёти абадӣ мешунаванд ва соҳиби тӯҳфае мегарданд, ки бисёриҳо онро мехостанд.

Лекин оё дар асл ин нав имондоршудагон наҷот ёфтаанд, ё ин ки гумроҳ шуданд ва қодир нестанд, ки ҳақиқатро бишнаванд? Оё имкон дорад, ки чунин нома ба мо пайравони гумроҳшударо, ки дар Инҷили Матто боби 7-ум дар бораи онҳо Исо гуфта шудааст, медиҳад: "Аз ман дур шавед, эй бадкорон, Ман шуморо намешиносам"?

## Оё маъвизаи мо бо Маъвизаи Исо монанд аст?

Оё Исо ба гуноҳкорон чунин муносибат мекард? Биёед, ба он ҳодисае, ки бо ҷавонмарди сарватманд, ки дар бораи вай одатан мегӯянд, ки вай ҷавони болаёқат ва роҳбари мардум буд, рӯй дод, бармегардем.

Якчанд сол пеш ман дар як конфронс маъвиза мекардам, ки тақрибан дусад роҳбарони калисоҳои калонтарини ИМА ҷамъ омада буданд. Ман ба онҳо гуфтам: "Биёед, тасаввур мекунем, ки ҷа-

вонмарди сарватманд ва обрӯманде назди Исо меояд. Ва аз мошини лимузини "роллс-ройс"-и шахсиаш мебарояд, дар худ либоси аз "Армани"- ро дар бар кардааст ва дар дасташ соати "ролекс" медурахшад. Худро аз боло гирифта ва оромона сухан меронад: "Устоди нек, чӣ кунам, то ки наҷот ёбам?"

Ман аз ускуфони калисо пурсидам: "Шумо чӣ фикр мекунед, ин ҳамин тавр буд?" Афсӯс ки бисёре аз онҳо бо ин гуна тасаввурот розӣ шуда, дастони худро боло бардоштанд.

Дар ҷавоб ман гуфтам: "Аммо Китоби Муқаддас ин воқеаро, умуман, дигар хел нишон медиҳад".

> "Вақте ки ба роҳ мебаромаданд, касе назди Ӯ шитофта, зону зад ва пурсид: "Эй Устоди некӯ, чӣ кунам, то ворисси ҳаёти ҷовидонӣ шавам?" (Марқӯс 10:17).

Ин шахс дар назди чашмони одамони зиёд ба назди Исо бошитоб омада, зону зад ва аз вай хоҳиш карда пурсид, ки барои наҷот ёфтанаш чӣ лозим аст. Дар ин шахс як зарра ҳам ғурур намоён намешуд.

Ман фикр кардам, ки ин саҳнаро чӣ тавр хубтар тасаввур кунам. Ман яке аз роҳбароне, ки дар он ҷо иштирок мекард, хоҳиш кардам, ки бархезад ва дар кунҷи саҳна рост биистад, ва баъд бошитоб назди ӯ давидам. Ва ҳангоме ки масофаи мо бо вай ним метр монд, ба зону афтодам ва домани вайро гирифта, бо овози баланд аз вай зорикунон пурсидам: "Ман чӣ кунам, то ки наҷот ёбам? Чӣ кунам, то ки ворисси ҳаёти абадӣ гардам?"

То имрӯз ман на дар ҳаёти шахсиам ва на дар хизматам шоҳиди он набудам, ки ягон шахси сарватмад ё қашшоқе назди ман давида, ба зону зада, гуфта бошад: "Ман чӣ кунам, то ки аз олами боло таваллуд ёбам?", бе шакку шубҳа ин шахси ҷавон дили тоза ва пур аз хоҳиш дошт!

> "Исо ба вай гуфт: "Чаро Маро некӯ мегӯӣ? Ҳеҷ кас некӯ нест, ҷуз Худои ягона" (Марқӯс 10:18).

Чи тавре ки ман гуфтам, ин шахси ҷавон Исоро "Устоди некӯ" номида, ҷавоби хуберо нисбати худаш мунтазир буд. Исо иҷозат надод,

ки ин лагандбардорӣ чашмони Вайро хира кунад. Имкон надорад, ки начотро то ҳадди фаҳмиши неку бад аз назри инсонӣ “паст” занем.

Аз дигар тараф, ин шахс бисёр содиқ буд. Вай Исоро Худованд ва ё Шоҳ нахонд. Вай медонист, ки агар Ӯро ин тавр хонад, онгоҳ вай мебоист ба ҳама суханони Исо итоат кунад. Оё бисёриҳо дар замони мо ин гуна хислатро низ доранд? Одамон Исоро Худованд эътироф карда метавонанд, имони худро ба Китоби Муқаддас эътироф мекунанд, лекин ба чои он ки ҳаёти худро мувофиқи калом ва хости Худо бино кунанд, онҳо ҳаёти худро бо фаҳмиши некӣ ва бадии худ баҳо медиҳанд. Ба таълимоти Китоби Муқаддас онҳо бо табассум “Омин” мегӯянд, лекин агар ин суханон бо он нақшаҳое, ки ин шахсон дар ҳаёти худ доранд, мувофиқ набошанд, онро мисле ки ин Каломи Худо набошад, раъд мекунанд. Онҳо суханони Рӯҳро дар ҳаёти худ мешунаванд, лекин қабул намекунанд. Одатан онҳо фикр мекунанд, ки ин ё он пайём ба дигар шахсоне, ки ҳолаташон аз онҳо “бадтар” мебошад, гуфта шудааст.

Бубинед, ки Исо ба шахсе, ки толиби ҳаёти абадӣ буд, чӣ чавоб дод:

> “Аҳкомро медонӣ: “Зино накун; қатл накун; дуздӣ накун; шаҳодати бардурӯғ надеҳ; озор надеҳ; падару модари худро ҳурмат кун;. Вай дар чавоб гуфт: “Эй, устод! Ҳамаи инро ман аз кӯдакӣ нигоҳ доштам. Исо ба вай нигариста дӯст дошт ва гуфт: “Туро як чиз намерасад: бирав, ҳар он чӣ дорӣ, бифурӯш ва ба мискинон бидеҳ ва дар осмон ганче хоҳӣ ёфт; ва омада салибро бардор ва Маро пайравӣ кун” (Марқӯс 10:19,21).

Исо аз даҳ аҳком шаштои охирини онро номбар кард, ки ҳар кадоми он ба муносибати байни одамон вобастагӣ дорад. Чавони сарватманд дар чавоб гуфт, ки ҳамаи онро аз хурдсолӣ риоя кардааст. Ва ман низ ба ин боварӣ дорам. Мутобиқи ин меъёрҳо мо мебинем, ки вай одами нек, содиқ ва росткор будааст. Ӯ ба ин хислатҳои хуби худ такя карда, мехост ки бо онҳо ба Худо писанд ояд.

Аммо Исо бо мақсаде чор аҳкоме, ки дар бораи муносибати инсон бо Худо мегӯяд, номбар кард. Аҳкоми аввалин мефармояд, ки мо дигар худоён ва ё бутҳоро назди Худованд дошта наметавонем.

Бо дигар суханон гӯем, дар ҳаёти мо ҳеҷ чиз набояд ки ба дӯст доштани Худо, ба Ӯ таашшуб кардан, ба Вай итоат кардан ва худро ба Худованд бахшидан, монеъ шавад. Дар он вақт ин ҷавонмард ин аҳкомро риоя намекард ва риоя кардан ҳам намехост. Исо дар ҳаёти вай чизеро нишон додан мехост, ки дар оянда вайро ба роҳи дуруст ҳидоят карда метавонист:

> "Исо ба вай нигариста, *дӯст дошт* ва гуфт: "Туро як чиз намерасад; бирав, ҳар он чӣ дорӣ бифурӯш ва ба мискинон бидеҳ ва дар осмон ганҷе хоҳӣ ёфт; ва омада салиби худро бардор ва Маро пайравӣ кун" (Марқӯс 10:21).

Диққат кунед, ки дар ин ҷо гуфта шудааст, ки Исо вайро дӯст дошт! Лекин чӣ тавр Исо муҳаббати худро ба ин шахси ҷавон нишон дод? Вай ин ҷӯёндаро огоҳ кард. Исо медонист, он вақт фаро мерасад, ки пулҳо ин одамро аз Худо дур мекунанд. Исо мехост, ки ин шахси ҷавон на фақат оғози хубе дошта бошад, балки тамоми роҳро то охир гузарад.

Пулҳо барои ӯ монеаи ин кор буданд. Барои дигарон монеа духтар ё писари дӯстдоштаи онҳо шуда метавонад, ба дигарон варзиш, тиҷорат, фалсафа, маълумот, шаҳват ба хӯрок ё шаҳват ба алоқаи ҷинсӣ монеа шуда метавонад. Санги пешпо ҳама чиз шуда метавонад, ҳатто он асбобе, ки мо ба он нисбат ба Исо аҳамияти бештар зоҳир мекунем.

Наход ки Исои Масеҳ барои изҳори муҳаббати Худ барои ин ҷавонмард ба пайёми Худ боз дигар чизҳое, ки ба он вай муҳаббат дошт, илова карданаш даркор буд? Оё барои хафа накардани ин ҷавонмард Масеҳ ҳақиқатро дигаргун кард? Барои чӣ Вай танҳо бо ин ҷавонмард дуои тавбаро такрор накард, ба умеди он ки дар оянда ин одам худаш аз вобастагии молӣ озод мешавад? Охир ин шахс барои наҷот ёфтан хоҳиши бузурге изҳор карда буд. Ҳама чизе, ки ба Исо лозим буд, фақат тӯри худро партофтан ва он гоҳ Вай соҳиби имондори сарватманд ва хизматгузори лоиқе мегардид!

Лекин Исо ин шахси ҷавонро аз сидқи дил дӯст дошт. Ӯ ба хатари аз даст додани ин шахси ҷавони пурқувват нигоҳ накарда, ба

вай ҳақиқати каломи пурқудратро дод. Исо рост ба чашмони вай нигоҳ карда гуфт, ки ба ӯ на хоҳиш, балки омодагии дил ва ақл барои итоат ва пайрави кардани Шоҳи шоҳон, новобаста аз нархи гароне, ки мебояд супорид, намерасад.

Ман фикр мекунам, ки ин одам Исоро ҳамчун Наҷотбахш қабул карда, итоат карданро ба Вай муҳим намедонист. Агар маслиҳати Исо ба назари вай хуб менамуд, онгоҳ вай Ӯро пайравӣ мекард. Аммо аз сабабе ки маслиҳати Исо ба назараш писанд наомад, Ӯро тарк карда рафт.

Оё шумо ба шахсе, ки бо хоҳиши зиёд масеҳӣ шудан мехоҳад, рӯйрост гуфта метавонед, ки чӣ ба вай намерасад ва чӣ вайро аз ҳаёти абадӣ боз медорад? Агар шумо дар ҳақиқат одамро дӯст доред, шумо бояд бо ӯ ростқавл бошед ва аз он ки вай шуморо раъд мекунад, натарсед.

Бисёр масеҳиён ва хизматгузорон аз тарси раъд шудан аз ҷониби шунавандагонашон, ба онҳо суханҳои ба гӯшашон форамро мегӯянд. Онҳо ташнаи пазирои ҳастанд. Росташро гӯям, пештар ман ҳам ҳамин хел рафтор мекардам. Ман ба ҳама маъқул будам, барои он ки фақат он суханонеро мегуфтам, ки дигарон ин суханонро шунидан мехостанд. Ман баҳсу мунозираро дӯст намедоштам ва фақат хоҳиши онро доштам, ки ҳама аз ман розӣ бошанд. Ва баъд Худо нобоварӣ ва хоҳишҳои худпарастонаи маро ба ман нишон дод. Вай мақсади ҳаёти маро нишон дод. Гап дар сари дигарон набуд, сабаб худи ман будам.

Ростгӯй будан ҳазорҳо маротиба беҳтар аст, назар ба он ки аз ҳақиқат гузашт карда, ба одамон дурӯғ гӯем. Беҳтар аст, ки ҳоло ба одамон ҳақиқатро гуфта, чашмони онҳоро воз кунем, нисбат ба он ки онҳо дар фиреб зиндагӣ карда ва як рӯз аз шунидани ин суханони Устод; “Аз Ман дур шавед, эй бадкорон, Ман шуморо намешиносам!”, дар ҳайрат монанд.

Акнун бубинед, ки ин шахси ташна ва Худоҷӯй чӣ тавр ба суханони Исо аксуламал мекунад:

> “Лекин вай аз ин суханон ошуфта ва ғамгин шуда рафт, чунки молу мулки бисёр дошт. Исо дар гирду пеш нигариста, ба шо-

гирдони худ гуфт: Ба Малакути Худо даромадани сарватдор чӣ гуна душвор аст!” (Марқӯс 10:22,23).

Ин одам ғамгин шуда рафт!

“Исо, Ту чаро ин тавр гуфтӣ? Ин одам бо хурсандӣ назди Ту омад, лекин суханони Туро шунида бо ғаму андӯҳ аз назди Ту рафт! Оё Ту намедонӣ, ки ба одамоне, ки наздат меоянд, бояд пайёми мусбӣ расонӣ? Суханони Ту бояд на ин ки ғамгин, балки одамонро рӯҳбаланд кунанд. Усқуф Исо, агар Ту ин кори худро давом дода, ба мардон ва заноне, махсусан сарватмандон, ки ба Ту муроҷиат мекунанд, чунин ҷавоб диҳӣ, дар калисои Ту дигар ҳеҷ кас намемонад. Ба онҳо бо суханони нарм муроҷиат кун ва дар охир рӯзе, вақте, мерасад, ки онҳо низ ҳақиқатро бо пуррагиаш қабул мекунанд!”

Шояд дар замони мо Исо аз роҳбарони калисоҳои Ғарб чунин суханонро мешунавад. Исоро барои додани ҳисобот даъват карда, истеъфои Вайро хостанд.

Чӣ тавр Вай шуҷоат пайдо карда, ин шахсеро, ки бо як имзои худ метавонад тамоми хароҷоти моро рӯйпӯш кунад, хафа карда бошад. Ин шахс метавонист қарзи бинои калисоро, ки миллионҳо долларро ташкил медиҳад, рӯйпӯш кунад. Усқуф Исо дар бораи тарзи сохтори хизматгузории калон ва комёб дарк намекунад. Ҳатто Вай аз хотир баровардааст, ки чӣ тавр аз ҷиҳати мусбӣ бояд ки ба одамон таъсир расонд. Вай бояд ки суханони худро нарм карда, номаҳои ташвиқкунандаро, ки одамонро рӯҳбаланд мекунад, маъвиза кунад.

Оё ин ҳолат ба он ҳолате ки калисои Ғарб дучор шудааст, монанд намебошад? Мо ҳамаи шароитро барои пайрав шудани одамон мусоид карда, худро ба дом дучор кардем. Мо ҳамаи воситаҳои замонавиро истифода бурда, одамонро ба калисоҳои худ ба воситаи фейсбук, твитер, сайтҳоямон ҷалб карда, шумораи онҳоро зиёд мекунем. Ин мисли он ки ба Худо гӯем, ки ҳикмати мо аз ҳикмати Ту болотар аст. Мо боз *некиро* аз *Худо* боло мегузорем.

Ин дуруст аст, ки мо одамонро ба назди Масеҳ даъват мекунем, лекин инро бояд ки дар асоси ҳақиқат кард. Мо бояд дарк кунем, ки Худо моро даъват накардааст, ки пайёми Аҳди Навро васеътар кунем, то ба одамоне, ки новобаста аз роҳҳои наҷот зиндагӣ кар-

дан мехоҳанд, осонтар шавад. Наҷот на дар фаҳмиши баҳодиҳии некиву бадии мо мебошад. Наҷот дар дарахти ҳаёт аст, чунин мефармояд Каломи Худо. Ҳамаи дигар маҳбубон ва бутҳоро бояд тарк кард, айни ҳамон тавр, духтаре, ки ба шавҳар баромаданӣ аст, бояд ки ҳамаи дигар муносибатҳояшро бо дигар ҷавонон қатъ кунад. Мо Исоро на фақат ҳамчун Наҷотбахш, балки ҳамчун Худованд қабул кунем. Ин аст, дарахти ҳаёт!

Акнун биёед, мебинем, ки Исо баъд аз рафтани ин шахси ҷавон чӣ гуфт:

> "Исо ба гирду пеш нигариста, ба шогидонаш гуфт: "Ба Малакути Худо даромадани сарватдор чӣ гуна душвор аст. Шогирдон аз суханонаш дар ҳайрат шуданд. Исо боз ба ҷавоби онҳо гуфт: "Эй фарзандон! Ба онҳое ки умеди сарват доранд, даромадан ба Малакути Худо чӣ гуна душвор аст!" (Марқӯс 10:23,24).

Боре ман дар бораи ин ҳодиса фикр мекардам, ва Рӯҳи Муқаддас диққати маро ба чизи муҳиме равон кард. Ман ин шахси ҷавони сарватмандро, ки дар ҷамъият обрӯй дошт, тасаввур кардам, ки чӣ гуна ғамгинона бо сари хам ва рӯи турш аз назди Исо меравад. Ман ногаҳон дарк кардам, ки Устод аз қафои вай давида нагуфт: "Дӯстам, як лаҳза мунтазир бош. Ман ба ту ҳикмати Сулаймонро, ки дар китоби Масалҳо (19:17) навишта шудааст, гуфтанӣ ҳастам: "Касе ба бенаво марҳамат кунад, ба Худованд қарз медиҳад ва Ӯ мукофоти некии варо ба вай адо мекунад". Ман ба ту гуфтам, ки ҳамаи дороии худро фурӯхта, ба мискинон тақсим карда диҳӣ: лекин дар хотир дошта бош, ки дар Масалҳо чӣ навишта шудааст, ҳама он чизе, ки ту ба мискинон медиҳӣ, Худованд ба ту бармегардонад. На танҳо бармегардонад, Вай он миқдоре, ки ту додӣ, сад маротиба бештар хоҳад дод!"

Аз эҳтимол дур нест, ки ин шахси ҷавон тоҷири хубе буд. Барои ҳамин, агар Исо ба вай бо чунин суханон муроҷиат мекард, вай шавқманд гашта, мегуфт: "Наход?"

Он гоҳ Исо ҷавоб медод: "Бале, ҳамин тавр аст, ва акнун ту шоҳиди он мебошӣ, ки чӣ тавр Ман дар бораи беҳбудии молии

ту ғамхорӣ мекунам? Ту шахси бойтарини на фақат ин шаҳр, балки тамоми мамлакат мегардӣ”. Чунин суханонро шунида, ин шахс ҳатман пайрави Масеҳ мешуд.

Дар Каломи Худо дар асл гуфта шудааст, ки агар мо дороии худро бидиҳем, айни ҳамоне ки тухмии кошташудаи деҳқон ба вай бармегардад, ба мо низ дода мешавад. Ин ҳақиқат ҳамон лаҳзае, ки шахси ҷавон рафт ва Петрус аз Исо савол кард, тасдиқ ёфт.

> “Он гоҳ Петрус ба Ӯ гуфт: “Инак, мо ҳама чизро тарк карда, Туро пайравӣ намудаем. Исо ба ҷавоб гуфт: “Ба ростӣ ба шумо мегӯям: касе нест, ки хона, ё бародарон, ё хоҳарон, ё падар, ё модар, ё зан, ё фарзандон ё амлокро аз баҳри Ман ва Инҷил тарк кунаду алҳол, дар ин замон, дар миёни таъқибот, сад чандон хонаҳо ва бародарон ва хоҳарон ва падарон ва модарон ва фарзандон ва амлок ва дар олами оянда ҳаёти ҷовидонӣ наёбад” (Марқӯс 10:28,30).

Дар он лаҳза Исо ба онҳо нигоҳ кард, ба шахсоне, ки аллакай ба хотири пайрави кардани Ӯ ҳама чизро тарк карда буданд. “Шумо он чизҳоеро, ки тарк кардед, сад маротиба бештар дар ин ҳаёти ҳозира (хона, замин, молу мулк) ва дар оянда ҳаёти абадӣ, хоҳед ёфт.

Барои чӣ Исо ин суханонро ва ё суханони аз Китоби Масалҳои Сулаймонро ба ҷавонмарди сарватманд нагуфт, ки хоҳони Малакути Худо буд? Барои чӣ гӯё ки Вай ин маълумотро дар пинҳонӣ нигоҳ дошт? Ҷавоб осон аст: Исо ҳеҷ вақт баракат, мукофот, фоидаи Малакутро барои ҷалб кардани мардум истифода намебурд. Ҳангоме ки Вай Петрус, Яъқуб, Юҳанно ва дигаронро даъват мекард, Вай фақат мегуфт: “Маро пайравӣ кун”. Вай намегуфт: “Маро пайравӣ кунед ва Ман ба шумо баракат, осоиштагӣ, нашъунамо, ҳаёти беҳтарро хоҳам бахшид”. Вай нагуфт: “Маро пайравӣ кунед ва бубинед, ки ман ба шумо чӣ кор карда метавонам”. Вай гуфт: “Маро пайравӣ кун, фақат ба хотири он ки Ман ҳастам, Ман Исои Масеҳ, Холиқ, Устод ва Шоҳи шумо ҳастам”.

Агар Петрус, Яъқуб, Юҳанно ва дигар шогирдон ба хотири пул шуда, Исоро пайравӣ мекарданд, он гоҳ онҳо ҳеҷ вақт аз баҳри тиҷоратҳои худ намебаромаданд. Он рӯзе, ки онҳо тиҷорати худро гузо-

штанд, аз ҳама рӯзи муваффақтарин дар моҳигирии онҳо буд. Ба шарофати Исо онҳо ду қаиқ пур моҳӣ сайд карданд! Онҳо дар бораи ваъдаи “сад карат бештар” хабар надоштанд. Онҳо бори аввал дар бораи он шуниданд. Лекин онҳо аниқ медонистанд, ки Исо каломи ҳаётро дорад ва барои ҳамин, ҳама чизро тарк карда, Вайро пайравӣ карданд. Пулҳо барои онҳо мавқеи муҳимро бозӣ намекарданд.

Худо аз одам барои пайрави Исо шудан, комилиро талаб намекунад. Вай итоат ва гапдароиро талаб мекунад! Имкон дорад, ки ин шахси ҷавон аз Петрус дида болаёқаттар буд. Аммо Петрус тайёр буд, ки ҳар амри Худовандро ба ҷо оварад. Исо то ҳол низ аз мо инро мунтазир мебошад, ки ҳама чизро тарк карда, Вайро пайравӣ кунем.

## Нақшаи ман ва нақшаи Ӯ

Вақте ки соли 1979 ман Исои Масеҳро ҳамчун Худованд қабул кардам, Худо ҳамон лаҳза дар бораи ман ва хизматгузории ман сухан гуфтанро шурӯъ кард. Ман дар Донишгоҳи Пердю дар факултаи муҳандисӣ- механикӣ таҳсил карда, дар рӯйхати аълочиёни он будам, дар мусобиқаҳои теннисии донишгоҳ иштирок мекардам ва дар оянда таҳсили худро аз рӯи барномаи MBA, дар донишгоҳи Гарвард давом додан мехостам. Ман қарор кардам, ки духтари зеборо ба занӣ гирифта, дар оянда дар соҳаи тиҷорат ва ё менеҷмент кор мекунам. Ман ба Худо хизмат карданро дар нақша надоштам. Ба назари ман ҳамаи хизматгузореро, ки мешинохтам, онҳое буданд, ки дар зиндагиашон аз ӯҳдаи дигар кор намебаромаданд. Онҳо дар хонаҳои танге умр ба сар бурда, фарзандони онҳо шахсони ғалатӣ ба воя мерасиданд. Ман дар шаҳраки бо аҳолии 3000-нафара ба воя расидаам ва барои ҳамин ҳам, тасаввуроти ман дар бораи хизматгузорони масеҳӣ бисёр маҳдуд буд. Он гоҳ ҳоло ман бо хизматгузорони хубе вонахӯрда будам ва баъдтар фаҳмидам, ки ин гуна шахсон бисёранд.

Лекин боре дар вақти хизматгузорӣ дар Калисо, Рӯҳи Муқаддас ба ман нозил шуда, гуфт: “Ҷон, ман туро ба хизмати Худ даъват кардаам. Ту дар ин бобат чӣ кор хоҳӣ кард?”

Ман фикр кардам: “Ҳамаи хешовандони ман аз ман рӯй мегардонанд, барои он ки онҳо католик ҳастанд. Мисли ҳамаи хизматгу-

зорон ман ҳаёти бад дошта, дар қашшоқӣ хоҳам зист”. Лекин итоат ба Худо барои ман аҳамияти калоне дошт, барои ҳамин ман сари худро хам карда, дуо гуфтам: “Бале, Худованд. Ман ба Ту итоат карда, ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда, маъвиза карданро оғоз мекунам. Ту ба ҳар ҷое, ки маро фиристонӣ, меравам ва ҳар он чизе, ки Ту ба ман амр фармоӣ, иҷро мекунам”.

Дар воқеият, баъд аз ин дуо чизе тағйир наёфт ва ҳар он чизе, ки бо ман дар оянда мешавад, Худо нишон надод. Ӯ танҳо донистан мехост ки оё ман тайёр ҳастам, ки ҳама чизро тарк карда, Вайро пайравӣ намоям.

Агар аз рӯи китоби Аъмол ва дигар номаҳои Аҳди Нав хизматгузории Петрус, Павлус ва дигар шогирдонро таҳқиқ карда бароем, он гоҳ шумо мебинед, ки номаҳои онҳо айни ҳамон ҳастанд, ки Исо ба он шахси ҷавони сарватманд гуфта буд! Имрӯз мо дар дигар роҳ рафта истодаем ва ин сабаби муҳити носолими рӯҳонӣ дар Амрико мебошад. Ана барои ҳамин сабаб, бисёр одамон фикр мекунанд, ки ба Исо тааллуқ доранд, дар ҳолате ки дар асл чунин нест. Мо бояд ки Исоро Худованд хонем, он гоҳ дар зиндагии худ асоси солиме ёфта метавонем. Мо то ҳол аз дарахти нодуруст мева мехӯрем. Он чизе, ки дар зиндагии мо хуб намоён мегардад, чизҳои беҳтарро аз он мерабояд. Мо бисёр баракатҳои хуберо, ки Худо ба ҳаёти мо дорад аз даст медиҳем, барои он ки номаи ҳақиқии Китоби Муқаддасро ба номаи бозорӣ табдил додаем. Биёед, ростқавл мешавем, агар ин шахси ҷавони сарватманд дар ҳар яке аз калисоҳои ҳозирзамон дохил мешуд “наҷот” меёфт ва ба зудӣ аъзои фахрии он калисо мегашт, ва ҳатто вайро дар шӯрои калисо даъват мекарданд.

Бисёр вақт калисо номаи хуби наҷотро дар ҷудоӣ аз итоат кардан ба Худованд, маъвиза мекунад. Ба хотири фиреб надодани одамон, ба хотири одамони зиёде, ки дар охир суханони “аз Ман дур шавед”-ро нашунаванд, ба хотири қуввати калисо, ба хотири баракатҳои аслии Худованд, биёед, пайёми нодурусти “хуб”-и худро як сӯй гузошта, ба номаи аслии Инҷил, ба дарахти ҳаёт, ба номаи наҷотбахш бармегардем.

# 6

# РОҲНАМОИ ДОХИЛИИ МО

Ман ҳадаферо, ки маро ба сӯи
Худованд ҷалб мекунад, аз назар дур намекунам...
— Филиппиён 3:14
(THE MESSAGE, тарҷума аз забони инглисӣ).

Ба Худо ошиқ шудан ин маъшуқии бузург аст;
Ӯро ҷустан ин сайругашти аҷоиб аст;
Ӯро ёфтан ин комёбии бузурги инсон аст.
— Августин

Асоси мо ин Худовандии Исои Масеҳ мебошад. Ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мо бояд ки дар он асоси мустаҳкам бино гарданд ва он вақт дар тӯли зиёд устувор мемонанд. Дар акси ҳол, ҳамаи он барбод рафта, дар охир несту нобуд мегардад.

Давраи навбатии сохтмони хона ин сохтани сутунҳо, ки пурра дар болои таҳкурсӣ меистад. Ин давраи сохтмон ҷараёни пайвастгаштани ҳамаи қисмҳои хона мебошад. Фарш, девор, болор, деворҳои байниҳуҷрагӣ, симҳои барқ, андоваи дохилӣ, тирезаҳо ва ҳамаи қисмҳои дигари хона, бидуни ин сутунҳо пайваст ва мустаҳкам карда намешаванд. Таҳкурсии мустаҳкам ва дар болои он сутунҳои пурқувватро бино карда, хона, яъне ҳаёти мо устувор ва мустаҳкам мегардад.

## Роҳнамои дохилии мо

Барои фаҳмидани қадами дуюми ҳаётӣ дар имон мо аз рамзи сохтмон дур рафта, дигар мисолро меоварем.

Биёед, аз саволе оғоз мекунем, ки: ҳадафи ниҳоии шумо чист? Бо дигар суханон, кадом хоҳиши шумо аз дигарҳояш афзалиятноктар аст? Оё шумо ростқавлона ҷавоб дода метавонед? Агар "ҳа" бошад, шумо ба он ҷое мерасед, ки ба он кӯшиш мекунед.

Ба ин аз дигар тараф назар мекунем. Агар дар барномаи роҳнамои телефонҳои мобилии худ, ҳадафи охиринро фурудгоҳ нависем, лекин худамон ба мағоза рафтанӣ ҳастем, он гоҳ роҳнамои мо ҳангоме ки мегӯяд "шумо ба ҷои зарурӣ расидед", он гоҳ мо дар назди худ терминалҳои фурудгоҳро, на ин ки дӯконҳоро, хоҳем дид.

Он вақт шахс ба чашмони худ бовар накарда мегӯяд: Чӣ рӯй дод? Чӣ тавр ман дар ин ҷой афтодам?" Ҳамааш осон аст. Роҳнамо вайро ба он ҷой овард, ки навишта шуда буд.

Расул Павлус ҳадафи охирини худро дар он роҳнамо навишт: "Ман сӯи мақсаде шитоб менамоям, ки фарҷоми ғолибонаи даъвати Худост аз арши аъло дар Исои Масеҳ" (Филиппиён 3;14). Ӯ медонист, ки куҷо меравад ва ҳадафи ниҳоии роҳнамои вай чист. Ҳатто ба муқобилиятҳо, монеаҳо дар роҳ ва бисёр бадбахтиҳо нигоҳ накарда, вай кӯшиш мекард, ки ба пеш ҳаракат карда, аз ҳадаф дур намонад.

Дар роҳнамои шумо кадом ҷой ҳамчун ҳадафи охирин нишон дода шудааст? Дӯстони бисёр доштан? Машҳур гаштан? Аз тарзи ҳаёте, ки ба шумо писанд аст, ҳаловат бурдан? Дар касби худ беҳтарин шудан? Солим ва хушбахт гаштан?

Шумо мегӯед: "Ман ҳамаи инро мехостам". Аксарияти мо ҳамаи ин чизҳоро мехоҳанд, лекин кадом аз ин хоҳишҳо афзалиятноктар аст? Инро барои худ маълум кардан муҳим аст, чунки он нуқтаи охирини сафари мо мешавад. Дар аввали роҳ ба бисёр ҳадафҳо шуморо як роҳ мебарад, лекин дар вақти сафар он лаҳза ҳатман фаро мерасад, ки роҳҳо ҷудо мешаванд ва шумо бо интихобе дучор мегардед, ки бо кадом роҳ рафтан лозим аст.

Инак, нуқтаи охирини сафари шумо куҷост? Агар мақсади асосии шумо шахси нек, боодоб, боахлоқ, солим ва аз ҷиҳати молӣ таъминёфта шудан аст, он гоҳ хатаре ҳаст, ки шумо низ ба ҷои он

шахси ҷавони сарватманд мешавед, вай ҳамаи ин чизҳоро дошт, лекин аз ҳама чизи муҳимро ба даст оварда натавонист.

Агар ҳадафи ниҳоии шумо дӯстони бисёр доштан бошад, он гоҳ шумо ба ҷои Ҳорун, бародари Мӯсо, шуда метавонед, ки дар домани кӯҳ бо корҳои бисёр машғул гашта, ба мардуми худ хизмат карда, лекин оҳиста-оҳиста аз дили Худо дур мегашт. Гӯсолаи тиллоие, ки шумо меофаред, ба бисёр дӯстонатон писанд омаданаш мумкин аст, лекин бо афсӯс шумо шоҳиди он мегардед, ки ин бут ҳам шумо ва ҳам дӯстонатонро аз чизи аз ҳама муҳим дур мекунад.

Агар шумо нотиқ, артист, роҳбари машҳур гаштан ва ё пайравони бештар дар фейсбук, твитер пайдо кардан мехоҳед, шумо инро дар соҳаи масеҳиён низ дастрас карда метавонед. Лекин дар оқибат шумо ба ҷои Узиё шуда метавонед, ки одами аз ҳама машҳур дар Исроил буда, пеш аз маргаш яккаву танҳо буд (ниг. 2 Вақоеънома 26).

Шояд роҳнамои дохилии шумо дақиқ ва дуруст кор кунад. Мумкин ки шумо саховатмандона ба бенавоён ва бечорагон қурбонӣ мекунед. Имрӯз ин ҳадаф бисёриҳоро ҷалб мекунад, ва ин бояд ки ҳамин тавр бошад. Одамон бо шавқ гӯш мекунанд, ки мо чӣ гуна дар хизматгузории “Messenger International” ба бенавоён ва бечорагон кӯмак мекунем. Аммо ба ҳар ҳол, Павлус ба калисои Қӯринтиюс менависад, ки вай тамоми дороияшро ба бенавоён тақсим карда диҳад ҳам, бефоида монданаш мумкин аст (ниг. 1 Қӯринтиён 13:3).

Имкон дорад, ки шумо дар ҷамъияти худ аз ҳама шахси босаховат шудан мехоҳед ва ин ҳадафи бошараф аст. Вале ҷуфте бо номи Ҳаннониё ва Сафира аз калисои Ерусалим дар байни мардум обрӯманд буданд. Боре дар як рӯзи аҷоиб ҳадяи калонеро аз фурӯши замин худ ба калисо оварданд. Онҳо ба ҳама иштироки худро дар сохтмони хонаи Худо нишон додан мехостанд. Онҳо мунтазири кафкӯбиҳо буданд, лекин ба ҷои он сазовори доварӣ гаштанд (ниг. Аъмол 5). Охири ҳаёти онҳо фоҷианок буд.

Вақтҳое буданд, ки ман худро шахси хуб ва худотарс мешуморидам. Ҳар рӯз, дар тӯли якуним сол, ман соати панҷи субҳ аз хоб бедор шуда, то соати ҳафт дуо мекардам. Ва вақти зиёдеро дар тӯли

ин ду соат ман ба Худо чунин муроҷиат мекардам: “Худованд, маро истифода бубар, ки бисёриҳоро ба наҷот биёрам, Каломи Худоро боқувват маъвиза кунам, халқҳоро ба Малакути ту ворид намоям, беморонро шифо диҳам ва асиронро озод намоям”. Ҳар рӯз аз сидқи дил ман аз Худованд ин чизҳоро талаб мекардам.

Баъд аз якчанд моҳ боре Худованд ба дили ман сухан ронда, гуфт: “Писарам, дуоҳои ту ба ҳадаф намерасанд”.

Ман карахт шуда мондам. Кадом дигар хоҳишҳо барои Холиқ, нисбат ба хоҳишҳои ман беҳтар ва писанднок шуда метавонанд? Ман фикр кардам, оё ман суханони Худовандро дуруст дарк кардам. Чӣ тавр ҳамаи ин хоҳишҳои рӯҳонӣ ба ҳадаф нарасиданд?

Ҳамон лаҳза Рӯҳи Худо ба ман гуфт: “Яҳудо ҳама чизро тарк карда, маро пайравӣ намуд. Вай яке аз дувоздаҳ интихобшудагон буд. Вай дар бораи Малакути Худо маъвиза мекард. Вай беморонро шифо медод, ба камбағалон ғамхорӣ мекард ва асиронро озод мекард. Лекин ҳоло Яҳудо дар дӯзах аст”.

Ман аз ҳайрат ва ҳаяҷон ба ларза омадам. Ман фаҳмидам, ки Яҳудо ба ҳамаи дуоҳои худ ҷавоб гирифт, лекин барои абадият гум шуд. Агар вай роҳнамои худро бодиққат меомӯхт, имкон дорад, ки тақдири ӯ ин қадар фоҷианок намешуд.

Ман фаҳмидам, ки аз рӯи нодонии худ ба Яҳудо монанд шуданам мумкин аст, ва ростқавлона пурсидам: “Ҳадафи асосии ман чӣ бояд бошад?”

## Дигар шахси ҷавони сарватманд

Ин дафъа Худо ба ман дигар шахси ҷавони сарватмандро нишон дод, на оне ки назди Исо омад, балки оне ки дар Миср, кишвари бойтарини он замон, ҳамчун шоҳзодаяк ба воя расида буд. Номи вай Мӯсо буд.

Ба худ ҳаёти Мӯсоро тасаввур кунед. Вай ба пул, ғизо, либос, молу мулк, маълумот, мӯҳтоҷие надошта, ба воя расид. Вай дар он ҷамъият мавқеъи баланде дошта, соҳиби чизҳои беҳтарине буд. Дар ҷаҳон касе набуд, ки бо ягон чиз фахр кунад, ки Мӯсо он чизро

надошта бошад. Вай либоси беҳтарини он замонро дар тан дошт, ҳар вақте ки мехост ба мағозаҳо рафта, он чизе, ки дилаш мехост, барои худ бихарад, ва ягон "бозичаи" он замон набуд, ки вай онро надошта бошад. Аробаи вай ба замони ҳозира ба мошини "мазератти", "ламборджини" ё "феррари" баробар буд. Агар вай бо ронандаи худ ба сайругашт баромадан мехост, хоҳиши вай ҳамон лаҳза иҷро мешуд.

Ба Мӯсо зарур набуд, ки ҳоҷатхонаро тоза кунад, алафи майдонро дарав кунад, мошинро бишӯяд, хонаро рӯбучин кунад, дегу табақро тоза кунад, ҷомашӯӣ кунад ё ягон кори дигари хонаро кунад, барои ин корҳо вай хизматгузоронро дошт.

Дар қасри шоҳ ошпазони беҳтарин ҳар ғизоро аз рӯи хости вай барояш мепухтанд. Вай бо меваҳои беҳтарини рӯи замин ҳаловат мебурд.

Вай фақат кори таъби дилашро иҷро мекард. Бо хости худ сарлашкар мешуд, бо хости худ лоиҳаи ягон сохтмони биноро мекашид ё базме барои дӯстони худ ташкил мекард. Агар вай мехост, рӯзона ягон мусобиқаи варзишӣ ва бегоҳӣ базм меорост. Вай аз рӯи хости худ реҷаи рӯзашро ташкил медод.

Дар он сарзамин вай домоди рақами аввал буд. Вай ҳар духтаре, ки хушаш меомад, бо вай издивоҷ карда метавонист ва ҳатто духтарони дигар кишварҳоро ба занӣ гирифта метавонист. Агар Мӯсо мехост, вай қасреро бино карда, дар он бисёр зан ва канизон дошта метавонист. Агар вай саховатмандии худро нишон додан мехост, он гоҳ метавонист аз ҳама тӯҳфаи қимматро бихарад. Вай барои муҳофизати дӯстони худ полис, артиш ва аскаронро ҷеғ зада метавонист. Вай қудрат дошт ба бенавоён кӯмак кунад ва ё ин ки ба онҳо беэътиноӣ кунад. Вай метавонист ба тамоми сохтори тафреҳии мамлакат таъсир расонад, ва барои ин кор муҳандисон ва рассомони беҳтаринро барои худ ҷалб кунад. Ба ҳеҷ чиз, ҷуз тахти подшоҳӣ вай норасогие надошт. Барои аксарияти мардум ҳаёти ӯ хушбахтарин вонамуд гардад ҳам, худи вай аз ин гуна тарзи ҳаёт қонеъ набуд. Дар Нома ба Ибриён навишта шудааст:

> “Бо имон вақте ки Мӯсо ба воя расид, афзалияти шоҳигарии хонадони Мисрро раъд кард. Ба ивази ҳаёти холӣ ва бемаъно вай азобу уқубат кашиданро бо халқи Худо барои худ интихоб кард...” (Ибриён 11:24,25, The Message, тарҷума аз забони инглисӣ).

Мӯсо қарор кард, ки аз бахри ҳамаи ин чизҳо, ки дар Миср дошт, барояд. Барои чӣ вай ин чизҳоро раъд кард? Оё вай наметавонист дар қасри фиръавн буда, ба Худованд хизмат кунад? Албатта, не. Роҳнамои дохилии Мӯсо ба вай нишон медод, ки дар он ҷое, ки ӯ ҳаст, ба орзуи ҳақиқиаш расида наметавонад, барои он ки муаллифи Нома ба Ибриён дар бораи вай чунин навиштааст:

> “Ӯ бо Масеҳ азоб кашиданро барои худ нисбати сарвати Миср авло донист, барои он ки назари худро барои мукофоти дар пешистода андохта буд” (Ибриён 11:26, NLT, тарҷума аз забони инглисӣ).

Ин мукофоти бузург чист? Ҳангоме ки ин саволро ман ба шунавандагони худ медиҳам, одатан дар ҷавоб мешунавам, ин замини ваъдашуда. Агар ин чунин бошад, пас бояд аз худ пурсем, ки пас замине, ки шир ва асал ҷорӣ буд, чӣ афзалияте дошт, ки дар Миср набуд? Дар он замон Миср бо хоҷагии деҳқонӣ ва боигариҳои табиии худ хело машҳур буд. Оё замини ваъдашуда аз он ҳам беҳтар буд? Оё Мӯсо дар замини ваъдашуда хона бино карда метавонист, ки аз қасре, ки дар Миср дошт, боҳашаматтар бошад? Фикр мекунам, ки ҷавоби мо возеҳ НЕ мебошад.

Пас, дар ин ҳолат Мӯсо толиби кадом мукофоте буд? Дар қасри шоҳ буда, вай аниқ намедонист, лекин боварии комил дошт, ки аз ин чизҳои беҳтаре мавҷуд мебошанд. Вай бо роҳи худ равона буд ва танҳо баъд аз якчанд вақт он чиро ки мекофт, пайдо кард.

Ба ин мавзӯъ аз дигар тараф назар мекунем. Фарз мекунем, ки шумо ҳавои гарм ва соҳили баҳрро хуш доред ва ба барф ва ҳавои хунук тоб надоред. Ва ҳоло чиллаи зимистон аст ва шумо дар Иёлоти Вермонт мебошед. Ҳаво манфӣ, бист дараҷа аст ва шумо он боду ҳавои барои худ форамро меҷӯед. Шумо дар мошини худ

нишаста, бо шоҳроҳ ба сӯи Иёлотҳои гармтар ҳаракат мекунед. Шумо аниқ намедонед, ки куҷо меравед, лекин медонед, ки он ҷо боду ҳавои гарму форам дорад. Дар асной роҳ шумо тасвири калони Палм бич Иёлоти Флоридаро мебинед. Шумо бо табассум ба худ мегӯед: "Ана ин ҷо ба ман зарур аст!" Ва шумо ба роҳнамои электронии мошини худ он суроғае, ки дар расм нишон дода шуда буд, ворид мекунед. Акнун шумо ба соҳили баҳре, ки дар бораи он орзу доштед, равона мешавед.

Тақрибан, айни ҳамин чиз бо Мӯсо рӯй дод. Вай қасри Мисрро тарк карда, медонист, ки чизи бузурге ӯро интизор аст, лекин танҳо баъд аз чил сол мукофоти худро ёфт, дар байни биёбон, дар назди буттаи хор, вай Худоро вохӯрда, ҳузури Ӯро аз сар гузаронид. Ва ин ҳамон лаҳза рӯй дод, ки роҳнамои Мӯсо дуруст гузошта шуда буд, ҳузури Худо мукофоти ӯ буд, ва исботи онро вай баъдтар, ҳангоме ки халқи Исроилро аз ғуломии Миср баровард, дид.

## Пешниҳоди Худоро раъд кардан

Мӯсо дар ҳаёти худ бо мушкилиҳо дучор шуд. Биёбони хушке, ки дар он вай бо халқи Исроил роҳ мерафт, пур аз мушкилӣ ва норасогиҳо буд, ки аз онҳо танҳо Худо барояшон раҳоӣ медод. Баъзан ба онҳо вонамуд мешуд, ки дар он биёбон банд мондаанд. Бар илова ба ҳамаи ин, халқ ӯро дастгирӣ намекард. Дар байни ин рӯзҳои ноором Худо бо Мӯсо сухан меронд:

> "Роҳсипор шуда, аз ин ҷо баро, ту ва ин қавме, ки аз замини Миср баровардаӣ, сӯи замине, ки Ман дар бораи он ба Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб қасам хӯрда гуфтаам: "Онро ба насли ту хоҳам дод". Ва фариштае пешопеши ту хоҳам фиристод ва канъониён, амӯриён, ҳиттиён, фаризиён, ҳиввиён ва ябусиёнро бадар хоҳам ронд. Сӯи замине, ки шир ва асал дар он ҷо ҷорист; зеро ки *Ман дар миёни шумо нахоҳам рафт...*" (Хуруҷ 33:1,3).

Тасаввур кунед, ки дар он замон Мӯсо ва тамоми халқи Исроил дар кадом ҳолат буданд. Дар гирду атроф на дарё, на дарахт, на ҷангал, на дарахтони мевадор, на обанборҳои тоза, на замини ҳо-

силхез, на алаф барои чорво буд. Аз вақте ки онҳо охирин маротиба дар бозор рафта, барои худ либос, хӯрока харид карда буданд, хеле гузашта буд. Ҳар рӯз онҳоро як намуди ғизо мунтазир буд: як намуди нони ғайриоддӣ, ки дар рӯи замин шаш маротиба дар як ҳафта аз осмон меборид ва баъзан вақт бедона ба ҷои гӯшт. Барои он ки шароити онҳоро дарк кунед, якчанд моҳ фақат нон истеъмол кунед ва баъд онҳоро мефаҳмед.

Зиндагӣ сахт буд. Ғуломӣ дар Миср даҳшатнок буд, лекин ин оварагардӣ дар биёбон низ осон набуд. Лекин одамон дар дил орзуи замини худ, замини Канъонро доштанд. Худо дар тӯли солҳо ба онҳо дар бораи замини хубу ҳосилхезе, ки дар он халқро фаровонӣ мунтазир аст, сухан меронд. Дар он вақт онҳо ба ҷуз аз дар сохтмонҳои шаҳрҳои Миср кор карда, ба ивази он луқмаҳои пасмондаи онҳоро истеъмол кардан, дигар чизро намедонистанд. Ба наздикӣ онҳо имконияти сохтани хонаҳо, деҳаҳо ва шарҳҳои зеборо барои худашон пайдо мекунанд. Ин барои таърихи онҳо фарҳанги наве мешавад, ки ворисони сазоворро тарбия мекунад, ки онҳо аз насл ба насл онро мерос мегузоранд.

Дар охир Худо ба роҳбари онҳо Мӯсо амр мефармояд, ки онҳоро ба замини ваъдашуда ворид кунад. Ӯ ваъда медиҳад, ки ҳамроҳи онҳо фариштаи бузург ва тавоно хоҳад рафт. Ин фариштаи ҷангӣ ҳамаи душманонро аз он ҷо бадар хоҳад ронд. Лекин як эзоҳи хурд, Худи Худованд ҳамроҳи онҳо нахоҳад рафт.

Тасаввур кунед, ки шунидани ин суханон чӣ гуна буд? Он чизеро, ки шумо, падаронатон ва бобоёнатон дар тӯли садсолаҳо мунтазир будед, акнун Худи Худо ба шумо пешниҳод мекунад. Чорсад сол онҳо хонаи худро надоштанд, онҳо барои зинда мондан мубориза мебурданд, азобу машаққатро аз сар гузаронданд, акнун Худо ба онҳо чунин пешниҳодро мекунад. Албатта, Мӯсо ин пешниҳодро қабул хоҳад кард ва шитобон ба кӯҳ баромада, ин хабари хушро бо хурсандӣ ба қавми худ эълон хоҳад кард. Мардум дар вай роҳбари бузургеро хоҳад дид ва обрӯи вай баланд мешавад. Ҳама хурсанд шуда, сафари худро ба замини ваъдашуда оғоз мекунанд.

Агар “некии қобили пазирой” мақсади асосӣ мебуд, он гоҳ маҳз ҳамон тавре ки гуфтем, мешуд. Вале биёед, ҷавоби Мӯсоро ба пешниҳоди Худо мехонем:

“... Агар Худат наой, моро аз ин ҷо набар” (Хуруҷ 33:15).

Биёед, ба хотир меорем, ки аз ин ҷо, ин яъне аз куҷо? Аз ин биёбон, ки дар он мӯҳтоҷӣ, бадбахтӣ, азобу уқубат ва мушкилӣ буд. Ҷавоби Мӯсо одами оддиро ба ҳайрат меовард ва маҷбур мекард, ки вай фикр кунад, ки Мӯсо аз ақл берун шудааст. Дар асл Мӯсо гуфт: “Агар интихоби ман байни ҳузури Ту ва баракати Ту бошад, ман ҳузури Туро интихоб мекунам. Ва ҳатто агар ҳузури ту дар байни мӯҳтоҷиҳо ва мушкилиҳо бошад ҳам, он барои ман қадрнок аст, нисбати баракати ту дар муҳити форам”.

Оё Мӯсо ақли солимро аз даст дод? Оё офтоби биёбон майнаи сари вайро хушк кард? Албатта, не. Роҳнамои дохилии вай ба чизҳои беҳтар равона карда шуда буд. Ин роҳнамо ҳангоме ки Худо чизи хуберо пешниҳод кард, вайро сӯи чизҳои беҳтарин равона мекард, ки дар ин ҳолат ақли солим ва шароитҳои мушкил бошанд, дигар чизро интихоб мекарданд.

Мақсади асосии Мӯсо, мукофоти вай, ин аз наздик донистани Худо буд. Чӣ тавр мо шахсро *шинохта* метавонем, агар дар ҳузури вай набошем. Бидуни ҳузури шахс, мо *дар бораи* он шахс دониста метавонем, лекин танҳо дар ҳузури шахс буда, аз наздик он шахсро шинохта метавонем. Ин мукофоти асосии Мӯсо буд. Аз ин чизи муҳимтаре барои вай набуд, ҳеҷ чизи дигар, ҳатто пешниҳоди Худи Худо аз он ҷолибтар шуда наметавонист. Тасаввур мекунед, ин чӣ қадар ба Худо писанд омад?

Шумо мепурсед: “Барои чӣ ба Худо писанд меояд, вақте ки пешниҳоди Ӯ раъд карда мешавад?” Ба шумо бо мисоле аз ҳаёти худ ҷавоб медиҳам.

Дар яке аз сафарҳо ман ва Лиза қарор кардем, ки якчанд рӯзи холиро ҳамроҳ мегузаронем. Дар наздикии он ҷой майдони зебое барои бозии голф буд. Ман бозии голфро, махсусан дар майдонҳои

босифат, дӯст медорам. Дӯстон маро даъват карданд, ки ҳамроҳи онҳо голф бозӣ кунам, лекин ман вақти каме доштам, ки ҳамроҳи Лиза бошам.

Зани зебои ман аз дили соф ба ман гуфт: "Ҷон, рафта бозӣ кун". Ман ба вай ҷавоб додам: "Не азизам, беҳтар мешавад, агар ман ин вақтро бо ту гузаронам".

Мо рӯзҳои аҷоибро ҳамроҳ гузарондем. Бо интихоби ман Лиза хеле хурсанд буд, чунки вай медонад, ки ман то кадом андоза бозӣ кардан ба голф ва бо дӯстон вақт гузарониданро дӯст медорам. Дар пешниҳоди худ Лиза бисёр самимӣ буд ва агар ман онро интихоб мекардам, вай маро аз роҳам намегардонд. Аммо дар умқи дили худ вай умед дошт, ки ман бо ӯ вақт гузарониданро барои худ авло медонам.

Айни ҳамон принсипро мо дар рафтори Мӯсо мушоҳида мекунем. Худо ба вай пешниҳодеро кард, лекин Худаш намехост, ки Мӯсо ин пешниҳодро қабул кунад. Вай фариштаро мефиристод, ки Мӯсо ва халқро дар амонатӣ ба замини ваъдашуда мерасонд. Аммо мебоист ки дар ин вақт онҳо аз ҳузури Худо маҳрум бошанд. Ман фикр мекунам, ки Худо бо самимият ин роҳро пешниҳод кард, лекин хоҳиши дигаре дар дил дошт, ки Мӯсо Худи Худоро, нисбат ба халосӣ аз биёбон ва ҳаёти осону бой дар замини зебо, авлотар донад.

Пешниҳоди Худоро раъд карда, Мӯсо бо ин амали худ нишон дод, ки дар аввал, вақт дар ҳузури Худо барои вай, нисбат баҳаловат бурдан дар баракатҳои Ӯ, бидуни ҳузури Худо, арзиши бештаре дорад. Ва дуюмин, Мӯсо ба садоқати бечуну чарои Худо боварӣ дошт. Новобаста аз он ки вақти даромадани онҳо ба замини ваъдашуда тӯл мекашад, Мӯсо медонист, ки дар вақти таъиншуда, Худо ҳатман халқи Исроилро ба он замин ворид хоҳад кард. Вай медонист, ки Худо ба Каломи Худаш устувор мемонад. Агар Мӯсо роҳнамои худро дар он вақт ба самти дуруст рост намекард, он гоҳ ҳатман дигар интихобро мекард.

## Барномагузории роҳнамо

Пас чӣ Мӯсоро водор кард, ки роҳнамои худро ин тавр фаъол кунад, дар ҳолате ки тамоми халқи Исроил дигар ҳадаф доштанд? Агар мо дар рафтор ва қарорҳои пештар қабулкардаи Мӯсо назар кунем, он гоҳ ҷавоби ин саволро низ пайдо хоҳем кард.

Ман ба шунавандагони худ одатан чунин саволро медиҳам: "Мӯсо Исроилро аз Миср баровarda, ба кадом самт равона карда буд?

Ҳар дафъа қисми зиёди толор дар ҷавоб мегӯянд: "Ба замини ваъдашуда".

Оё ҳамин тавр аст? Ҳар дафъае, ки Мӯсо назди фиръавн меомад, вай каломи Худоро ба ӯ мегуфт: "...қавми Маро равона кун, то ки Маро дар *биёбон* ибодат намоянд" (Хуруҷ 7:16, инчунин Хуруҷ 5:1; 8:1,20; 9:1,13; 10:3). Ҳафт маротиба Мӯсо дар барои ҳадафи баромадани халқи Исроил ба фиръавн гуфта, онро бо парастиш дар биёбон мепайваст. Як маротиба ҳам, вай дар бораи замини ваъдашуда нагуфт.

Мӯсо мебоист ки халқро ба вохӯрӣ бо Худо биёрад, то ки онҳо дар биёбони Сино ба Вай саҷда кунанд. Барои чӣ вай онҳоро ба назди Шахси ваъдакарда набурда, аз Миср рост ба замини ваъдашуда бурданаш лозим буд? Дар ин ҳолат ваъдаҳо аз вохӯрӣ бо Худо муҳимтар гашта, роҳнамои моро ба самти нодуруст омода мекарданд.

Афсӯс ки имрӯзҳо муаллимон ва хизматгузороне ҳастанд, ки ваъдаҳоро аз ҳама чиз болотар мегузоранд. Ман дар хотир дорам, ки солҳои 1980 ва 1990 –ум, мо одатан дар бораи он мешунидем, ки Исо барои мо чӣ карда метавонад, на ин ки Ӯ Худаш чӣ гуна Шахс аст. Ин гуна таълимотҳо шогирдонеро тарбия мекард, ки роҳнамои дохилиашон ба баракатҳои Худо, на ин ки дар ҳузури Худо, омода шуда буданд. Ин мисли он ки арӯс ба боигарии домод нигоҳ карда, ба шавҳар баромада бошад. Имкон дорад, ки вай домоди худро дӯст медорад, лекин ҳадафҳояш нодуруст аст. Байни халқи Исроил ва Мӯсо фарқияти аҷибе мавҷуд мебошад. Ҳаёти исроилиён дар Миср қанду асал набуд. Онҳо дар кӯчаҳо зиндагӣ карда, ғизои пасмондаро истеъмол карда ва дар тан либоси кӯҳна ва даридаро доштанд. Тамо-

ми ҳаёти худ онҳо барои мероси бегонагон заҳмат мекашиданд. Дар тахтапушти онҳо изи зарбаҳои қамчини хӯҷаинашон маълум мешуд, писарони онҳоро аскарони мисрӣ мекуштанд.

Халқи Исроил бо мӯъҷиза аз Миср халосӣ ёфт, вале андаке дар биёбон вақт гузаронида, талаб кард, ки пас ба Миср баргарданд. Одамон мегуфтанд: "...оё барои мо беҳтар нест, ки пас ба Миср баргардем?" (Ададҳо 14:3), "...беҳтар аст, ки ғуломи мисриён бошем..." (Хуруҷ 14:12).

Акнун ҳаёти пурҳашамати Мӯсоро, ки дар Миср дошт, барои худ тасаввур кунед, ки дар бораи он дар боло гуфта гузаштем. Вай низ аз он тарзи зиндагӣ баромада, дар биёбон монд, лекин ягон маротиба шикоят карда, дар бораи баргаштан ба он замин сухане нагуфт! Барои чӣ? Ҷавоб осон аст. Мӯсо дар назди буттаи сӯзон бо ҳузури Худо вохӯрда буд. Вай сазовори он гашт, ки суханонро мустақим аз даҳони Холиқ бишнавад. Исроил низ чунин имкониятро дошт, лекин онҳо аз он истифода накарданд. Иҷозат диҳед, ман инро ба шумо фаҳмонида диҳам.

## "Шуморо назди Худ овардам"

Ҳамон лаҳзае, ки халқ аз Миср берун баромад, Мӯсо онҳоро ба кӯҳи Сино дар ҳамон назди буттаи сӯзон, ки худаш Худоро дар он ҷо вохӯрда буд, бурд. Ҳангоме ки онҳо ба он ҷо равона буданд, Худо аз Мӯсо хоҳиш кард, ки ин суханонро ба халқ гӯяд:

> "Шумо он чиро, ки Ман ба мисриён кардам, дидед, ва Ман шуморо дар болҳои уқобон бардоштам ва *шуморо назди худ овардам*" (Хуруҷ 19:4).

Ба суханони Ӯ диққат кунед: "шуморо назди худ овардам". Дар бораи ин суханон фикр кунед. Ҳангоме ки маънои ин суханонро дарк мекунем, бадани моро ларза мегирад. Худо Холиқи ин дунё аниқ нишон медиҳад, ки бо кадом мақсад халқи Исроилро аз ғуломии Миср баровардааст, то ки онҳоро назди худ биёрад. Вай толиби муносибатҳои шахсӣ ва наздик бо онҳо буд.

Дар хотир доштан муҳим аст, ки Худо, Худои муносибатҳо мебошад. Ӯ қалби Падарӣ дорад ва ҳамеша ҳамин тавр хоҳад буд. Вай ташнаи аз наздик донистани фарзандони худ, мисли он ки волидайн муносибати худашонро бо тифли навзодашон рушд медиҳанд, мебошад.

Худо ба Мӯсо дар назди бутта зоҳир шуд. Вай ба ӯ афзалияте дод, ки дар ҳузураш бошад. Ва ин вохӯрӣ он қадар ба Мӯсо писанд омад, ки дигар тамоми боигарии Миср, ки вай дошт, дигар ӯро ҷалб карда наметавонист. Ин вохӯрӣ ба Мӯсо таъсири пурқуввате дошта, роҳнамоии дохилии ӯро ба самти дуруст равона кард.

Мӯсо мехост, ки халқи Исроил низ ба он ҷое, ки вай буд, бираванд ва аҷибаш он аст, ки Худи Худо низ хоҳони ин вохӯрӣ буд. Ба хотире ки Ӯ бо Мӯсо дар назди бутта вохӯрда буд. Он гоҳ Мӯсо Худоро бо одамон ва одамонро бо Худо ошно карда метавонист.

Фарз кардем, се шахс ҳастанд: Ҷамшед, Хуршед ва Нозим. Ҷамшед бо Хуршед ва Нозим ошно мебошад, лекин Нозим ва Хуршед якдигарро намешиносанд. Пас, Ҷамшед метавонад, ҳардуи онҳоро бо якдигар шинос кунад. Мӯсо бо Худо вохӯрда, бо Вай вақт гузаронд. Вай инчунин бо халқи Исроил муддатеро гузаронида буд. Барои ҳамин, маҳз вай ин вохӯрии Худоро бо одамон ташкил карда метавонист. Худо ба Мӯсо гуфт, ки дар сарсухан чӣ бояд бошад:

> “...Ва шумо барои Ман мамлакати коҳинон ва халқи муқаддас хоҳед буд. Ин аст суханоне, ки ту ба бани Исроил бояд бигӯӣ” (Хуруҷ 19:6).

Онҳо барои Ӯ махсус буданд, Ӯ мехост ки ҳамаи онҳо коҳинон бошанд, одамоне бошанд, ки ба назди Ӯ аз номи худ ва ё ба хотири дигаронро дар дуо бардоштан, меоянд. Дар моҳият Худо ба онҳо дӯстии наздикро пешниҳод мекард. Чӣ гуна афзалияти бузург аст! Пас Худо ба онҳо гуфт:

> “Ба назди ин халқ бирав. Ва бигзор онҳо дар давоми ин ду рӯз ба вохӯрӣ бо Худо тайёр шаванд. Бигзор либосҳои худро бишӯянд, то ки дар рӯзи сеюм омода бошанд, барои он ки дар рӯзи сеюм Худованд аз кӯҳи Сино фуруд хоҳад омад ва ҳузури

Худро зоҳир хоҳад кард" (Хуруҷ 19:10,11, The Message, тарҷума аз забони инглисӣ).

Дар рӯзи сеюм Худо дар асл ба кӯҳ нозил шуд, лекин одамон бо ҷавоби худ Ӯро ғамгин карданд. Ба ивази он ки онҳо наздик шаванд, онҳо аз ӯ дур шуданд. Онҳо дар ҷавоб ба Мӯсо гуфтанд: "...Ту бо мо сухан бигӯ ва мо хоҳем шунид, вале Худо бо мо сухан нагӯяд, мабодо бимирем" (Хуруҷ 20:19).

Исроилиён дар ҳузури Худо тоқат карда наметавонистанд, *барои он ки то ҳол дар қалби онҳо Миср ҳузур дошт.* Онҳо то ҳол шавқҳои худро аз Ӯ зиёдтар дӯст медоштанд. Онҳо афзалияти аз наздик шинохтани Худоро надоштанд. Ҳузури Вай нишондодҳои роҳнамои дохилии онҳоро аён кард ва онҳо ин самти худро дигар кардан намехостанд.

Як маротибаи дигар бубинед, Худо аз онҳо хоҳиш мекунад, ки либосҳои худро бишӯянд. Барои чӣ? Оё Худо тарафдори тозагии ҷисмонӣ аст? Барои ҷавоби ин савол мо бояд дар хотир оварем, ки корҳои зоҳирӣ дар Аҳди Қадим, ин инъикоси ҳолати дохилии рӯҳонӣ буд. Ифлосии Миср аз либосҳои онҳо то ҳол пок нашуда буд. Пеш аз ворид шудан ба ҳузури муқаддаси Худо мебоист ки онҳоро аз худ бишӯянд.

Миср, ин рамзи сохтори ин ҷаҳон, ки ғарқи гуноҳ шудааст, мебошад. Одамони ҷаҳон фақат барои писанд омадан ба табиати гуноҳкоронаи худ, ҳаловати чашм, обрӯю иззат ва ҷалоли инсонӣ, зиндагӣ мекунанд, ки ҳамаи ин "ғурури зиндагонӣ" аст (ниг. 1 Юҳанно 2:16). Шинохтани Худо барои онҳо афзалият намебошад. Онҳоро саволи "ман чӣ ба даст меорам?" бештар хавотир мекунад.

## Худо толиби зарпарастон нест

Одатан ҳангоми сафарҳои худ ман мардони бойро вомехӯрам, ки ҳамроҳи онҳо занҳои зебои бист сол, бисту панҷ сол ҷавонтар мебошанд. Бисёр вақт дар ин гуна ҷуфтҳо мард пир намудор шуда, мисли падари он зан мебошад. Барои чӣ вай бо ӯ зиндагӣ меку-

над ё барои чӣ ин зан он мардро интихоб кардааст? Хеле кам аст, ки дар ин гуна ҷуфтҳо ҳардуи онҳо ошиқи сахти якдигар бошанд. Гап дар дигар ҷой аст, чунин духтаронро зарпараст гуфтан мумкин аст. Ин гуна гуфторро мо ба духтароне истифода мебарем, ки на шахсияти он мардро, балки тарзи ҳаётеро, ки он мард барояшон муҳайё кардааст, дӯст медоранд. Ин гуна занҳо хоҳиши дастрас кардани пул ва чизҳо мебошанд. Аммо мард низ шавқи асосиаш на он духтар мебошад, балки барои хостҳои худпарастонаи худ вайро истифода бурдан аст. Вай мехоҳад, ки назди дигарон худашро нишон дода, гӯяд, ки ҳоло ҷавон ва пур аз қувват аст ва бо алоқаи ҷинсӣ ҳаловат мебарад.

Бо дигар суханон гӯем, ҳардуи онҳо ба ивази ғамхорӣ кардан барои якдигар, аз рӯи хости худпарастонаи худ талаботҳои шахсиашонро қонеъ мегардонанд. То ба андозае онҳо аз рафтори якдигар бохабар мебошанд, лекин барои қонеъ гардонидани шаҳват ва ғурури худ тоқат мекунанд. Ҳадафи онҳо на муносибатҳои дарозмуддат, балки қонеъ гардонидани хоҳишҳои худпарастона мебошад.

Якчанд вақт пештар ман бо ҳамсарам ба мағозаи молҳои хонагӣ рафтем. Дар он мағоза ба ғайр аз мо ва фурӯшандагон боз ду нафари дигар, марди калонсол ва зани ҷавон буданд. Аввал ман фикр кардам, ки онҳо падар ва духтар мебошанд, лекин ҳангоме ки сӯҳбати онҳо бо фурӯшанда ба гӯшам расид, ман фаҳмидам, ки ин гуна нест. Онҳо зану шавҳар буданд ва ба хонаи нав ба дастовардаи худ мол мехаранд.

Мо бо онҳо дар як мағоза бист дақиқа якҷоя будем ва ин вақт кофӣ буд, ки муносибатҳои онҳоро мушоҳида кунем. Ман пай бурдам, ки сӯҳбати онҳо хунук ва рӯякӣ буд. Маълум мегашт, ки шавқҳои онҳо гуногун аст ва хоҳишҳои онҳо фарқ мекунанд. Муҳаббат ва хурсандӣ дар оилаи онҳо ҳузур надошт. Зан ба чашмони шавҳараш нигоҳ намекард ва андоми ғамгине дошт. Либоси он зан бисёр ба баданаш часпида буд ва рӯяш пур аз рангубор буд. Мард худро боқувват, баҳушёр нишон медод, гӯё ки вай то ҳол ҷавон бошад. Бо фурӯшанда гап зада, вай ҳама вақт нишон медод, ки

пул барои ӯ мушкилӣ шуда наметавонад. Ба ин ҷуфт назар карда, ман боз фаҳмидам, ки муносибатҳои ман бо Лиза чи гуна аҷоибанд. Ман дар бораи вай бисёр ғамхорӣ мекунам ва на аз сабаби намуди зоҳирии вай, гарчанде Лиза бисёр зани зебо мебошад. Лиза низ аз сидқи дил ба ман ғамхорӣ мекунад. Мо дӯстони беҳтарин буда, бо якдигар вақт гузарониданро дӯст медорем. Ва дили ман ба он ҷуфте, ки дар мағоза вохӯрдем, месӯхт, барои он ки дар муносибатҳои онҳо муҳаббат намерасид. Ман инро на ба хотири маҳкум кардани ин ҷуфт менависам; ман умед дорам, ки онҳо дар муносибатҳои худ рушд мекунанд ва аз ҳузури якдигар хушҳол мешаванд. Лекин одатан ин гуна намешавад, барои он ки онҳо таҳкурсии нодурустро интихоб кардаанд.

Исроилиён муносибатҳои ифлоси худро аз Миср оварданд ва Худо бо онҳо муносибатҳои рӯякӣ доштан намехост. Вай мехоҳад, ки мо бо Ӯ муносибатҳои аслӣ дошта бошем. Ба Ӯ зарпарастон лозим нестанд. Муносибатҳои ҷаҳонӣ, ки дар таги дили исроилиён монда буд, онҳоро ба назди Худо оварда наметавонистанд, чунки онҳо худпарастона буданд. Исроил фақат либоси худро пок карда, Худоро шинохта метавонист.

Аммо исроилиён аз хоҳишҳои худ, мисли Мӯсо, ки аз сидқи дил Худоро меҷуст, озод шуда натавонистанд. Исроилён аз Худо фақат фоидаро барои худ меҷустанд. Ҳамаи ин бисёр содда аст.

## Имрӯз чӣ гуна аст?

Мо дар замони Аҳди Ҷадид зиндагӣ мекунем, оё дар замони мо ягон чиз тағйир ёфтааст? Оё инсон дар дили худ ифлосии ин ҷаҳонро дошта, бо Худо муносибатҳои самимӣ барқарор карда метавонад? Оё файзи Исои Масеҳ моро аз пок шудани ифлосиҳои ин ҷаҳон озод мекунад? Дар Китоби Муқаддас якчанд ҷойҳое мавҷуданд, ки ин зарурияtро қайд мекунанд:

> “Чунон ки Худо гуфтааст: “Дар дохили онҳо медароям ва Худои онҳо мешавам ва онҳо халқи Ман хоҳанд гашт. “Бинобари

ин аз миёни онҳо берун оед ва ҷудо шавед", мегӯяд Худованд ва ба чизи нопок даст назанед ва ман шуморо қабул хоҳам кард. Ва Падари шумо хоҳам буд ва шумо писарон ва духтарони Ман хоҳед буд, мегӯяд Худованди Қодиру Мутлақ. Пас, эй азизон дар ҳолате ки чунин ваъдаҳоро дорем, худро аз ҳар гуна нопокии ҷисм ва рӯҳ тоза карда, муқаддасии худро дар тарси Худо комил мегардонем" (2 Қӯринтиён 6:16-7:1, NLT, тарҷума аз забони англисӣ).

Ин ҷумлаҳо маънои чуқуре доранд. Дар аввал ба суханони "мегӯяд Худованд" диққат кунед. Бори аввал Худованд ин суханонро кай ва дар куҷо гуфта буд? Павлус суханони Худоро, ки Мӯсо дар болои кӯҳ дар ҳузури Худованд шунида буд, такрор мекунад:

"Ва дар миёни бани Исроил сокин хоҳам шуд ва барои онҳо Худо хоҳам буд. Ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд Худои онҳо ҳастам, ки онҳоро аз замини Миср берун овардам, то ки дар миёни онҳо сокин шавам, Ман Худованд Худои онҳо ҳастам" (Хуруҷ 29:45,46).

Худо дар бораи он чизе, ки дар китоби Хуруҷ, боби 19 гуфта буд, дар бораи хоҳиши муносибати наздик доштан бо онҳо, такрор мекунад. Ӯ ташнаи ин муносибатҳо буд, халқи Исроил онро аз хотир мебаровард. Фақат баъзе шахсон, ба монанди Мӯсо, Довуд, Дониёл, Ишаъё ва якчанд нафари дигар, бо Худо муносибати наздик доштанд ва сабабаш он буд, ки ин шахсон қарор карданд, ки аз ангезаҳои ҷаҳонӣ ва ҳаловатҳои худпарастона озод мешаванд. Акнун Павлус бо ҳамин суханон, ба мо, онҳое, ки бо хуни Исои Масеҳ шуста шудаанд ва аз рӯи файзи Худо наҷот ёфтаанд, мурочиат мекунад.

Мо боз мешунавем, ки чӣ гуна ба мо мегӯянд: "Дар дохили онҳо медароям ва Худои онҳо мешавам ва онҳо халқи Ман хоҳанд гашт... ба чизи нопок даст назанед ва ман шуморо қабул хоҳам кард". Ин суханон аз он суханоне, ки Худо ба халқи Исроил гуфта буд, ҳеҷ фарқияте надорад, лекин ҳоло ин суханон ба мо ҳалқи нав равона карда шудааст. Хоҳиши бо мо наздик будани Ӯ тағйир наёфтааст, лекин агар либоси мо бо ҷаҳон ифлос шуда бошад, ин

имконнопазир аст. Вай шуморо ба муносибатҳои наздик даъват мекунад, аммо ин муносибатҳо шарти худро дорад. Вай боз ба мо нафрати худро нисбат ба зарпарастон нишон медиҳад.

Худо ангезаҳои дили моро медонад. Вай ба мо амр мекунад, ки аз ҳар гуна ифлосии на танҳо бадан, балки аз нопокии дил ва рӯҳ низ тоза шавем. Вай медонад, ки оё мо ифлосии Мисрро дар либос дорем (оё мо барои хоҳишҳои худ зиндагӣ мекунем) ё мисли Мӯсо хости Ӯро аз хоҳишҳои худ боло мегузорем. Барои ҳамин, ҳамон тавре ки Мӯсо ба халқи Исроил гуфт, пеш аз вохӯрӣ бо Худо ва бо Ӯ муносибат кардан, либосҳои худро тоза кунанд. Расул Павлус низ ба мо мегӯяд: "Худро аз ҳаргуна нопокии ҷисм ва рӯҳ тоза карда, муқаддасии худро дар тарси Худо комил мегардонем". Худро аз нопокӣ ва ифлосии ин ҷаҳон тоза карда, мо роҳнамоии дохилии худро ин тавр омода мекунем, ки он ба мо иҷозат намедиҳад, ки аз роҳи дуруст дур шуда, чизи хубро ба чизи беҳтар иваз кунем.

Барои нигоҳ доштани самти дуруст дар роҳнамои дохилии мо, ки моро сӯи муносибатҳои наздик бо Худованд мебарад, калимаи "муқаддасӣ", калимаи асосӣ мебошад. Дар бобҳои навбатӣ мо ин ҳақиқати аҷоибро мекушоем.

7

# МОРО РАШК МЕКУНАД

“Маро ба кӣ монанд мекунед ва ба кӣ шабоҳат медиҳед?”-
мегӯяд Худованди Қуддус. Чашмони худро сӯи осмон боло
карда бубинед, кист ки ин ситораҳоро офаридааст?...
Ҳамаи онҳоро бо номаш мехонад: аз бузургии қувват ва
тавоноии қудрати Ӯ ҳеҷ як аз онҳо пинҳон намешавад.
— Ишаъё 40:25,26 (NLT, тарҷума аз инглисӣ).

Эй имондор, Худованд нисбати муҳаббати ту бо рашк аст.
Оё Вай туро интихоб накардааст? Ва агар ту барои худ ба
ғайр аз Ӯ каси дигареро интихоб кунӣ, барои
Вай дидани ин ҳолат дарднок мешавад.
— Чарлз Сперҷен

Ҳеҷ чиз он қадар фоиданок ва пурмаҳсул нест, нисбати он ки дар ҳузури Худо бошем. Фикр кунед: ин дар ҳузури ягон варзишгари машҳур, донишманд, рассоми номӣ, ситорагони саҳна ё роҳбари кишвари абарқудрати ҷаҳон будан не, балки дар ҳузури Холиқи ҳама чизҳои намоён ва нонамоён будан аст. Маҳз Ӯ ин оламро ин қадар бузург офаридааст, ки ақли инсон бузургӣ ва ҳаҷми онро дарк карда наметавонад ва бо вуҷуди бузургиаш ин олам ва табиат то ҳамон андоза дақиқ мебошад, ки ҳар як хишти хурд дар мавҷудоти зинда ҷои худро ишғол кардааст, сохти мушкили ҳуҷайраҳоро дорад. Ин ҳуҷайраҳо то ҳамон андозае хурд мебошанд, ки агар аз он як порчаи дарозиаш як сантиметр созем, онгоҳ дар дохили он миллиард ҳуҷайра ҷой мегирад ва дар бораи ин мо дар боби пештар гуфта гузаштем. Баъд аз таҳқиқотҳои дурудароз,

то ҳол олимон табиат ва сохтори ин ҳуҷайраҳоро пурра дарк накардаанд.

Берун аз Худо ягон ҳикмат, дониш ва ё фаҳмиши фоиданок мавҷуд нест. Барои Худо лозим нест, ки ягон чизи навро биомӯзад, барои он ки дар асл Вай ҳама чизро аз аввал медонад ва ҳатто охири замон барои Ӯ сирре намебошад. Фариштагони бузург Худоро иҳота карда, аз ҷалол ва шукӯҳи Вай чашмони худро мепӯшанд ва ҳар лаҳза ба онҳо бузургии Ӯ ошкор мешавад. Аҷиб нест, ки ҳамаи мардон ва занони боҳикмате, ки дар гузашта зиндагӣ кардаанд, бо ҳузури Ӯ ҳаловат мебурданд.

Аз фикри он ки инсон ба ҳузури чунин Шахсият дохил шуда метавонад, маро ларза мегирад. Ва аз ҳама аҷоибаш он аст, ки Вай ҳузури моро сахттар, нисбати он ки мо ҳузури Вайро, хоҳон аст. Расул Яъқуб менависад:

> “Оё шумо гумон мекунед, ки Навишта бар абас гуфтааст: “Рӯҳе, ки дар мо сокин аст, то ба дараҷаи рашк *дӯст медорад*”? (Яъқуб 4:5).

То ба дараҷаи рашк дӯст доштан, ин яъне ягон чизро сахт хостан аст. Ҳангоме ки ман дар бораи он фикр мекунам, ки аз ҳама Шахсияти зебо маро сахт хоҳон аст, он гоҳ ман ҳамчун Довуд гуфта метавонам? “Чӣ гуна гаронбаҳост барои ман андешаҳои Ту эй Худо, чӣ гуна бузург аст, миқдори онҳо! Агар онҳоро дар шумор оварам, аз рег зиёдтар аст...” (Забур 138:17,18).

Довуд дар бораи фикрҳои Худо, ки дар бораи ҳар яки мост, гуфтааст, на ин ки умуман дар бораи бани башар. Фикрҳои Ӯ дар бораи мо аз регҳои рӯи замин ҳам зиёдтар мебошанд! Танҳо ба худ тасаввур кунед, тамоми регҳои соҳили баҳр, биёбонҳо, майдонҳои бозии голф ва майдонҳои бозии бачагонаро. Ин миқдори зиёди регҳо миқдори зиёди фикрҳо мебошанд.

Ба шумо боз мисоли дигареро меоварам. Ман ҳамсари худро бисёр дӯст медорам. Аз оиладоршавии мо сӣ сол мешавад. Ва ман дар бораи вай бисёр фикрҳои бешуморе дорам. Аммо агар ҳамаи

он фикрҳоро дар тӯли сӣ соли охир ҷамъ карда ва ба рег мубаддал кунам, бо он миқдори рег ҳатто қуттии аз пойафзол ҳам пур намешуд (аз рӯи ҳисобу китоби олимон дар як метри мураббаи соҳили баҳр 1,8 миллиард дона рег мавҷуд аст).

Биёед, чуқуртар фикр мекунем. Шумо ягон бор шахсеро вохӯрдаед, ки ҳама чизро воҳима карда, калон нишон медиҳад? Масалан, моҳигир. Вай мегӯяд: "Ман ана ин қадар моҳии калонро сайд кардам!"- гуфта, дастони худро ба ду тараф бурда, ҳаҷми он моҳиро нишон медиҳад. Агар шумо бо чашмони худатон он моҳиро дида бошед, дар асл он қадар ҳам калон намебошад.

Ё шахсе ки барои исбот кардани нуқтаи назари худ маълумотҳои омориро аз ҳаво мегирад. Ин гуна шахсон бо боварии комил мегӯянд, ки "наваду нӯҳ фоизи мардон филмҳои ошиқиро хуш надоранд ва намебинанд". Ин шахсон ҳеҷ вақт таҳқиқотҳои оморӣ ва иҷтимоиро надидаанд, лекин барои мавқеи худро барои ин мавзӯъ устувор кардан, воҳима мекунанд.

Ё шахсе ки мегӯяд: "Ман барои ту дуо мекунам", ва агар воқеиятро бинем, он шахс фақат як маротиба ва он ҳам бошад, хоҳу нохоҳ дуо кардааст. Ман фикр мекунам, ки ҳар як инсон гоҳ-гоҳ воҳима мекунад, лекин биёед, ростқавл мешавем: воҳима ин дурӯғ аст. Ҳақиқати аҷоиб дар он аст, ки Худо дурӯғ гуфта наметавонад! (ниг. Ададҳо 23:19 ва Титус 1:2). Агар Вай дурӯғ мегуфт, он гоҳ мебоист ки ба "падари дурӯғҳо" шайтон итоат кунад, лекин ин ҳеҷ вақт намешавад.

Агар Худо мегӯяд, ки фикрҳои Вай дар бораи мо аз миқдори регҳои замин бисёр аст, ба ин бовар кардан мумкин аст.

Оё шумо дарк мекунед, ки Ӯ чӣ қадар зиёд дар бораи мо фикр мекунад? Ба худ ҳаёти тафаккуроти шахсиатонро тасаввур кунед. Оё шумо дар бораи он шахсе, ки дар наздаш шудан мехоҳед, бисёр фикр мекунед? Ӯ низ ҳамин тавр аст! Рӯҳи Худо, ки дар мо сокин аст, хоҳиши ҳузури мо мебошад. Бо дигар суханон, Худо моро ҳамчун дӯсти наздики худ донистан мехоҳад.

## Рашки Худо

Биёед, ба суханони Яъқуб назар мекунем: "Оё шумо гумон мекунед, ки Навиштаҳо бар абас гуфтаанд: "Рӯҳе, ки дар мо сокин аст, то ба дараҷаи рашк дӯст медорад"? Калимаи калидӣ дар инҷо "то ба дараҷаи рашк" мебошад. Иҷозат диҳед, инро ба шумо маънидод кунам. Агар ман бо дигар зани бегона алоқа медоштам, он гоҳ занам дили худро ба ман кушода, сирру асрори худро ба ман мегуфт? Не! Биёед, ин оятро дар якҷоягии матнаш мехонем:

> "Эй зинокорон! Оё намедонед, ки дӯстӣ бо дунё, ин душманӣ бо Худост? Пас, касе хоҳад дӯсти дунё бошад, душманӣ Худо мегардад" (Яъқуб 4:4).

Бо дигар суханон, "Агар шумо бо ҷаҳон дӯстӣ кунед, зинокорӣ мекунед!"

Яъқуб номаи худро фақат барои масеҳиён навиштааст, барои он ки дар он вай понздаҳ маротиба "бародарони ман" мегӯяд. Ин нома ба он шахсоне, ки бо Худо муносибат доранд, Исои Масеҳро ба ҳаёти худ қабул кардаанд, тааллуқ дорад. Гап дар он аст ки бо ҷаҳон бозӣ карда, мо бар зидди Худо зино мекунем.

Мисоли худро дар муносибатҳо бо зани бегона давом дода, ман гуфтанӣ ҳастам, ки Лиза на танҳо ба ман сирру асрори дили худро намекушояд ва вай ҳатто ба қаҳру ғазаб омада, маро рашк мекунад ва бо ин амали худ вай ҳақ мешавад. Ман худро танҳо ва фақат ба ӯ бахшидаам. Дар ҳолати муносибат доштан бо дигар зан, ман ба вай хиёнат карда, дурӯғ мегуфтам.

Яъқуб пеш аз суханони худ дар бораи рашки Рӯҳ чунин ҷумларо мегӯяд: "Оё шумо гумон мекунед, ки Навиштаҷот бар абас гуфтааст?..." Вай дар назар дорад, ки бисёр оятҳои Китоби Муқаддас, на танҳо онҳое, ки вай номбар кардааст, Худо дар бораи Худ чунин мегӯяд:

> "...Ман Худованд Худои ғаюр ҳастам" (Хуруҷ 20:5).

> "...зеро ки Худованд исмаш ғаюр аст, Худои ғаюр мебошад" (Хуруҷ 34:14).

> “зеро Худованд, ки исмаш оташи сӯзанда аст, Худои рашкнок аст (Такрори Шариат 4:24).

Дар бораи рашки Худо бисёр дар Навиштаҷот омадааст, ва ҳамаи ин оятҳо дар бораи муносибати мо бо Вай мегӯяд.

Пеш аз он ки идома медиҳем, иҷозат диҳед, як чизро аниқ кунем: Худо намегӯяд, ки нисбати мо рашк дорад, Ӯ моро рашк мекунад. Дар ин фарқияти бузурге ҳаст. Вай беҳбудӣ ва нашъунамои моро мехоҳад, ки мо комёб бошем, Ӯ мехоҳад, ки мо ҳаёти фаровон дошта бошем, иродаи Ӯ барои мо пурсамар будан аст ( ниг. Еҳушаъ 1:8, Масалҳо 4:8, Матто 25:29 ва Юҳанно 15:8). Рашки вай бо хоҳиши наздик будан бо мо вобаста мебошад. Вай моро бо дигар дӯстдорон, махсусан бо дунё, тақсим карданӣ нест. Яъқуб ба имондорон хотиррасон мекунад, ки назари Худо ба хиёнат чӣ гуна аст. Агар мо нисбат ба Ӯ зино кунем, он гоҳ рашки Вай ба ғазаб мубаддал мегардад. Ин чизҳои камаҳамият нестанд.

Лекин ғазаб ин ягона эҳсосоте намебошад, ки баъд аз хиёнати аҳд ба вуҷуд меояд. Одатан ман аз шавҳарон ва занони фиребхӯрда мешунавам, ки онҳо афсурдахотир, гумшуда, ғам ва ғазабро дар дохил эҳсос мекунанд. Ба онҳо он шахсе, ки барояш ҳаёташонро бахшида буданд, хиёнат кардааст. Дарду ғам дили онҳоро мешиканад. Ман шунидам, ки зани таркшуда савол медод: “Чӣ тавр шавҳарам маро тарк карда тавонист, ман ба вай фарзандонро ба дунё овардам, солҳои беҳтарини ҳаётамро ба вай бахшидам?”

Акнун эҳсосоти Худоро тасаввур кунед? Тасаввур мекунед, ҳангоми бевафоии мо чӣ гуна эҳсосот дили Вайро пур мекунанд? Павлус менависад: “Зеро ман дар ҳаққи шумо бо рашки Худо рашк менамоям, чунки шуморо ба марди ягонае номзад сохтаам, то ки чун бокираи поке ба Масеҳ пешниҳод намоям” (2 Қӯринтиён 11:2).

Павлус аз номи Худо ба мо муроҷиат карда, дар бораи эҳсосоти Вай, ҳангоме ки мо ба ҷои Ӯ дигар кас ё дигар чизро мегузорем, ба мо мегӯяд. Ирмиё низ айни ҳамон чизро мекунад: “Кошки бар андӯҳи худ ғолиб меомадам! Аммо дилам андаруни ман сӯзиш мекунад” (Ирмиё 8:18). Мо бояд дар хотир дорем, ки мо ба шабоҳати Худо офарида шудаем ва ҳамон эҳсосотро дорем, ки Худо дорад!

Худо моро рашк мекунад, ба хотири он ки ҳаёти худро барои мо бахшида аст. Вай барои бо мо муносибат доштан ҳама чизро қурбонӣ кард. Ва агар мо бевафоӣ кунем, дили Вай ғамгин шуда, пур аз андӯҳ мегардад. Бубинед, ки Вай чӣ мегӯяд:

> "...Вале қавми Ман рӯзҳои бешумори Маро фаромӯш карданд. Чӣ гуна моҳирона роҳи худро пайдо мекунӣ, то ки ба ишқбозӣ ноил гардӣ! Бинобар ин ба зиштҳо роҳҳои худро таълим додаӣ... Ту мегӯӣ: "Азбаски бегуноҳ ҳастам..." (Ирмиё 2:32,33,35).

Одатан мо зинои худро нисбати Ӯ дарк намекунем, оқибати ин бевофоиро намефаҳмем. Ҳақиқат чашмони моро воз карда метавонад. Дилҳои мо нисбати дили шикаста ва пуршиканҷаи Ӯ бефарқ мемонад. Худо мепурсад: "Оё онҳо шарм медоранд, вақте ки зишт мекунанд? Не, шарм ҳам надоранд ва аз ҳаё ҳам бехабаранд..." (Ирмиё 6:15). Чи гунае ки Ирмиё ва дигар пайғамбарон дар бораи бевафоии Исроил мегӯянд, дар Аҳди Ҷадид ҳамин тавр Павлус ва Яъқуб мегӯянд.

Суханони муҳими Яъқубро таҳқиқ карданро идома дода, маънои ду калимаи юнонӣ philos ва philia, ки "дӯст" ва "дӯстӣ" мебошанд, дида мебароем. Маънои калимаи philos "дӯстдошта, дӯстдор", ки решаи philia "дӯст"-ро дорад. У. Э. Вайн ташкилдиҳандаи "Луғати маънидодкунандаи калимаҳои Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид", ба калимаи philia маъно дода, чунин менависад: "он маънои дӯст доштан ва дӯстдор буданро дорад". Инро аз нуқтаи назари суханони Исо бубинед.

> "Агар шумо аз ин ҷаҳон мебудед, ҷаҳон шуморо ҳамчун аз они худ дӯст медошт. Вале аз сабаби он ки Ман шуморо аз ин ҷаҳон интихоб карда гирифтам ва шумо аз ин ҷаҳон нестед, ин ҷаҳон аз шумо нафрат дорад" (Юҳанно 15:19, тарҷумаи нави тоҷикӣ, NLT).

Гарчанде ки шумо пештар ба ҷаҳон тааллуқ доштед, ҳоло ба он тааллуқ надоред. Акнун шумо ба Худо тааллуқ доред. Ҳангоме ки мо худро ба Исо бахшидем, инсоне, ки дар ҷисми мо зиндагӣ мекард,

аз байн рафт. Махлуқи умуман наве пайдо шудааст. Шумо аз олами боло ҳамчун инсоне, ки бо Худо дар аҳд аст, таваллуд ёфта шудаед.

Исо гуфт, ки нишонаи тааллуқ доштани инсон ба Худо, ин аз ҷаҳон нафрат доштани вай мебошад. Ба худ рӯйрост савол диҳед: "Оё ҷаҳон аз ман нафрат дорад?" Оё аз дӯстони масеҳии шумо ҷаҳон нафрат дорад? Агар "ҳа" бошад, дар ин шароит чӣ тавр кору зиндагӣ карда, дар он фоиданок бошем? Чӣ тавр ҷаҳонро барои Худо дастрас кунем? Агар ҷаҳон моро дӯст медошт, он гоҳ мо таъсири беҳтаре расонида метавонистем? Ба ин саволҳои мушкил ҷавоб ёфтан лозим аст ва мо дар бобҳои дигар ҳаракат карда, ҷавоб медиҳем.

Расул Юҳанно ба суханони Исо аз дигар нуқта назар мекунад. Ӯ далерона ба мо мегӯяд: "Ҷаҳонро дӯст надоред, на он чиро ки дар ҷаҳон аст: касе, ки ҷаҳонро дӯст медорад, дар вай муҳаббати Падар нест" (1 Юҳанно 2:15).

Исо, Яъқуб ва Юҳанно дар бораи инсоне, ки бо Худо муносибат дорад ва бовуҷуди он ҷаҳонро дӯст медорад ва баръакс, суханони сахтро истифода мекунанд. Онҳо мегӯянд, ки дӯстӣ ва муҳаббат ба ҷаҳон ва инчунин муҳаббати ҷаҳон ба мо, ба зинокорӣ, душманӣ ва беҳурматӣ ба Худо баробар аст. Пеш аз он ки ин суханони сахтро нисбати ҷаҳон шарҳ диҳем, биёед, аввал аниқ кунем, ки ҷаҳон чӣ аст ва кадом мафҳумро дорад.

Калимаи юнонии ҷаҳон ин kosmos аст. Ва ин калима маънои "олами муосир (ҳозиразамон), тартибу қоидаҳои он, ки ба Подшоҳии Исои Масеҳ муқобил аст ва барои ҳамин дар худ ҳамеша чизҳои камаҳамият ва гузарон ва хоҳиш нодурустро дар бар мегирад, дорад". Биёед, ҳамаи ин калимаҳоро дида мебароем.

*"Гузарон"* аз калимаи "гузаштан" гирифта шуда, маънои "кӯтоҳмуддат, муваққатӣ, боқӣ намемонда"-ро дорад. Агар мо ба рушди ҷамъият бо мурури замон, назар кунем, он гоҳ мо мушоҳида карда метавонем, ки сохтори ҷамъият ҳамеша тағйирёбанда аст. Тағйиротҳо умуман фоиданок буда, пешрафт, рушд ва тараққиёти ҷамъиятро нишон медиҳанд.

Аммо тағйироти одобу ахлоқ одатан моро аз он чизе, ки назди Худо хуб аст, дур мебарад.

Дар ҷамъият он чизҳое, ки дирӯз беахлоқӣ ва беодобӣ шуморида мешуданд, имрӯзҳо раво ва чизҳои одатӣ шуморида шудаанд. Биёед, як мисоли соддаро мегирем, масалан филме, ки ба бачаҳои то 13-сола ҳамроҳи волидайнашон тамошо кардан иҷозат дода шудааст. Дар ҷои фурӯши чиптаҳо одамони бисёр дар навбат меистанд. Ҳоло он ки дар ин филми замонавӣ саҳнаҳои куштор, таҷовуз ва беахлоқӣ хеле зиёд мебошанд. Саҳнаҳои алоқаҳои ҷинсӣ ва алоқаҳои ҷинсии бачабозон низ дар филм ҷой дода шуданд. Актёрҳо ролҳои одамкушон, уздон, ҷодугаронро дар филм бозӣ мекунанд. Ва аз рӯи ин филм ин корҳои бадро на фақат шахсони бад мекунанд, балки қаҳрамони мусбии филм низ онҳоро анҷом медиҳад. Одатан дар гуфтори онҳо суханони қабеҳ истифода бурда мешаванд ва ҳатто дар он ҳолатҳо номи Худоро ба забон меоваранд. Аммо агар ин филмро дар соли 1950-ум ба Амрико нишон медоданд, тамошобинон аз шунидани ин қадар зиёдии суханони қабеҳ, саҳнаҳое, ки шахсони бараҳнаро нишон медиҳанд ва беодобӣ, ба даҳшат меомаданд! Одамон норозигии худро баён карда мегуфтанд: "Барои чӣ дар ин филм ду шахсе, ки никоҳ надоранд, якҷоя зиндагӣ мекунанд ва дар як ҷойгаҳ хоб мекунанд ва инро як чизи оддӣ нишон додаанд! Барои чӣ инро ҳамчун тарзи дурусти ҳаёт нишон медиҳанд? Ин шармандагӣ аст!" Тамошобинон ин гуна филмҳоро иҷозат намедоданд ва ба тамошои онҳо намерафтанд.

Инак, чӣ рӯй дод? Оё Худо меъёри нави чизҳои иҷозатдодашуда ва хубро эълон кардааст? Оё сарҳадҳои чизҳои иҷозатдодашуда васеъ гардидаанд? Оё мо донотар шудаем? Ё ин ки дар солҳои панҷоҳум мо одамони кӯҳна будем ва ҳоло бошад, пешравӣ ва тараққиёт омадааст?

Агар мо ба омори ҳақиқӣ назар кунем, он гоҳ мо мефаҳмем, ки ин тағйиротҳо дар филмҳо, инъикоси меъёрҳои ахлоқӣ дар ҷамъият мебошанд. Таҳқиқотҳои охирине, ки дар Амрико гузаронида шуданд, нишон медиҳанд, ки миқдори духтароне, ки бо мардон би-

дуни никоҳ зиндагӣ мекунанд, аз соли 1982 се маротиба зиёд гардидааст. Аз рӯи омори US News & World Report аз солҳои 2006 то 2010 тақрибан нисфи аҳолии занон (48% фоиз) дар синни аз понздаҳ то чилу чорсола алоқаи ҷинсии то никоҳӣ доштанд, ки аз соли 2002, 11% зиёд ва аз соли 1995, 41% фоиз зиёдтар мебошад. Ман маълумотҳои зиёди омориро дар бораи аҳволи ахлоқии ҷамъияти мо оварда метавонистам, лекин ҳадафи ин китоб дар он нест.

Ҷаҳон инчунин ақидаеро ба мо бор мекунад, ки ҳаёти инсон ҳеҷ қадре надорад. Дар пешравӣ ва тараққиёти ҷамъият тағйиротҳои мусбие низ ҷой доранд. Дастовардҳо дар соҳаи илм, технология, коммуникатсия, тибб ва дар дигар соҳаҳо ба фоидаи одамизод буда, ҳосилнокӣ ва самаранокии инсонро зиёд мегардонад. Ин ба аҳкоми аввали Худо мутобиқ мебошад: “Боровар ва афзун шавед” (Ҳастӣ 1:22).

Оё ин тағйиротҳо дар ахлоқ ягон арзишро дар худ доранд? Ё ин ки дар асоси онҳо хасисӣ, шаҳват ва мансабталабӣ, ҷой гирифтаанд? Дар он ки мо тарбияи фарзандонро ба ду мард ва ё ду зане, ки бо ҳамдигар дар никоҳ буданд, супоридем, ин кӯдакон кадом беҳбудие диданд? Магар ингуна ғамхорӣ барои кӯдакон нисбат ба оилаи солим, ки дар он модар, зани меҳрубон ва падар, марди ҳақиқӣ аст, беҳтар аст, ё ин ки ингуна тағйиротҳо барои қонеъ гардонидани *хоҳишҳои нодуруст* (мафҳуми охирини мо калимаи kosmos), карда шудаанд ?

Оё марду зане, ки беникоҳ зиндагӣ мекунанд, бо ин рафтори худ ба тарбияи кӯдак намунаи хубе шуда метавонанд, ё ин гуна иттифоқҳо барои хоҳишҳои худпарастонаи волидайн ва бевафоии онҳо иҷозат дода шудаанд? Ҳангоме ки истеҳсолкунанда ва ё фурӯшанда дурӯғ гуфта, моли худро мефурӯшад, вай инро ба фоидаи харидор мекунад ва ё хасис буда, худро бой мегардонад? Оё маводҳои нашъаоваре, ки бо қонун иҷозат дода шуданд, фаъолияти мағзи сари инсонро хуб мекунанд? Оё ҳисоботҳои ҳаррӯзаи олимон нишон намедиҳанд, ки аз истифодаи маводҳои нашъаовар ҳуҷайраҳои сари инсон мемирад? Оё ягонтои аз ин қоидаҳои нодурусти аз ҷониби ҷамъият тасдиқёфта моро ба Худованд наздик мекунад?

Навиштаҷот мегӯяд, ки ин одатҳои дунё аз тарафи мири ин ҷаҳон, ки дар ҳаво ҳукмрон аст ва имрӯзҳо дар писарони исён амал мекунад, барқарор карда шудаанд (ниг. Эфсӯсиён 2:2). Бо дигар суханон, kosmos ин як фарҳангест, ки аз ҷониби фикрҳои ифлосшуда офарида шудааст. Расул Юҳанно ҳар як шакку шубҳаро аз миён бардошта, чунин менависад: “Мо медонем, ки мо аз Худо ҳастем, вале тамоми ҷаҳон дар зери ҳукумати иблис аст” (1 Юҳанно 5:19). Ҷаҳон торафт аз дил ва қудрати Худо дур меравад. Ва дар аксарияти ҳолатҳо ин дуршавӣ аз Худо, на ҳамчун зид баромадан ба Каломи Худо, балки шакли пинҳонӣ гирифта, ҳамчун пешравӣ ва тараққиёт вонамуд мегардад. Лекин афсӯс ки ҳақиқат дар он ки ҷаҳон шаҳрвандони худро торафт фурӯ бурда, онҳоро аз қалби Холиқ дур мекунад.

Дар “Луғати нави калимаҳои Китоби Муқаддас” ба ибораи “тарзи ҳаёти ҷаҳонӣ” мафҳуми амиқе дода мешавад. “Тарзи ҳаёти ҷаҳонӣ, ин анҷом додани корҳое нест, ки аксариятро ба хашм меовард. Ин бе фикру андеша қабул кардани андешаҳо, арзишҳо ва муносибати худ нисбат ба фарҳанг ва набаровардани онҳо ба доварии Каломи Худо мебошад”. Бо дигар суханон, тарзи ҳаёти ҷаҳонӣ доштан, ин аз ҷониби худ муайян кардани меъёрҳои неку бад аст. Назарҳо, арзишҳо ва муносибатҳое, ки дар ҷамъият пойдор шудаанд, ин натиҷаи табиати гуноҳкоронаи инсон, шаҳвати ҷисм, мансабталабӣ, обрӯву иззатталабӣ ва машҳур шудан мебошад.

> “Ба ин дунё ва ба ҳар он чӣ, ки дар он аст, дил набандед. Касе, ки ба ин дунё дил мебандад, муҳаббати Худо дар вай нест. Чунки ҳар чизе, ки дар ин дунё ҳаст, яъне ҳавасҳои нафсонӣ, чашмгуруснагӣ ва бо молу мулк калонгирӣ кардан, ҳамаи ин на аз ҷониби Падари Осмонӣ, балки аз дунё мебошад” (1 Юҳанно 2:15,16, NLT, тарҷумаи нави тоҷикӣ).

Ба калимаҳои “ҷаҳон пешниҳод мекунад” эътибор диҳед. Мутобиқи суханони Яъқуб дар ин ҷо таъсири зинокорон ва ин ҷаҳонро, ки шуморо фурӯ бурдан мехоҳанд, дида метавонед.

Илтимос, шумо он касоне, ки пайрави Масеҳ ҳастед, маро бишнавед: ҷаҳон туро фурӯ бурдан мехоҳад. Пешниҳоди ҷаҳон барои

бо ӯ алоқа доштан, одатан суханони ҷалбкунанда, мантиқан дуруст, гӯшфорам, фоиданок ва ҳаловатбаранда намоён мегардад. Вай аз он суханони фиребкунандаи мор, ки ба Ҳавво гуфта буд, ҳеҷ фарқе надорад. Он мисли зани фоҳишае, ки мардро ҳамчун сайди худ зери чашм кардааст. Вай мардро ба он бовар мекунонад, ки ин алоқа барои ӯ хуб аст, ва вайро ба тӯри худ мепечонад. Ин тӯр марди соддаи аз ҳама чиз бехабарро ба доми худ мепечонад ва зан ҳама чизи заруриро аз ӯ мегирад.

Тӯри ин ҷаҳон масеҳиёнро бераҳмона, ҳамчун қурбонии худ иҳота карда, онҳоро аз ҳузур, ҳаёт ва баракати Худо дур мебарад. Муаллифи китоби Масалҳо далерона мегӯяд, ки ҷойгаҳи ин ҷаҳон доми марг аст ва роҳҳои он сӯи дӯзах мебаранд. Вай огоҳ мекунад, ки вай *бисёр мардон ва занони қавиро ба доми худ афтонда, сӯи марг бурдааст* (ниг. Масалҳо 7:21,27).

## Чӣ ҷаҳон нест

Барои маънидод кардани мафҳуми "ҷаҳон" одатан ба шакли он, на ба ангезаҳо, диққат дода мешавад. Ҳангоме ки ман суханони имондоронеро, ки зери таъсири ҷамъияти легализм (рафтор аз рӯи қонунҳои устуворшуда) мондаанд ва ё дар ин гуна ҷамъият ба воя расиданд, мешунавам, ҷигарам хун мешавад. Дар бораи легализм бисёр гуфта шудааст ва баъзан ба он мафҳуми нодурусте додаанд, барои ҳамин пеш аз он ки идома диҳем, биёед, ба мафҳуми легализм назар мекунем. Мафҳуми луғатии легализм "Пайравӣ ва иҷрои қатъии қонун ва ё қоидаҳои ҷоришуда, итоат ба ҳарфи қонун, на ба рӯҳи он аст. Доварии рафтор аз рӯи қонуни муқарраргашта мебошад".

Бисёри аз мо ҳодисаҳои даҳшатнокро мешунавем, ки дар масеҳияти беҳаёт ва бехудоёна ба вуқӯъ омадаанд. Усқуфон аз минбарҳо бо Китоби Муқаддас дар даст ва бо овози баланд, қоидаву меъёрҳоеро, ки бояд риоя кард, эълон мекунанд. Онҳо занони либоси зебо, ороиши рӯй, ҷавоҳирот, мӯйҳои кӯтоҳ ва рангкардадо-

штаро, дар тарзи ҳаёти ҷаҳонӣ доштан айбдор мекунанд. Дар ин маъвизаи нотиқон мардҳоро низ сарзаниш мекунанд: ҳамаи либос ва намудии зоҳирии онҳо зери тафтиш медароянд.

Ва воизон дар ин кори худ боз намеистанд. Агар ягон шахсро дар байни гуноҳкорон бинанд, маҳкумият дер намемонад. Ва ҳама шахсоне, ки ба кинотеатр ва ё ҷойҳои тафреҳӣ мераванд, зери танқид гузошта мешаванд. Ба тарафи рафиқоне, ки ба гурӯҳи одамони хубрафтор намедароянд, бо чашми бад мебинанд. Ҳама гуна ҳаракатҳои ба таври эҷодкорона дастрас кардани гуноҳкорон, ҳамчун аз имон афтодан шуморида мешавад. Дар рӯихати чизҳои манъшуда: рақсу бозӣ, ташриф овардани маҳфилҳои ҷамъиятӣ, ҳама мусиқиҳои ҷаҳонӣ, телевизион дидан, дар бинои калисо истифода бурдани чароғҳои дурахшон ва дудҳои саҳнавӣ ва ин ҳам рӯйхати пуррае намебошад, ки ба масеҳие, ки "пайрави Исо шуда, аз ҳамаи чизҳои ҷаҳонӣ рӯй гардониданӣ мебошад", пешкаш карда мешавад.

Ман фақат якчанд ҳадафи легалистонро гуфтам, лекин дигар намуди пинҳонии легализм низ вуҷуд дорад, ки хеле хатарнок аст. Одатан ин меъёрҳое, ки масеҳӣ бояд ба он мутобиқ бошад, то ки наҷот ёбад ва ба Масеҳ наздик шавад, ё ки онҳо одамонро аз рӯи намуди зоҳирӣ баҳо медиҳанд. Дар ин рӯйхат чизҳо ба монанди дуои тӯлонӣ, ки якчанд соат идома меёбад, рӯзадорӣ, хондани порчаҳои Китоби Муқаддас шуда метавонад. Албатта, ҳама ин чизҳо хуб аст, лекин барои бартарии рӯҳонӣ доштан аз дигарон ин корҳоро кардан дуруст нест.

Чунин низ шуданаш мумкин аст, ки мо барои корҳои нодурустамон бахшишро қабул карда натавониста, мегузорем, ки бо ҳар роҳ ҷазо гирем ва ҳамин тавр худро сафед кардан мехоҳем. Дар ин ҳолат мо дар бораи қуввати Хуни Масеҳ аз хотир бароварда, ба аъмоли худ такя мекунем.

Легализм дар он ақидае низ зоҳир шуданаш мумкин аст, ки аз сабаби хизмат кардани ман дар калисо, барои ман роҳ сӯи Худо кушода шудааст. Ё мо фикр мекунем, ки аз сабаби он ки мо гуноҳҳои

калон содир намекунем, Худо зудтар ба дуоҳои мо ҷавоб медиҳад. Дар фикррониамон мо хирмани худро бо корҳои нек ва рафтори хуб пур карда метавонем. Легализм ба инсон истироҳат кардан ва бо ҳаёт ҳаловат бурданро иҷозат намедиҳад, доимо бо фикри "ман доимо ба "хизмати Худо" дар идораи Калисо бошам, ба хизмати ройгон, ба ғамхории бенавоён бояд банд бошам", фишор меоварад. Дар ин ҳолат муҳаббат дигар ангеза шуда наметавонад, онро кӯшишҳои ба Худо писанд омадан иваз мекунанд.

Намунаи классикии легализм, ин он фарисие мебошад, ки гуноҳкори машҳури шаҳрро маҳкум карда, ҳаёти худро бо ҳаёти он боҷгир муқоиса кард. Фарисӣ назди Худо худро барои рафторҳои хубаш таъриф кард: вай гуноҳ намекард, одамонро фиреб намедод, чи тавре ки дигар гуноҳкорон фиреб медиҳанд, зино намекард, доимо дуову рӯза гирифта ва саховатмандона ба маъбад қурбонӣ мекард. Ҳангоме ки ин шахси рӯҳонӣ истода, бо корнамоҳои худ назди Худо фахр мекард, гуноҳкор бошад, дар як гӯшаи маъбад бо сари хам истода, аз Худо барои худ бахшиш металабид. Исо гуфт, ки аз назди Худо на ин одами "комил", балки гуноҳкор сафед шуда, рафт.

Ингуна легализм (қонунчигӣ) дар рӯҳи ин ҷаҳон мустаҳкам ҷой гирифтааст, барои он ки ин легализм дар ғурур, дар ҷамъият мавқеъ доштан, худро қонеъ гардонидан, ба қоидаҳои аз тарафи ин ё он шахс баровардашуда, асос гирифтааст. Бо ин гуна рафтор инсон дигар аз Худо вобаста набуда, диққатро ба худаш ҷалб мекунад. Ин легализм хурсандиро, ки бо худ ҳузури Худоро меоварад, медуздад.

Як дӯсти ман тоҷир ба бисёр одамон таъсири калон дорад. Вай дар ин гуна легализм ба воя расида, баъд аз он озод шудааст. Боре вай ба ман гуфт: "Ҷон, ман фикр мекардам, ки ҳама чизҳои хурсандиовар, ки дар дунё ҳаст барои масеҳиён раво намебошад". Усқуф ва роҳбарони калисои ӯ ба намуди зоҳирии инсон диққати худро ҷалб карда, он чизе ки дар дили инсон пинҳон буд, дида наметавонистанд. Калисои онҳо дар шаҳре, ки буданд, таъсири мусбӣ расонида наметавонистанд. Афсӯс ки роҳбарони ин калисо суханони Павлусро нафаҳмиданд: "Зеро ки Малакути Худо аз хӯрдан ва нӯ-

шидан иборат нест, балки адолат, осоиштагӣ ва хурсандӣ дар Рӯҳи Муқаддас мебошад" (Румиён 14:17).

Дар Рӯҳ монда, мо хурсандии доимиро аз сар гузаронида метавонем. Барои шахсоне, ки дар гуноҳ зиндагӣ мекунад, хурсандии доимӣ мавҷуд нест. Исо барои ҳамаи гуноҳкорон дар ҷамъият, ки ростқавл буданд, ҷолиб ва ҷазбкунанда буд. Ҳар як инсоне, ки ба тариқи легализм наҷоти Масеҳро ба даст овардан ва ё дар Масеҳ рушд кардан мехоҳад, хурсандии ҳақиқиро надорад. Ин гуна инсон дар олами бисёр хурде зиндагӣ мекунад, барои он ки аз ҳар одаме, ки фикри дигар ё тарзи ҳаёти дигар дорад, худро канорагирӣ мекунад.

Хуб мешуд, ки агар роҳбарони калисое, ки ин тоҷир ба он мерафт, аз болои суханони Павлус, ки дар Нома ба Қӯлассиён навиштааст, фикр мекарданд.

> Агар шумо бо Масеҳ нисбат ба аносири ҷаҳон мурда бошед, пас чаро, мисли онҳое ки дар ҷаҳон зиндагӣ мекунанд, фароизи: "нарас", "начаш", "даст наков"- ро пайравӣ менамоед, дар сурате ки онҳо пас аз истеъмол фано мешаванд, зеро бар аҳком ва таълимоти инсонӣ бино шудааст. Ҳамаи ин дар ибодати худсарона, хоксорӣ ва озори ҷисм ба назар ҳикмат менамояд, лекин дар ҷилавгирӣ кардани ҷисм фоида надорад" (Қӯлассиён 2:20,23).

Аҷоибаш он аст, ки Павлус қоидаҳои легалистиро, ки дар раъдкунӣ ва тартибот асос гирифтааст, диндорӣ ва қуввати ин ҷаҳон мегӯяд. Ин маънои онро надорад, ки алоқаҳои ҷинсии бениқоҳ, одамкушӣ, дуздӣ, бадмастӣ ва ғайраҳо гуноҳ нестанд. Ин шакли дигари ҳаёт зери қонунҳои ин ҷаҳон мебошад. Одамоне, ки банду басти ин легализм мебошанд, намефаҳманд, ки он қоидаву қонунҳое, ки онҳо ин қадар сахт риоя мекунанд, фақат шакли дигари системаи ин ҷаҳон мебошад, ки онҳоро дар ғуломӣ нигоҳ медорад.

Ҷавоби он дар суханони Павлус "ҷилавгирӣ кардани ҷисм фоида надорад" мебошад. Легализм қалби инсонро пок намекунад, дили инсон он ҳадафе ҳаст, ки ҷаҳон ба он тир мепаронад. Ана барои ҳа-

мин ҳам, навишта шудааст: “Бештар аз ҳама чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор, зеро ки зуҳуроти ҳаёт аз он аст” (Масалҳо 4:22).

Исо гуфтааст: “Шахси нек аз ганҷинаи нек, чизҳои некро мебарорад...” (Матто 12:35). Муҳимаш он аст, ки мо ганҷинаи худро, ки дар дохиламон мебошад, ҳифз кунем. Дили худро пок кунед ва он гоҳ ҳамаи чизҳои зоҳирӣ низ ҷои дурусти худро, мувофиқи он чи ки Худо нек мешуморад, мегиранд.

Хулоса: ҷаҳон на одами зоҳирӣ, балки одами ботиниро зери ҳамла қарор медиҳад. Он дар хоҳишҳои инсон, ангезаҳои дил ва фикри вай ҷой мегирад. Ин аст, майдони набард, маҳз дар ҳамин ҷо тӯр партофта мешавад. Маҳз дар ҳамин ҷо дӯстӣ ва зинокорӣ бо ҷаҳон сар мешавад, ки оҳиста-оҳиста инсонро фурӯ мебарад. Ин бо он шахсе, ки ба калисо намеояд ва бо он шахсе, ки ҳамеша дар ҳар ҷамъомади калисо мебошад ва дар хизмат аст, бо осонӣ рух доданаш мумкин аст.

Акнун ки тасаввуроти дурустро дар бораи ҷаҳон гирифтем, биёед, ба саволи *дӯстӣ* мегузарем. Маънои дӯстӣ бо ҷаҳон чист? Чӣ тавр бо он зино кардан мумкин аст? Ба ин саволҳо мо дар боби навбатӣ ҷавоб хоҳем дод.

8

# ДӮСТӢ

... дӯстии мо бо Худо ба воситаи марги
Писараш барқарор карда шуд.
— Румиён 5:10 (NLT, тарҷума аз забони инглисӣ).

Он чизе, ки дили шумо ба он баста шудааст,
он Худои шумо мебошад.
— Мартин Лютер

Ҳама дӯстон доранд ва ҳама аз дидори дӯст хуш аст. Дар айёми бачагӣ ман ду дӯсти беҳтарин бо номи Денни ва Глен доштам. Ҳамаи вақтҳои холигиро бо онҳо мегузаронидам. Мо бо варзиш машғул мешудем, бо дучархаҳо сайругашт мекардем, ягон корро ёд мегирифтем, бозиҳо фикр мекардем, ба шаҳр мерафтем ё ин ки нишаста сӯҳбат мекардем. Мо дар бораи шавқҳои худ сӯҳбат мекардем: дар бораи рафиқон, духтарҳо, дар бораи дарси мактаб, чорабиниҳои мактабӣ, дар бораи варзиш, нақшаҳо барои оянда ва боз бисёр чизҳои дигарро низ дида мебаромадем. Мо муносибатҳои хуби дӯстона доштем. Мо якдигарро дастгирӣ карда, барои пешрафт ва тараққӣ ташвиқ медодем, дар мушкилиҳо ба ҳамдигар кӯмак мерасонидем. Бо дигар суханон гӯям, ба ман аз ҳама бештар вақтгузаронӣ бо ин дӯстонам маъқул буд.

Шумо чӣ? Дӯстони айёми бачагии худро ба ёд меоваред. Элементҳои асосии дӯстиро номбар кунед. Ман боварӣ дорам, ки дар байни онҳо ҳамроҳ вақтгузаронӣ, муносибат ва якдигарфаҳмӣ, шавқҳои якхела, мебошанд. Муҳаббат, боварӣ, эҳтиром, шӯхиву хурсандӣ низ бисёр муҳиманд. Албатта дар ҳолати мушаххас ди-

гар ҷиҳатҳои дӯстиро низ қайд кардан мумкин аст. Аммо барои ҳар яки мо муҳим буд, ки аз ҳузури дӯстон хуш мешудем.

Навиштаҷот дар бораи дӯстӣ чизҳои хубе мегӯяд. Яке аз оятҳои дилписанди ман ин: "Равған ва атр шод мекунад ва ширинии ёр аз машварати ҷонист" (Масалҳо 27:9). Мо барои он офарида нашудаем, ки дар танҳоӣ зиндагӣ кунем, дӯстон одамро зиндадил месозанд. Дар офариниши аввали Худо маҳз ҳамин чиз намерасид. Вай гуфт: "Хуб нест, ки Одам танҳо бошад" (ниг. Ҳастӣ 2:18). Мо бо шабоҳати Ӯ офарида шудаем ва барои ҳамин дар мо хоҳиш дӯстӣ кардан ҷой гирифтааст.

Лекин тарафи дигар низ мавҷуд аст. Исо, Яъқуб ва Юҳанно дар бораи як намудии дӯстие менависанд, ки он дӯстии хуб нест. Боз як бори дигар суханони Расулро хонед: "Эй зинокорон! оё намедонед, ки дӯстӣ бо дунё душманӣ бо Худост? Пас касе ки мехоҳад дӯсти дунё бошад, душмани Худо мегардад (Яъқуб 4:4). Ин на танҳо изҳори норозигӣ аст, Яъқуб далерона ва рӯйрост мегӯяд! Саволе ба миён меояд, кадом хислатҳо дӯстиро бо дунё нишон медиҳад.

## Алоқаи классикӣ

Дар боби пештара мо фаҳмидем, ки калимаи philia маънои "дӯст будан" ё "дӯстӣ кардан" ва инчунин "азиз будан ва дӯст доштан"- ро дорад. Дар "Луғати калимаҳои Китоби Муқаддас" гуфта шудааст, ки: "дар олами Юнони Қадим мафҳуми дӯстӣ хел васеъ буд. Philia одатан ба маънои "ошно будан", "шиносоӣ доштан" истифода бурда мешуд ва инчунин ҳамин калима ба муносибатҳои наздики дӯстона низ истифода мешуд". Умуман он калимае, ки Яъқуб ҳамчун *дӯстӣ* истифода бурдааст, дар бисёр мавридҳо истифода бурда мешуд. Ҳамаи мо медонем, ки ҳар гуна сатҳи дӯстӣ вуҷуд дорад ва он чизе ки Яъқуб мегӯяд ба ҳамаи ин сатҳ вобаста мебошад. Ва баъд ин мафҳум новобаста бо хиёнат ва зинокорӣ алоқа дорад.

Зинокорӣ бар зидди Худо, аз бевафоӣ дар никоҳ кам фарқ мекунад, барои ҳамин қадамҳои ишқварзии марди оиладорро бо зани

бегона дида мебароем. Дар аксари ҳолатҳо шавҳар дар оғӯши маъшуқаи худ дар рӯзи аввал намеафтад, ҳамаи ин аз бозиҳо ва нигоҳҳои ногаҳонӣ ё қасдан сар мешавад.

Дар аввал ин ҳамту вохӯрии ду нафар, вақте ки онҳо бо якдигар *шинос* мешаванд. Ин ба воситаи шабакаҳои интернетӣ ва ё дар воқеият шуда метавонад. Дар вақти шиносоӣ оташе аланга мезанад. Одатан майлу рағбати мард ба зани бегона аз сабаби норасогии диққат аз тарафи ҳамсараш ба вуҷуд меояд. Хиёнатҳое, ки аз сабаби хоҳиши муносибатҳои наздики ҷисмонӣ ва ҷонӣ доштан ба вуқӯъ меоянд, камтар мебошанд. Вохӯриҳои аввал безарар намоён мегарданд, лекин торафт шавқу рағбат ба якдигар афзун мегардад. Ва баъд ба якдигар рақами телефон ва суроғаи почтаи электронии худро медиҳанд.

Ва ҳар дафъае ки онҳо ба воситаи телефон, смс, мактубҳои электронӣ бо якдигар ба алоқа мебароянд ва ё "ногаҳон" ба якдигар дучор мешаванд, он вақт алоқаи онҳо қувват мегирад. Ин ҳолатҳо муносибатҳои онҳоро чуқуртар мекунад. Онҳо якдигарро мехоҳанд, вале ягонтои онҳо ба ин иқрор намешавад. Ин майлу хоҳишҳои ногуфта ба ҳаяҷон меорад, аз сабаби он ки муносибатҳо рушд мекунанд. Онҳо аллакай сарҳади дӯстиро гузаштаанд.

Баъд онҳо боз як қадами дигаре гузошта, бо якдигар барои як пиёла қаҳва нӯшидан ва ё якҷоя таъом хӯрдан вомехӯранд. Одатан дар ин вақт ҳиссиёти онҳо ба якдигар маълум мешавад.

Акнун мард ҳамеша дар бораи вай фикр карда, доимо бо он зан наздик буданро мехоҳад. Вай орзу мекунад ва ба нақша мегирад, ки чӣ гуна онҳо аз занаш ва дигар одамон пинҳонӣ вохӯрда метавонистанд. Дили вай ба ҳамсараш хунук шудааст, он дил пур аз фикрҳо дар бораи зани бегона мебошад. Ҳатто ҳамроҳи занаш буда, дар фикру хаёлаш бо он зани бегона мебошад. Дер ва ё зуд онҳо дар як ҷогаҳ хоб мекунанд.

Чӣ тавр ҳамааш оғоз ёфт? Аз фикрҳо ва суханони ношоям дар тамоми марҳилаи шиносии онҳо. Дар кадом лаҳза муносибатҳои онҳо ба хиёнат табдил гашт? Ҳангоме ки онҳо ба якдигар рақамҳои

телефонҳои худро доданд ва ё пас дар танҳоӣ вохӯрданд? Ё ин ки ҳангоме ки вай бори аввал ба дасти он зан расид? Аз бӯсаи аввал? Ё хиёнат он вақт рӯй дод, ки онҳо либосҳои худро кашида, ба ҷойгаҳ даромаданд?

Дар асл хиёнат аз ҳамаи ин пештар рӯй дод. Исо ба ин мавзӯъ дар Инҷили Матто равшанӣ меандозад: "Аммо Ман ҳоло мегӯям, ҳар кас, ки ба зан нигоҳ карда, дар хаёлаш бо ӯ ҳамбистар шудан хоҳад, аллакай дар дили худ чунин гуноҳ мекунад" (Матто 5:28, NLT).

Дил он ҷое, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, чизҳои зоҳирӣ фақат пайрави дили мост. Зинокорӣ, ҳангоме ки мард бо ин зан *шинос шуда,* ба ӯ майлу хоҳиш пайдо кард, рӯй дода буд.

## Дӯстӣ бо дунё

Айни ҳамон тавр дунё моро аз "муҳаббати аввалинамон" дур мебарад. Ҳама чиз аз шавқ ва майлу рағбат оғоз меёбад. Шавқи мо ҳазлу шӯхӣ, ҳаловат бурдан, роҳат кардан, ҳаяҷон, бозиҳо, комёбӣ ва ё дигар ҳолати ҷалбкунандае шуда метавонад. Шиносоӣ, мисли он ки ман дар мисоли боло гуфтам, дар шабакаҳои умум ва ё вохӯрии шахсӣ рӯй дода метавонад. Одатан ин дар натиҷаи қонеъ набудани мо аз муносибатҳоямон бо Худо сар мезанад. Мо дигар аз дӯстӣ бо Ӯ на он қадар хурсанд ҳастем. Вақтҳои сӯҳбати мо бо Ӯ якранг ва ё ғамгинона мегузаранд. Талаботи мо ба дӯстӣ моро ба дигар тараф мебарад.

Шавқу ҳавас ба чизҳои дунёӣ торафт зиёд мешавад ва мо вақти худро ба он сарф мекунем. Ва дар муддати кӯтоҳе фикр ва эҳсосоти мо ба асирӣ меафтанд. Агар мо ба суханони Павлус, ки ба ду калисои гуногун муроҷиат кардааст, бодиққат назар кунем, он гоҳ пай мебарем, ки дар он огоҳӣ мавҷуд аст, ки моро аз зино кардан бо ҷаҳон нигоҳ медорад, мо фақат ба огоҳии ӯ набояд ки беэътиноӣ кунем:

> "Пас модоме ки шумо бо Масеҳ эҳё шудаед, он чиро, ки дар афроз аст, *биҷӯед,* ки он ҷо Масеҳ ба ямини Худо нишастааст.

> Дар бораи он чи дар афроз аст, *фикр кунед*, на дар бораи он чи бар замин аст" (Қӯлассиён 3:1,2).

Оё шумо ин суханонро бодиққат хондед? Ва агар не бошад, ин суханонро бори дигар хонда, ба калимаҳои қаҷкардашуда эътибор диҳед ва фикр кунед, диққат кунед. Ақли мо дар бораи он чиз *фикр мекунад*, ки мо онро *меҷӯем*. Пеш аз он ки идома диҳем, биёед, суханони Павлусро, ки дар Нома ба Румиён гуфтааст, дида мебароем. Боз ба калимаи *фикр кунед* диққат диҳед.

> "Зеро онҳое, ки ба ҳабси ҷисм зиндагӣ мекунанд, дар бораи чизи ҷисмонӣ фикр меронанд, вале онҳое, ки ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ мекунанд, дар бораи чизи рӯҳонӣ фикр меронанд. Фикрҳои ҷисмонӣ мамот аст, аммо фикрҳои рӯҳонӣ ҳаёт ва сулҳу осоиштагӣ. Чунки фикрҳои ҷисмонӣ душманӣ ба Худост..." (Румиён 8:5,7).

Ба калимаи *душманӣ* диққат кунед. Маҳз ҳамин калима ба забони юнонӣ echthra дар Номаи Яъқуб 4:4 истифода мешавад. Дар луғати Стронг ин калима чунин маънидод шудааст: "душманӣ бо мақсади муқобилат кардан". Павлус боз ба имондорони бо ин дунё алоқадошта муроҷиат мекунад.

На танҳо муҳаббати Лиза, балки хашми ӯ низ маро аз хиёнат кардан бозмедорад. Дар ҳолати хиёнат кардан ман зери хашми ӯ меафтодам. Ман намехоҳам, ки шахсе, ки дӯсташ медорам, ба хашму ғазаб омада ва аз ман дилаш монад. Аммо дар муқоиса бо он чизе, ки Павлус ва Яъқуб мегӯянд, ин хашм бисёр ночиз аст ва ягон масеҳие, ки ақли солим дорад, хашму ғазаби Худоро дар худ имтиҳон кардан намехоҳад (Дар хотир доред, ки Павлус ва Яъқуб ба имондорон муроҷиат мекунанд).

Юнус дар шиками моҳии калон афтода, ғазаби Худоро аз сар гузаронд. Шимшӯн дар ғуломӣ афтода, биноии худро аз даст дода, фаҳмид, ки ин чӣ гуна мебошад. Элӣ ба ғазаби Худо дучор шуда, дар як рӯз бо писарони худ мурд. Боз дигар мисолҳое Шоул, Билъом, Аюб, Искандари мисгар ва бисёр дигарон низ ҳастанд. Худоро ба ғазаб овардан фикри хубе намебошад.

Агар боз мисолҳои дигарро донистан хоҳед, он гоҳ ба мурочиати Исо ба калисоҳо, ки дар китоби Ваҳӣ омадааст, назар кунед. Ин калисоҳои аслӣ бо имондорони аз олами боло таваллудёфта буданд. Калисоҳое, ки бо муносибати худ ба Худо вафодор набуданд. Худованд огоҳ мекунад, ки чароғдони онҳоро хоҳад ҷумбонид (ниг. Ваҳӣ 2:5). Дигар калисоро Худо огоҳ мекунад, ки бо вай мубориза хоҳад бурд (ниг. Ваҳӣ 2:16). Боз дигарашро огоҳ мекунад, ки касалӣ ва азобу укубат меоварад (ниг. Ваҳӣ 2:22). Ба чорумин гуфт, ки Ӯ ҳамчун дузд назди вай меояд (ниг. Ваҳӣ 3:3). Дар бораи панҷумаш мегӯяд, ки вайро аз даҳони Худ қай хоҳад кард (ниг. Ваҳӣ 3:16). Хулоса якест: ҳеҷ кас ғазаби Худоро аз сар гузаронидан намехоҳад!

Дар Нома ба Румиён (8:5) гуфта шудааст, ки "фикрҳои худро омода кунед" (дар тарҷумаи инглисӣ). Калимаи калидӣ дар ин ҷо "омода кунед" мебошад. Дар бораи ин калима фикр мекунем. Тасаввур кунед, зимистон аст ва ҳарорати гармкунандаи хона ба 21 дараҷа гузошта шудааст ва обу ҳавои берун манфӣ 20 дараҷа аст. Як нафар дар саросемагӣ аз хона баромада, дарро аз қафои худ напӯшид. Баъд аз рафтани он шахс, шамол дари даромади хонаро боз ҳам калонтар кушод. Шумо дар дигар гӯшаи хона буда, ҳис мекунед, ки ҳарорати дохили хона зуд ба поён фаромад. Шумо сабаби онро ҷустуҷӯ карда, дари калон кушодашударо мебинед, ки аз он ҷо хунукӣ ба дохил медарояд. Шумо зуд он дарро мебандед, лекин ҳарорати хона алаккай то 15 дараҷа фаромадааст. Баъд чӣ рӯй медиҳад? Ҳангоме ки ҳарорати ҳавои хона паст мешавад, термостати хона сигнал дода, кори системаҳои гармкунандаи хона тезтар шуда, ҳарорати онро то дараҷаи лозима боло мебардорад. Ва барои ин дахолати шумо лозим ҳам намебошад, ҳарорат ба таври автоматикӣ то 21 дараҷа бардошта мешавад.

Ба мисоли марде, ки ба зани худ хиёнат кардааст, бармегардем. Якчанд сол пеш, вақте ки он мард аз қафои зани худ медавид, шавқу рағбаташ нисбати он духтар зиёд буд. Вай орзу мекард, ки ҳар лаҳза назди ӯ бошад, аз наздик шинос шуда ва дар оянда вайро

зан карда гирад. Он духтар ҳамеша дар фикру хаёли ин мард буд, ҳангоме ки субҳ аз хоб хеста, ба кор мерафт, дар вақти кор, пеш аз хоб ба ҷойгаҳ рафтан, доимо дар бораи он духтар фикр мекард. Бо дигар суханон, агар фикри вай бо ягон чизи аниқ банд набошад, он гоҳ боз фикрҳояш дар бораи он духтар буд.

Ҳангоме ки ӯ ғарқи хаёл мешуд, он гоҳ рафиқонаш вайро тела карда мегуфтанд: "Ошно, бо ту чӣ шудааст?"

Дар ҷавоб вай шарм дошта мегуфт: "Маро бубахшед, бачаҳо, ташвишам зиёд аст". Вай ба дӯстони худ иқрор шудан намехост, ки дар асл дар бораи он духтар фикр мекунад, чунки дӯстон ӯро масхара мекарданд. Фикрҳои вай бо он духтар *банд* буд.

Лекин баъд аз никоҳу тӯй, баъд аз таваллуди фарзандон, вай ба алоқаи ишқӣ бо дигар зан медарояд. Айни ҳамин тавр ин рӯй медиҳад. Ин духтари нав доимо дар фикру хаёли вай буд. Вақте ки диққати вай ба ягон чизи аниқ банд набуд, фикрҳои ӯ боз ба ҳамон тарафи нодуруст мерафтанд. Ҳатто назди зани худ буда, дили вай ба зани бегона кашол буд. Вай бо он зан вохӯрдан мехост, чунки фикрҳояш фақат дар бораи ӯ буданд. Чи тавре ки термостати хона ба ҳарорати ҳавои дар он навишта бармегардад, инчунин фикрҳои мо ба чизҳои ба он ҷой карда, хоҳанд баргашт.

Ба имондорон ин чӣ гуна дахолат дорад? Ҳангоме ки мо наҷот меёбем, дили моро муҳаббат пур мекунад. Мо ҳангоме ки аз хоб мехезем, ноништа мекунем, ба мошин савор мешавем, дар вақти кор, вақте ки танҳо мемонем ва пеш аз хоб рафтан, мо доимо дар бораи Исо фикр мекунем. Мо ташнаи муносибат бо Рӯҳи Муқаддас мебошем. Мо бо ҳаяҷон мунтазири ҷаласаҳои калисо ҳастем, бо дигар имондорон дар бораи роҳҳои Худо муносибат мекунем. Бо дигар суханон, тамоми фикри мо бо Ӯ банд аст, диққати мо ба Ӯ равона карда шудааст.

Вақт мегузарад. Замонҳо буданд, ки мо ҷамъомадҳои калисоро мунтазир будем, ҳузури Худоро аз сар мегузарондем, ба Ӯ саҷда мекардем ва Каломи Ӯро мешунидем. Акнун бошад, фақат ҷисми мо дар ҷамъомадҳо ҳузур дорад, дар хаёли худ дар дигар ҷойҳо

парвоз мекунем. Фикрҳои мо ба зуддӣ ба тарафи варзиши дастаи дӯстдоштамон, бозор, чизҳои дар оянда истода, ба идҳои дар пешбуда, ба меҳмоние, ки моро ба он даъват кардаанд, ба дигар корҳо, мераванд. Чӣ шудааст? Оё фикрҳои мо ба он тарафҳо нохост мераванд, ё ин ки мо ба он фикрҳо бармегардем, ки пештар онҳоро хоста будем? Оё ин тавр нашудааст, ки худамон нафаҳмида, дигар азизонро барои худ интихоб кардем?

## Ҳодисаи ман

Ман ба шумо он ҳодисаеро, ки бо ман рӯй дода буд, гуфтанӣ ҳастам. Ҳангоме ки ман дар донишгоҳи Пердю, дар курси дуюм таҳсил мекардам, ду ҷавоне аз клуби масеҳиёни донишҷӯ назди ман омада, дар бораи чор қонуни рӯҳонӣ гуфтанд. Чашмони ман кушода шуданд ва ман ҳаёти худро пурра ба Исо бахшидам. Дар ҳамон лаҳза ман ҳамчун оташ ба Худо даргирифтам. Исо барои ман ҳамчун шахси воқеӣ гардид ва ман ошиқи Вай шудам. Ва аз Ӯ барои озодии ба ман бахшидашуда миннатдор будам. Ман ба ҳама касе, ки маро гӯш мекард ва ҳатто гӯш намекард, дар бораи Ӯ мегуфтам. Аз сабаби он ки ман дар ҳама ҷой дар бораи Исо мегуфтам, бародарон мехостанд, маро ба рӯйхати сиёҳ дароранд (аз клуб пеш кунанд).

Ҳамаи ҷавонбачаҳо аз клуби мо якчанд духтаронро медонистанд, ки онҳоро “хоҳаракон” меномиданд. Дутои онҳо дар асл бо якдигар хоҳар буданд, ва онҳо қариб ки бо нисфи ҷавонбачаҳои дар клуббуда, ин тақрибан шаст нафар, дар алоқаи ҷинсӣ буданд. Агар касе аз бародарон мехост, ки бо ягон духтар дар алоқаи ҷинсӣ бошад, онҳо медонистанд, ки ин духтарон ҳамеша тайёр ва дастрасанд.

Яке аз онҳоро мо назди Исо овардем ва дар ҳамон рӯз вай хоҳари худро низ ба назди Исо овард. Мо дар бораи ахлоқи бади онҳо чизе нагуфтем, лекин худи онҳо аз ин корҳо даст кашида, ба ҳама бачаҳое, ки пештар ҳамбистар мешуданд, акнун ба онҳо дар бораи Худо шаҳодат медоданд. Ин бародарон бисёр хашмгин шуданд. Ман яке аз роҳбарони он гурӯҳ будам ва дарсҳои Китоби Муқаддасро дар бинои кампуси клуб мегузаронидам.

Дар охир ба утоқи ман ҷонишини президентӣ омада, гуфт: “Ҷон, мо тасмим гирифтем, ки туро аз донишгоҳ хориҷ кунем” ва баъд вай чунин суханонро гуфт: “Барои чӣ ту мисли дигар масеҳиёни клуб шуда наметавонӣ?” Вай дар бораи он бачаҳое мегуфт, ки рӯзҳои якшанбе ба калисо мераванд, лекин бо вуҷуди он бо духтарон алоқаҳои ҷинсии берун аз никоҳӣ доранд, дар маҳфилҳо шароб менӯшанд ва боз бо дигар корҳои бад машғул мешаванд, ки дар клуби мо ин чизҳои одатӣ ва раво дониста шуда буд.

Ин вақти бисёр сахт буд ва новобаста аз он ки шахси дуюми клуб маро огоҳ кард, ки хориҷ мекунад, ин кор аз дасташ наомад. Онҳо овози заруриро барои хориҷ кардани ман ҷамъ карда натавонистанд. Мо бисёр ҷавононро назди Исо овардем ва ҳамаи онҳо маро дастгирӣ карданд.

Баъд аз якчанд моҳи вохӯрии ман ва ошиқ шуданам ба Исо, мавсими бозиҳои футбол оғоз ёфт. Ман аллакай дар курси сеюм мехондам ва мисли солҳои пештара чиптаҳои бозиҳои футболро дар даст доштам. Дар ду соли пештара ман дар ҳама бозиҳо ҳузур доштам, лекин аз сабаби он ки ман бисёр ба Исо шавқ пайдо карда будам, вақтҳои футболро ман ба омӯхтани Китоби Муқаддас сарф мекардам. Дар хобгоҳи донишгоҳ бисёр оромӣ буд, чунки ҳама ба бозиҳои футбол мерафтанд. Ин вақти бисёр аҷоиб барои дуо ва муносибат бо Худо буд. Ҳеҷ кас ба ман намегуфт: “Ту набояд ки ба футбол равӣ”, ман ҳатто фикр намекардам, ки тамошо ва ё бозӣ кардани футбол ин гуноҳ мебошад. Дар соли дигар ман бисёр бозиҳои футболро ташриф овардам. Лекин он вақт дар курси сеюм ман ба он бозиҳо нарафтам, барои он ки бо Худо будан мехостам. Ман хоҳиши Ӯро шинохтанро доштам. Фикри ман ба сӯи осмон равон карда шуда буд.

Ҳангоме ки ман донишгоҳро бо дипломи муҳандиси механикӣ тамом кардам, дар он вақт бисёр аз донишҷӯён, аз он ҷумла заншавандаи ман Лиза, бо Исо ошноӣ пайдо карда буданд. Дар он вақт вай яке аз духтарони бадрафтори донишгоҳ ба шумор мерафт. Муҳаббати сахти ман ба Исо таъсиркунанда буд, одамон ё маро

дӯст медоштанд ё аз ман нафрат мекарданд. Шахсони бетараф набуданд: агар шумо Ҷон Биверро вомехӯрдед, шумо пай мебурдед, ки фикр ва дили ӯ ба чӣ равона карда шудааст, хоҳиши сахт аз ман ҷорӣ мешуд. Ман мисли мухлиси ашаддии ягон дастаи варзишӣ ва ё ошиқи сахти ягон духтар будам.

Баъд аз ба охир расонидани таҳсилоти Донишгоҳ ман ба шаҳри Далласи Иёлоти Техас кӯч кардам. Баъд аз ним сол ба он ҷо Лиза низ омад ва мо оиладор шудем. Ман дар ширкати "Роквелл Интернешнл" ба ҳасби муҳандис кор мекардам. Ва ман боз бо шахсоне вохӯрдам, ки муҳаббати сахти ман ба Исо онҳоро ба хашм меоварад. Вақте ки ман ба мазоқҳои бемаънии онҳо ханда намекардам, ба суханҳои онҳо шарик намешудам ва ба шабнишиниҳои баъд аз кори онҳо иштирок намекардам, онҳо фикр мекарданд, ки ман аз ҳад мегузаронам. Лекин дар муҳити касбӣ ба рафтору назарҳои ман, нисбат дар клуби донишҷӯёни масеҳӣ, пуртоқаттар муносибат мекарданд.

Баъд аз бисту ду моҳ маро барои кор ба калисо даъват карданд. Ин яке аз калисоҳои бузургтарин ва машҳуртарин дар Амрико буд, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ таъсир дошт. Дар калисо чорсад коргар, ки дар ҳар кор машғул буданд, хизмат мекарданд. Вақте ки маро ба кор даъват карданд, ин барои ман бисёр кори калон буд. Ман фикр мекардам, ки дар дастаи коргарони калисо будан, ин рӯйдоди беҳтаринест дар ҳаёти ман, баъд аз наҷоти ман. Ман фикр мекардам, ки ҳангоме ки бо масеҳиён корро сар мекунам, таъқибот ба охир мерасад. Ба ман акнун лозим нест, ки мисли пештара чи гунае ки дар ташкилоти донишҷӯён ва ширкати "Роквелл Интернешнл" буд, дигар мубориза барам.

Дар он сол "Даллас ковбой"-ҳо дастаи беҳтарини футболи амрикоӣ буд. Ман мухлиси онҳо набудам, азбаски дар иёлоти Мичиган ба воя расида будам, лекин ҳар рӯзи душанбе мешунидам, ки чӣ гуна ҳама дар бораи "ковбой"- ҳо мегуфтанд. Ҳамкоронамон дар қаҳванӯшӣ ҷамъ омада, дар бораи бозиҳое, ки дар рӯзҳои истироҳатӣ мегузаштанд, бо шавқ мегуфтанд. Аз сабаби кунҷковӣ ман бозиҳои "Ковбойҳо"-ро аз тариқи телевизион тамошо карданро сар кардам.

Дар аввал ман фақат нисф ё чоряки вақти бозиро медидам. Ба ман бозии "Ковбой"- ҳо писанд меомад, чунки дар асл онҳо хуб бозӣ мекарданд. Боз яке аз бартариҳои дидани бозиҳо дар он буд, ки рӯзи дигар ман онро бо бачаҳо дар кор муҳокима карда метавонистам.

Ҳамаи ин мисли як чиз оддӣ ва безарар оғоз ёфт. Лекин баъд аз якчанд вақт шавқи ман ба "Ковбой"- ҳо зиёд гашт ва ман тамоми бозиро аз сар то охираш медидам. Ман пай бурдам, ки ҳангоми бозӣ бо телевизион гап зада, ба бозингарон дод мезадам. То ба ҳамин ҳолат расид, ки ман ягон бозиро, як дақиқаи онро ҳам, надида намемондам. Ва ҳатто дар мавсиме, ки бозиҳо набуданд, мо бо коргаронамон дар бораи он бозиҳо гап мезадем, ки дар мавсими оянда "Ковбой"- ҳо чӣ гуна баромад хоҳанд кард. Ва ҳатто вақтҳое, ки мо бо бачаҳо дар калисо дар бораи ин гап намезадем, ман худам дар бораи бозингарони ин даста фикр мекардам. Ман ба мухлиси ашаддӣ табдил гаштам!

Пеш аз оғози мавсими нави бозиҳо ман дар интизорӣ будам. Ҳар ҳафта баъд аз хизматгузорӣ ман зуд ба хона рафта, ҳатто либоси худро иваз накарда, дар назди телевизион менишастам. Ба он нигоҳ накарда, ки либоси ноқулай дар тан доштам, ман мисли мехзада дар он ҷо менишастам. Ман ягонто бозиро аз даст додан намехостам.

Дар вақти танаффус ман либоси худро дигар мекардам. Агар ба Лиза кӯмаки ман лозим мебуд,- "Маро бубахш азизам, дар майдон "Ковбой"- ҳо баромадаанд". Мо дар вақти танаффус ва ё баъд аз бозӣ ғизо мехӯрдем, лекин дар вақти бозӣ ҳеҷ гоҳ дар сари дастархон наменишастем.

Акнун ман мавқеи ин дастаро дар ҷадвали бозиҳо медонистам. Ман доимо дар бораи онҳо фикр мекардам, ки чӣ гуна "Ковбой"- ҳо беҳтар бозӣ карда метавонанд. Ҳангоми муҳокимаи бозиҳо дар кор ман шахси аввалин будам. Ман бо бозиҳои дастаамон фахр мекардам ва ин муҳокимаҳои мо фақат рӯзҳои душанбе не, балки ҳама рӯзи ҳафта шуда буд. Дар калисои мо баъзеҳо чиптаҳои абонементии яксоларо доштанд ва агар ман ба ягон бозӣ чипта ба даст меовардам, аз хурсандӣ тӯппии худро ба осмон мепартофтам.

Вақтро ба пеш гузаронида, нигоҳ мекунем, ки дар мавсими оянда чӣ рӯй дод. Ва якчанд рӯз пеш аз ин ман бо як дуои бисёр содда дуо гуфтам. Лекин ҳатто пай намебурдам, ки чӣ гуна ин дуо ҳаёти маро тағйир медиҳад. Дуо чунин буд: "Худованд, ман хоҳиш мекунам, ки ту ҳаёти маро тағйир диҳӣ. Ман муқаддас шудан мехоҳам, барои Ту худро бахшидан мехоҳам, барои ҳамин агар дар дили ман чизе бошад, ки ба Ту писанд намеояд, онро ошкор карда, аз ман дур соз". Ман дарк намекардам, ки ин дуо чӣ гуна муҳим аст ва он чиро ба ман ошкор мекунад.

Мавсими бозиҳои футбол ба охир расида, давраи бозиҳои "плей-офф" (бозиҳои аз давра хориҷкунанда) сар мешуданд. Рӯзи муҳими бозӣ расид. "Ковбой"-ҳо бо "Уқобони Филаделфия" бозӣ мекарданд. Ва ғолиби ин бозӣ ба давраи "плей-офф" мегузашт, дастаи мағлубшуда аз бозӣ хуруҷ мешуд. Ман назди телевизион омада, ҳатто дар диван нанишаста, балки назди он рост истода будам. Дар вақти он бозӣ дар як ҷой нишастан номумкин буд. Ва ана чоряки охирини бозӣ ва то лаҳзаи охирин ҳамагӣ ҳашт дақиқа монда буд. "Ковбой"-ҳо чор имтиёз қафо буданд, бозингари беҳтарини квотербеки (ҳамлагар) онҳо дастаи худро ба майдон мебаровард. Ман дар рӯи хона қадам зада, бозии хуби онҳоро бо шодӣ ва бозии на он қадар олиро бо пойро ба замин задан пешвоз мегирифтам. Фишор бисёр калон буд.

Ногаҳон бидуни ягон огоҳӣ Рӯҳи Муқаддас хоҳиш кард, ки ман дуо гӯям. Ӯ маро водор мекард: "Дуо кун, Дуо кун, Дуо кун!" Ин ҳиссиёт ҳамчун бор, аз қаъри дили ман мебаромад. Дар он вақт ман медонистам, ки чӣ гуна Рӯҳи Худо моро ба дуо гуфтан даъват мекунад.

Лиза дар назди ман набуд ва барои ҳамин ман бо овози баланд гуфтам: "Худованд, то охири бозӣ ҳамагӣ ҳашт дақиқа боқӣ мондааст. Вақте ки бозӣ тамом шавад, онгоҳ дуо мекунам". Ин хоҳиши дуо гуфтан зиёд гашта, маро ба оромӣ намегузошт.

Якчанд дақиқа гузашт. То ҳол роҳро ҷустуҷӯ карда, ман дод задам: "Худованд, ҳамон лаҳзае, ки бозӣ ба охир расад, ман панҷ соат дуо хоҳам гуфт. Ҳамагӣ шаш дақиқа боқӣ мондааст!"

Даста тӯбро ба майдон ворид кард. Ман медонистам, ки онҳо гол зада, ин бозиро мебуранд. Аммо хоҳиши дуо гуфтан маро тарк намекард. Баръакс, он зиёдтар мешуд. Ман дар бероҳа будам. Ман аз бозӣ дур шудан намехостам ва бо овози баланд гуфтам: "Худованд, ман то шом дуо мехонам, агар хоҳӣ тамоми шаб дуо мегӯям!"

Ман бозиро то охир тамошо кардам. "Ковбой"-ҳо ғолиб омаданд ва ҳамаи мухлисони дар стадион буда ин ғалабаро бо садои баланд пешвоз гирифтанд. Ман ҳам ба хурсандии онҳо шарик шудам. Аммо ба он ваъдаи ба Худо дода мебоист ки вафодор бимонам. Ҳамон лаҳза телевизонро хомӯш кардам. Дар манзили дуввум ба идораи худ баромада, дар дуо зону задам. Лекин хоҳиши дуогӯӣ дигар набуд. Бори дуо гуфтан аз ман дур шуда буд, ҳатто сояи он намонда буд. Ҳеҷ чиз.

Ман кӯшиш кардам, ки онро дубора пайдо кунам. Ман бо кӯшиш дуо гуфтам, лекин суханони ман мисли бод аз даҳони ман парвоз карда мерафтанд. Ман сабаби онро зуд дарк кардам. Ман бозии "Ковбой"-ҳои Далласро аз хоҳиши Худо авлотар донистам. Онгоҳ ман рӯй ба замин афтода, тавба кардам: "Худовандо, агар аз ман савол мекарданд, ки ба ҳаёти ту чӣ муҳимтар аст, Худо ё дастаи "Ковбой"-ҳо аз Даллас? Он гоҳ ман бе шакку шубҳа: "Албатта, Худо"- мегуфтам!" Ва ҳоло бошад ман бо рафтори худ ба Ту нишон додам, ки чӣ муҳимтар аст. Ман ба Ту лозим будам, лекин дар он ҳолат ман бозиро интихоб кардам. Илтимос, маро бубахш!"

Ва ҳамон лаҳза ҷавоби Худоро дар дил шунидам: "Писарам, ман қурбонии туро ба шакли дуои панҷсоата намехоҳам. Ман итоатро мехоҳам".

## Вафодории тақсимшуда

Нисбати бевафоии худ ба он Шахсе, ки барои ман ҳаёти Худро фидо кардааст, ғамгин шуда будам. Ман афзалияти худро ба чизҳои заминӣ, ки ҷону фикрро сер мекунанд ва сарчашмаи ҳаёт надоранд, дода будам. Аён буд, ки ман ба ин дастаи футбол дил баста будам.

Вобаста ба гуфтаҳои боло ба суханони Яъқуб назар кунед:

> “Эй мардуми бевафо, магар намедонед, ки дӯстӣ кардан бо ин ҷаҳон, бо Худо душманӣ карданро мефаҳмонад? Ҳар кӣ бо ин ҷаҳон дӯст шудан хоҳад, душмани Худо мешавад. Ё фикр мекунед, ки дар Навиштаҷот беҳуда гуфта шудааст: “Рӯҳи Худованд, ки дар дарунамон гузоштааст, *сахт рашк* мекунад?... Ба Худо наздик шавед ва Ӯ низ ба шумо наздик мешавад. Шумо эй гуноҳкорон, дастонатонро аз гуноҳ пок созеду, шумо эй дудилагон, дилҳоятонро тоза кунед” (Яъқуб 4:4,5,8, тарҷумаи NLT).

Вафодории ман тақсим шуда буд. Вафодорӣ аз рӯи рафтор, на аз рӯи гуфтор аён мегардад. Бисёр мардон ва занон мегӯянд, ки онҳо вафодор ҳастанд, лекин рафтори онҳо дар бораи чизи дигар гувоҳӣ медиҳад. Оё барои ҳамин Каломи Худо намефармояд, ки: “Бисёриҳо худро бовафо мешуморанд, лекин аз куҷо он шахсро ёбем, ки ба ӯ боварӣ карда шавад”. (Масалҳо 20:6, тарҷумаи нав).

Дар он лаҳза ман бо боварии комил гуфта метавонистам, ки: “Дар ҳаёти ман Исо аз ҳама шахси муҳимтарине мебошад, Ӯ аз ҳамаи дигар чизҳо боарзиш аст!” Аммо бо интихоби худ ман умуман дигар чизро нишон додам. Рафторҳои мо нисбат ба суханҳои мо садои баландтаре доранд.

Ин суханони Китоби Масалҳоро Расул Юҳанно ин тавр шарҳ медиҳад: “...биёед, мо на бо забону сухан, балки дар амал ва ростӣ муҳаббатро нишон диҳем” (1 Юҳанно 3:18, NLT). Ҳақиқат дар он буд, ки “Ковбойҳои Даллас” дар ҳаёти ман ҷои аввалро ишғол карда буданд. Ман рашки Рӯҳи Муқаддасро, ки дар дохилам зиндагӣ мекунад, овардам. Ҳатто ман ин огоҳиро дар Китоби Муқаддас хонда бошам ҳам, нисбати ин суханон чашмони ман кӯр буданд. Худо ба ман раҳм карда, иштибоҳи маро ба ман нишон дод.

Юҳанно инчунин менависад:

> “Фарзандони азиз, худро аз ҳар чизе, ки дар дили шумо ҷои аввалро ишғол карданӣ аст, эҳтиёт кунед” (1 Юҳанно 5:21, тарҷумаи NLT).

Ва инро аллакай на Яъқуб, балки шогирди дӯстдоштаи Исо, Юҳанно ба мо менависад. Қобили қайд аст, ки дар номаи дарози вай ин суханони охиринаш мебошад. Дар он вақту замон шогирдон

ба якдигар занг зада ва ё паёми телефонӣ карда наметавонистанд. Ва номаҳо ба ҷои таъиншуда дар як рӯз рафта намерасиданд. Ва номаҳоро зуд-зуд наменавиштанд ва барои фиристондани онҳо кӯшиши зиёд харҷ мешуд. Барои ҳамин ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба номаҳое, ки аз рӯи ҳидояти Рӯҳи Муқаддас навишта шудаанд, чизҳои аз ҳама муҳимро дар охир нигоҳ доштаанд.

Павлус низ ҳамчун Яъқуб ва Юҳанно ба имондорон огоҳие мефиристонад, то ки дар ҳаёти онҳо ҷаҳон ҷои Исоро ишғол накунад.

> "Шумо наметавонед ҳам косаи Худовандро бинӯшед, ҳам косаи девҳоро; наметавонед ҳам дар сурфаи Худованд иштирок кунед, ҳам дар сурфаи девҳо. Наход ки мо Худовандро ба хашм меоварем? Магар мо аз Ӯ пурзӯртарем? Ҳама чиз барои ман ҷоиз аст, лекин на ҳар чиз фоиданок аст; ҳама чиз барои ман ҷоиз аст, лекин на ҳар чиз обод мекунад. Ҳеҷ кас нафъи худро толиб набошад, балки нафъи дигаронро" (1 Қӯринтиён 10:21,24).

Ман аз хондани ин оятҳо ба ҳаяҷон меоям. Дар замони мо низ онҳо бисёр мувофиқ мебошанд. Суханони Павлус дар "тарҷумаи нави зинда" низ ба ман писанд меояд: "Наход ки мо шуҷоат пайдо карда, рашки Худоро бедор кунем? Оё мо аз Ӯ пурқувватар ҳастем? Шумо мегӯед: "Ба ман ҳама чиз мумкин аст", лекин барои шумо ҳама чиз фоидаовар намебошад" (оятҳои 22,23, NLT, тарҷума аз забони инглисӣ). Ва мо боз дар бораи рашки Худо нисбати мо мехонем.

## Дигар ҳеҷ гуна футбол?

Акнун савол ба миён омаданаш мумкин аст: ман ҳеҷ гуна мусобиқаҳои варзиширо дида наметавонам? Ман аз ҳеҷ чизи ҷаҳонӣ истифода бурда наметавонам? Агар мумкин набошад, пас дар рӯи ин замин чӣ гуна кор ва зиндагӣ кунем?

Иҷозат диҳед, ки ба шумо ин гуна ҷавоб диҳам. Одами зандор буда, оё ба ман лозим аст, ки аз рӯйхати дӯстони худ ҳамаи занҳои дигарро хат зада, бо онҳо муносибат накунам? Ҷавоб "НЕ" аст. Ман доимо бо дигар занҳо дучор мешавам. Ман ҳангоми парвоз дар тайёраҳо назди занҳо менишинам, мисли ҳамин ҳоло, ки ман

ин суханонро дар компютер чоп мекунам, назди ман зан нишастааст. Ман дар корхонаи худ бо занҳо кор мекунам. Ман дар дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо онҳо вомехӯрам ва сӯҳбат мекунам.

Ҳамчун марди дар издивоҷбуда ман кӯшиш мекунам, ки бо онҳо муомилаи хубе дошта бошам, чунки бисёри онҳо аз муносибати бади шавҳаронашон азоб мекашанд. Хеле бисёр вақт бо занҳо ҳамчун ба тани барои қонеъ гардонидани шаҳвати мард офаридашуда рафтор мекунанд ва хеле кам бо онҳо ҳамчун шахсияти бо худ баробар муносибат мекунанд. Ин маро ба хашм меоварад, чунки ман медонам, ки Худо марду занро ба сурат ва шабоҳати худ офаридааст. Ӯ ақли Масеҳро баробар ҳам ба мард ва ҳам ба зане, ки бо Ӯ дар аҳд мебошад, додааст. Ӯ рӯйбин нест ва Ӯ мардро аз зан боло намегузорад, пас барои чӣ ин гуна муносибатро ҳатто ба калисоҳо роҳ додаанд?

Аммо ман бисёр эҳтиёт мешавам, ки дили худро барои чизҳои ошиқона ва эҳсосотӣ ва ё муносибатҳои носазоворона барои дигар занҳо накушоям. Ман бо Лиза аҳд дорам. Ҳангоме ки ман бо вай издивоҷ кардам, он гоҳ бо дигар занҳои рӯи дунё хайрухуш кардам. Пас, ман муносибати дурустро бо дигар занҳо дорам.

Биёед, инро бо дӯстӣ бо ҷаҳон муқоиса мекунем. Ман ҳоло ҳам футбол тамошо карда метавонам, лекин дар тӯли тамоми вақти бозӣ шавқи худро нигоҳ дошта наметавонам. Ман дигар он хоҳиши сахтро надорам, ки вақти мухлисӣ ба “Ковбой”-ҳо доштам. Хоҳиши аввалини ман дар он аст, ки хости Худовандро иҷро кунам. Муҳаббат ва ғамхорӣ ба оила, кор, ёрдам ба одамон, хизмат ва ба даст овардани ҳикмати Худо, ана барои ҳамин чизҳо диққат ва хоҳишҳои ман равона карда шудаанд.

Оё дар зиндагиам чунин буд, ки диққати ман дигар тараф рафта чизҳои дигар ҷои аввалро ишғол карда буданд? Бале! Лекин аз сабаби он ки ман Рӯҳи Муқаддасро хоҳиш карда будам, ки онҳоро ба ман нишон диҳад, Ӯ ҳамеша ба ман кӯмак мекунад. Голф, хӯрок, филмҳо ва ҳатто баъзан хизматгузорӣ ба Худо, ана баъзе аз чизҳое, ки ба ман зарур буд, ки ба ин чизҳо вақти камтаре ҷудо кунам, то ки ба дигар чизҳои муҳим вақт пайдо кунам.

Ҳангоме ки голф дар ҳаёти ман бисёр ҷойро ишғол карданро сар кард, Рӯҳи Муқаддас ба ман гуфт, ки ҳамаи клюшкаҳои худро ба дигар усқуф тӯҳфа кунам. Барои чӣ Рӯҳи Муқаддас аз ман инро хоҳиш кард? Барои он ки дар ҳаёти он усқуф голф як чизи муҳим набуд, лекин дар ҳаёти ман буд.

Баъд аз танаффуси якунимсолаи ман ба бозии голф, Худованд ба дили як бозингари касбие хоҳише гузошт, ки тамоми лавозимоти бозии голф, ки нархи он чизҳо якчанд ҳазор доллар буд, ба ман тӯҳфа кунад. Ман музтариб шудам. Ин бозингари касбӣ, шахси дуогӯй ба ман гуфт: "Ҷон, ман медонам, ки ман бояд ин корро кунам".

Баъд аз якчанд моҳ яке аз усқуфоне, ки калисои калонтаринро дар Куриёи Ҷанубӣ асос гузоштааст, ба ман гуфт, ки Рӯҳи Муқаддас ба дили вай гузоштааст, ки клюшкаҳои худро ба ман тӯҳфа кунад. Дар он вақт ман боз ҳам зиёдтар музтариб шудам. Ман аз Худованд пурсидам: "Ман бо ин клюшкаҳо чӣ кунам?"

Дар дили худ шунидам: "Рафта, голф бозӣ кун".

"Лекин якуним сол пеш аз ин Ту аз ман хоҳиш кардӣ, ки ҳамаи клюшкаҳои худро ба он усқуф тӯҳфа кунам".

Худо ба ман гуфт: "Он вақт голф барои ту як чизи нодурусте буд, ҳоло бошад, он барои ту ҳаловат ва истироҳат мешавад".

Аз он вақт инҷониб ман голф бозӣ мекунам. Худо ин бозиро ба таври аҷоиб истифода бурда, ба ман истироҳат ва барқароршавӣ медиҳад, инчунин ин фурсати хуби вақтгузаронӣ бо писаронам, ҳамкоронам ва пешвоёни калисо мебошад. Се сол пеш аз навиштани ин китоб хизматгузории Messenger International барои корҳои миссионерии худ ба воситаи бозии голф бо дӯстон ва ҳамкорон ва мусобиқаи Messenger зиёда аз се миллион доллар ҷамъ кард. Агар ман бозии голфро пурра аз зиндагии худ дур мекардам, ин рӯй намедод. Ҳангоме ки Худованд аз мо итоат карданро талаб мекунад, мо набояд ки аз ин тарсем. Дар ҳақиқат ба Худо итоат кардан бисёр осон мебошад, агар талаботи Вай бо хоҳишҳои мо мувофиқат кунад, дар акси ҳол, ин ба кори мушкил мубаддал мегардад.

## Ғам аз барои Худо

Яъқуб возеҳ мегӯяд, ки дӯстӣ бо ҷаҳон рашки Рӯҳи Худоро меоварад. Ман фақат як тарафи ин дӯстиро нишон додам, лекин дигар тарафҳо низ вуҷуд доранд. Дар боби навбатӣ мо дар бораи решаи мушкилӣ сухан меронем, лекин ҳоло дар бораи он мегӯям, ки чӣ бояд кард, агар хоҳишҳои мо моро ба дигар сӯй мебаранд. Биёед, ба маслиҳати Яъқуб, ки ба имондороне, ки бо ин ҷаҳон дар муносибатҳо ғарқ шудаанд, додааст, назар мекунем:

> "Шумо эй гунаҳкорон, дастонатонрро аз гуноҳ пок созеду шумо эй дудилагон, дилҳоятонро тоза кунед. Аз корҳоятон пушаймон шуда, нолаву гиря ва фиғон бардоред. Ба ҷои ханда нола кунед ва ба ҷои шодӣ кардан, ғамгин бошед" (Яъқуб 4:8,9, NLT).

Ҳангоме ки Худо ба ман ошкор кард, ки "Ковбой"-ҳоро интихоб карда, ман чӣ кардам, ҳамон лаҳза ман ғаму андӯҳро ҳис кардам. Ман фаҳмидам, ки бо "муносибати" нодурусти худ ман Он Шахсеро, ки ҳаёташро барои ман фидо кардааст, ранҷонидам.

Ба наздикӣ ман бо як мард ҳамсӯҳбат шуда будам, ки ба зани худ хиёнат карда буд, лекин аз аъмоли худ тавба карда, муносибатҳои худро барқарор карда буд. Вай ба ман гуфт, ки дар тӯли шаш моҳ гуноҳ мекард. Ин ҳодисаро ба ман нақл карда, ӯ зор-зор мегирист. Ин марди боқувват дар вақти донишҷӯияш футбол бозӣ мекард ва ҳоло бошад, як тоҷири калон буд ва ӯ аз ҷумлаи гирёнчакон набуд. Ман ба ин марди зор-зор мегириста нигоҳ карда, дар ҳайрат мондам. Вай гиря намекард, аз сабаби он ки Худо ва ё занаш вайро нахоҳанд бахшид. Дар асл издивоҷи вай аз пештара ҳам дида боқувваттар буд. Вай ба хотири он дарде, ки ба шахси дӯстдоштааш расонида буд, гиря мекард. Вай барои он ҷароҳатҳои расонидааш андӯҳгин буд. Ва ин эҳсосоти ҳақиқӣ ва самимии он шахсро мушоҳида кардан ҷолиб буд.

Рафтори ин шахс ростиро инъикос мекунад. Имондори ҳақиқӣ дар холе, ки бо ҷаҳон ба муносибатҳои нодуруст даромад, маҳз ҳамин тавр бояд ки рафтор кунад. Чи тавре ки Яъқуб менависад: "Гиря ва нола кунед".

Ин шахс зани худро дар ҳеҷ чиз айбдор намекард, вай аз сидқи дил ғамгин буд. Фурӯтании аслии вай тару тозагӣ бахшид. Вақте ки ман бо одамони дар зино афтода гап мезанам, ҳар яки онҳо ҷавоби гуногуне доранд. Бо кадом тарз ҳангоми "тавба" ва ё "шаҳодат" додани онҳо ҳамин тавр мешавад, ки аз гуфти ин шахсон дар зинои онҳо ҳамсарашон, ки меҳру муҳаббати кофӣ надошт, низ айбдор мебошад.

Навиштаҷот дар бораи *ғаму андӯҳ аз барои Худо ва ғаму андӯҳи ин ҷаҳон* сухан меронад (ниг. 2 Қӯринтиён 7:10). Шоҳ Довуд ғам аз барои Худо дошта, сахт пушаймон мешуд, ки бо зино ва қатл карданаш вай Он Шахсеро, ки дӯст медошт, хафа карда буд. Вай дод мезад: "Ман фақат бар зидди танҳо Ту гуноҳ кардам ва дар назди чашмонат бадӣ содир кардам... (Забур 50:6, тарҷумаи нав). Вай шабу рӯз назди Худо доду фиғон зада, дар бораи он ки хизматгузоронаш чӣ фикр мекунанд, парвое надошт. Вай обрӯи худро нигоҳ доштанӣ набуд, чунки дилаш аз ин ҳолат шикаста шуда буд. Пас аз он Худо вайро барқарор кард.

Шоҳ Шоул дигар хел буд. Ҳангоме ки ғурур ва фоидаи худро ба ивази итоат кардан ба Каломи Худо авло донист, вай низ дили Худоро ранҷонид. Вай низ аз кори кардааш пушаймон буд, лекин пушаймонии вай зиёдтар ба он буд, ки назди дигар одамоне, ки вайро ҳурмат мекарданд, фош шуда, обрӯяш рехта буд. Вай дарк намекард, ки рафтораш ба шоҳигариаш чӣ гуна аксуламале хоҳад дошт. Ғами Шоул, ин ғами дунёӣ буд. Вай мисли Довуд ё он футболбозе, ки пештар дар борааш нақл кардам, тавба карда, худро пок накард. Шоул худи худашро фиреб медод. Ғами вай дурудароз набуд, ба зудӣ ангезаҳои аслии вай, ғурур ва фоидаи шахсӣ, фош шуданд. Фикрронии вай тағйир наёфт.

Расул Павлус менависад: "Зеро ғаме, ки Худо додааст, тавбаро дар роҳи наҷот ба амал меоварад..." (2 Қӯринтиён 7:10). Ин ғаме, ки аз Худост, решаи он дар муҳаббати мо нисбат ба Ӯ мебошад. Агар мо корҳои Ӯро, ки барои мо карда метавонад, аз Ӯ зиёдтар дӯст дорем, он гоҳ рафтори мо аз рафтори Шоул ҳеҷ фарқияте надорад.

Дар ду бобати навбатӣ мо мебинем, ки дӯстии мо бо ҷаҳон ба муносибати мо бо Худо таъсир мекунад. Мо мебинем, ки шахсан ба мо ва умуман ба тамоми калисо иваз кардани Худо бо некӣ чӣ қадар ба нархи гарон меафтад. Лекин пеш аз ба саҳифаи дигар гузаштан, якчанд дақиқаро барои дуо гуфтан ҷудо кунед, аз Худо хоҳиш кунед, ки ба шумо муносибатҳои нодурусте, ки бо ҷаҳон доред, нишон диҳад.

*Падар ба исми Исои Масеҳ ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки маро таҳқиқ ва тафтиш карда, ба роҳҳо ва ангезаҳои ман назар кунӣ. Агар дар ҳаёти ман чизе, ки муҳаббати туро иваз ва ё рӯйпӯш мекунад, бошад, илтимос, онро барои ман ба воситаи Рӯҳи Худ ошкор намо. Ман ҳеҷ чизро рӯйпӯш намегузорам. Ба ман иҷозат деҳ, ки маҳбуб ва азизи Ту монда, он шахсе бошам, ки барои пайравии Исои Масеҳ ва хизмат кардан ба ӯ аз ҳама чиз рӯй мегардонад. Ман ба номи Исо аз ту хоҳиш кардам. Омин.*

9

# РОСТИЕ, КИ АЗ ОН МЕГУРЕЗАНД

...Ҳаракат кунед, ки ҳаёти муқаддас дошта бошед,
барои он ки касе, ки муқаддас набошад,
Худовандро нахоҳад дид.
— Ибриён 12:14 (NLT, тарҷума аз забони инглисӣ).

Одамоне, ки фикр мекунанд, муқаддасӣ
як чизи якранг ва бехурсандӣ аст,
аз ҳеҷ чиз хабар надоранд. Ҳангоме ки ягон чизи
аслиро вомехӯрӣ...ба он муқобилат карда наметавонӣ.
— К.С. Люис

М*уқаддасӣ*. Ин калимаро ба забон оваред ва мушоҳида кунед, ки он чи қадар одамонро бесаранҷом мекунад ва онҳо мавзӯи сӯҳбатро дигар кардан мехоҳанд. Бисёриҳо муқаддасиро барои худ як чизи ғамгинона тасаввур мекунанд, барои он ки ин як чизи "олӣ" намебошад, барои он ки ин ба ҳаёти мо халал расониданаш мумкин аст. Одатан онро бо ба даст овардани наҷот аз рӯи аъмоли худ ва ё бо қонунчигӣ муқоиса мекунанд. Агар дар барои муқаддасӣ сухан ронем, одатан дар ҷавоб мешунавем: "Ман озод ҳастам ва аз рӯи файзи Худо зиндагӣ мекунам. Маро барои зери қонун гузоштан кӯшиш ҳам накунед".

Аммо муқаддасии Аҳди Нав бо қонун ва қонунчигӣ ҳеҷ вобастагие надорад. Дар асл ин тарзи ҳаёти аҷоиб ва гуворо мебошад. Бе шак дар замони мо бисёриҳо мафҳуми муқаддасиро дарк намекунанд.

## Пас чаро дар бораи ин гап назанем?

Барои чӣ фарзандони Худо худро аз сӯҳбатҳо оиди муқаддасӣ дур мекунанд, агар Навиштаҷот ба мо возеҳ ва равшан мефармояд: "Кӯшиш кунед, ки муқаддасӣ дошта бошед, ки бидуни он ҳеҷ кас Худовандро нахоҳад дид" (Ибриён 12:14). Оё шумо дар ин ҷумла амрро ҳис мекунед? Муқаддасӣ надошта бошӣ, ин яъне Худовандро нахоҳӣ дид! Ман пурра диққати худро ҷалб кардаам, шумо чӣ?

Ман мисолро бо президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америко меоварам. Аз сабаби он ки ман шаҳрванди ҳамин кишвар ва ӯ пешвои миллати мо мебошад, ман бо вай "муносибат" дорам. Ман зери идораи вай буда, мисли дигар 320 миллион шаҳрвандони кишварамон таъсири қарорҳои қабулкардаи вайро дар худ мебинам. Лекин ба он нигоҳ накарда ки ман чунин муносибатҳоро бо президенти кишвар дорам, ман ягон маротиба лоиқи он шараф нашудам, ки шахсан вайро вохӯрам. Дар тӯли зиёда аз панҷоҳ соли умри амрикоиям, ман ягон президенти кишварамонро шахсан вонахӯрдаам.

Аммо дигар амрикоиҳое ҳастанд, ки ҳар рӯз бо президент мулоқот доранд. Ин дӯстон ва ҳамкорони наздики вай мебошанд. Ба ҳар ҳол, онҳо шахсеро, ки дар Қасри сафед зиндагӣ мекунад, нисбат ба ман хубтар мешиносанд.

Ба монанди ин миллионҳо масеҳиёне ҳастанд, ки дар зери ҳукмронии Исои Масеҳ ҳастанд. Аз рӯи эътирофи онҳо Вай Шоҳи онҳо мебошад. Ӯ онҳоро муҳофизат, таъмин мекунад, дӯст медорад ва ба хоҳишҳои онҳо ҷавоб медиҳад. Лекин савол дар дигар ҷост, оё онҳо Ӯро мебинанд? Бо дигар суханон, оё онҳо дар ҳузури Вай мебошанд? Мувофиқи Каломи Худо мо бояд ки ӯро бубинем. Дар Номаи Ибриён навишта шудааст: "Мо Исоро *дида*... метавонем" (2:9, тарҷумаи аз забони инглисӣ). Дар бораи ин афзалият Павлус чунин менависад:

> "...Аммо ҳамаи мо бо рӯи кушода, мисли он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигариста, ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбем ва ин аз Худованд, яъне аз Рӯҳ мебошад" (2 Қӯринтиён 3:18).

Одатан мо ибораи “Ҷалоли Худо”- ро нодуруст мефаҳмем, имрӯзҳо мо умуман ин калимаро кам истифода мебарем. Мо одатан “бузургии Худованд”- ро истифода мебарем. Бо забони мо Павлус менавишт: “Ҳамаи мо бо рӯи кушод бузургии Худоро мебинем”.

Исо низ дар бораи он шахсон мегӯяд, ки Ӯро мебинанд ва дар ҳузури Вай мемонанд. Дар Таоми Шоми охирин Вай чунин суханонро гуфт: “Пас аз андаке ҷаҳон дигар маро нахоҳад дид, лекин шумо маро хоҳед дид ва азбаски ман зиндаам, шумо низ хоҳед зист” (Юҳанно 14:19).

Дар суханони Вай мо ду далели возеҳро мушоҳида карда метавонем. Дар аввал, як ҷиҳати воқеии масеҳият дар он аст, ки мо Исоро дида метавонем. Дуюмин, мо Ӯро чунон дида метавонем, ки ҷаҳон он тавр дида наметавонад.

Барои чӣ дидани Худо муҳим аст? Дар аввал, мисли он мисоле бо президент, агар мо Ӯро набинем, мо Вайро шинохта наметавонем. Мо танҳо дар бораи Вай маълумот дошта метавонем.

Сабаби дуюмин низ муҳим мебошад. Худоро надида, мо ба сурат ва шабоҳати Вай тағйир ёфта наметавонем. Дар ҳамон оят Павлус мегӯяд, ки одамоне, ки Худоро диданд, ба ҳамон сурат ва шабоҳат тағйир меёбанд “...ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбем” (2 Қӯринтиён 3:18). Дигаргуншавӣ ба ҳаёти имондор бисёр муҳим мебошад.

Оё шумо ягон маротиба бо шахсе вохӯрдаед, ки мегӯяд, ки Исоро мешиносад, лекин аъмоли вай нишон медиҳад, ки умуман Ӯро вонахӯрдааст? Барои чӣ ин рӯй медиҳад? Барои он ки ин шахс ҷараёни дигаргуншавиро аз сар намегузаронад ва ба шаклу сурати Масеҳ монанд намешавад. Павлус пешгӯӣ карда буд, дар бораи замоне, ки мо ҳоло зиндагӣ мекунем, ки замонҳои сахт фаро мерасанд. Аҷибаш он аст, ки ин сахтиҳо на аз сабаби таъқибот ба хотири имони мо, мисли ки дар замони онҳо буд, балки аз сабаби шахсоне, ки Исои Масеҳро эътироф мекунанд, лекин ба суханони Вай итоат намекунанд, ба миён хоҳад омад. Рафтори онҳо мисли шахсоне, ки умуман Худоро намешиносанд, мебошад. Онҳо фақат нисбати худ ва сарват муҳаббат доранд, ба падару модар итоат намекунанд, дар муносибатҳо

дағал мебошанд, намебахшанд, хоҳони шараф ва обрӯ ҳастанд, ба дӯстони худ хиёнат мекунанд, ба ҳаловат, нисбат ба Худо, бештар дил мебанданд ва ғайраҳо. Павлус аниқ гуфтааст: "Ва намуди зоҳирии диндориро доранд, вале қуввати онро инкор мекунанд" (2 Тимотиюс 3:5). Қуввате, ки онҳо раъд мекунанд, ин қобилияти файзе, ки моро дигаргун мекунад, ин ҷои калидии масеҳият мебошад. Дар тарҷумаи васеи Китоби Муқаддас омадааст: "Рафтори онҳо рост будани эътирофи онҳоро раъд мекунад" (тарҷума аз забони инглисӣ).

Ин имондорон фиреб мехӯранд, маҳз дар барои ҳамин гуна шахсон дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: "Ин шахсон ҳамеша таълим мегиранд, вале ҳаргиз ба дониши ростӣ расида наметавонанд" (2 Тимотиюс 3:7). Чи тавре ки ман пештар гуфтам, дар дурӯғ фақат як мушкилӣ ҳаст: он фиребгар мебошад! Мо аз сидқи дил бовар карда метавонем, ки муносибатҳои мо бо Худо камбудие надоранд, лекин дар асл ҳама чиз дигар хел шуда метавонад. Ҳамаи ингуна "имондорон" калисоҳо, конфаронсҳо, шомҳои парастиш, мактабҳои Китоби Муқаддас ва ҳар гуна гурӯҳҳоро ташриф оварда метавонанд. Онҳо таълим гирифтанро дӯст медоранд, лекин хислат ва рафтори онҳо тағйир намеёбад.

## Хулоса

Хулоса чунин аст: танҳо он шахсоне, ки муқаддас зиндагӣ мекунанд, Худоро дида, ба *ҳузури Ӯ* дохил шуда метавонанд. Исо возеҳу равшан гуфтааст: "Пас аз андак муддате ҷаҳон маро нахоҳад дид; лекин шумо Маро хоҳед дид ва азбаски Ман зиндаам, шумо низ хоҳед зист. Ҳар кӣ аҳкоми Маро риоя кунад, вай касест, ки Маро дӯст медорад...ва Ман вайро низ дӯст хоҳам дошт ва Худро ба вай зоҳир хоҳам сохт" (Юҳанно 14:19,21).

Калимаи "зоҳир шудан" маънои "барои чашм ва фикр намоён гаштан, равшан шудан"-ро дорад. Мувофиқи "Луғати пурра" (The Complete Word Study Dictionary) калимаи юнонии emphanizo маънои "аён гаштан, дар назди чашмон зоҳир шудан, худро нишон додан"-ро дорад. Маънои он ҳангоми нисбат ба одам истифода бурда

шуданаш боз ҳам васеътар мешавад, “худро аз наздик шинос кардан ва ошно шудан”.

Исо гуфтааст, ки Ӯ Худро фақат ба онҳое зоҳир мекунад, ки аҳкоми Вайро риоя мекунанд. Маҳз онҳое, ки Ӯро мебинанд, ба ҳузури Вай дохил шуда, боз ҳам аз наздик бо Ӯ ошно мешаванд. Ин афзалият на ба ҳама имондорон ваъда карда шудааст, лекин фақат ба онҳое, ки ба Каломи Вай итоат мекунанд ва толиби муқаддасӣ мебошанд.

Дар соли 1980-ум маро хоҳиш карданд, ки усқуфи калони калисои бузургтарини ҷаҳонро пешвоз гирам. Номи вай доктор Девид Йонги Чо мебошад, ки ӯ аз Сеул, Куриёи Ҷанубӣ аст. Дар он вақт дар калисои вай тақрибан 750 ҳазор нафар буданд. Ман инчунин бояд ки вайро аз меҳмонхона ба калисо меовардам. Дар он вақт ман ҳамагӣ якчанд сол буд, ки масеҳӣ шуда будам ва ин вазифа барои ман афзалияти бузург буд.

Доктор Чо ҳангоми худ тақрибан понздаҳ тоҷиронро аз калисояш оварда буд. Пешвои ин тоҷирон рӯзи ҷаласа назди ман омада, гуфт: Оғои Бивер, имрӯз шумо доктор Чоро ба ҷаласа мебаред, дуруст аст?

- “Бале, дуруст аст”- ҷавоб додам ман.

Бо ҷиддият ин шахс ба ман гуфт: “Оғои Бивер, ман як чизи муҳимро бояд ки ба шумо гӯям. Дар аввал, ҳангоми дар роҳ будан бо доктор Чо гап назанед. Вай пеш аз хизматгузорӣ сӯҳбат карданро дӯст намедорад”. Ин ягона амр набуд, лекин аз ҳама муҳимаш буд.

Он шом ман ба меҳмонхона рафта, дар интизории меҳмонон дар мошин нишаста будам. Ҳангоме ки онҳо берун баромаданд, шахсоне, ки ҳамроҳи доктор Чо буданд, дари мошинро барои вай кушоданд, доктор Чо дар курсии пеши мошин назди ман нишаст ва ҳузури Худо мошинро пур кард. Ин бисёр аҷоиб буд. Муҳаббат ва бузургии Худо аён ва равшан шуд.

Ҳангоме ки ман мошинро мерондам, ашк аз чашмонам ҷорӣ мешуд, гарчанде ки ман зиёд гиря намекунам. Дар аснои роҳ мо назди чароғи сурх бозистодем ва ман дигар тоқат карда наметавонистам. Ман он кореро кардам, ки аз ман хоҳиш карда буданд, ки накунам. Ман бо ҳурмат ба ҳамсафари худ муроҷиат карда гуфтам: “Доктор Чо, дар ин мошин ҳузури Худованд эҳсос карда мешавад”.

Вай ба ман нигоҳ кард ва гуфт: “Бале, ман медонам”.

Ҳангоми сафари ин шахс ман вақти зиёдро бо ӯ мегузарондам. Мо якҷоя голф бозӣ мекардем. Ман ӯро ба ҳаргуна вохӯриҳо мебурдам, бо вай таом мехӯрдам ва вайро ба фурудгоҳ мебурдам. Дар ҳар гуна шароит новобаста ки вай дар гирду атрофи одамон ва ё танҳо буд, доктор Чо ҳамеша дар гуфтор ва рафтор хушмуомила, содиқ ва хоксор буд.

Ман дар бораи он фикр мекардам, ки дар як шабонарӯз вай чанд соатро бо Худованд мегузаронад. Маълум мешуд, ки барои чӣ ҳузури Худованд ин қадар дар ҳаёти вай аён буд. Вай дар асл аҳкоми Исоро риоя мекард.

Ман низ бисёр вақт дар ҷамъомадҳо, дар вақти дуо, хондани Каломи Худо ё ҳангоми бо дигар кор машғул шудан чунин ҳузури Худоро аз сар мегузаронидам. Ман мефаҳмам, ки барои чӣ Мӯсо барои дар ин ҳузури аҷоиб будан, аз ҳама чизи дигар рӯй гардонд. Дар зиндагии ман вақтҳое мешаванд, ки ҳузури вай дар куҷое дур мебошад ва баъзан ин дар натиҷаи он аст ки ман каломи Вайро риоя намекунам. Ва баъзан ин вақтҳои имтиҳон мебошад. Ман мефаҳмам, ки дуюмаш дар ҳаёти мо ҳатман мешавад, лекин ба якумаш дучор нагаштан имконпазир аст.

*Зоҳир* шудани Вай ин на фақат “дидан” мебошад, мо ҳама чизро, ки ин ҳузур бо худ меоварад, қабул мекунем. Зоҳир шудан, ин яъне аз ҷои нонамоён ба намоён, аз ношунаво ба шунаво, аз номуайян ба муайян овардани ягон чиз мебошад. Ин ҳангоме ки Худо Худро ба ақл ва эҳсосоти мо зоҳир мекунад. Ӯ фаҳмиш, дониш ва дахолатро ба Худ ва роҳҳои Худ медиҳад. Муаллифи Нома ба Ибриён дар бораи одамоне, ки чунин афзалиятро ноил шудаанд, навиштааст: “...бахшоиши осмониро чашидаанд ва шарикони Рӯҳи Муқаддас шудаанд” (6:4). Ба он нигоҳ накарда ки ҳузури аёни Ӯ ба ҳамаи фарзандонаш дастрас мебошад, фақат онҳое, ки ба суханони Вай гӯш мекунанд (дар муқаддасии ҳақиқӣ роҳ мегарданд), чунин афзалиятро ноил мегарданд.

Павлус суханони гуфташудаи Худоро ба Мӯсо такрор мекунад. Ин суханон ҳақиқати тағйирнаёбанда мебошанд, ки на фақат дар

Аҳди Қадим, балки дар Аҳди Нав низ мушоҳида мешаванд. Ин суханон ба одамоне, ки аллакай ба Ӯ тааллуқ доранд, гуфта шудааст:

> “Бинобар ин аз миёни онҳо берун оед ва ҷудо шавед, мегӯяд Худованд ва ба чизи нопок нарасед ва ман шуморо қабул хоҳам кард” (2 Қӯринтиён 6:17.).

Ин фаҳмо аст. Барои он ки Худо моро дар ҳузури Худ қабул карда тавонад, мо бояд шартро иҷро кунем, ба таври автоматикӣ он рӯй намедиҳад. Пеш аз он ки Вай ба мо ҳузури Худро тӯҳфа кунад, мо бояд ки хоҳиши Ӯро иҷро кунем. Суханони Павлус бо суханони Исо мувофиқат мекунанд. Ана ин оят дар тарҷумаи The Message чӣ гуна омадааст:

> “Ин фикрҳои нодуруст ва бемаънои худро як сӯй гузоред: ба хотири корҳои нек гузоред, мегӯяд Худованд. “Бо он шахсоне, ки шуморо ифлос мекунанд, наздик нашавед. Ман ҳамаи шумоёнро барои Худ хондаам” (тарҷума аз инглисӣ).

Баъд Павлус ба мо ҷавоби аниқро дар бораи ваъдаҳои Худо медиҳад:

> “...Биёед, худро аз ҳар чизе, ки рӯҳ ва бадани моро ифлос мекунад, пок созем ва покшавӣ ва итоати Худро назди Худо анҷом диҳем” (2 Қӯринтиён 7:1, тарҷумаи нави русӣ).

Мо боз мебинем, ки ҳадаф ин ҳаракат кардан ба муқаддасии аслӣ мебошад, ин шарафе аст, ки мо ба ҳузури Худо даромада метавонем.

## Муҳит ва ё ҳузур?

Якчанд оятҳоро аз Аҳди Ҷадид, ки ба расулон, Исои Масеҳ ва Падар тааллуқ дорад, дида баромада, фаҳмидем, ки ин мавзӯъ дар масеҳият хеле муҳим аст, пас барои чӣ мо бисёр кам дар бораи ин гап мезанем ва кам таълим медиҳем? Оё имкон дорад, ки душман нақшаи айёри худро истифода бурда, наҷоти моро бе муқаддасӣ гузоштааст, ки бо чунин кори худ моро аз ҳузури Худо дур нигоҳ дошта, дигаргун шудан намемонад? Ин дасисаҳои душман на фақат дар

сатҳи шахсӣ, балки дар сатҳи умумӣ низ кор мекунанд. Оё мо дар ҷамъомадҳои худамон *ҳузури Худоро бо муҳити хуб* иваз накардаем?

Яке аз дастовардҳои бузурги калисо дар бистсоли охир ин дар ҷамъомадҳои парастишӣ муҳити хуб сохтан аст. Якчанд сол пеш мо ба калисои оддие ворид шуда, як таъмири содда, рангубори оддӣ ва ҷаласаи дурудароз ва ғамгинро мушоҳида мекардем. Мусиқӣ дар он ҷо ғамгинона, пайёми на ҳозиразамона, либосҳои мо ҳатто аз рӯи мӯд набуд. Мо ҳар гуна мусиқиҳоро иҷозат медодем ва пайём аз сабаби он ки ба "исми Исо" гуфта мешуд, ҳар қадаре ки дурудароз бошад ҳам, давом мекард. Ва ҳайратовар нест, ки дар ҷамъият моро одамони пастмонда ҳисоб мекарданд. Ба истисноi бисёр каме, бист сол пеш калисоҳо чунин намуд доштанд.

Ба туфайли пешвоёни бохирад мо ин шароитро тағйир додем. Акнун мо мусиқиҳои аҷоибро менавозем, дар ҳақиқат илҳомёфта ва мутобиқи замона мебошанд. Мо биноҳои ҳозиразамон ва зебоpo барои калисоҳо месозем, рӯшноӣ ва чизҳои техникии замонавиро истифода мебарем. Маъвизаҳо кӯтоҳ ва ба дардҳои мардум ҷавобгӯй мебошанд, мо утоқҳои зебо барои бачаҳо ва наврасон бино кардем, ки дар он ҷо барои онҳо хуб ва шавқовар мебошад. Дар толори бисёр калисоҳо қаҳвахона, даромадгоҳҳои бисёр хуб фикр кардашуда, ки дар он одамон сӯҳбат карда метавонанд ва мағозаҳои китобфурӯшӣ бо интихоби хуби китобҳо, мавҷуд мебошанд. Мо ҷамъомадҳое мегузаронем, ки гуноҳкоронро дур намекунад. Бо дигар суханон, мо дар ҷамъомадҳои худ як фазо, муҳитеро барпо кардаем ва ман бовар мекунам, ки ҳамаи ин навовариҳо ва стандартҳои баланд ба Худо писанд мебошад.

Лекин оё мо дар бораи мақсади ниҳоӣ фикр кардаем? Муҳит барои оғоз кардан муҳим мебошад, лекин он чизе, ки аҳамият дорад, ин ҳузури Худо аст. Муҳитро одам меофарад. Голливуд, Лас-Вегас, Дисней, Бродвей ва дигар марказҳои тафреҳӣ-истироҳатӣ муҳити хурсандӣ ва эҳсосотро бисёр моҳирона меофаранд. Оё мо худро бо стандартҳои онҳо баробар карда истодаем? Оё фақат ба эҳсосоти одамоне, ки ба ҷамъомадҳои мо меоянд, таъсир расонидан кофӣ аст? Оё хиз-

матгузориҳои моро ҳузури ҳақиқии Худо пур мекунад ё мо он корҳое, ки дигарон дар ҷаҳон хуб мекунанд, мо дар масеҳият мекунем?

Ҳақиқат дар он аст: *барои дигаргун шудан ба мо ҳузури Ӯ лозим аст!*

Оё имкон дорад, ки имрӯзҳо бисёр одамон аз масеҳият дар ҳаяҷон ҳастанд, парастишро дӯст медоранд ва таълим гирифтанро давом медиҳанд, лекин дигаргун намешаванд? Агар ҳамин тавр бошад, он гоҳ оқибати он ба мо гарон мешавад. Одамон ба сурати Масеҳ дигаргун намешаванд. Якчанд сол пеш мо муҳити бадро тоқат мекардем, лекин ман дар хотир дорам, ки чӣ гуна ҷамъомадҳои мо бо ҳузури Худо пур мешуд. Ман ҳама вақт инро бо суханон гуфта наметавонам, ки он чӣ тавр рӯй медод, лекин он ҳамеша ба ман таъсир мерасонд.

Аз ин сабаб саволе ба миён меояд: пас барои чӣ ҳам муҳит ва ҳам ҳузурро дошта наметавонем? Мо на бояд ки интихоб кунем! Аммо барои аз сар гузаронидани ҳузури Худо, мо бояд ки ба муқаддасӣ кӯшиш кунем.

Аз дигар тараф, нақшаи моҳиронаи душман нисбати аз байн бурдани муқаддасият ба он оварда расонид, ки барои бисёриҳо, ки наҷотро қабул накардаанд, Инҷили Исои Масеҳ ҳамчун диндории хушку холӣ намоён мегардад. Барои ҳамин, онҳо фикр мекунанд, ки пайрави Масеҳ будан ҷолиб нест, ҳол он ки дар асл ин аз ҳама ҳаёти аҷоиб аст.

## Муқаддасӣ чист?

Муқаддасии ҳақиқӣ чист? Ба забони юнонӣ ин калимаи hagios мебошад. Дар Луғати юнонӣ-инглисии Аҳди Нави Тэйер чунин мафҳум дода шудааст: “Барои Худо ҷудо кардашуда, танҳо ба Ӯ тааллуқдошта”. Аз нуқтаи назари гуфтаҳои боло иҷозат диҳед, ки боз суханони Худоро такрор кунам: “Бо он касоне, ки шуморо ифлос мекунанд, алоқа накунед. Ман шуморо пурра барои Худ мехоҳам” (2 Қӯринтиён 6:17, The Message, тарҷума аз забони инглисӣ).

Ҳангоме ки ман ва Лиза оиладор шудем, вай пурра аз они ман ва ман пурра аз они вай шудам. Вай ҳаёти худро ба ман бахшид ва ман

ҳаёти худро пурра ба вай бахшидам. То вохӯрӣ бо Лиза ва то оиладоршавӣ ман хоҳишҳои вайро ба назар намегирифтам ва кӯшиш намекардам, ки онҳо иҷро шаванд. Ман ӯро намешинохтам. Лиза мебели хона, ки ранги сиёҳ дорад, хуш надорад, Лиза варзишҳои касбӣ, баъзе намудҳои филмҳоро дӯст намедорад, мусиқии джазро гӯш намекунад, вай соуси бо номи "ҳазор ҷазира" ва панири мағордорро намехӯрад ва боз якчанд чизҳои дигарро дӯст намедорад.

Ва ман ҳама чизҳои дар боло номбаршударо дӯст медоштам, тамошо мекардам ва мехӯрдам! Аммо баъд аз оиладоршавиамон ман аз ҳамаи ин чизҳо даст кашидам, барои он ки фаҳмидам ин чизҳо ба хонумам писанд намеоянд. Дигар чизҳое буданд, ки мо якҷоя бо онҳо ҳаловат бурда метавонистем.

Ва аз ҳама муҳимаш, ман аз алоқаҳои беҷой бо занҳои бегона худдорӣ мекардам. То вақти оиладоршавиамон ман бисёр дӯстони ҷинси зан доштам, ман бо духтарон вақт мегузаронидам ва ҳатто бо онҳо ба вохӯриҳо мерафтам ва дар ин ҳеҷ чизи бадеро намедидам. Лекин ҳамон рӯзе, ки ман ба Лиза "Ҳа" гуфтам, муносибати ман бо дигар занҳо пурра тағйир ёфтанд.

Дар хулоса гуфтанӣ ҳастам, ки ман ошиқи сахти Лиза гаштам, ба ман писанд омад, ки барои хоҳишҳои вай зиндагӣ кунам, на ин ки фақат барои худам.

Ман пай бурдам, ки баъзе шавҳарон ба хоҳишҳои хонумони худ кам аҳамият медиҳанд, онҳо мисли худпарастон зиндагӣ мекунанд. Расман онҳо ҷуфти издивоҷкарда, лекин дар воқеият ин ҷуфтҳо алоқаи наздик бо якдигар надоранд. Ҳангоме ки мо ба ақди никоҳ медароем, ин муносибатҳои аҳд мебошанд, мо ӯҳдадор мешавем, ки тамоми умр ба ҳамсари худ хизмат кунем. Дар оилаи хуб барои худпарастӣ бисёр ҷои каме ҳаст.

То ба муносибатҳои аҳд бо Исо, мо аз ин ҷаҳон будем ва ин ҷаҳонро дӯст медоштем. Мо барои қонеъ гардонидани талаботҳои табиати гуноҳкоронаи худ ва ҳаловати чашмонамон зиндагӣ мекардем. Мо дунболи обрӯву иззат ва ҳама чизҳое, ки ба ғурур ва худпарастии мо писанд меомад, мегаштем.

Ва ана акнун ки мо бо Исо вохӯрдем ва бо Ӯ ба муносибатҳо даромадем, мо ба худ ростқавлона бояд савол диҳем, ки мо барои худ ва ё барои Ӯ зиндагӣ мекунем? Расман мо бо Исо дар муносибат буда истода, лекин бо Ӯ наздикӣ надошта метавонем (ба мо ҳузури аёни Ӯ намерасад), айнан ҳамон тавре ки шавҳар бо зани худ мисли худпараст зиндагӣ мекарда бошад.

Павлус менависад: "Онҳое ки ҳаёти навро қабул кардаанд, акнун на барои худ, балки барои Масеҳ зиндагӣ хоҳанд кард" (2 Қӯринтиён 5:15, NLT, тарҷума аз забони инглисӣ). Фақат ҳамин тавр бо Вай дар муносибатҳои ҳақиқӣ шудан мумкин аст (ё дар никоҳ).

Агар ба рафторе, ки Яъқуб онро зино бо ҷаҳон мегӯяд, назар кунем, мо пай мебарем, ки вай ба имондороне муроҷиат мекунад, ки ҳаёти худпарастона доранд:

> "Лекин агар дили шумо пур...аз *худпарастӣ* бошад, онгоҳ фахр накунед ва бо дурӯғи худ ростиро рӯйпӯш накунед. Ин ҳикмате, ки осмонӣ нест, балки заминӣ, *худпарастона*, ки аз тарафи шайтон аст. Он ҷое, ки одамонро....худпарастӣ идора мекунад, он ҷо бетартибӣ ва ҳаргуна бадӣ мебошад... барои чӣ шумо бо якдигар баҳсу мунозира ва ҷангу ҷидол мекунед? Оё на ба хотири он ки шумо пур аз хоҳишҳои *худпарастона* ҳастед, ки дар дохили шумо барои ҳукмрон будан мубориза мебаранд? Шумо он чизҳое, ки надоред, кӯшиш мекунед, ки онҳоро ба даст оваред...лекин ба ҳар ҳол ба даст оварда наметавонед ва бо баҳсу мунозира ва ҷангу ҷидол низ онҳоро ба даст оварда наметавонед. Барои ин дуо гуфтан лозим аст. Лекин ҳатто вақте ки шумо дуо мегӯед, ҷавоб намегиред, барои он ки аз рӯи хоҳишҳои *худпарастонаи* худ талаб мекунед. *Шумо халқе, ки ба Худо бевафо* (зинокор) аст. Оё шумо хабар надоред, ки агар шумо ба ин ҷаҳон дил баста бошед, бо Худо душман мешавед? Агар шумо дӯсти ин ҷаҳон шудан хоҳед, шумо худро душмани Худо месозед" (Яъқуб 3:14-16; 4:1-4, CEV, тарҷума аз забони инглисӣ).

Пайхаст кунед, ки дар ин ҷо калимаи *худпарастона* бисёр истифода шудааст. Яъқуб инро барои он истифода мекунанд, ки танҳо ду тарзи рафтор вуҷуд дорад: гирифтан ва додан. Сеюмин вуҷуд надорад. Гирифтан, ин яъне манфиати худро ҷустан, мебошад тар-

зи ҳаёти ҷаҳонӣ доштан ба Худо бевафо будан аст. Имондороне, ки чунин тарзи ҳаёт доранд, онҳоро зинокор мехонанд. Дар ин шакли рафтор аҳкомҳои Исо аҳамият надорад. Баръакс, *хоҳишҳои шахсии* худ аҳамият дорад.

Худпарастӣ одамро ба гуноҳ тела мекунад. Одам дуздӣ мекунад, чунки барои худ чизеро ба даст овардан мехоҳад, дурӯғ гуфта, аз он фоида мегирад ё корҳои нодурусти худро рӯйпӯш мекунад. Шахс ҳангоми зино карданаш на дар бораи зан ва фарзандонаш, балки фақат дар бораи шаҳвати худ фикр мекунад. Одам ҳатто куштор содир карда, дар бораи худ фикр мекунад. Инсон ба ҳукуматҳо итоат намекунад, барои он ки фикр мекунад, ки худаш беҳтар медонад ва барои худ чизҳои беҳтарро мехоҳад. Инсон ҷалол ва шарафро ҷуста, нобоварӣ ва ғурури худро қонеъ мегардонад. Ҳангоме ки ман ба гапи Худо надаромада ва телевизионро хомӯш карда, дуо нагуфтам ва бозии футболро тамошо карданро идома додам, ин рафтор аз рӯи хоҳишҳои ман буд.

## Табиати нав

Шаҳрвандони ин ҷаҳон побанди чунин рафторҳо мебошанд, чунки онҳоро хоҳишҳо ва иштиҳои ҷисмонӣ (худпарастона) роҳбарӣ мекунанд. Имондор аз ғуломии онҳо озод мебошад (Румиён 6:11,14). Писар моро дар ҳақиқат озод кардааст!

Дар Аҳди Қадим ба халқи Худо амр карда шуда буд, ки гуноҳ накунанд, лекин онҳо аз сабаби табиати гуноҳкорона (худпарастона) доштанашон, онро риоя карда наметавонистанд. Аҳди Қадим исбот мекунад, ки ҳаёти инсоне, ки ба қуввати худаш такя кардааст, ба назди чашмони Худо *нек* шуда наметавонад. Инсон гирифтори иштиҳои ҷисмонии худ, ки зидди хоҳишҳои Худо аст, мебошад.

Мо, махлуқони нав, табиати нав дорем. Мо дар дохил зинда ҳастем, аз рӯи шабоҳати Исо офарида шудаем, қобилияти дохилии ҳаёти нек умр ба сар бурданро дорем. Бубинед, ки Павлус чӣ мегӯяд:

> “Пас чунин мегӯям ва дар Худованд шаҳодат медиҳам, ки шумо дигар он тавр рафтор накунед, ки будпарастон аз рӯи хаёлоти

> ҳеҷу пучи худ рафтор мекунанд. Ақлашон тира гардида, онҳо аз ҳаёти Худо бегона шудаанд, ба сабаби ҷаҳолат ва дилсахтие, ки ба онҳо хос аст. Онҳо то ба дараҷаи лоуболӣ расида, ба фисқу фуҷур моил шудаанд, ба тавре ки ҳар кори зиштро бо рағбати тамом ба ҷо меоваранд (Эфсӯсиён 4:17,19).

Беимон ғуломи нафсҳои ҷисми худ мебошад. Рӯҳи вай мурда ва беҷон аст. Дар дохили вай қобилияти бо виҷдони пок назди Худо зиндагӣ кардан нест. Ман онро бо мушкилӣ дарк мекунам, ки чаро масеҳиён аз рафтори беимонон дар ҳайрат мемонанд. Онҳо намефаҳманд, ки одами аз олами боло таваллуднаёфта, он корҳое, ки ба табиати вай, ба гуноҳи вай мувофиқ аст, ҳамонро анҷом медиҳад. Вай шахси худпараст аст. Агар вай иродаи мустаҳкам дошта бошад, вай шакли берунии инсони некро дошта метавонад ва ҳатто худпараст наменамояд. Лекин фиреб нахӯред: вай побанди табиати гуноҳкоронаи худ мебошад.

Павлус давом дода, хислатҳои имондори ҳақиқиро номбар мекунад:

> "Дар сурате ки дар бораи Ӯ шунидаед ва дар Ӯ таълим гирифтаед ба ҳасби ростие ки дар Исост, пас рафтори пештараи одами кӯҳнаро, ки дар шаҳватҳои дилфиреб фосид мешавад, аз худ дур кунед. Ва хиради шумо бояд дар Рӯҳ тоза шавад. Ва одами навро, ки бо шабоҳати Худо дар адолат ва қудсияти ростӣ офарида шудааст, дар бар кунед" (Эфсӯсиён 4:21,24).

Дар фарқият аз одами беимон, шахси имондор табиати наверо ба худ гирифтааст. Ба мо амр карда шудааст, ки ба он табиат итоат карда, муқаддасона зиндагӣ кунем. Масеҳӣ интихоб дорад, беимон онро надорад. Масеҳӣ метавонад аз рӯи табиати нави дохилиаш ва ё аз рӯи шаҳватҳои ҷисмаш зиндагӣ кунад. Интихоб аз ҷониби шумост.

## Мавқеъ ва рафтор

Дар ин чорроҳа равшанӣ андохтан хеле муҳим аст. Ду тарафи муҳими муқаддасӣ вуҷуд дорад ва Аҳди Нав дар бораи он сухан меронад. Нофаҳмоӣ он вақт ба миён меояд, вақте ки мо ин ду мафҳумро омехта, гуноҳ кунем.

Ҷиҳати аввал ин *мавқеи* моро дар Масеҳ нишон медиҳад. Павлус менависад: "Чунон ки моро пеш аз таъсиси ҷаҳон дар Ӯ баргузидааст, то ки ба ҳузури Ӯ дар муҳаббат муқаддас ва беайб бошем..." (Эфсӯсиён 1:4). Ин муқаддасӣ танҳо дар бораи он ки Исо кадом корро барои мо анҷом додааст ва дар бораи ҷо ва мавқеи мо дар Масеҳ, сухан меронад. Мо ҳеҷ вақт бо рафтор ва аъмоли худ ин мавқеъро сазовор шуда наметавонистем, ин тӯҳфаи Вай барои мо аст.

Ҳангоме ки Лиза ҳамсари ман шуд, вай мавқеи зан буданро бо аъмоли худ кор накард, вай ин мавқеъро ишғол кард ва ин ба хотири он ки ман дили худро ба вай додам. Дар аҳди мо вай низ айни ҳамон корро барои ман кард. Нуқта.

Ҷиҳати дуюми муқаддасӣ, ин *рафтор* мебошад, ки аз қафои мавқеъ меояд. Ба хотири он ки Лиза ҳамсари ман шуд, дар рафтори вай вафодорӣ нисбат ба ман аён мегардид. Вай акнун бо дигар мардон хандаву бозӣ намекард, бо онҳо муносибатро намеҷуст. Рафтори вай ба рафтори дурусти зани шавҳардор мутобиқ буд. Ва албатта, ман низ ҳамчун шавҳар, айнан ҳамон тавр рафтор мекардам.

Дар ин китоб ман маҳз ҳамин ҷиҳати муносибатҳои моро бо Худо мегӯям. Петрус чунин гуфтааст:

> "Шумо ҳамчун фарзандони гапдарои Худо бояд зиндагӣ кунед. Ба тарзи ҳаёти кӯҳнаи худ, барои қонеъ гардонидани шаҳватҳои худ барнагардед. Он вақт шумо аз чизҳои хуб бехабар будед. Лекин ҳоло *шумо ба ҳамаи аъмолҳои худ, бояд муқаддас бошед,* чунон ки Худое, ки шуморо интихоб кардааст, муқаддас мебошад. Чунон ки Навиштаҷот мефармояд: "Муқаддас бошед, чунки Ман қуддус ҳастам". Ва дар хотир дошта бошед, Падари Осмоние, ки шумо ба Ӯ дуо мекунед, шахсони махсусеро надорад. Вай шуморо мувофиқи *аъмолатон* доварӣ мекунад ва ё мукофот медиҳад. Барои ҳамин шумо то он замоне, ки дар ин "ҷаҳон меҳмон ҳастед", бо тарс ва эҳтиром ба Ӯ, умр ба сар баред" (1 Петрус 1:14,17, NLT, тарҷума аз забони инглисӣ).

Маълум аст, ки Петрус ба фарзандони Худо, на ин ки ба гуноҳкорон муроҷиат мекунад. Навишта шудааст, ки Худо мутобиқи аъмоли мо, на ин ки мавқеи мо дар Масеҳ, моро доварӣ мекунад ва ё мукофот медиҳад. Хуни Масеҳ гуноҳҳои моро пок мекунад, ле-

кин доварие мавҷуд мебошад, ки фарзандони Худоро мувофиқи аъмоли онҳо доварӣ мекунад. Ин нуқтаро Павлус дар Номаи дуюм ба Қӯринтиён (5:9,11) тасдиқ мекунад. Бо интихоби худ дар беитоатӣ зиндагӣ кардан ин ҷиддӣ аст. Агар мо дар асл ба Худо тааллуқ дошта бошем, он гоҳ хоҳиши мо он мешавад, ки бо рафтори гунаҳкоронаи худ дили Вайро нараҷонем.

Ҳамчун Яъқуб ва Павлус, Петрус низ мегӯяд, ки ҳаёти кӯҳнаи мо аз хоҳишҳои худпарастонаи мо бармеояд, ва моро даъват мекунад, ки дар ҳар кори худ муқаддас бошем. Ман мехостам, ин фикрро такрор кунам: вай дар бораи рафтор ва тарзи ҳаёт, на ин ки дар бораи мавқеъ дар Масеҳ мегӯяд. Дар ҳамон порча дар дигар тарҷума омадааст, ки мо бояд “дар рафтор ва кирдори худ муқаддас бошем” (ояти 15, тарҷумаи васеъ аз забони инглисӣ). Суханони Петрус ҳеҷ шакке намегузоранд, ки кадом фикр дар онҳо гузошта шудааст. Мувофиқи суханони Павлус ва Петрус, агар мо наҷот ёфта бошем, он гоҳ қувватеро дар худ дорем, ки на мисли ин ҷаҳон, балки муқаддасона зиндагӣ кунем.

Дар хотир оваред, ки чӣ гуна муаллифи Нома ба Ибриён (12:14) моро даъват мекунад, ки муқаддасона зиндагӣ кунем. Ба наздикӣ ман маъвизаи Чарлз Сперҷенро дар ин мавзӯъ ёфтам, ки он суханон диққати маро пурра ба худ гирифтанд. Дар гуфтаҳои зерин шумо сабабашро мефаҳмед.

> “Баъзе шахсон (антиномистҳо) кӯшиш мекунанд, ки даъвати (кӯшиш ба муқаддасӣ) Рӯҳи Муқаддасро бекор кунанд. Онҳо мегӯянд, ки ин муқаддасии Масеҳ нест. Оё онҳо намедонанд, ки ин гуна ҳақиқати аёнро тағйир дода, дурӯғ мегӯянд?...мо бояд пайрави муқаддасӣ бошем, ин бояд ки муқаддасии амалӣ, зидди чизҳои нопок бошад, чунон ки навишта шудааст: “Зеро Худо моро на ба нопокӣ, балки ба муқаддасӣ даъват кардааст”... Ин дигар намуди муқаддасӣ мебошад. Дар асл... ин муқаддасии зинда, ки Навиштаҷот моро ба он даъват мекунад. Ин мувофиқи иродаи Худо ва итоат кардан ба аҳкоми Вай мебошад”.

Ана инро бубинед! Аз ин бармеояд, ки калисо бо ин гуна мушкилӣ, яъне фишор овардани муқаддасӣ бори аввал вонахӯрдааст,

чунки Спердчен дар бораи ин аллакай солҳои 1800-ум навишта буд. Лекин агар мо таҳкурсии худро ба Навиштаҷот барпо кунем, он гоҳ мо мебинем, ки муқаддасӣ ба моҳияти мо дар Масеҳ, ва ба номи Вай зиндагӣ кардан, дахл дорад.

Муҳимаш он аст, ки на *мавқеи* мо дар Масеҳ, на *рафтори* мо, ба шарофати хизмат, лаёқат ва дастовардҳои мо нестанд. Ҳам мавқеъ ва ҳам рафтор ин дар натиҷаи бахшоишҳое, ки ба мо ато шудаанд. Ба ҳар ҳол, то ки дар оянда ҳаёти нав дошта бошем, мо бояд ки бо табиати нави худ ҳамкорӣ карда, ба он гузашт кунем.

## Боз як мафҳуми муқаддасӣ

Акнун ҳол он ки мо дидем, ки муқаддасӣ на фақат ба Худо тааллуқ доштан, балки рафтореро, ки ба Худо писанд меояд, дар назар дорад, мо боз ба як мафҳуми муқаддасӣ мегузарем. Калимаи юнонии hagios, инчунин маънои "покӣ, бегуноҳӣ ва адолат"-ро дорад. Аз шунидани ин калимаҳо баъзеҳо ба ҳарос меафтанд, ҳатто дар ин калимаҳо ҷои тарс нест. Ман як мисолеро аз давраи бачагиам меоварам, ки ба гуфтаҳои боло равшанӣ хоҳад андохт.

Дар оилаи мо шаш фарзанд будем, лекин ман дар байни онҳо якто писарбача будам ва барои ҳамин ҳама корҳои рӯи ҳавлӣ вазифаи ман буд: мошинро шустан, алафро даравидан, баргҳоро ҷамъ кардан, рӯи ҳавлиро аз барф тоза кардан ва ғайраҳо. Аз сабаби он ки мо бо дӯстонам бо варзиш машғул шуданро бисёр дӯст медоштем, одатан ман мехостам, ки корҳои хонаро тезтар тамом кунам, то ки вақт барои бозӣ ҳам монад.

Баҳор буд, ва баъд аз зимистони дурудароз боз алаф баромада буд. Баъд аз мактаб мо бо дӯстонам одатан тӯббозӣ мекардем. Ва ман камтар бепарвоӣ карда будам ва алафи рӯи ҳавлии мо калон шуда буд. Ва рӯзи пеш падарам маро огоҳ карда буд, ки пеш аз он ки бо бачаҳо ба бозӣ меравам, алафи ҳавлиро дарав кунам ва инро то аз кор баргаштани ӯ ман бояд ки анҷом диҳам.

Баъд аз дарсҳо ман ба хона шитоб кардам, либоси худро дигар карда, аввалин маротиба дар он сол мошини алафдаравиро баро-

вардам. Ман медонистам, ки вақт кам аст, бояд саросема шавам, чунки дӯстонам ҳозир барои бозӣ кардан берун мебароянд. Ман якчанд маротиба кӯшиш кардам, ки мошини дарав кор кунад, лекин мотори он ба кор намедаромад. Ман якчанд маротиба ба тугмачаи он пахш кардам, то ки сӯзишворӣ дохили мотори он равад. Ман пой мезадам, вале ҳар кӯшиши ман бенатиҷа мемонд.

Ман фикр кардам, ки: "Мумкин карбюратори он тар шудааст ва бояд як лаҳза мунтазир бошам, то ки он хушк шавад".

Ман камтар сабр карда, баъд равғани он мошинро чен кардам, ҳамаи тугмачаҳои онро дидам, то ки боварӣ ҳосил кунам, ки ҳамаи он дар ҳолати дуруст қарор гирифтааст. Ҳамааш хуб менамуд, фақат якчанд дақиқа сабр кардан лозим буд. Ман ҳамон тавр карда, баъд аз якчанд дақиқа боз кӯшиш кардам, ки ин мошини алафдаравиро ба кор дарорам, лекин мотори он боз ба кор намедаромад.

Ин дафъа ман бисёр хашмгин шудам, барои ҳамин он қисми мошин, ки барои даргирондан оташ медиҳад (свеча зажигание) тафтиш кардам, ки тар нашуда бошад. Свеча намуди хуб дошт. Ман фикр мекардам: "Хайр, гап дар чист". Боз ҳар дақиқа афсурдагии ман зиёдтар мешуд. Агар ин мошини алафдаравӣ кор накунад ва ман алафро дарав накунам, он гоҳ падарам аз ман норозӣ мешавад ва ман бо дӯстонам бозӣ карда наметавонам.

Ман фикр мекардам: "Чӣ кунам, агар ин мошини алафдаравиро ба устохона барам ва то онҳо таъмир мекунанд, шом мешавад, ва ман ба бозӣ рафта наметавонам. Агар аз ҳамсоя мошини онҳоро пурсида, онро гирифта оварам, ин ҳам вақтро мегирад". Мо якчандто дос доштем, лекин агар бо онҳо дарав кунам, он гоҳ то шаб кор хоҳам кард ва ҳатто агар даравро анҷом диҳам ҳам, майдон каҷу килеб мешавад ва намудаш безеб хоҳад шуд. Барои ҳамин ин ҳам фикри хуб набуд.

Ман ба ин оҳанпора хашмам меомад. Ман фикр мекардам, ки он хурсандии маро медуздад. Мошин вайрон аст ва ман инро медонистам. Ман ба бероҳае дучор шудам. Ман на алафро дарав карда, ва на бо дӯстонам вохӯрда метавонистам.

Як рафиқи ман омад, ки бо мо бозӣ мекард ва аз ман пурсид: "Ҷон, оё ту ба бозӣ тайёр ҳастӣ?"

Ман гуфтам: “Не, падарам гуфтааст, ки ман фақат баъд аз дарав кардани майдон ба бозӣ рафта метавонам, мошин алафдаравӣ кор намекунад. Ман барои таъмир кардани он ва ё аз ҳамсоя гирифта овардан ё дастӣ дарав кардан, вақт надорам. Пас, имрӯз ман бозӣ карда наметавонам”.

Дӯсти ман аз ман боақлтар буд ва гуфт: “Иҷозат деҳ, як дафъа мошинро бубинам”.

Ман бо овози ғамгинона гуфтам: “Албатта, марҳамат бубин”.

Якум чизе, ки вай кард, баки сӯзишвориро кушод. Вай ба дохили он нигоҳ карда, ханда кард: “Ҷон, ана мушкилӣ дар чист, бензин надорӣ”.

Ман музтариб шудам ва ҳамон лаҳза хурсанд низ шудам.

Ман фикр кардам: “Эҳ нодон, инро бояд аввал тафтиш мекардам”. Ман зуд баки мошинро бо бензин пур кардам ва мошин ҳамон лаҳза ба кор даромад. Ман зуд алафро даравидам ва мо ба бозӣ кардан рафтем.

Ин воқеа ба муқаддасӣ чӣ дахл дорад? Дар мафҳуми “муқаддасӣ” чунин калимаҳоро ба монанди пок, бегуноҳ ва одил хонда, мо фикр мекунем: “Ин имконнопазир аст”, барои он ки мо чунин ҳаётро бо қуввати худ тасаввур мекунем. Ин мисли он ки тамоми майдонро бо дос дарав кунӣ ва ин корро то оғози бозӣ анҷом диҳӣ: умуман ғайриимкон аст! Нисфи майдонро дарав накарда, кӯчаро торикӣ фаро хоҳад гирифт.

Лекин мо табиати наверо дорем, ки онро бо мошини алафдаравӣ муқоиса кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат ҳам, бе бензин дар бак, мо ноком мемонем. Барои он ки кор пеш равад, ба мо бензин лозим аст.

Дар боби навбатӣ мо дар бораи он мегӯем, ки ба табиати нави мо кадом сӯзишворӣ лозим аст, дар бораи он ки ба мо чӣ қобилияте мебахшад, ки назди Худо пок зиндагӣ кунем.

10

# СӮЗИШВОРӢ

Шуморо, эй бародарон, дар бораи файзи
Худо, ки ба калисоҳои Мақдуния
ато шудааст, огоҳ менамоем...зеро ман шоҳиди
онам, ки онҳо алоқадри қувваташон
ва берун аз қувваташон сахӣ буданд...
— 2 Қӯринтиён 8:1,3

...Даъват ба комилӣ ин амри ба амал
овардани чизҳои ғайриимкон нест. (Худо)
аз мо одамони нав месозад, ки ба ин
аҳком итоат карда метавонанд.
— К. С. Люис

Кӯшиш ба муқаддасӣ ин ҳадафи ниҳоӣ нест, ин роҳ ба ҳузури Исо аст. Устод возеҳ гуфтааст: "Касе, ки аҳкоми маро нигоҳ медорад ва онҳоро риоя мекунад, он шахс (дар асл) Маро дӯст медорад... ва Ман (ҳам) вайро дӯст хоҳам дошт ва Худро ба вай ошкор (зоҳир) месозам (Ман ба вай имконият медиҳам, ки Маро возеҳ бубинад ва Худро ба вай аён мекунам)" (Юҳанно 14:21, тарҷумаи васеи инглисӣ). Ҳангоме ки мо Каломи Ӯро риоя мекунем ва ба итоат мекунем, он гоҳ мо Устодро аз наздик мешиносем.

Муаллифи Нома ба Ибриён инро тасдиқ мекунад: "...қудсиятро толиб бошед, ки бе он ҳеҷ кас Худовандро нахоҳад дид" (Ибриён 12:14). Ҳамааш бисёр содда аст: муқаддасӣ набошад, Худовандро нахоҳӣ дид ва ба ҳузури Вай дохил намешавӣ!

Муқаддасӣ маънои пурра ба Вай тааллуқ доштан, барои Вай худро ҷудо карданро дорад. Ба ғайр аз ин, маънои "пок, бегуноҳ ва одил" буданро дорад. Ин ду мафҳум байни худ вобастагӣ доранд.

Ба Ӯ тааллуқ доштан, яъне барои Вай зиндагӣ кардан, бо рафтори худ ба Вай писанд омадан, аст. Дар Нома ба Қӯлассиён омадааст, ки мо бояд дар ҳар кор “ба таври муносиби Худованд рафтор намуда, аз ҳар ҷиҳат ба Ӯ писанд оем” (1:10). Дар охири замон Ӯ аз қафои калисои Худ бармегардад, ки “на доғе дошта бошад, на нуқсоне, на чизе монанди ин, балки муқаддас ва беайб бошад” (Эфсӯсиён 5:27).

Қобили қайд аст ки ин ягона нишонаҳое, ки Ӯ аз қафои он нафарон бармегардад. Фақат фикр кунед, Навиштаҷот арӯси Вайро бо ташкилоти бузург, пурқувват, ҳозиразамон, аз тарафи пешвоён идора мешуда, воситаҳои хуб дошта ва хурсанд, монанд намекунад. Ҳамаи ин хислатҳои хубе мебошанд, лекин аз ҳама муҳимаш, ки Вай арӯси худро чӣ гуна тасаввур мекунад, ин яъне пок ва муқаддас.

Боз як далели ҷолиб дар он аст, ки муқаддасӣ ин он ягона хислатест, ки Худо Худро бо он шабоҳат медиҳад. Пайғамбар Ишаъё ва вакил Юҳанно рӯъёи тахти Худоро чунин шарҳ медиҳанд. Ҳардуи онҳо пай бурдаанд, ки гирду атрофи Худоро фариштаҳои пурқуввате иҳота кардаанд, ки дар тӯли асрҳо садо мекунанд: “Қуддус, қуддус, қуддус” (ниг. Ишаъё 6:3 ва Ваҳӣ 4:8). Онҳо: “Вафодор”, “меҳрубон”, “нек”, ва ё “сахӣ”,- гуфта, дод намезананд, гарчанде ки Ӯ ин хислатҳоро дорад, лекин қуддус будани Ӯ аз ҳамаи инҳо боло мебошад.

## Ду роҳ

Даъвати ҳаёти пок, бегуноҳ ва одил доштан боз саволи кӯҳнаро ба миён меоварад: “Чӣ тавр мо ин гуна ҳаётро дошта метавонем? Мо ба қонуни Худо, ки дар дилҳои мо навишта шудааст (ниг. Румиён 2:14,15), итоат кардан мехостем, лекин боз ноком мемондем.

Лекин пас аз он файз омад. Мо онро бо рафтори неки худ ба даст оварда наметавонистем ва то ҳол ҳам наметавонем. Пештар ҳам, мо лоиқи он набудем, ҳоло ҳам, лоиқ нестем. Бахшоиши Худо моро пурра мебахшад ва ҳатто вақте ки мо гуноҳ мекунем, вай кори худро идома медиҳад. Мо аз гуноҳҳои худ наҷот ёфтаем!

Новобаста аз он ки мо аз ин хабари хуш бохабар ҳастем, мо ба ҳар ҳол ҳангоме ки аҳкоми Ӯро риоя карда наметавонем, ғамгин

мешавем. Барои чӣ ин барои мо мубориза мебошад? Мо аз олами боло таваллуд ёфтаем, табиати навро дорем, барои чӣ боз ва боз пешпо мехӯрем?

Дар ин давра мо фикр мекунем, ки мо интихоб дорем, ки ба мо роҳро нишон дода метавонад. Мо таълим дода метавонем, ки муқаддасӣ фақат ба мавқеи мо тааллуқ дорад, ва он ҷойҳои Навиштаҷотро, ки дар бораи муқаддасии рафтори мо мегӯяд, ба назар намегирем, то ки ба маҳкумият дучор нашавем. Мо камбудии худро бо он ки мо одамони нокомил ҳастем ва ҳамеша хато хоҳем кард, сафед мекунем. Мо фақат ба таълимоти кӯтоҳ кардашуда дар бораи файз диққати худро ҷалб мекунем, ки гуноҳҳои пештара, ҳозира ваояндаи моро рӯйпӯш мекунад. Агар мо фақат ба ин қисм бовар кунем ва онро таълим диҳем, он гоҳ ба ҳиссиёти бехатарии дурӯғ дучор шуда, виҷдони худро пахш мекунем. Лекин агар мо бодиққат ба дили худ гӯш кунем, он гоҳ мо мешунавем, ки он садо мекунад: “Аз ин чизи бештар вуҷуд дорад!”

Афсӯс ки бисёриҳо ба ин интихоб дучор шуда, дар натиҷа ба қисми зиёди Аҳди Ҷадид, ки моро ба ҳаёти пок доштан даъват мекунад, беэътиноӣ мекунанд. Дар ин маврид ман бисёр ҷойҳои Китоби Муқаддасро оварда метавонистам, лекин ба ман иҷозат диҳед, аз як порчаи он оғоз намоям:

> “Эй фарзандони азизам, ин суханонро ман барои он менависам, то ки гуноҳ содир накунед...Агар мо ба фармонҳои Худо итоат кунем, он гоҳ боварӣ дошта метавонем, ки Ӯро ба ростӣ шинохтаем. Ҳар касе ки “Ман Худоро шинохтам” мегӯяду фармонҳои Ӯро иҷро намекунад, дурӯғгӯй аст ва ростӣ дар вуҷудаш нест. Мо фақат ҳамон вақт Худоро ҳақиқатан дӯст медорем, ки фармонҳояшро иҷро кунем. Он гоҳ медонем, ки аз они Худо ҳастем. Вақте касе мегӯяд, ки Ӯ бо Худо аст, бояд ҳамон тавр амал кунад, ки Исо амал мекард” (1 Юҳанно 2:1,3-6, тарҷумаи нав, NLT).

Юҳанно нанавиштааст: “Агар шумо гуноҳ содир кунед, ташвиш накашед, охир ҳамаи мо одам ҳастем-ку”. Не, вай аниқ менависад, ки мо “гуноҳ содир накунем”. Ин бояд ки ҳадафи мо гардад. Агар мо ба он ҳадаф бирасем, онгоҳ хуни Исо моро аз ҳар гуноҳҳоямон

пок мекунад. Ҳадафи мо дар он аст ки мисли Исо зиндагӣ кунем. Мувофиқи Навиштаҷот ин ҳадафи дастрас мебошад. Барои ҳамин, гуноҳи лагадкӯбкунандаро мо ҳамчун "табиати инсонӣ" нишон дода, суханони Исо ва бисёр ҷойҳои Навиштаҷотро инкор мекунем.

Оё чунин шуданаш мумкин аст, ки ба мо ягон чиз намерасид? Оё имкон дорад, ки Худо ин мушкилии моро пешбинӣ накардааст ва ҳалли онро барои мо пешниҳод накарда бошад? Албатта, пешбинӣ кардааст! Дар бораи ин кам мегӯянд, лекин нақшаи Вай дар Аҳди Ҷадид аёну равшан дида мешавад. Як ҷиҳати файз, ки бисёриҳо дар бораи он намедонад, ин мисли сӯзишвориест, ки ба табиати нави мо қувват медиҳад. Бо дигар суханон, файз ба мо қувват медиҳад, ки ҳаёти муқаддас дошта бошем.

## Ҳақиқати номаълуми файз

Дар соли 2009 дар байни ҳазорон масеҳиёни Амрико пурсиш гузаронида шуда буд. Иштирокчиёни пурсиш имондорони аз олами боло таваллудёфта, ки дар таълимоти китоби Муқаддас устувор буданд, аз ҳар гуна калисоҳо, шуданд. Дар байни саволҳо ин гуна савол низ дода шуда буд: "Файзи Худоро бо се мафҳум ё мисол фаҳмонед, ки он чист?" Аксарияти ҷавобҳо ин тавр буданд: наҷот, бахшоиш, тӯҳфае, ки мо ба он лоиқ набудем ва бахшоиши гуноҳҳо.

Ин бисёр хуб аст, ки масеҳиён дар Амрико медонад, ки онҳо танҳо ба воситаи файз наҷот ёфтаанд. Наҷот ба воситаи обпошӣ, ба калисо тааллуқ доштан, риояи қоидаҳои динӣ, вазнинтар будани корҳои нек ва корҳои бад ва ғайраҳо дода намешавад. Бисёре аз имондорон дар Амрико дар бораи таҳкурсии файз хуб асос гирифтаанд, барои он ки дар бораи ин дар калисо маъвиза мешавад, ва ман фикр мекунам, ки ин ба Худо низ писанд аст.

Лекин ба ҳар ҳол, фоҷиа дар он аст, ки танҳо 2 фоизи масеҳиёне, ки ба саволҳо ҷавоб медоданд, гуфтанд, ки файз ин қуввати Худо, ки барои мо дода шудааст. Лекин маҳз ҳамин тавр, Худо файзи Худро шарҳ медиҳад. Вай мегӯяд:

“*Файзи ман* ин ҳамон чизе, ки ба ту лозим аст, чунки *қуввати Ман* дар камқувватии ту зоҳир мегардад” (2 Қӯринтиён 12:9, TEV ва NLT, тарҷума аз забони инглисӣ).

Худо дар бораи файзи худ ҳамчун қуввате, ки ба мо ато шудааст, сухан меронад. Калимаи “заъф” маънои “нотавонӣ”-ро дорад. Худо мегӯяд: “Файзи Ман ин қуввати Ман барои ту, ки дар вақтҳои нотавонии ту кӯмак мекунад”.

Айнан ҳамин мафҳуми файзро вакил Петрус низ медиҳад. Вай менависад: “Файз ва осоиштагӣ...бар шумо фаровон бод. Азбаски қуввати илоҳии ӯ (файз) ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшидааст... (2 Петрус 1:2,3). Дар инҷо боз дар бораи файз ҳамчун “қуввати илоҳӣ” гуфта мешавад. Петрус мегӯяд, ки ҳар як сарчашма ва қобилият, ки барои ҳаёти парҳезгор ва муқаддас доштан зарур аст, ба мо ба воситаи файз дастрас мебошад.

Лекин агар пурсиш нишон дода бошад, ки танҳо ду фоизи масеҳиён дар Амрико дар бораи ин медониста бошанд, он гоҳ мушкилӣ вуҷуд дорад. Иҷозат диҳед, ки ба шумо фаҳмонида диҳам. Барои он ки чизе аз Худо ба даст оварем, мо бояд имон дошта бошем. Ана барои чӣ матнҳои Аҳди Ҷадид “каломи имон” (ниг. Румиён 10:8) номида шудаанд. Осон карда гӯем, агар мо имон наоварем, мо ба даст нахоҳем овард.

Як мисоли асосиро меоварам. Исо барои гуноҳҳои тамоми ҷаҳон ҷон дод. Аммо фақат касоне, ки ба Ӯ имон доранд, наҷот хоҳанд ёфт. Аз ин ҷо як мушкилии калон ба миён меояд: мо ба он чизе, ки намедонем, имон оварда наметавонем. Агар 98 фоизи масеҳиён намедонанд, ки файз ин қуввати Худост, ки он барои мо дода шудааст, пас 98 фоизи масеҳиён бо қуввати худ муқаддасона зиндагӣ кардан мехоҳанд, ки ба афсурдагӣ ва мағлубият оварда мерасонад. Табиати нави онҳо бо қувват пур нашудааст, бо дигар суханон, баки онҳо сӯзишворӣ надорад!

Биёед, ба забони юнонӣ муроҷиат мекунем. Дар Аҳди Ҷадид ба маънои калимаи “файз” одатан калимаи charis истифода мешавад. Ин калима мувофиқи луғати Стронг (Strong, s Exhaustive

Concordance) маънои “бахшоиш, ҳусни таваҷҷӯҳ, марҳамат ва файзро”- дорад.

Агар ин мафҳуми авваларо гирифта, бо оятҳои ҷудогонаи аз Номаҳои ба Румиён, ба Ғалотиён, ба Эфсӯсиён интихоб кардаамон пайваст кунем, шумо аниқ ба мафҳуми файз мерасед, ки бисёри амрикоиҳо фаҳмиданд. Лекин дар луғати Стронг давоми ин мафҳум ҳаст: “таъсири илоҳӣ ба дил ва инъикоси вай ба ҳаёт”. Мо дар инҷо инъикоси берунии он чизҳое, ки дар дохил рӯй медиҳанд, мебинем, бо дигар суханон, қуввати файзро мушоҳида мекунем.

Дар китоби Аъмоли расулон як ҳодисае ҳаст, вақте ки Барнаббо ба калисои Антиокиё омада, дар он ҷо “файзи Худо”-ро мебинад (ниг. Аъмол 11:23). Вай дар бораи файз нашунид, лекин вай файзро дид. Рафтори зоҳирии одамон шаҳодат медод, ки дили онҳо пур аз қуввати файзи Худо аст.

Ана барои ҳамин, расул Яъқуб менависад: “...имони (файз) худро бе аъмол ба ман нишон деҳ, вале ман ба ту имони (файз) худро аз аъмоли худ нишон медиҳам (Яъқуб 2:18). Ман калимаи “файз”-ро дар дохили қафс ба ҷои калимаи “имон” гузоштам, барои он ки бо имон (ба Каломи Ӯ имон дошта) мо ба файз роҳ пайдо мекунем “...мо бо имон сӯи ин файз роҳ ёфтаем” (Румиён 5:2). Бе имон (бе боварӣ) қуввват (файз) нест. Яъқуб таъкид мекунад: “Ба ман қуввати худро тасдиқ кун”. Ин исботи он аст, ки ба воситаи имон мо файз ёфтаем.

Файз ин *бахшоиш* аст. Биёед, соҳаи дониши худро васеъ мегардонем. Наҷот ин бахшоиши файз аст. Бахшида шудани гуноҳҳо ин бахшоиши файз аст. Шифоӣ ин бахшоиши файз аст. Таъминот ин бахшоиши файз аст. Табиати Худо ин бахшоиши файз аст. Қувват ин бахшоиши файз аст. Ҳамаи ин ҳусни таваҷҷӯҳи Худованд ба ҳаёти мо мебошад, ки мо онро сазовор нашудаем.

Агар дар бораи қувват сухан ронем, он гоҳ файз ба мо қувват медиҳад, ки он чизҳоеро, ки қуввати худамон намерасад, анҷом диҳем. Мо қуввати аз дӯзах озод шуданро надоштем, файз онро ба мо дод. Мо набояд ки дар озодӣ зиндагӣ мекардем, лекин файз

онро ба мо тӯҳфа кард. Мо қуввати худро надорем, ки муқаддас зиндагӣ кунем, лекин файз онро ба мо дод. Ва ҳайратовар нест, ки мо онро файзи аҷоиб мехонем.

## Саволе, ки моро ба андеша меафтонад

Боре вақти дуо гуфтан Худованд аз ман пурсид: "Писарам, ман дар Китоби Худ, Аҳди Ҷадид, файзро чӣ тавр маънидод мекунам?"

Барои ман, ки муаллифи даҳҳо китобҳо мебошам, ин савол аҳамияти калон дорад. Иҷозат диҳед, ки инро барои шумо маънидод кунам. Ҳар дафъа дар китобҳои худ мафҳуми навро, ки бисёриҳо бо ин мафҳумҳо ошно намебошанд, истифода бурда, пеш аз ҳама, ман ба онҳо мафҳуми асосиро медиҳам. Баъдтар ман дигар тарафҳои онро нишон дода, маънои дуюминдараҷаашро нишон медиҳам. Барои ҳамин, агар дар китоби муаллифи ботаҷриба мафҳуми наве пайдо шавад, ман фикр мекунам, ки ин мафҳум муҳим аст.

Ба саволи Худо ман ҷавоб дода, гуфтам: "Намедонам".

Ва ҳамон лаҳза луғатеро дар дасти худ гирифта, саҳифаеро кушодам, ки маънои файз аз рӯи Аҳди Ҷадид буд. Ана инро ман ёфтам: "Ва аз пуррагии Ӯ ҳамаи мо файз бар файз пайдо кардем" (Юҳанно 1:16).

Диққат кунед: "файз бар файз". Ман як дӯстеро дорам, ки дар Юнон, шаҳри Афина зиндагӣ мекунад. Вай дар он ҷо таваллуд ёфтааст ва забони юнонӣ, забони модарии вай аст. Ҳангоме ки ман савол вобаста ба забони юнонӣ дорам, дар навбати аввал ба он дӯстам муроҷиат мекунам. Вай ба ман гуфт, ки Юҳанно дар бораи "фаровонии файз", ки Худо ба мо додааст, ба мо гуфтанӣ мебошад. Бо дигар суханон, вакил Юҳанно ба мо гуфтанӣ буд, ки ин ҷараёни баракати файз дар мо пуррагии Исои Масеҳро медиҳад! Шумо шунидед? Пуррагии Худи Исои Масеҳ! Ба ман ин дар бораи бисёр чизҳо мегӯяд, махсусан дар бораи табиат, қобилият ва қувват!

Биёед, бузургии ин гуфтаҳоро бо якчанд мисол тасдиқ кунем. Тасаввур мекунем, ки ман ба мактаббачаи синфҳои болоӣ, ки баскетбол бозӣ мекунад, муроҷиат мекунам. Ин ҷавон ҳама вақт дар

курсии эҳтиётии бозингарон нишаста, фақат дар ду дақиқаи охирини бозӣ ба майдон ҳангоме ки дастаи вай ба бист хол дар пеш аст ва ё бист хол мебозад, дохил мешавад.

Ман вайро дар як гӯша бурда, ба вай мегӯям: “Ба воситаи пешрафтҳои илми ҳозиразамон мо ба вуҷуди ту тамоми қувват ва тавоноии Леброн Джеймсро (яке аз баскетболбозҳои беҳтарин) дохил карда метавонем”.

Шумо чӣ тавр фикр мекунед, вай дар ҷавоб чӣ мегуфт: “Албатта! Биёед! Ман чӣ бояд кунам?”

Ҳангоме ки мо ин корро мекардем, фикр кунед, чӣ рӯй медод. Ин ҷавон на танҳо дар мактаби худ ситора мешуд, лекин ба дастаи худ ёрдам медод, ки дар мусобиқаи кишвар ғолиб оянд, дар донишгоҳ ҳамаи бартариҳоро ноил гашта, дар оянда вай дар яке аз дастаҳои АМА (НБА) бозӣ мекард.

Ё тасаввур мекунем, ки ман ба як тоҷире муроҷиат мекунам, ки корҳояш начандон хуб пеш меравand ва мегӯям: “Бо дастовардҳои илми муосир мо дар вуҷуди шумо он лаёқатҳое, ки Доналд Трамп, Стив Ҷобс ва Бил Гейтс доранд, ба шумо ворид мекунем”.

Шумо чӣ тавр фикр мекунед, ин одам дар ҷавоб чӣ мегфт? Ин тоҷир бо хурсандӣ дод мезад: “Албатта, ман розӣ ҳастам!” Ва тамоми қобилияти ин одамонро гирифта, вай чӣ мекард? Вай дар бораи сармоягузории дурусти пулҳои худ фикр мекард, ки пештар ба фикраш намеомад ва дуруст сармоягузорӣ карда, комёб мегардид.

Файз ба мо тамоми пуррагии Леброн Ҷеймс, Стив Ҷобс, Доналд Трамп, Бил Гейтс, Алберт Энштейн, Иоганн Себастян Бах, Родҷер Федерер ва ё дигар мардон ва занони машҳури таърихро намедиҳад. Лекин он ба мо пуррагии Худи Исои Масеҳро медиҳад! Оё шумо ин бузургиро дарк мекунед?

Шояд шумо дар ҳайрат монед, лекин дар Аҳди Ҷадид Худо файзро ҳамчун бахшоиши ройгон барои ба даст овардани наҷот ба бахшиши гуноҳҳо пешниҳод намекунад! Иҷозат диҳед, ки ба шумо фаҳмонида диҳам. Ман то абад миннатдорам барои он марҳаматҳо, лекин дар Аҳди Ҷадид дар бораи онҳо баъдтар гуфта мешавад. Дар

аввал Худо файзро ҳамчун пуррагии Исои Масеҳ ба мо ошкор мекунад, бо дигар суханон, ин ба даст овардани табиат ва қуввати Ӯ мебошад! Ана барои ҳамин, Юҳанно далерона мегӯяд: "Чунки дар ин ҷаҳон мо монанди Вай (Исо) амал мекунем" (1 Юҳанно 4:17, тарҷумаи нав).

Шумо ягон бор шунидаед, ки хизматгузор мегӯяд: "Мо мисли ҳамаи онҳо гуноҳкорем, фақат гуноҳкорони бахшидашуда ҳастем" ё "Мо хоки ин замин ҳастем", "мо одамони табиати гуноҳкор дошта ҳастем"? Чӣ тавр инсоне, ки Китоби Муқаддасро мехонад, ингуна суханонро гуфта метавонад? Ҳатто ҷаҳон аз ин беҳтар таълимот дода метавонад.

Оё шумо ягон бор шунидаед, ки шер гурбаро таваллуд кунад? Ё ин ки аспи зотии инглисӣ кирмро ба дунё овард? Ва Навиштаҷот мегӯяд, ки мо устухон аз устухонҳо ва ҷисм аз ҷисми Ӯ мебошем (ниг. Эфсӯсиён 5:30). Навишта шудааст: "Азизон! Мо акнун фарзандони Худо ҳастем..." (1 Юҳанно 3:2). Лекин на *пас* аз он ки мо ба осмон меравем, балки *ҳоло* мо фарзандон: писарон ва духтарони Худо ҳастем. Чӣ тавр Худо кирми ночизро ба дунё оварда метавонад? Мо аз ҷониби Худо таваллуд ёфтаем, тухми, табиати илоҳии Ӯ дар мо аст. Чи гунае ки Ӯ дар ин ҷаҳон аст, ҳамон гуна мо ҳастем! На дар ҳаёти оянда, балки ҳозир дар рӯи замин ҳамин гуна ҳастем!

Боз ба суханони Петрус назар мекунем:

> "Файз...бар шумо *фаровон* бод...азбаски қуввати илоҳии Ӯ ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ заруриро ба мо бахшидааст..." (2 Петрус 1:2,3).

Бахшоиши файз ин амали якмаротиба нест, ки танҳо дар вақти наҷот ёфтанамон кор мекунад. Ин он чизе, ки мо доимо ба он зарурат дорем, то ки файз афзун гардад. Барои ҳамин навишта шудааст: "Бинобар ин бо ҷуръат ба тахти файз наздик оем, то ки марҳамат ба даст оварем ва барои мадади саридарвақт файз ёбем" (Ибриён 4:16). Ана сӯзишворие, ки барои мошинҳои мо зарур аст!

Ана акнун гӯш кунед, ки Яъқуб ба имондороне, ки онҳоро дар худпарастӣ ва зино фош мекунад, чӣ мегӯяд:

> “Эй мардуми бевафо, магар намедонед, ки дӯстӣ кардан бо ин ҷаҳон бо Худо душманӣ карданро мефаҳмонад?...ба мо бошад, Ӯ қуввати бештар аз пештарaро ато мекунад, то ки бар зидди ҳавасҳо истодагарӣ кунем...Худо ба хоксорон қувват мебахшад” (Яъқуб 4:4,6, NLT).

Бодиққат ин суханонро хонед: “Ӯ қуввати бештар аз пештарaро ато мекунад, то ки бар зидди ҳавасҳо истодагарӣ кунем”, бар зидди ҳавасҳои ҷисм. Тарҷумаи васеи Китоби Муқаддас мегӯяд, ки “Ӯ бештар ва бештар файз ато мекунад”. Ин қуввате, ки мо онро бо аъмоли худ сазовор нашудаем, ба мо қобилият медиҳад, ки муқаддасона зиндагӣ кунем.

Ин файз ба онҳое паҳн мешавад, ки худро фурӯтан сохта, ба Каломи Худо итоат карда, қувватро аз табиати илоҳӣ ба табиати худ мегиранд. Мағрурон ба қуввати худ такя мекунанд, фурӯтанӣ ин аз қуввати Худо вобаста будан аст. Бародари калонии Довуд, Элиоб шахси мағрур буд, ки аз қуввати Худо вобаста набуд ва барои ҳамин Ҷолиёти азимҷуссаро бо қуввати худ вохӯрд (ниг. 1 Подшоҳон 16,17). Довуд шахси фурӯтане буд, ки дар муҳориба бо Ҷолиёт, бо қуввати Худо баромад. Мо натиҷаи ҳардуи ин муҳорибаро медонем, ки чӣ шуд.

Исо бо намунаи Худ ба мо нишон дод, ки чӣ гуна аз файзи Худо вобаста бошем. Дар боғи Ҷатсамонӣ Ӯ дар байни муҳорибаи бузурге буд. Ҷисми Ӯ аз иродаи Падар гурехтан мехост, лекин ҳангоме ки шогирдон хоб буданд, Вай худро дар дуо фурӯтан сохт. Вай барои кӯмак (сӯзишворӣ) фиғон мезад, то ки ин муҳорибаи бузургро бар зидди худдӯстдорӣ ғолиб ояд. Ин вақте ки ба Ӯ кӯмак лозим буд, ва Ӯ далерона ба Падар муроҷиат кард, ки ин файзро барояш ато кунад, то ки дар муҳориба ғолиб ояд. Шогирдон ин корро карда натавонистанд, ҳатто Исо онҳоро огоҳ карда буд: “...рӯҳ бардам аст, аммо ҷисм нотавон” (Матто 26:41)!

Дар ҳодисаи ман, ки бояд алафро дарав карда, баъд ба бозӣ рафта тавонам, ман на мошини алафдаравӣ ва на сӯзишворӣ харидам. Ҳардуи онро ба ман падарам дода буд. Мошини алафдаравиро бо

табиати нави мо муқоиса кардан мумкин аст, ки онро мо як маротиба ба даст меоварем. Ба хотири он ки ман ин мошинро доштам, ман дарав карда метавонистам. Сӯзишвориро бо он қуввати файз муқоиса кардан мумкин аст. Ин тӯҳфаи як маротиба нест, он ба ман ҳар дафъае, ки алафро даравидан даркор, зарур аст.

Файз ба мо табиати Ӯро додааст, ҳангоме ки мо наҷот ёфтем, ҳар дафъа боз ва боз бештар файз лозим аст, ки қодир аст ба табиати мо қувват бахшад, то ки мо мисли Исо зиндагӣ карда тавонем.

## Чӣ тавр бояд рафтор кард ва чӣ тавр бояд рафтор накард

Биёед, боз як маротиба суханони Павлусро, ки дар Нома ба Эфсӯсиён омадааст, мехонем. Баъд аз муҳокимаи мо аҳамияти онҳо боз зиёдтар мешаванд.

> "Бо он қудрате, ки Худованд ба ман додааст, ба шумо мегӯям, ки мисли халқҳо зиндагӣ накунед, ки фикрҳои ҳеҷу пуч доранд...ба ҳар гуна ифлосӣ онҳо ғарқ шуда, фикрҳои фосидона доранд... табиати тозаро дар бар кунед, ки аз шабоҳати Худо ва дар асл пок ва муқаддас мебошад" (Эфсӯсиён 4:17,19,24, тарҷума аз забони инглисӣ).

Байни гуноҳкорон ва имондорон фарқияти возеҳ бояд дида шавад, фарқият на танҳо дар имони шумо, балки дар тарзи ҳаёти шумо низ бошад, барои он ки мо табиати навро дорем, лекин онро бояд дар бар кунем. Бо дигар суханон, худро фурӯтан сохта, ба қуввати файз итоат кунем. Биёед, ҳамон мисолро дида мебароем, падарам ба ман мошини алафдаравиро дода буд, лекин то он даме ки ман ба он сӯзишворӣ наандохта, онро истифода набурдам, аз он фоидае набуд. *Онро бояд истифода кард!*

Павлус инро ба мо дар амалия маънидод карданро давом медиҳад.

> "Бигзор ҳар яке аз шумо дурӯғро аз худ дур карда, ба ёри худ гапи ростро бигӯяд, барои он ки ҳар яки мо аъзои як бадан ҳастем. "Дар ғазаби худ гуноҳ накунед", бигзор пеш аз ғуруби офтоб ғазаби шумо ором шавад ва ба шайтон дар зиндагии худ ҷой

надиҳед. Касе, ки пештар дуздӣ мекард, бигзор дигар ба ин кор даст назанад, балки бо меҳнати ҳалол барои зиндагии худ пул кор карда, аз он ба мӯҳтоҷон кӯмак кунад. Суханони қабеҳро ба даҳон наоваред, балки фақат суханони нек ва хубро бигӯед, ки шахси дигарро рӯҳбаланд мекунад ва ба шунавандагон файз мебахшад" (Эфсӯсиён 4:25,29, тарҷумаи нав).

Ман мешунавам, ки баъзеҳо мегӯянд: "Аҳди Қадим пур аз аҳкомҳо мебошад, ин корро кун, он корро накун, дар Аҳди Нав фақат файз аст". Дар конфронсҳо ва калисоҳо таълим медиҳанд, ки файзи Худо моро аз аҳкомҳо озод кардааст ва бисёриҳо ба ин бовар карда, ҳамин тавр мекунанд. Лекин Исо гуфт, ки фақат онҳое, ки аҳкоми Вайро мешунаванд ва риоя мекунанд, зуҳуроти ҳузури Ӯро хоҳанд дид. Ин муаллимон фикр мекунанд, ки ба шунавандагони худ озодӣ мебахшанд, ҳоло он ки дар асл онҳо одамонро аз он чизе, ки онҳоро ба ҳузури Худо меоварад, дур мекунанд. Ин ҳолат дили маро меранҷонад.

Исо ба мо аҳком додааст ва бо ин баҳс кардан мумкин нест. Вай ба мо гуфтааст: "Инак рафта, ҳамаи халқҳоро шогирд созед...ва ҳама чизеро, ки ба шумо *амр* кардам, иҷро кунед..." Вай нагуфтааст: "ҳама чизе, ки ба шумо *пешкаш* кардам".

Дар замони мо ба бисёр шахсон суханони Вай дар бораи озодӣ писанд аст, лекин одатан ин шахсон ба суханони Ӯ, ки бояд муқаддасона зиндагӣ кард, сабукфикрона муносибат мекунанд. Дар асл Худо ба мо озодӣ ва интихоби озодро бахшидааст, лекин агар мо ба аҳкоми Вай дар бораи ҳаёти муқаддас доштан ҳамчун пешниҳод назар кунем, онгоҳ ин озодиро зери хатар мегузорем.

## Аҳкомҳо

Вакилон ба мо амри Исоро додаанд. Суханони Юҳанноро ба хотир меоварем. "Аз ин медонем, ки Ӯро мешиносем, ки аҳкоми Ӯро риоят кунем" (1 Юҳанно 2:3). Ва дар идомааш мефармояд: "Зеро муҳаббат ба Худо ҳамин аст, ки мо аҳкоми Ӯро риоят кунем ва аҳкоми Ӯ гарон нест" (1 Юҳанно 5:3).

Павлус менависад: "Зеро медонед, ки чӣ гуна аҳкоме аз ҷониби Исои Худованд ба шумо додаем" (1 Таслӯникиён 4:2). Дар давомаш

вай мегӯяд: "Худо мехоҳад, ки ҳамаи шумо муқаддас бошед (1Таслӯникиён 4:3, тарҷумаи нав). Барои ҳаёти муқаддас доштан, мо бояд ки аҳкомҳои Исоро риоя кунем.

Петрус ба мо аҳкоми аниқро медиҳад, ин ҳаёти муқаддас доштан аст. Вай дар бораи воқеияти фоҷианоке мегӯяд, ки дар замони охир бисёриҳо аз имон меафтанд. Вай менависад, ки онҳо "аҳкоми муқаддас зиндагӣ кардан"-ро раъд мекунанд (2 Петрус 2:21). Дар Аҳди Ҷадид на танҳо аҳкомҳо, балки амрҳои аниқ "муқаддас зиндагӣ кунед" низ дода шудаанд.

Агар мо суханони расул Павлусро ба Эфсӯсиён (4:25,29) бодиққат нигоҳ кунем, мо амрҳои муқаддас зиндагӣ карданро мушоҳида карда метавонем.

Дурӯғ нагӯед.

Дар ғазаби худ гуноҳ накунед.

Дуздӣ накунед.

Суханони қабеҳ ва бадро ба забон наоред.

Оё гуфтан мумкин аст, ки дар Аҳди Ҷадид ҳеҷ чиз манъ нашудааст? Амрҳои дар боло номбаршуда ҳамчун чизҳои манъшуда мебошанд. Шумо ин тавр фикр намекунед?

Дар кӯдакиам падарам ба ман мегуфт: "Писарам, аз қафои тӯби худ ба роҳи мошингард давида набаро". Ин он чизе, ки аз тарафи падарам ба ман манъ карда шуда буд, лекин ин монеа на барои маро ҷазо додан ва ё ҷанг кардан буд. Вай ба ман чунин амр мекард, барои он ки маро аз хатар нигоҳ дорад, то ки ман зери мошин наафтам ва ҳалок нашавам.

Худо ин монеаҳоро ба мо мегузорад, то ки мо умри дароз ва бехатар дошта бошем. Лекин аз он ҳам бештар, мо табиати тоза ва сӯзишворӣ дорем, файз барои иҷро кардани ин аҳкомҳо дорем.

## Дурӯғ гуфтанро бас кунед

Биёед, ҳар як аз ин аҳкомҳоро дида мебароем. Дар тӯли хизматгузориам ман шоҳиди бисёр воқеаҳои ғамгинона ва фоҷиаовар шудаам, ки ҳамаи он дар натиҷаи дурӯғ гуфтани масеҳиён ба амал

омадааст. Ба наздикӣ ман понздаҳ тоҷиронро ба сафари чоррӯза ба қуллаи кӯҳи Мачу Пикчу, бо пайраҳаи инкҳо, ҳамроҳӣ мекардам. Мо вақти хубе доштем ва бо ҳамаи зебогиҳои табиат ҳаловат бурда, аз ташвишҳо ва кору бори ҳаррӯза истироҳат мекардем.

Ҳангоми сафар ман бо ҳар яке аз онҳо сӯҳбат карда, ман ҳодисаҳоеро мешунидам, ки чӣ гуна масеҳиён барои пешрафти тиҷорати худ ва ё хубтар савдо кардани моли худ, дурӯғ мегуфтанд. Ваъдаҳои холӣ ва вазифаҳои иҷронашуда байни бародарон як чизи оддӣ, на ин ки ғайриоддӣ менамуд. Ба ман мегуфтанд, ки барои истеҳсолоти моли худ масеҳиён ашёи сифаташ пастро истифода мекунанд, дар муомила бо мақомоти давлатӣ қонуншиканӣ мекунанд, хизматрасонии онҳо сифати паст дорад, ба таърихи аз байн рафтани мол нигоҳ намекунанд ва ғайра чизҳои дигарро низ анҷом медиҳанд.

Яке аз ин шахсон ба ман воқеаи рафиқи худро нақл кард, ки бо сохтмони хонаҳо машғул буд. Ҳардуи онҳо дар як деҳот хона бино мекарданд. Ин “бародар” дар замини шахсони бегона ва аз ҷумла дар замини ин шахсе, ки ҳамроҳи ман дар сафар буд, чуқурӣ кофта, дар онҷо партовҳои сохтмониро оварда, гӯр мекард. Баъд вай изи кори худро тоза мекард, ки маълум нашавад, барои он ки маблағи зиёдро барои ба ҷои муайяншуда бурдани партовҳо додан намехост. Дар он сафар ман бисёр воқеаҳоро шунидам, лекин ин ҳодиса аз ёдам набаромад, барои он ки он “бародар” пешвои гурӯҳи мадҳкунӣ, дар яке аз калисоҳои башоратдиҳанда буд.

На танҳо дар соҳаи тиҷорат, балки дар ҳукумат, дар соҳаи маориф, тибб, дар хизматгузорӣ, дар оилаҳо ва дар байни дӯстон низ дурӯғ мегӯянд. Мо аз тарси обрӯю иззатро аз даст додан, мавқеи хубтар ишғол кардан ва чизҳои хостаамонро дастрас кардан, дурӯғ мегӯем. Дурӯғ ҷалбкунанда аст: вай он чизҳоеро, ки мо бояд бо имон аз Худо ба даст оварем, тезтар ба мо дода метавонад.

Чӣ қадар мо ба одамон мегӯем, ки барояшон дуо хоҳем гуфт, ҳол он ки дар асл барои онҳо дуо намегӯем? Мо ба фарзандони худ ваъда медиҳем ва онро иҷро намекунем. Мо ба вохӯриҳо намеравем ва ягон кор барои он шахс намекунем, ҳатто баъди он ки аллакай ваъда

дода будем. Мо барои исбот кардани суханони худ воҳима мекунем. Ҳамаи ин дурӯғҳое, ки ба дигар одамон зарар мерасонанд.

Иҷозат диҳед, ки ба шумо як нуқтаи муҳимро таъкид кунам: фоидаи аҳкоми Исоро ба ҷо овардан, *ин ваъдаи ҳузури Ӯ* мебошад. Забурхон ин ҳақиқатро тасдиқ кардааст: "Худовандо! кӣ дар хонаи Ту ҳузур дошта метавонад?..." (Забур 14:1). Ва баъд вай ҷавоб медиҳад: "он шахсе, ки ба ваъдаи худ, агар ҳатто ба зиёни худаш бошад ҳам, меистад" (ояти 4, тарҷумаи нав). Дар Китоби Муқаддас, дар тарҷумаи The Message гуфта шудааст: "Агар ин ба нуқси ту бошад ҳам, ба суханони худ истодагарӣ кун".

Агар ба шумо суханони Павлус, ки дар Нома ба Эфсӯсиён омадааст, ва вай дар он ҷо амр мекунад, ки дурӯғ нагӯед кофӣ набошад, биёед ба суханони Яъқуб муроҷиат мекунем: Ростиро бо дурӯғ ва ҳавобаландии худ рӯйпӯш накунед" (3:14 тарҷумаи нав). Аҳкоми ба ин монандро Павлус ба Қӯлассиён низ додааст: "Ба якдигар дурӯғ нагӯед" (3:9). Фақат тасаввур кунед. Павлус ҳамон шахсе, ки Худо вайро истифода мебурд, то ки ваҳии бузургро дар бораи файз диҳад, ба мо аҳкоме додааст, ки кадом корро накунем. Агар ҳамаи суханони Павлус ва дигар вакилонро дар Аҳди Ҷадид, ки дар ин маврид гуфтаанд, қайд кунем, онгоҳ мо онҳоро бар зиддияти файз айбдор карданамон мумкин аст, ҳол он ки дар асл чунин нест.

Агар ҳамаи суханони мо танҳо дар бораи он файзи рӯйпӯшкунанда бошад ва ба имондорон дар бораи қуввати он гуфта нашавад, ман хато намекунам, агар гӯям, ки мо ба он калисо омада мерасем, ки барои дастрас кардани хоҳишҳо ва манфиатҳои худ, ҳар як рафторро қабул мекунад. Оё файзро дастрас кардан мумкин аст, агар маъвизаи мо яктарафа бошаду дар бораи муқаддаси ҳеҷ сухане дар он гуфта нашавад? Оё навиштаҷот моро таълим медиҳад, ки ба муқаддасии худ хунукназарона нигоҳ кунем?

## Ба ғазаб иҷозат надиҳед, ки шуморо идора кунад

Нуқтаи навбатӣ дар рӯйхати мо: дар ғазаби худ гуноҳ содир накунед. Ман андоми мардон ва заноне, ки бо ҳамсарони бадқаҳру ғазаб

зиндагӣ мекунанд, хуб тасаввур карда метавонам. Ман воқеаҳоеро мешунавам, ки вақте ин шахсон, ки худро имондор меноманд, дар ғазаб меафтанд, чӣ гуна даҳшати сахт он хонаро пур мекунад.

Дар бораи фарзандоне, ки аз қаҳру ғазаб ва латукӯбҳои ҷисмонии волидайн азоб мекашанд-чӣ? Натиҷаи қаҳру ғазаб шикастани молу мулк ва латукӯбҳои ҷисмонӣ мешавад. Қурбониён дар тарс ва мунтазири оташи навбатии ин шахс, зиндагӣ мекунанд. Ғазаб муҳити хонаро вайрон карда, онро аз ҷои оромӣ ба майдони ҷанг мубаддал мегардонад. Рӯзи якшанбе дар калисо оила худро чунин вонамуд мекунад, ки ҳамааш хуб аст, лекин ҳамаи ин рӯйпӯш кардан аст. Афсӯс ки мо ба ин аҳком хунукназарона нигоҳ мекунем ё ин ки умуман онро раъд мекунем.

Ин ягона ҷое нест, ки дар бораи ғазаб гуфта шудааст. Дар номаҳои Аҳди Ҷадид боз дигар ҷойҳо низ мавҷуд мебошанд. Павлус боз ҳам рӯирост менависад: "Аз ҳар гуна хафагӣ, қаҳру ғазаб, бадгӯӣ ва хашм дар дил, озод шавед" (Эфсӯсиён 4:31, тарҷумаи нав). Яъқуб ба мо мегӯяд: "Ҳамаи шумо бояд... ба ғазаб кардан саросема нашавед. Чунки қаҳру ғазаби инсон ҳаёти дурустеро, ки аз рӯи хости Худо аст, ба амал намеоварад" (Яъқуб 1:19,20, тарҷумаи NLT). Дар Нома ба Қӯлассиён Павлус боз менависад: "Вақти он расидааст, ки аз қаҳру ғазаб ва бадбинӣ озод шавем" (3:8 тарҷумаи нав).

Биёед, боз ба худ савол медиҳем: оё ҳамаи ин аҳкомҳое, ки манъ мекунанд, аз тарафи одамоне, ки дар бораи файз барояшон ошкор шудааст, навишта шуданд? Оё мо ягон чизро хато нафаҳмидем?

## Дуздӣ накунед

Дуздӣ карданро бас кунед. Чӣ қадар мо аз одамон пул қарз гирифта, дар вақташ пас намегардонем? Чӣ қадар мо дар қарзҳо ғӯтидаем? Мо бовар мекунем, ки як рӯз баракати Худо ба мо мерасад, барои ҳамин ҳикмати Худоро раъд карда, зиёдтар ба қарз мегӯтем. Ва дар охир мо фикр мекунем, ки дар ҳар ҳолати баъд худро муфлис эълон кардан мумкин аст ва бо ин кор мо аз баргардонидани ин қарзҳо халос мешавем.

Чӣ қадар мо молу мулки корхонаро барои худ истифода мебарем? Ин аз худ кардани молу мулки бегона ном дорад. Мо бо боварӣ мегӯем: "Ман масеҳие, ки бо файзи Худо наҷот ёфтаам", лекин мо ба аҳкомҳои Исо, ки ба воситаи вакилонаш дода шудааст, итоат намекунем.

Ман бо як усқуфе кор мекардам, ки дар ҳар як ҷамъомадҳо ҳузур дошт, вай шоҳиди бисёр мӯъҷизаҳо ва аломотҳо буд ва ӯ ба ман фахр мекард, ки чӣ қадар дурудароз рӯза мегирад ва дуо гуфтан ба вай чӣ қадар осон аст. Лекин дар тӯли ҳамаи ин вақт ҳазор доллар ба худ мегирифт. Дар охир дуздии вай фош шуд. Ин танҳо яке аз ҳодисаҳое, ки чӣ гуна масеҳиён дуздӣ карда, корҳои худро сафед карда метавонанд.

Касоне ҳастанд, ки қисми даромади худро рӯйпӯш карда, аз он андоз намесупоранд? Дар ин ҳолат мо боз ба яке аз аҳкомҳо беэтиноӣ мекунем. Дар Номаи Румиён (13:6, тарҷумаи нав) Павлус мегӯяд, ки мо "андозро супорем". Мо дуздии худро бо "бадии системаи давлатӣ" сафед мекунем. Лекин кай мо мефаҳмем, ки ду бадӣ ба некӣ намерасонад?

## Суханони бад ва қабеҳ нагӯед

Тарҷумаи васеи Китоби Муқаддас ба мо чунин аҳкомро медиҳад: "Ҳеҷ як сухани нопок, пӯсида ё сухани ношоиста, ҳеҷ як сухани бад ва ифлос, ҳеҷ як сухани бефоида (ҳеҷ гоҳ) аз даҳони шумо набароянд" (Эфсӯсиён 4:29, тарҷума аз забони инглисӣ). Бисёр вақт ман ба одамоне хизмат мекунам, ки аз тарафи дигар имондорон бо суханони қабеҳ дашном дода шудаанд, ки дар натиҷа онҳо ранҷида, ва дар дил ҷароҳат гирифтаанд. Дилҳои онҳо маҷрӯҳ шудаанд ва барои шифоӣ вақт лозим аст.

Ман бисёр сӯҳбатҳои бефоидаро дар байни масеҳиён мешунавам ва ҳатто мазоқу масхараҳои беҷой дар байни хизматгузорон низ ба гӯши ман мерасад. Баъзеҳо аз минбарҳои калисо низ ин суханони ношоистаро истифода мекунанд.

Ба наздикӣ ман бо як ҷуфти ҷавон, ки хизматгузорони як калисои хуб буданд, дар сари як миз нишаста будам. Онҳо ба як хизматгузории байналмиллалӣ ҳамчун ба намунаи ибрат нигоҳ мекарданд. Боре онҳо имконият пайдо карда буданд, ки бо яке аз роҳбарони ин хизматгузорӣ якҷоя таоми нисфирӯзӣ бихӯранд. Дар вақти ин вохӯрӣ ин хизматгузор якчанд маротиба суханони ношоистаро истифода бурда буд, ки баъд аз гузаштани якчанд моҳ низ ин ҷуфти ҷавон аз суханони вай дар ҳайрат буданд.

## Мо қадри файзро намедонем

Чӣ рӯй дод? Наход ки мо ҳамин қадар доно шуда бошем, ки парҳезгории худро тарк кунем? Наход ки барои ба замони ҳозира мутобиқ шудан, мо шаҳодати худро тарк карда бошем? Ман 100% тарафдори он ҳастам, ки ҳозиразамон, дар фикронии худ пешрафта бошем, лекин ин маънои онро надорад, ки мо ба Каломи Худо беэътиноӣ мекунем.

Мо бояд ба худ чунин саволро диҳем: Барои чӣ вакилон аҳамияти таълимот дар бораи парҳезгориро мефаҳмиданд, чаро мо дар бораи ин чизҳо намегӯем? Наход ки мо аз вакилон донотар бошем? Наход ки мо аз Исо донотар бошем?

Оё имкон дорад, ки душман моро мисли Ҳавво фиреб дода бошад? Фақат вай моро камтар дигаргун фиреб додааст. Ҳавво он аҳкоме, ки аз дарахти маърифати неку бад хӯрдан лозим нест, хуб медонист. Душман рӯйрост Каломи Худоро раъд карда, худро ба ӯ аён карда, зери хатари фош шудан буд. Вай ин вазифаи хатарнокро ба дӯши худ гузошта буд.

Мо бошем роҳро ба вай осон кардем. Мо барои роҳати худ баъзе қисми Каломи Худоро партофтем. Дар хотир доред, ки Худо чӣ амр карда буд: "Ва Худованд Худо амр фармуда, гуфт: "аз ҳар дарахти боғ хӯрдан гир, аммо аз дарахти маърифати неку бад зинҳор *нахӯр...*" (Ҳастӣ 2:16,17). Имрӯзҳо баъзе одамон гӯё ки баръакси ин суханонро мегӯянд: "аз ҳар дарахте, ки дар боғ аст, хӯрда мета-

вонӣ". Нуқта. Шуд, тамом. Онҳо аҳкоми "нахӯр"-ро партофтаанд, ки ҳиссачаи "на" рафтори ношоистаро мефаҳмонад.

Дар асл, мо файзи Худоро қадр намекунем. Мо дуруст мегӯем, ки вай наҷот медиҳад ва мебахшад, ки он мукофоти ройгони муҳаббати Ӯ мебошад. Аммо мо намегӯем, ки он моҳияти табиати моро тағйир медиҳад ва ба мо қуввати зиндагӣ карданро мебахшад, на он тавре ки мо пештар доштем. Мо ҷуръат намекунем, ба одамон гӯем, ки онҳо барои гузоштани табиати гуноҳкоронаи худ, қувват доранд. Дар натиҷаи ин хомӯшӣ имондорон ба парҳезгорӣ беэътиноӣ карда, аз ҳузури Худо маҳрум мешаванд.

## Рафторҳои мо муҳим мебошанд.

Боре саҳарии барвақт мисли ҳарвақта ман Китоби Муқаддасро мехондам. Аз рӯи нақша ман бояд ки якчанд Забур ва порчаеро аз Нома ба Ибриён мехондам, вале ногаҳон эҳсос кардам, ки Рӯҳи Муқаддас мегӯяд: "на Ибриён, балки Ваҳиро бихон".

Якчанд ҳафта пеш аз ин воқеа ман китоби Ваҳиро ҳамин тавр бо илҳоми Рӯҳ хонда будам. Ман ду боби аввалро хондам, лекин бояд иқрор шавам, ки дар давом додан, он илҳоми худро аз даст додам. Дар рӯзи оянда боз ба нақшаи худ баргаштам. Акнун баъд аз се ҳафта ба он ҷое, ки истода будам, ба боби сеюми Ваҳӣ, баргаштам. Дар он ҷой Исо ба калисои Сардис муроҷиат карда, мегӯяд:

> "...Ман аз корҳои ту хабар дорам. Дар бораи ту ҳамчун зинда сухан меронанд, лекин ту мурда ҳастӣ" (Ваҳӣ 3:1, тарҷумаи нав).

Дар аввал пай баред, ки Исо мегӯяд "Ман корҳои туро медонам". Вай намегӯяд: "Ман имони туро медонам" ё "Ман ангезаи туро медонам". Дар дигар тарҷума ин тавр навишта шудааст. "Ман медонам, ки ту бо кадом кор машғул ҳастӣ". Маълум аст, ки Вай дар бораи мавқеи адолат доштани калисо сухан намеронад, балки дар бораи намуди зоҳирии муқаддасиаш, корҳояш, рафтораш ва қарорҳояш, сухан меронад.

Вай дар бораи ин калисо ҳамчун калисои обрӯманд ва зинданоме сухан меронад. Чӣ ин гуна тасаввуротро оварда метавонад? Мумкин ки рушд кардан ва машҳур будани ин калисо дар байни мардум, ё ки хизматгузориҳои оличаноб ва муҳити хуби он? Дар хотир дошта бошед, ки мо муҳитро ҳамчун ҳузури Худо қабул карданамон мумкин аст. Ба консерти ягон сароянда и машҳур омада, шумо гурӯҳи калони мардумро мебинед, ки таъби хуш ва муносибати мусбӣ доранд ва онҳо мунтазири шоми хубе мебошанд, лекин оё ҳамаи ин намоишҳо ба таъби дили Худо аст?

Барои фарқ кардани он ки калисо зинда аст ва ё мурда, бояд ки саволи муҳимеро дод: оё мо ба суханони Исо итоат мекунем, ё ин ки мо як ҷамъомади дӯстона барпо мекунем, ки аз аҳкоми Исо умуман дур аст? Ба ғайр аз ин, мо бояд як саволи дигареро диҳем: оё мо он ҳақиқатро эълон мекунем, ки ҳолати дили моро нишон медиҳад ва рафтори одамонро дигар мекунад ё ин ки номаҳои мо фақат ба ҳиссиёти мардум таъсир мерасонад ва дониши онҳоро ғанӣ мегардонад?

Баъд аз ин суханони мустақим, Исо мегӯяд:

> "Бедор шав! Он чизеро, ки дар дами марг аст, қавӣ гардон, барои он ки ман корҳои туро назди Худои Худ комил намебинам" (ояти 2, тарҷумаи нав).

Исо боз ҳам ба корҳои онҳо, на ба имонашон, муроҷиат мекунад. Чи тавре ки дар боло гуфта шуд, ин "ҳа" ва "не" дар Аҳди Ҷадид, ин аҳкомҳо барои рафтори мо равона карда шудаанд. Аз рӯи суханони Исо, ин калисо ба муқаддасӣ ҳаракат намекунад. Дар давомаш Исо мегӯяд:

> "Он чизе, ки дар аввал шунида будӣ ва ба он имон овардӣ, ба хотир овар; ва онро мустаҳкам нигоҳ дор. Тавба кун ва боз назди ман баргард. Агар бедор нашавӣ, он гоҳ Ман назди ту ҳамчун дузд ногаҳонӣ меоям" (Ваҳӣ 3:3, NLT, тарҷума аз забони инглисӣ).

Дар хотир доред, ки Исо ба калисо, на ин ки шаҳри Сардиё муроҷиат мекунад. Лекин агар суханони Вай танҳо ба калисои ҳамонзамон тааллуқ медошт, он гоҳ ин суханон дар Китоби Муқаддас ҷой

намегирифт. Агар онҳо дар Навиштаҷоти мо бошанд, он гоҳ ин калимаҳо аҳамияти нубувватӣ барои мо доранд. Онҳо ба имондорони замони мо, айнан мисли он ки ба он замон тааллуқ дошт, дахл доранд. Ин суханон барои мо гуфта шудаанд, чунки Каломи Худо зинда мебошад. Барои ҳамин, ман суханони Исоро дар ҳамин матн овардаам.

Худованд аз мо хоҳиш мекунад, ки ба он чизе ки дар аввал имон овардем, баргардем. Бо дигар суханон, мо аз ҳаёти муқаддас дур шудаем. Мо таълимоти файзро ҳамин тавр сохтаем, ки ба мо иҷозат медиҳад, дар зиндагӣ ва рафтори худ аз мардуми ин ҷаҳон ҳеҷ фарқе надошта бошем. Шояд ин таълимоти бад набошад, лекин Каломи Худо дар ин маврид чӣ мегӯяд?

Исо ба калисо амр медиҳад, ки тавба карда, ба каломи ӯ баргардад. Баъзе муаллимони ҳозиразамон мегӯянд, ки агар одам масеҳӣ шуда бошад, онгоҳ ин шахс дигар ба тавба кардан зарурат надорад, чунки гуноҳҳои пештара, ҳозира ваояндаи вай бахшида шудаанд. Агар ин тавр бошад, пас барои чӣ Исо ба мо, калисои худ, мегӯяд, ки тавба карда, назди Вай баргардем?

Агар ба таълимоти файзи мувозинакарданашуда нигоҳ кунем, он таълимот бисёр одамонро ҷалб кардааст, онгоҳ мо мебинем, ки аксари роҳбароне, ки тарафдори ин таълимот мебошанд, дар гузашта таълимоти нодурусти муқаддасиро, ки дар қонунчигӣ асос ёфта буд, шунидаанд. Дар бисёр ҷойҳо муқаддасиро нодуруст мефаҳманд, оё агар мо онро нафаҳмем, пас муқаддасӣ барои масеҳиён дигар аҳамият надорад. Дар тӯли тамоми таърихи калисо даъват ба ҳаёти пок доштан ба инсон ва тамоми бадани Масеҳ аҳамияти бузург дорад. Мо бояд ба асоси худ баргардем: ба он чизе, ки "дар ибтидо шунидем ва ба он имон овардем".

Дар давомаш Исо мегӯяд:

> "Валекин назди ту дар Сардис, якчанд нафар ҳастанд, ки либоси худро палид накардаанд ва дар либоси сафед бо Ман хоҳанд гашт, чунки онҳо сазовори ин мебошанд" (Ваҳӣ 3:4).

Ба суханони "либоси худро палид накардаанд" диққат кунед. Дар бораи ба ҳузури Худо даромадан Павлус чӣ гуфта буд, ба ёд

меорем: “Пас эй маҳбубонам, дар сурате ки чунин ваъдаҳо дорем, худамонро аз ҳар гуна наҷосоти ҷисм ва рӯҳ тоза карда, қудсияти худро дар тарси Худо мукаммал намоем” (2 Қӯринтиён 7:1). Исо самти калисоро ба сӯи муқаддасӣ равон карда, моро даъват мекунад, ки либосҳои рӯҳ ва ҷисми худро бо тарзи ҳаёти нопок ифлос накунем. Ин моро ҳам барои ҳузури Ӯ ва ҳам барои баргаштани Ӯ омода нигоҳ медорад, чунки дар идомааш Вай мегӯяд: “...хушо касе, ки ҳушёр аст ва либоси худро нигоҳ медорад” (Ваҳӣ 16:15). Дар охир Исо мегӯяд:

> “Касе, ки ғолиб ояд, либоси сафед дар бар хоҳад кард; ва Ман номи вайро аз дафтари ҳаёт пок нахоҳам кард ва номи вайро ба ҳузури Падари Худ ва ба ҳузури фариштагони Ӯ эътироф хоҳам кард. Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад бишнавад, ки Рӯҳ ба калисоҳо чӣ мегӯяд” (Ваҳӣ 3:5,6).

Шунидани он ки номи ту аз дафтари ҳаёт пок шудааст, бисёр фоҷианок аст. Лекин ба ҳар ҳол ин суханон аз даҳони Наҷотдиҳанда баромадааст. Муҳим он аст, ки мо ба суханони Рӯҳ ба воситаи Каломи навишташуда диққат диҳем, ки баъзан ин суханон бо он чизе, ки мо пештар шунидем ва ё моро таълим дода буданд, мувофиқат намекунанд.

Худо моро сафед кардааст ва мо ҳеҷ вақт бо аъмоли худ ин мавқеъро дар Масеҳ ишғол карда наметавонистем. Аммо рафтори дуруст ва муқаддасона дар назди чашмони Вай бисёр муҳим мебошад.

Павлус менависад: “Зеро файзи наҷотдиҳандаи Худо барои ҳамаи одамон зоҳир шуд. Он файз моро таълим медиҳад, ки ҳаёти дунёвӣ ва бехудоёнаро тарк карда, дар ин ҷаҳон бохирадона, одилона ва росткорона зиндагӣ кунем” (Титус 2:11,12, тарҷумаи нав). Ин вазифаи возеҳ аст. Барои чӣ мо дар бораи ин ҳақиқат аз минбарҳои калисо дод намезанем?

Биёед, таълим додани онро бас намекунем, ки мо файзи Худо, наҷот ва бахшоиши Ӯро бо аъмоли худ кор карда наметавонем. Биёед, дар бораи ин хабари хуш дод мезанем. Лекин файзро инчунин қадр карда, ҳақиқатро дар пуррагиаш эълон мекунем!

11

# ХУБ Ё ФОИДАНОК?

Шумо мегӯед: “Ҳама чиз фоиданок аст”.
Лекин ҳама чиз фоиданок нест...
— 1 Қӯринтиён 10:23 (тарҷумаи нав).

... Муқаддасии пурра ин на фақат шарти зарурӣ
барои ба осмон рафтан, балки... он барои
дастрас кардани ҳадафҳои бузург дар ҳаёти
масеҳӣ дар рӯи замин низ зарур аст.
— Дуган Кларк

Хизматгузороне, ки бисёр маъвиза мекунанд ва аз маъвизаҳои дигар мардон ва занони Худо қисмҳои онро гирифта, ба онҳо илҳоми тоза мебахшанд, рӯҳбаланд мекунанд. Ба наздикӣ ман чунин имкониятро доштам. Ускуфи маъвиза мекарда дар кишвари мо хизматгузори машҳур буд, вай сардори як калисо буда, таълимоти хубе дар бораи рушди калисоҳои маҳаллӣ дошт. Номаи вай шавқовар, рӯҳбаландкунанда ва ҷолиб буд. Ҳазорон нафар дар он толор ба ҳар як калимаи вай бодиққат гӯш медоданд.

Дар байни гуфтораш вай як ибораеро гуфт, ки дар назари аввал суханони хуб, бохирад ва фурӯтанона намоён мегашт, лекин он дуруст набуд. Вай гуфт: “Он чизе, ки ҳоло ман мегӯям, мумкин як чизи манфӣ вонамуд гардад. Одатан ман чунин намегӯям, чунки одамонро дар маъвизаҳои худ фош карданӣ нестам. Ҳамаи фошкуниҳоро ба Рӯҳи Муқаддас вогузор мекунам”.

Ман худамро дар рӯҳам ором карданӣ будам, лекин наметавонистам. Чунин суханонро ман пештар ҳам аз дигар муаллимон шунида будам. Аз рӯи мантиқ ҳамааш дуруст буд, лекин чӣ маро ба

ташвиш андохт? Баъд ман дар бораи суханони вакил Павлус, ки ба Тимотиюси ҷавон гуфта буд, фикр кардам. Баъд аз ҷамъомад ман ин оятро ёфта хондам:

> "...каломро маъвиза кунӣ ва дар вақти муносиб ва ё номуносиб омода бошӣ, бо тамоми пурсабрӣ, омӯзгорӣ ва мазаммат манъ ва насиҳат кунӣ" (2 Тимотиюс 4:2).

Дар аввал иҷозат диҳед, ки ман тамоми матнро, ки ин оят дар он ҷо омадааст, ба шумо нишон диҳам. Дар он вақте, ки Павлус ин номаро менавист, Тимотиюс усқуфи як калисои калон дар шаҳри Эфсӯс буд. Дар ин боб суханони охирини вакил Павлус дар Аҳди Ҷадид, ки на фақат ба Тимотиюси ҷавон, балки ба ҳамаи мо муроҷиат карда шудааст, оварда шудаанд. Ман фикр мекунам, ки вай медонист, ки ин охирин чизе, ки вай мегӯяд, барои ҳамин суханонро бодиққат интихоб мекард.

Ман суханони Павлусро, ки мегӯяд: "насиҳат кун, фош кун ва таълим деҳ", чуқуртар омӯхтанӣ шуда, таҳқиқоти худро гузаронидам. Аввал барои возеҳтар шудани ин суханон ман тарҷумаи васеи Китоби Муқаддасро кушодам, лекин пеш аз хондани ин оят ман ба он ояти боло назар кардам.

> "Инак, туро назди Худо ва Худованди мо Исои Масеҳ, ки зиндагон ва мурдагонро доварӣ мекунад, ҚАСАМ медиҳам... (2 Тимотиюс 4:1).

Калимаи қасам бо ҳарфи калон навишта шудааст ва барои ҳамин чунон ки ҳаст, ман ҳам навиштам. Ҳарфи калон дар ин ҷо тасодуфӣ нест. Ман ба дӯсти худ Рик Реннер, ки дар забони юнонӣ олим аст, муроҷиат кардам, ва аз вай пурсидам, ки ин кадом маъноро дорад. Вай гуфт:

> Ба забони юнонӣ калимаи "ҚАСАМ" diamaruromai аст. Ин калима ҳангоми қасам хӯрдани шахс дар вақти дохилшавиаш ба мақоми баланд, истифода бурда мешуд. Он касе, ки ӯро ба ин мансаб қабул мекард, ҳамаи худоёнро дар он қасам ба шоҳидӣ даъват мекард (бо ин аҳамияти ин корро нишон медод), ва "қасам медод", то ки вай ба кори худ бо таври ҷиддӣ муноси-

> бат карда, дар хотир дошта бошад, ки худоён аз болои корҳои вай назорат мекунанд. Агар ин матнро бо суханони ҳамонвақта гӯем, чунин мешуд: “Ҳангоми шунидани ин суханоне, ки ман ба ту гуфтанӣ ҳастам, Худоро ҳамчун шоҳид даъват мекунам...” Ин суханонҳои бениҳоят тантананок буданд, огоҳӣ барои Тимотиюс, ки вай ба суханҳои шунидааш ҷиддӣ муносибат кунад, ана барои ҳамин, қисми дуюми ин оят дар бораи доварӣ сухан меронад... Павлус мехост, ки Тимотиюс ҷиддӣ будани хоҳишҳои вайро дарк кунад. Калимаи юнонии “қасам медиҳам” ба шунаванда масъулияти калонро мегузошт.

Павлус дар суханони худ ба усқуфи ҷавон Тимотиюс (ва ба мо низ) бисёр ҷиддӣ буд, то ки суханони ӯ ҳамчун беаҳамият қабул карда нашаванд. Чи тавре ки Рик гуфт, Павлус хоҳиши худро дар ҳузури Худо ва Исои Масеҳ гуфт. Бо дигар суханон, Худо Тимотиюсро, ҳамчун ҳамаи дигар хизматгузорон, доварӣ хоҳад кард, агар вай суханони зеринро иҷро накунад:

> “Каломро маъвиза ва эътироф кун! Эҳсосоти зарурияти онро нигаҳ дор (доимо тайёр бош), ҳангоме ки фурсат ва имконияти мувофиқ ва ё номувофиқ мешавад, онро таълим бидеҳ (имконияти мувофиқ ва ё номувофиқ, ин яъне вақте ки одамон мунтазир нестанд ва барои ҳаёти муқаддас тайёр намебошанд, ба ҳар ҳол ту ҳамчун воизи калом ба одамон хатогиҳои онҳоро бояд нишон бидеҳӣ) (2 Тимотиюс 4:2, тарҷумаи васеъ аз забони инглисӣ).

Хизматгузори Инҷил бояд ки ба одамон хатогиҳои онҳоро нишон диҳад, ва дар ин мавқеи худ мустаҳкам бошад.

Ман ҳамон лаҳза дар бораи суханони усқуф фикр кардам: “Ва аҷиб, нест, ки онҳо барои ман нодуруст намуданд”. Ҳамааш хуб вонамуд мегашт, лекин ин ҳақиқат набуд.

Аз дониши худ ва ё аз нодонии худ вай ба ҷои Худо чизи хубро интихоб кард. Ин пешво масъулиятро ба Рӯҳи Муқаддас гузошт, лекин Павлус возеҳ мегӯяд, ки ин масъулияти мо мебошад.

Ба наздикӣ яке аз усқуфони машҳур ҳамроҳи ҳамсари худ дар яке аз шабакаҳои телевизионӣ бо хабарнигорон мусоҳиба доштанд. Хабарнигор дар бораи ахлоқи ҷинсии бади ҷомеа савол дод ва онҳо дар ҷавоб гуфтанд: “Ин кори мо нест, ки ба одамон бигӯем, ки чӣ тавр зиндагӣ кунанд”.

Ман медонам, ин ҷуфт одамонро дӯст медоранд. Онҳо шоҳиди он шудан мехоҳанд, ки чӣ тавр гуноҳкорон Инҷилро шунида, тавба карда, ба назди Исо меоянд. Онҳо рӯъёи бузурге доранд ва аз дидори хизматгузороне, ки чунин шавқу рағбат ба хизмат доранд, хуш мешавем. Лекин ба ҳар ҳол, оё мо метавонем амреро, ки аз ҷониби Худо гирифтаем "ба одамон корҳои хатои онҳоро нишон деҳ", дигар карда, бо фалсафаи худ "ба одамон нагӯем, ки чӣ тавр бояд зиндагӣ кард" иваз кунем?

Оё вакилон ҳамин тавр рафтор мекарданд? Боре Павлус стратегияи худро ба подшоҳе, ки масеҳӣ набуд, нишон дод:

> "Бинобар ин, эй подшоҳ Агрипос, ба рӯъёи осмонӣ беимонӣ накардам. Балки дар навбати аввал ба сокинони Димишқ ва Ерусалим ва тамоми сарзамини Яҳудо ва низ ба ғайрияҳудиён мавъиза менамудам, ки тавба карда, ба Худо руҷӯъ намоянд ва корҳое кунанд, ки сазовори тавба бошад" (Аъмол 26:19,20).

Ба шахси наҷотнаёфта гуфтани он ки ба *гуноҳҳои худ тавба кунад*, ва баъд аз руҷӯъ оварданаш *корҳои сазовори тавба кунад*, ин рӯйрост ба онҳо гуфтан, ки *чӣ тавр бояд зиндагӣ кунанд*. Афсӯс ки назари Павлус ба Инҷил, аз назари он ҷуфте, ки бо хабарнигорон мусоҳиба доштанд, фарқ мекунад. Яке аз ҷониби Худост, дигараш фақат як фикри хуб аст.

Вақте имконият пайдо шуд, ки ба дигар пешвои машҳур ва ҳамсари ӯ муроҷиат кунад, Павлус қарор кард, ки стратегияи Худо нишондодаро идома диҳад.

Ба рафтори ӯ ба он масъалаҳое, ки вай мебардорад, нигоҳ кунед:

> "Баъд аз чанд рӯз Феликс бо ҳамсари худ Друсила, ки занаки яҳудӣ буд, омад ва Павлусро даъват намуда, суханони ӯро дар бораи имон ба Масеҳ гӯш карданд. Аммо вақте ки ӯ дар бораи адолат, парҳезгорӣ ва доварии оянда сухан меронд, Феликс дар ҳарос афтода, ҷавоб дод: "Алҳол бирав, ва ҳар гоҳ фурсат ёбам, боз туро даъват хоҳам кард" (Аъмол 24:24,25).

Феликс бо ҳамсари худ дар бораи пайёми наҷот, ки Павлус маъвиза мекард, шунидан хостанд. Ду мавзӯи муҳиме, ки вай бо ин

ҷуфти наҷотнаёфта сухан ронд, инҳо буданд: ахлоқи хуб ва доварие, ки дар оянда мешавад. Суханони Павлус ҳамон қадар қувват доштанд, ки онҳо худро нороҳат ҳис карданд. Ин чӣ тавр ба замони мо ва хизмати мо бо шахсони наҷотнаёфта вобаста мебошад? Баъзе пешвоёни калисо фақат як мақсад доранд, ки якшанбеи оянда ин одамон боз ба ҷамъомад биёянд. Албатта хуб аст, вақте ки одамон ба калисо бармегарданд, лекин ҳадафи асосӣ дар ин нест. Павлус одамонро ташвиқ намекард, ки ба ҷамъомадҳо биёянд, вай пеш аз ҳама ба одамон ҳақиқатро гуфтан мехост.

Ба қарибӣ ман дар як ҷамъомаде будам, ки як усқуфи машҳури ҷавон маъвиза мекард. Вай дар бораи муҳаббати Худо маъвиза карда, ба одамон роҳро тайёр мекард. Тақрибан як ҳазор нафар барои гӯш кардани вай он толорро пур карда буданд. Муҳити пур аз интизорӣ буд ва ҳама омода буданд, ки ин усқуфи ҷавонро гӯш кунанд. Пеш аз сар шудани ҷамъомад, ҳамаи шунавандагон ду маротиба, аввал аз тарафи ёрдамчӣ ва баъд аз тарафи воиз, шуниданд, ки ин шом фақат "Хабари хуш" маъвиза шуда, ягон калимаи "манфӣ" дар ин толор гуфта намешавад. "Хабари хуш" ҳамчун як чизе нишон дода мешуд, ки бар зидди ҳама "чизҳои манфӣ" буд. Лекин ҳолатҳое мешаванд, ки Хабари хуш аз аввал ҳамчун як чизи манфӣ менамояд, махсусан вақте ки он ба зиндагии мо ислоҳ меорад. Аммо агар ин ислоҳкуниҳо моро аз роҳи марговар ба роҳи наҷот биёрад, пас ба онҳо мо чӣ тавр бояд нигоҳ кунем?

Дар тӯли бист дақиқаи аввал аз саҳна ин воизи ҷавон бо ҳазлу шӯхиҳои моҳиронаи худ бо шунавандагон алоқаро барпо кард. Баъд вай дар бораи муҳаббати бепоёни Исо ба мо сухан ронд. Ин пайём аз дил ва рӯҳбаландкунанда буд. Баъд вай ба мардум имконияти Исоро қабул кардан дод, лекин ба он шахсон нагуфт, ки онҳо бояд пурра тарзи ҳаёти худро тағйир диҳанд, аз ин ҷаҳон даст кашида, ба Худо итоат кунанд. Вай дар бораи ба гуноҳҳо тавба кардан як сухане ҳам нагуфт, ки он шарти асосӣ барои наҷот ёфтан мебошад (ниг. Ибриён 6:1). Дар он бегаҳ бисёриҳо ба даъвати вай ҷавоб доданд.

Оё маъвизаи ин шахси ҷавон мисли маъвизаи Павлус буд, ки ба шоҳ Ағрипус ва Феликс ва ҳамсари вай карда буд? Оё суханони вай

ба суханони Петрус, ки ба гуноҳкорон гуфта шуда буд, монанд буд: “Инак, ба гуноҳҳои худ тавба карда, ба Худо руҷӯъ намоед, то ки Вай шуморо авф кунад” (Аъмол 3:19, тарҷума аз забони инглисӣ). Оё ин шахсон дар он шом дар асл наҷот пайдо карданд?

## Канорҳо

Биёед, ба худ савол медиҳем, барои чӣ мо ин қадар тез аз як канор ба дигар канор меафтем, ҳамон қадар аз легализм (қонунчигӣ) дур рафтем, ки акнун чизҳои муҳими Инҷилро аз даст додем?

Бисёри пешвоёни ҳозира зери дасти онҳое тарбия ёфтанд, ки онҳоро падарони сахтгири калисо меноманд. Дар асри бистум ин падарон аз муҳорибаҳо наметарсиданд ва бар зидди гуноҳ рӯйрост ҷанг карда, моро ба муқаддасӣ даъват мекарданд. Дар он вақтҳо ин гуна калисоҳои бузург (мега) набуданд. Маъвизаҳои сахт ва фошкунанда одамонеро, ки дар имони худ ҷиддӣ набуданд, аз калисо дур мекарданд.

Ва баъд аз замоне тағйироти калон ба миён омад ва баъзе пешвоён фаҳмиданд, ки агар фақат *маъвизаи мусбӣ ва рӯҳбаландкунандаро* гӯянд, онгоҳ дар калисо одамони зиёдро ҷамъ кардан мумкин аст. Мо аз суханони худ ислоҳ ва фош карданро гирифта партофта, фақат он ҷойҳоеро дар Китоби Муқаддас пайдо кардем, ки рӯҳбаланд мекунанд. Мо ба одамон гуфтани онро бас кардем, ки дар ҳаёти онҳо итоат ба Каломи Худо мавҷуд нест. Дар асри бисту як мо ингуна стратегияро барои худ ҷоиз донистем. Ба ҳар ҳол, суханони Павлусро ба Тимотиюс хонед, ки вай дар давоми таълимоти худ чӣ мегӯяд:

> (...Ту ҳамчун воизи Калом, ба одамон бояд ки хатогиҳои онҳоро нишон диҳӣ). Онҳоро фош кун, ислоҳ ва таъкид кун, огоҳ кун, ташвиқ ва рӯҳбаланд кун, онҳоро доимо ва бо сабру тоқат таълим деҳ (2 Тимотиюс 4:2, тарҷумаи васеъ аз забони инглисӣ).

Дар ин ҷо се калимаи муҳим омадааст, ки ба забони юнонӣ инҳоянд: elegcho, epitimao ва parakaleo. Аз рӯи луғати Стронг elegho маънои “фош кардан, дар бораи камбудиҳо гуфтан, таъкид кардан, ислоҳ кардан”-ро дорад). Дар “Луғати пурраи омӯзиши калимаҳо” (The Complete Word Study Dictionary) мафҳуми боз ҳам дақиқтаре омада-

аст: “Дар Аҳди Ҷадид фош кардан ва исбот кардани он ки шахс ноҳақ аст, яъне обрӯи он шахсро резондан аст”. Бисёр суханони сахт!

Дуюм калима epitimao, маъноящ “айбдор кардан, таъкид кардан (рӯйрост)”. Рӯйрост будан! Сеюм калима parakaleo маънои “тасаллӣ додан, рӯҳбаланд кардан”-ро дорад. Шахсро дастгирӣ кардан низ хеле муҳим аст.

Павлус ба ду калимаи аввал диққати худро ҷалб карда, аз хизматгузорон талаб мекард, ки каломеро маъвиза кунанд, ки фош, айбдор, ислоҳ, мекунад, ҳамаи камбудиҳоро нишон медиҳад, ки шахс хато мекунад. Аз рӯи ин гуфтаҳо мо бо усули пешвоёни калисоҳои Ғарб розӣ шуда наметавонем. Стратегияи ҳозиразамон ин ҳикмати Худо ва ё ҳикмати некӣ аст? Дар давоми бисту панҷсоли хизмати худ дар ҳаргуна конфронсҳо ва калисоҳо ман гуфта метавонам, ки мо сӯи чизҳои *хуб* рафтаем.

Ман ба шумо дар ин бора бисёр воқеаҳоро нақл карда метавонистам, лекин иҷозат диҳед фақат яктои онро гӯям. Аз ман хоҳиш карданд, ки дар яке аз калисоҳои бузурги шимолу ғарбии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико маъвиза кунам.

Ман пешвои ин калисоро бисёр ҳурмат мекунам, барои ҳамин мунтазири ин вохӯрӣ бо вай, ҳамсараш ва хизматгузоронаш ва тамоми калисояш, будам.

Якчанд ҳафта пеш аз вохӯрӣ ман номаи электроникӣ аз ин усқуф гирифтам, ки дар он гуфта мешуд: “Ҷон, мо мунтазири омадани ту ва мунтазири он каломе ҳастем, ки ту ба ҳаёти мо ва калисо хоҳӣ гуфт. Ҳоло вақте ки ту номаи худро тайёр мекунӣ, ман раво донистам, ки якчанд сухан дар бораи фарҳангамон ба ту бигӯям. Мо калисо мусбӣ ҳастем ва одамони мо таълимотҳои манфиро хуш надоранд. Барои ҳамин вақте ки ту ба ҷамъомадагон муроҷиат мекунӣ, илтимос, диққат кун, ки номаи ту дар рӯҳияи мусбӣ бошад ва одамонро рӯҳбаланд кунад”.

Боз саволе ба миён меояд: чӣ тавр ин “ҳикмат” бо суханони Павлус, ки ба Тимотиюс гуфта буд, мувофиқат мекунад? Барои муқоиса ман он чизҳои мусбие, ки дар асли ин матн гуфта шудааст ва он чизе, ки мо имрӯз “манфӣ” мегӯем, мехонам:

**Мусбӣ:** 1) parakaleo: тасаллӣ додан, рӯҳбаланд кардан,
**Манфӣ:** 1) elegcho: фош кардан, дар бораи камбудиҳо гуфтан, сарзаниш кардан, ислоҳ кардан, ноҳақ будани шахсро исбот кардан,
2) epitimao: талаб кардан, сарзаниш кардан (рӯйрост).

Павлус се талаботро ба мо медиҳад. Дутои он "манфӣ" аст ва танҳо яктои он "мусбӣ" мебошад. Агар дигар хел карда гӯем, 67 фоиз "ислоҳ кардан" ва 33 фоиз "ташвиқ кардан" мебошад. Ман онро намегӯям, ки 67 фоизи маъвизаҳои мо ислоҳкунанда бошанд. Аммо мо бояд дар бораи он фикр кунем, ки оё мо тавозунро (баланс) вайрон намекунем. Агар мо дар калисоҳои худ сад фоиз фақат пайёмҳои ташвиқ ва рӯҳбаландкунандаро маъвиза кунем, оё чунин намешавад, ки дар натиҷа ба назди мо ҳамон одамон меоянд, ки фикр мекунанд, ки онҳо иродаи Худоро иҷро мекунанд, ҳол он ки дар асл торафт аз Худо дур мешаванд?

## Моҳияти талабот

Муаллифи Нома ба Ибриён чунин мегӯяд:

> "Ҳар ҷазо дар замони ҳозира ба назари кас на шодӣ, балки андӯҳ менамояд; лекин оқибат ба онҳое, ки таълим ёфтаанд, самараи осоиштаи адолатро меоварад" (Ибриён 12:11).

Дар ин ҷо мо ҷиҳати муҳимро мушоҳида карда метавонем. Дар аввал, *ҷазо андӯҳро меоварад*! Рӯҳбаланд кардан дарднок нест, ислоҳ кардан, таъкид кардан, айбдор кардан, дард мерасонад. Дуюмин, он ҷазое, ки дар борааш муаллифи Нома ба Ибриён менависад, ин *машқ* барои ҳаёти муқаддас доштан мебошад.

Мо бояд ба худ савол диҳем, чӣ гуна Худо моро машқ медиҳад? Агар мо ба суханони Павлус, ки ба Тимотиюс навишта буд, баргардем, онгоҳ инро мехонем:

> "Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат (барои ҳаёти муқаддас доштан дар суханон, фикрҳо ва рафто-

ри худ) фоиданок аст. То ки марди Худо комил гардида, ба ҳар амали нек муҳайё бошад. Пас туро ба ҳузури Худо ва Исои Масеҳи Худованд, ки зиндагон ва мурдагонро доварӣ хоҳад кард ва ба зуҳури Ӯ ва ба малакути Ӯ ҚАСАМ медиҳам, ки Каломро мавъиза кунӣ ва дар вақти муносиб ё номуносиб омода бошӣ, бо тамоми пурсабрӣ, омӯзгорӣ ва мазаммат манъ ва насиҳат кунӣ" (2 Тимотиюс 3:16,17 ва 4:1,2).

Оё шумо ин калимаҳоро пай бурдед: маззамат, ислоҳ, ҳидоят ба роҳи адолат? Оё шумо пай бурдед, ки Навиштаҷот моро ба ҳаёти муқаддас доштан машқ медиҳад, Павлус ба Тимотиюс ва мо амр мекунад, ки Каломро (Навиштаҷот) маъвиза кунем. Ҳамаи инро якҷоя карда, мо моҳияти талаботҳои вайро дарк мекунем:

*Тимотиюс ва ҳар як шахси дигаре, ки хизматгузори Инҷил мебошад: тарбияи Худованд дарднок аст, лекин он барои ҳаёти муқаддас доштан моро машқ медиҳад. Худо ин тарбияро (машқ) ба воситаи Каломи Ӯ, ки илҳом ёфтааст, мекунад. Инчунин, Каломи Ӯ барои мардон ва заноне, ки барои ин кор даъват шудаанд, роҳнамо мебошад. Барои ҳамин, Калом, ин яъне Навиштаҷотро маъвиза карда, ту ҳамчун фиристодашудаи Худо ба одамон бояд нишон диҳӣ, ки ҳаёти онҳо нодуруст мебошад. Инро фақат бо дақиқ истифода бурдани Каломи Худо, яъне маззамат кардан аз рӯи муҳаббат, ислоҳ, ҳидоят ба роҳи адолат, таълим, тарбия ва рӯҳбаландкунӣ, дастрас кардан мумкин аст Ин чараёни илоҳӣ ва тарбияи шунавандагон барои доштани ҳаёти муқаддас мебошад.*

Ман мефаҳмам, ки ин умуман ба фарҳанги калисои асри бисту якум мутобиқ намебошад, ки бисёриҳоро нороҳат мекунад. Лекин кадом калисоро мо доштан мехоҳем; гумроҳ ва ё пурқувват? Чӣ гуна одамонро мо рушд додан мехоҳем; фиребхӯрда ва ё солим? Ин насиҳатҳо ба мо барои он дода шудаанд, ки мо худамон аз он бехабар монда, аз қалби Худо дур нашавем. Агар мо боваринок бо Исо қадам задан хоҳем, онгоҳ мо бояд дар Навиштаҷот реша давонем. Фарҳанги ҳозиразамонро бо таълимотҳои Аҳди Ҷадид якҷоя пайваст кардан ғайриимкон аст. Биёед, ин тағйиротро ворид карда ва шоҳидони калисои солим мегардем!

## Форам ё фоиданок?

Павлус аз рӯи илҳоми Рӯҳ инро пешбинӣ карда буд, ки хизматгузорон ва аъзоёни калисо дар бораи ин аҳком аз хотири худ мебароранд ва барои ҳамин ояндаро гуфта буд:

> “Зеро замоне фаро хоҳад расид, ки (одамон) таълимоти солим ва пурраро қабул (тоқат) карда наметавонанд. Онҳо чизҳои ба гӯши худ форамро пайдо мекунанд, онҳо барои худ муаллимонеро даъват мекунанд, ки фақат он чизҳое, ки онҳо шунидан мехоҳанд, таълим медиҳанд ва ба хатогиҳои онҳо чашми худро банд мекунанд” (2 Тимотиюс 4:3, тарҷумаи васеъ аз забони инглисӣ).

Хуш омадед, ба чунин замона! Биёед, як савол медиҳем: мо кадом чизҳоро мехоҳем; рӯҳбаландкунанда, хурсандиовар, мусбӣ ва номаҳои сабук ва ё огоҳкунанда, ислоҳкунанда, амрҳои рӯйрост ба хатогиҳои мо ва фошкунанда?

Ҳар як инсон, аз он ҷумла ман низ, мехоҳад, ки суханони сабук ва форамро ба гӯшаш расонанд. Ман одами мусбӣ ҳастам ва барои ҳамин тарафдори номаҳои мусбӣ (оптимистикӣ) мебошам. Ҳар як инсони оддӣ бо ман розӣ мешавад.

Агар ду калисо паҳлӯ ба паҳлӯ бошанд, ки дар яке аз онҳо шумо аниқ медонед, ки номаҳои ислоҳкунандаро дар бораи хатогиҳои худ мешунавед ва дар дигараш фақат номаҳои хурсандиовар, рӯҳбаландкунанда, маъвиза мешаванд, ва аниқ аст, ки шумо ин калисои дуюмро ташриф меоваред. Маҳз ҳаминро Павлус пешгӯӣ карда буд, одамон ба ивази Худо чизҳои *хубро* интихоб хоҳанд кард. Аммо саволи дуруст ин аст; чӣ фоиданок аст, на ин ки чиро мо мехоҳем.

Биёед, ростқавл мешавем. Вақте ки сухан дар бораи интихоб байни ин ду намуди нома меравад, бисёриҳо умуман ҳеҷ чизро шунидан намехоҳанд. Лекин барои худ як шахсро бо номи Стив тасаввур мекунем, ки духтурон дар ӯ касалии саратонро (рак) ёфтаанд. Ин касалӣ дар марҳилаи оғозшавӣ мебошад ва агар онро бо амалиёти ҷарроҳӣ гирифта партоем, барои саломатӣ ҳеҷ хатаре намемонад. Духтур мегӯяд: “Мо ин варамро бо ҷарроҳии содда гирифта метавонем”.

Стив фикри дигар духтурро шунидан мехоҳад. Дигар духтур ба натиҷаҳои анализ ва он донише, ки дар Донишгоҳи тибб гирифта

буд, беэътиноӣ мекунад, фақат як ҳолат, ки вай духтур шудааст, барояш муҳим мебошад. Вай ба Стив мегӯяд, ки ташвиш накашад, ҳамааш хуб мешавад ва ӯ ояндаи дурахшон дорад. Ин духтур мегӯяд, ки “Стив шумо ҳеҷ мушкилие бо саломатӣ надоред”.

Стив бо як сабукӣ аз утоқи духтур мебарояд. Вай фикр мекунад, ки “чӣ қадар духтури хуб аст. Дар бораи саломатии ман фақат чизҳои хубро гуфт. Маро бисёр рӯҳбаланд кард.” Вайро фақат суханони духтури аввал, ки ҷарроҳиро пешкаш карда буд, камтар норохат сохт. Чунки ин ҷарроҳии дарднок ва хароҷоти пулиро талаб мекунад. Вай ҷиддӣ будани ин ҳолатро аз Стив пинҳон накард.

Ақидаи духтури дуюмро шунида, Стив ба хулосае омад, ки ҳеҷ ҷои ташвише нест. Аммо баъд аз ду сол Стив касал шуд, якчанд ҳафта барои зиндагиаш монда буд, ва ин варами хурд он қадар калон шуда буд, ки барои зиндагиаш хатарнок шуда буд. Ин саратон ба бисёр узвҳои ба ҳаёт муҳим таъсир расонида буд. Акнун ҳеҷ гуна табобат ба Стив ёрдам карда наметавонист.

Ду сол пештар духтури мусбиро гӯш кардан хуб буд. Лекин он вақт чӣ лозим буд: ҳақиқат ва ё суханони мусбӣ, ислоҳ кардан ва ё дастгирӣ кардан? Акнун дер шудааст. Вай мехост, ки ҳамон вақт ба ҳақиқат гӯш диҳад.

Оё ин имкон дорад, ки мо пешвоён ва аъзоёни калисои ғарбӣ дар ҳамин ҳолати рӯҳонӣ ҳастем?

Дар таърихи Исроил вақту замонҳое буданд, ки роҳбарони рӯҳонӣ фақат бо хизматҳои мусбӣ машғул буданд. Онҳо аз муқобилиятҳо худро канор гирифта, фақат суханони мусбиро мегуфтанд. Худо назари Худро ба ингуна номаҳо ошкор кард: “Ва марази (касалӣ) духтари Маро сабукфикрона шифо дода, Осоиштагӣ, Осоиштагӣ!- мегӯянд, вале осоиштагӣ нест” (Ирмиё 8:11).

Аҷоибаш он аст, ки суханони онҳо аз суханони духтури дуюм, ки ба Стиван гуфта буд, ҳеҷ фарқе надорад.

## “Маъвизаи Вай ба ман маъқул нест!”

Ислоҳи ҳақиқатро қабул накардан ин мушкилии бисёр кӯҳна мебошад. Дар як ҳодисаи қадима яке аз шоҳони Исроил як корреро ба нақша гирифта, барои фаҳмидани натиҷаи ин кор садҳо нафар шахсо-

ни рӯҳониро даъват кард. Ба ин машваратчиён имконияти хубе пайдо шуда буд, ки ба шоҳ ҳақиқатро гӯянд, лекин ҳамаи онҳо паси якдигар чунин суханонро мегуфтанд: “Бале, дар ин кори худ ту комёб хоҳӣ гашт”. Баъд онҳо натиҷаҳои хуби аз ин кор бармеомадаро гуфтанд.

Шоҳи Яҳудо низ он ҷо ҳузур дошт ва дили вай сӯи Худованд воз буд. Вай ташнаи ҳақиқат буд, барои ҳамин онро фарқ карда метавонист. Ба он нигоҳ накарда, ки ҳамаи машваратчиёни шоҳ як чизро мегуфтанд, вай дар суханони онҳо овози Худоро намешунид. Ӯ мунтазири каломе буд, ки он ба дилаш оромӣ мебахшид.

Ва дар ниҳоят шоҳи Яҳудо аз роҳбари Исроил пурсид: “Оё дар инҷо дигар машваратчиёне нестанд, ки аниқтар гуфта метавониста бошанд?” Дар ҷавоб шоҳи Исроил гуфт: “Агар росташро гӯем, дар инҷо боз як шахсе ҳаст, лекин ман аз вай нафрат дорам. Вай ба ман ҳеҷ вақт чизи хубро нагуфтааст, фақат маро маҳкум мекунад” (3 Подшоҳон 22:8). Ба ҳар ҳол, барои ором кардани шоҳи дигар, роҳбари Исроил ин пайғамбари “манфиро” ба машварати шоҳӣ даъват кард.

Номи он пайғамбар Мико буд. Шахси аз ҷониби шоҳ фиристодашуда вайро ёфта, гуфт: “Гӯш кун, ҳамаи дигар пайғамбарон, мисли як нафар, ба шоҳ комёбиро пешгӯӣ мекунанд. Бигзор каломи ту мисли каломи онҳо бошад ва фақат чизҳои хубро гӯй” (3 Подшоҳон 22:13, тарҷумаи нав).

Лекин Мико дар ҷавоб гуфт: “Он ҳақиқат аст, ки Худованд зинда аст, ман фақат суханони Худовандро ба шоҳ эълон хоҳам кард” (3 Подшоҳон 22:14, тарҷумаи нав).

Маҳз ҳамин тавр вай рафтор карда, каломи ислоҳкунандаро гуфта, хашми шоҳро овард. Лекин чуноне ки баъдтар маълум шуд, ҳамаи машваратчиёни шоҳ, ки чизҳои мусбиро эълон мекарданд, хато карда буданд, ва танҳо Мико ҳақ буд.

Оё имрӯз чунин машваратчиён ва хизматгузорон, мисли Мико, ҳастанд? Барои чӣ мо огоҳиҳо ва фош карданҳои онҳоро намешунавем, ки қодиранд, моро аз хатарҳо эмин доранд? Барои чӣ китобҳои онҳо, ки ба муқаддасӣ даъват мекунанд, машҳур намегарданд? Барои чӣ онҳо дар конфронсҳо воизони машҳур нестанд? Барои чӣ онҳоро бештар, нисбат ба дигарон, дар шабакаҳои интернетӣ тамошо намекунанд?

Худо ба воситаи вакил Павлус ба роҳбарони калисо дастуроти аниқеро додааст, лекин ба он нигоҳ накарда мо умуман чизҳои дигарро таълим медиҳем. Боре як усқуфи машҳур дар вақти хӯрдани таоми нисфирӯзӣ ба ман гуфт: "Ҷон, агар ба аксарияти усқуфон, ки роҳбарони калисоҳои комёб мебошанд, назар кунем, онгоҳ мебинем, ки ҳамаи онҳо дар бораи умед, файз ва чизҳои рӯҳбаландкунанда маъвиза мекунанд". Яке аз ёрдамчиёни вай илова кард: "Ҷон, мумкин ки ту назари худро дар бораи таълимоти файз дигаргун созӣ". Барои вай файзро ҳамчун қувват барои дигаргунсозӣ қабул кардан мушкил буд.

Дар ҳақиқат, ба мо умед ва суханони рӯҳбаландкунанда лозиманд, лекин ба ғайр аз ин ба мо ислоҳ, ифшо (фош) ва тарбия низ лозиманд. Бо ин Павлус Тимотиюсро *қасам* медод. Барои чӣ ҳама чиз ва ё ҳеҷ чиз бояд бошад? Барои чӣ бар зидди ҷараёни об шино кардан лозим аст? Биёед, ҳама чизеро, ки Павлус ба Тимотиюс гуфт, таълим медиҳем.

## Маҳсулоти асосӣ

Боз як мисолро меоварам. Фурӯшандаи моҳир ва айёри мошинҳои кӯҳна ба шумо он чизеро мегӯяд, ки гӯши шумо онро шунидан мехоҳад. Вай ҳамроҳи шумо ҳазлу шӯхӣ карда, ба шумо хоҳад гуфт, ки шумо шахси бисёр доно ҳастед, ки аз ҳама мошинҳои дар бозор истода беҳтаринашро интихоб кардед.

Шумо фикр мекунед: "Ана инро бинед! Ҳатто ҳамсарам маро ин қадар таъриф намекунад!" Ҳамсаратон ин суханонро ба шумо намегӯяд, барои он ки шуморо дӯст медорад, ин фурӯшанда бошад, ба шумо лагандбардорӣ мекунад, то ки фиреб дода, пули шуморо гирад. Дар чунин номаҳо мо маҳсулоти асосиро мебинем: *муҳаббат*. Маъвизаҳои мо дар бадани Масеҳ бояд ки бо муҳаббат пур буда, аз дили пур аз меҳр ҷорӣ шаванд.

Боре баъд аз як хизматгузорӣ назди ман як ҷавоне омад. Вай табассум карда, гуфт: "Ман ҳам мисли шумо даъват шудаам, ки ба калисо каломи ислоҳкунандаи нубувватиро гӯям".

Тарзи гуфтори вай маро музтариб сохт. Ман ҳис кардам, ки вай мехост одамонро ҷанг кунад, ва хоҳиши беҳбудӣ ва ғамхориро ба одамон надошт.

Ман аз вай пурсидам: “Оё мехоҳед, ки сирри нубувват карданро ба шумо ошкор кунам?” Вай аз шунидани ин суханон дурахшид, ки ин ҳамчун роҳ ба сӯи хизматгузории комёб буд. Ман гуфтам: “Ҳар дафъае, ки шумо ба одам каломи ислоҳкунандаро меоваред ва ё даъват ба зиндагиаш мепартоед, шумо ба он шахс муҳаббати сахте бояд дошта бошед”.

Вай бо тааҷҷуб ба ман нигоҳ карда, баъд аз якчанд лаҳза гуфт: “Фикр мекунам, Худо бояд дар дилам кореро анҷом диҳад”. Ман бо ин шахси ҷавон фахр мекардам, ки вай ба ин иқрор шуд.

Ман худам низ бисёр вақт бо мушкилӣ номаҳоеро, ки муқобилатро меоваранд, ба даҳон меорам. Ман дар ҳақиқат одамон, калисо, роҳбаронро дӯст медорам. Ҳоло вақте ки ин китобро менависам, дили ман пора мешавад, чунки рӯҳбаланд ва дастгирӣ кардан мехоҳам. Лекин аз дигар тараф медонам, ки муҳаббати ҳақиқӣ хушомадчигӣ намекунад, вай рӯйрост аст. Он муҳаббат чизҳоеро мегӯяд, ки ба шунавандагонаш шифоӣ мебахшад. Павлус менависад, ки мо бояд ростиро дар муҳаббат гӯем ва бо чунин рафтори худ шунавандагонро дар Масеҳ рушд медиҳем (ниг. Эфсӯсиён 4:15).

Хизматгузороне ҳастанд, ки муқаддасиро бо ангезаи нодуруст маъвиза мекунанд. Онҳо умуман ба одамон раҳму шафқат надоранд ва ё умуман намедонанд, ки ин чӣ аст. Ин бисёр фоҷианок аст ва нархи гаронро талаб мекунад. Ҳамаи мо бояд бо шунавандагони худ аз рӯи муҳаббат амал кунем ва ҳатто нисбати онҳо пур аз он бошем. Муҳаббат бояд ангезаи асосии мо бошад, дар акси ҳол мо бояд хомӯш бошем. Аз ҳама бештар мо ба одамон бояд некӣ бихоҳем. Ба одамон ингуна муносибатҳо надошта бошем, мисли: “Ман ба ту гуфта будам-ку”, “Ман аз ту беҳтар медонам”, “Ман аз ту беҳтар ҳастам”. Мо бояд суханони пуртоқатро интихоб карда, беҳбудии дигаронро хоҳон бошем. Мо бояд шунавандагони худро, кадом шахсон дар он ҷо ҳузур надошта бошанд, қадрдонӣ кунем ва онҳоро аз худ болотар гузорем. Чунин аст, дили Худо, Исои Масеҳ ва Рӯҳи Муқаддас.

12

# УСТОДИ ҲАЁТИ МУҚАДДАС

Аз бӯсаи душман, ҷароҳатҳои
дӯсти наздик беҳтар аст.
— Масалҳо 27:6

Ҳама он чизе, ки бо назари бардурӯғ
ба муҳаббати Худо, муқаддасии
Худоро поймол мекунад, ба ваҳӣ дар бораи
Худо, ки ба воситаи Исои Масеҳ дода шудааст,
мутобиқ намебошад.
— Освалд Чемберс

Коучер ин шахсе, ки барои беҳбудии ҳаёти муштарии (клиент) худ кор мекунад. Вакил Павлус моро даъват мекунад, ки коучери рӯҳонӣ бошем. Ба аҳкомҳои Худо риоя карда, мо на фақат ҳаёти худ, балки ҳаёти дигаронро, ки дар гирду атрофи мо мебошанд, низ дигаргун мекунем.

Роҳҳои Худоро беҳтар кардан мумкин нест. Одам ва Ҳавво ин корро карданӣ шуда, шикаст хӯрданд. Онҳо аввалин шахсон буданд, ки дар ин чоҳ афтоданд. Барои ҳамин, мо ҳамчун коучерҳо на фақат таълим, балки ислоҳ ва огоҳ низ мекунем. Агар мо ислоҳ накунем, мо ба одамони наздики худ иҷозат медиҳем, ки бо роҳи бо ноумедӣ ва худсӯзӣ поён ғелида раванд. Маҳз аз ҳамин сабаб, Павлус аз Тимотиюс хоҳиш мекунад, ки: “Ту ҳамчун воизи Калом бояд ки ба одамон тарзи ҳаёти нодурусти онҳоро нишон диҳӣ” (2 Тимотиюс 4:2, тарҷумаи васеъ).

Дар хулосаи номаи худ ба калисои Эфсӯс Павлус дар бораи табиати одами нав менависад, ки вай дар зери таъсири қуввати файз мебошад. Ба хотири ду чиз инсон дигаргун ва ба сурати Масеҳ монанд шуда ва аз роҳҳои хатарнок дур шуда метавонад.

Баъд аз он Павлус рӯйхати аҳкомҳоро медиҳад, ки ҳаёти ингуна шахсро муайян мекунад. Онҳо ба муқоиса бо аҳкомҳои Аҳди Қадим мушкил нестанд ва онҳоро иҷро кардан мумкин аст. Онҳо маҳз дар бораи рафторҳое мегӯянд, ки мо бояд дошта бошем, чунки акнун мо табиати нав дорем.

Биёед, барои худ ин рӯйхатро ёдовар мешавем:

> “Дар байни шумо ба ҳеҷ гуна нопокӣ ва фасод, ё хасисӣ, ҳатто сухане набошад, ин барои халқи муқаддаси Худо ҷоиз нест. Дар суханони шумо ҳеҷ гуна гапҳои ношоиста, сӯҳбатҳои холӣ ё мазоқҳои беҷой набошад, беҳтар ки ҳамеша Худоро шукргузорӣ кунед...шароб нанӯшед” (Эфсӯсиён 5:3,4,18, тарҷумаи нав).

Боз ба рӯйхати чизҳои манъшуда монанд аст. Такрор мекунам, ки ин рӯйхати аҳкомҳое намебошанд, ки дар вақти иҷро кардани онҳо наҷот меёбем. Ин рӯйхати он чизҳое мебошад, ки моро аз зино кардан бо ин ҷаҳон нигоҳ медорад, то ки мо дар ҳузур ва зуҳуроти Масеҳ бошем. Иҷозат диҳед, ба шумо рӯйхати рафторҳои гуноҳкоронаро биёрам.

Чи тавре ки мо дар боби пештара гуфта будем:

- Дурӯғ нагуфтан
- Дар ғазаб гуноҳ накардан
- Дуздӣ накардан
- Дашном надодан
- Ахлоқи ҷинсии ифлос надоштан

Идомаи рӯйхат чунин аст:

- Нопок набудан
- Хасис нашудан
- Суханони носазоворро нагуфтан
- Мазоқҳои беҷой накардан

Аҳди Ҷадид ин номаи файз аст, лекин барои номае, ки ба суханоне баъзе шахсон, ҳеҷ гуна амр ва монеаҳо надорад, ин рӯйхат аз бисту ҳафт китоби Аҳди Ҷадид, якеш аст, бисёр калон мебошад! Аз ҳама ҷолибаш он аст, ки ин рӯйхатро вакиле тартиб додааст, ки худаш ваҳиро дар бораи файз гирифтааст. Мо ин аҳкомҳоро инкор мекунем ва ё ба онҳо ҷиддӣ муносибат мекунем?

## Аз ҷиҳати ҷинсӣ ифлос набудан

Нуқтаи аввалин дар рӯйхати мо *аз ҷиҳати ҷинсӣ ифлос набудан* аст. Ҳамчун писарон ва духтарони Худо ба мо зино кардан, ба алоқаи ҷинсии то никоҳӣ даромадан ва алоқҳои якҷинса доштан (гомосексуализм), қатъиян манъ аст.

Ман бисёр ҷуфтонеро вомехӯрам, ки беникоҳ зиндагӣ мекунанд, ҳол он ки худро масеҳӣ меноманд. Ин чизи камёфт нест ва ҳатто дар калисоҳо ин чизи одатӣ шудааст. Бисёри аз чунин ҷуфтҳо, ки калисоҳои башоратдиҳандаро ташриф меоваранд, озодона дар бораи имони худ ва “корҳои Худо дар ҳаёташон” шаҳодат медиҳанд. Ҳеҷ як сухане дар бораи афсӯс хӯрдан ва тавба кардан нест. Онҳо бовар намекунанд, ки то никоҳ якҷоя зиндагӣ кардан ин гуноҳ аст. Барои чӣ? Шояд ба хотири он бошад, ки онҳо аз минбар номаҳои Павлус, Петрус, Яъқуб, Юҳанно ва Яҳудоро, ки ба ҳаёти пок ва муқаддас доштан даъват мекунанд, нашунида бошанд. Маъвизаҳои рӯзи якшанбегии усқуфони онҳо рӯҳбаланд мекунад ва ташвиқ мекунад, лекин фош намекунад ва ҳақиқатро ба онҳо намегӯяд. Ин одамон дар муқаддасӣ тарбия наёфтаанд.

Дар ҷамъияти мо то никоҳ якҷоя зиндагӣ кардан ва алоқаи ҷинсии берун аз никоҳ ва ҳатто гомосексуалӣ доштан, чизҳои оддие мебошанд. Афсӯс ки мо масеҳиён дониши хуби Каломи Худоро надорем, ва бисёр вақт ақидаҳои мо рӯякианд. Бисёри аз мо дар Каломи Худо устувор нагардида, арзишҳои фарҳанги замонавиро қабул кардаем. Мо аз қафои бисёр ақидаҳо меравем: “Агар мо якдигарро дӯст медошта бошем, пас чаро якҷоя зиндагӣ намекунем?”

Дар бораи гомосексуализм-чӣ? Ин гуноҳ низ рушд карда, ҳатто аз остонаи калисо низ пои худро дохил гузоштааст. Ба наздикӣ ба ман саҳифаи як занро дар фейсбук нишон доданд, ки вай пештар роҳбари як шӯъбаи ташкилоти масеҳӣ будааст. Акнун вай ба як зани дигар ошиқ гашта, бо ӯ якҷоя зиндагӣ кардан мехоҳад. Ман бо дили пур аз ашк ба суратҳои никоҳ ва дигар аксҳои якҷояшон нигоҳ мекардам.

Дар гузашта аз Худо дуршудагон дар бораи ҳолати худ хабар доштанд, ки аз Худо рӯй гардонидаанд. Аммо ин зан бо ҳаяҷон дар бораи муҳаббати Худо ва вафодории Худ ба Ӯ нақл мекард. Чӣ тавр вай бо дигар зан никоҳ карда метавонад, дар вақте ки Исо возеҳ гуфтааст:

"Магар дар Навиштаҷот нахондаед, ки "Офарандаи одамизод аз ибтидо онҳоро мард ва зан офаридааст? Азбаски Худо ин иттифоқи табиии ду ҷинсро офаридааст, онгоҳ инсон ин кори аҷоиби Худоро набояд ки ифлос кунад" (Матто 19:4,6, The Message, тарҷума аз забони инглисӣ). Исо мегӯяд, ки никоҳ барои ду ҷинс, мард ва зан, офарида шудааст. Барои чӣ ин зан намедонад, ки ҳақиқатро поймол кардааст? Оё аз минбар барои вай возеҳ нагуфта буданд?

Ман мефаҳмам, ки ҷамъият аз мафҳуми ибтидоии никоҳ дур шуда истодааст. Одамони наҷотнаёфта табиати гуноҳкорона доранд. Мардон ва занони гумроҳ дар ин ҷаҳон бе Худо зиндагӣ карда, дар бораи чизҳои хуб ва бад дониши кофие надоранд. Рафтори онҳо набояд ки моро афсурдахотир созад, барои он ки онҳо мутобиқи табиати худ фикр меронанд ва рафтор мекунанд. Фоҷиа дар он аст ки имондорон фикр мекунанд, ки он чизҳои ҷаҳонӣ барои онҳо низ раво мебошад ва Худо зидди ин рафторҳо нест. Аз рӯи омор бисёр аз калисоҳо никоҳҳои гомосексуалиро дастгирӣ мекунанд ва онҳоро раво донистанд. Аммо калисоҳо ингуна тарзи ҳаётро на фақат бо сухан, балки бо рафтори худ низ дастгирӣ мекунанд. Ин суханонро бодиққат хонед:

> "Агар одил аз адолатии худ рӯй гардонад...вай хоҳад мурд. Барои он ки ту вайро огоҳ накардӣ, вай барои гуноҳи худ хоҳад

мурд, ва корҳои одилонаи вай ба шумор гирифта намешаванд: ва ҷавоби хуни вайро ман аз ту хоҳам пурсид" (Ҳизқиёл 3:20, тарҷумаи васеъ).

Дар инҷо шахси одил, имондор, огоҳ карда мешавад. Агар мо имондоронро огоҳ накунем ва гуноҳҳои онҳоро нишон надиҳем, оқибати ин кор сахт мешавад.

Шумо хоҳед гуфт: "Ҷон, ин-ку дар Аҳди Қадим аст. Чӣ тавр аз хизматгузори Аҳди Ҷадид хуни дигар одамро талаб кардан мумкин аст?"

Боре дар як конфронс, ки барои пешвоён буд, як усқуф назди ман омада, дар бораи ҳамин чиз пурсид. Вай дар хашм буд ва чунин суханонро гуфт: "Кӣ ба ту ҳақ додааст, ки хуни дигаронро ба гардани мо бор кунӣ? Ҳоло вақти Аҳди Қадим нест".

Ман дар ҷавоб ба вай гуфтам: "Лутфан, китоби Аъмол, боби 20-ро кушода, оятҳои 26 ва 27-ро барои ман бо овози баланд бихон". Усқуф хонд: "Ман ба *хуни ҳеҷ кас айбдор нестам,* барои он ки ман ҳеҷ вақт ва ҳеҷ чизро аз шумо пинҳон накардам, балки тамоми хост ва нақшаҳои Худоро дар пуррагиаш бар шумо эълон кардам" (тарҷумаи васеъ).

Усқуф дар ҳайрат монд, вай ба ман нигоҳ кард ва гуфт: "Ҷон, ман ин суханонро пештар ҳам хонда будам, лекин ин нуқтаи назарро надоштам". Ман аз ростқавлии вай хушнуд шудам.

Дар ин ҷо ман ба пешвоёни калисо муроҷиат кардан мехоҳам. Суханоне, ки мо дар боло хондем, ин муроҷиати Павлус ба Эфсӯсиён буд, лекин мо муаллимон ва воизон, агар тамоми Каломи Худоро бо пуррагиаш ба халқи Ӯ эълон накунем, мо низ ба хуни онҳо айбдор мешавем. Агар мо фақат номаҳои "рӯҳбаландкунанда"-ро маъвиза кунем, онгоҳ мо қисми зиёди иродаи Худоро пинҳон нигоҳ медорем. Барои ҳамин, одамони мо торафт он чизҳоеро мекунанд, ки барои ҷаҳон хуб ба шумор меравад. Онҳо мисли фарзандони бетарбия ва гарданшах мешаванд. Хулоса: Хуни онҳо дар гардани мо мебошад.

Барои шумо як мисолро меоварам. Аз шабакаи интернетӣ ман ҷамъомади як калисои бузургро медидам, ки усқуфи ин калисо ба ҷамъшудагон эълон кард, ки вай гомосексуалист (бачабоз) аст. Вай

гуфт, ки аз пинҳон кардани тарзи ҳаёти худ аз дигарон хаста шудааст ва дигар шахсоне, ки мисли вай зиндагӣ мекунанд, аз бори фош шудан (вай онро бори "маҳкумият" номид) озод шаванд.

Баъд аз он вай пайи ҳам ҷойҳои Китоби Муқаддасро, ки дар бораи гомосексуализм мегӯяд, хонданро сар карда, тарзи ҳаёти худро сафед мекард. Ва баъд вай далерона ба ҳамаи одамон гуфт: "Вакил Павлус хуб медонист, ки ҳамаи мо "дар Масеҳ" кӣ ҳастем, лекин вай дар бораи муносибатҳои инсонӣ ҳеҷ чизро намедонист", бо ҳамин гуфтори худ вай суханони Павлусро дар бораи алоқаҳои ҷинсӣ як тараф гузошт. Ва баъд ин шахс суханони худро идома дода, гуфт, ки дар Номаи Румиён Павлус ҳангоми гуфтани он ки агар мо ба Худо парастиш карданро бас кунем, онгоҳ гомосексуалист шуданамон мумкин аст, иштибоҳ кардааст (ниг. Румиён 1:21 то 27). Аз рӯи суханони ин шахс Павлус ба хотири он иштибоҳ мекард, ки имрӯз "нисфи роҳбарон дар Амрико гомосексуалист мебошанд" (ман фикр кардам ин оморро вай аз куҷо гирифтааст?). Ҳангоми суханронии ин шахс дар толор якчанд маротиба қарсакзаниҳои баланд шунида мешуд.

Ҳангоме ки ман ин суханони аблаҳонаро гӯш кардам, Худо ба ман муроҷиат карда гуфт: "Боби аввали номаи Румиёнро хон".

> "Аз ҳамин сабаб, Худо онҳоро ба ҳавасҳои нангин гирифтор кард: занони онҳо ҷимои табииро ба ҷимои ғайритабиӣ иваз карданд. Ҳамчунин мардон ҷимои табииро бо занон тарк карда, оташи шаҳваташон ба якдигар баланд шуд ва мард бо мард ба кирдори нангин машғул шуда, сазои иштибоҳи худро дар вуҷуди худашон диданд...агарчи доварии Худоро медонанд, ки кунандагони чунин корҳо сазовори марганд, бо вуҷуди ин на фақат худашон ин корҳоро мекунанд, балки кунандагони дигарро низ таҳсин менамоянд" (26,27,32).

Он шахс чӣ гуна Китоби Муқаддасро, ки гомосексуализмро рафтори "нангин" меномад, инкор карда метавонист? Барои фаҳмидани он ки гомосексуализм як чизи ифлос аст, ҳатто шахси рӯҳонӣ низ будан лозим нест. Ҳатто барои ҳайвонот ин чизи табиӣ

намебошад. Барои чӣ баъзеҳо фикр мекунанд, ки Худо ба ин чиз ҳамчун як чизи оддие назар мекунад ва ҳатто тарафдори он аст?

Дар бораи одамоне, ки худро масеҳӣ гуфта, бар гуноҳҳо ва хоҳишҳои ҷисмии худ ғалаба накарданд ва маъвизаи ин усқуфро гӯш мекунанд, фикр кунед. Виҷдони онҳо барояшон мегӯяд: "Нодуруст аст, ки фарзандони Худо ин тавр рафтор кунанд". Лекин афсӯс ки дар натиҷаи интихоби онҳо суханони ин усқуф ба онҳо таъсир мекунад. Вай на фақат худро зери маҳкумият, балки дигаронро низ он ҷо қарор медиҳад.

Хайр, чаро дар он калисо мардум қарсак мезананд? Дар тарҷумаи васеи Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки "ба дигар шахсоне, ки ин корҳоро мекунанд, қарсак мезананд ва дастгирӣ мекунанд", чунин корҳо доварӣ хоҳанд шуд.

Аз рӯи суханони Павлус мо чӣ тавр рафтор мекунем?

> "Оё шумо намедонед, ки гуноҳкорон Подшоҳии Худоро сазовор намегарданд? Эҳтиёт бошед, ва фиреб нахӯред. Ҳеҷ кадом фосид, бутпараст, зинокор ё бачабоз (гомосексуалист), дузд, хасис, бадмаст, тӯҳматчӣ ва қаллоб, ба Подшоҳии Худо дохил нахоҳад шуд" (1 Қӯринтиён 6:9,10, тарҷума аз забони инглисӣ).

Возеҳ аст, ки дигар гуноҳҳое низ мавҷуд мебошанд. Лекин мо набояд маънои ин суханонро инкор кунем, ки дар бораи тарзи ҳаёти ҷинсии ғайритабиӣ гуфта шудааст.

Хоҳишҳои ин ҷаҳон заҳролуд ва сирояткунанда мебошанд. Агар мо аз минбар дар бораи гуноҳҳои ҷинсӣ нагӯем, одамон аз ҳаёти пок ва муқаддас бехабар мемонанд ва ба доми душман меафтанд. Онҳо ба назари некии ин ҷаҳон розӣ шуда, фикр мекунанд, ки ҳатто Худо ба ингуна рафторҳо тарафдор мебошад.

## Нопокӣ

Дигар чиз дар рӯйхати мо ин нопокӣ аст. Мо бояд аз ҳар гуна порнография, филмҳои бад ва фикрҳои ифлос, худро дуртар нигоҳ дорем. Исо мегӯяд: "Лекин Ман ба шумо мегӯям, ҳар касе, ки ба

зан бо чашми шаҳватомез нигоҳ мекунад, аллакай дар дили худ бо вай зино кардааст" (Матто 5:28). Забурхон менависад: "Чизҳои ношоистаро назди чашмони худ намегузорам..." (Забур 100:3).

Порнография ҳаловати кӯтоҳро пешкаш мекунад, чунки он ба табиати гуноҳкоронаи шумо ҷавобгӯй мебошад, лекин дар айни ҳамон вақт порнография ба муносибати шумо бо ҳамсаратон ва ба муносибати шумо бо Худо осеб мерасонад. Дар натиҷа вай шуморо ҳам аз ҳамсаратон ва ҳам аз худатон норозӣ мегузорад. Ин ба назар аввал чунин менамояд, ки порнография оташро дар мегиронад, ҳол он ки ин оташ ба аланга муббадал гашта, таркиш ба миён омада, ҳиссиёти айб, шарм ва нобоварӣ зиёд мегардад.

То ба наздикӣ шабакаҳои порно дар интернет машҳууртарин шабакаҳо буданд, ҳоло дар ҷои аввал шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Даҳ фоизи ҳамаи шабакаҳои мавҷудбуда шабакаҳои порно мебошанд. Зиёда аз 40 миллион амрикоиҳо доимо ин сайтҳоро ташриф меоваранд, дар ҳар як сония 28258 интернет истифодабарандагон порно тамошо мекунанд.

Ин на фақат ба мардон тааллуқ дорад. Тақрибан 20% занҳо ҳаррӯз порноро аз шабакаҳои интернетӣ мустақим тамошо мекунанд ва бисёриҳо ба он иқрор мешаванд, ки дар гуноҳҳои шаҳватҳои ҷисмии худро бо роҳи ғайритабиӣ қонеъ кардан, муқобилат нишон дода наметавонанд. Ба ғайр аз ин, мардон ва занон шаҳватҳои худро ба воситаи рӯзнома ва маҷаллаҳои эротикӣ қонеъ мегардонанд, ки бештар занҳо ба ин вобастагӣ доранд.

Дар калисо чӣ рӯй медиҳад? Маҷаллаи "Масеҳияти имрӯза" (Christianity Today) дар байни усқуфон пурсиш гузаронд, ки оё онҳо дар тӯли ҳамин сол шабакаҳои порнографии интернетро ташриф овардаанд. Чилу чор фоизи пурсидашудагон ҷавоби мусбӣ доданд. Инҳо роҳбарони калисоҳои мо мебошанд! Дар дигар омор гуфта мешавад, ки 50% ҳамаи мардони масеҳии имондор аз порнография вобастагӣ доранд. Дар натиҷаи пурсиши мардум, ки аз тарафи шабакаи CNN гузаронида шуд, 70 % мардони масеҳӣ бо ин гуноҳ мубориза мебаранд.

Инак, мо бояд ба худ савол диҳем: оё маъвизаҳои машҳури рӯҳбаландкунанда, ки имрӯзҳо бисёр аз минбарҳо гуфта мешаванд, ба ин мушкилӣ ҷавоб шуда метавонанд?

Ман бо гуноҳи порнография то бисту ҳафтсолагиам, инчунин солҳои аввали хизматгузориам, мубориза мебурдам. Ман боварӣ доштам, ки ҳамон лаҳзае, ки бо як духтари зебо оиладор шавам, гуноҳ худ ба худ аз ман дур хоҳад шуд, лекин гуноҳ худ ба худ дур нашуд, баръакс, пурзӯртар гашт. Гуноҳ байни ман ва Лиза деворро гузошт. Ва ҳангоме ки дар бораи вобастагии худ аз ин гуноҳ, ба як марди Худо нақл кардам, ва тирамоҳи соли 1984 ман аз ин гуноҳ пурра озод шудам. Он мард ҷиддӣ буд ва ба ман гуфт: "Ин коратро бас кун!" Ман аз ҷониби вай таълимот ва огоҳии қавие гирифтам, ки ба ҳаёти ман тарси солими Худоро овард.

Суханони ин хизматгузор маро водор карданд, ки дар он ҳолат Худоро биҷӯям, то ки озодиро ба даст оварам. Баъд аз нӯҳ моҳ ман пурра озод шуда, то ҳол дар он озодӣ зиндагӣ мекунам. Ман фаҳмидам, ки файзи Худо қуввати бузурге дорад! Вай шахсеро, ки аз порнография, аз ёздаҳсолагиаш, вобаста буд, озод карда метавонад. Боз як сабабе, ки маро ғамгин мекунад, ин он аст, ки хизматгузорон дар бораи тамоми фоидаи файзи Худо фикр намекунанд. Агар ман барои худ файзро, на фақат тӯҳфаи ройгон барои бахшидани гуноҳҳо ва наҷот, балки ҳамчун қуввати Худо бар ҳаёти худ, ки аз қобилиятҳои табиии инсон болотар аст, ошкор намекардам, он гоҳ ман то имрӯз пойбанди он гуноҳ мебудам.

## Хасис набудан

Хасисӣ ин "хоҳиши сахти худпарастонаи ба даст овардани чизе, махсусан боигарӣ, қудрат ва хӯрок мебошад". Чӣ қадар зиёд имондорон ваъдаи Худоро оиди баракат, пешравӣ ва комёбӣ дигаргун карда, онро ба хасисӣ табдил медиҳанд. Онҳо диққати худро ба "худашон", на ба дигарон, ҷалб кардаанд, тайёр нестанд, ки ба дигарон диҳанд ва ё хизмат кунанд. Хасисӣ ин чашмгуруснагӣ, ин бутпарастӣ аст (ниг. Қӯлассиён 3:5). Аз сабаби хасисӣ мо

хоҳишҳои худ, иштиҳои худ, ҷалол, мавқеъ, обрӯй ва боигарии пулиро аз Худо ва одамон боло мегузорем.

Дар бораи он ки чӣ тавр хасисӣ ба ҳаёти имондор ҷой гирфтааст, бисёр ҳодисаҳое мавҷуд мебошанд. Билъом аз сабаби хасисиаш муносибати худро бо Худо гум кард, ҳамон тавр Қобил низ ва бисёр дигар шахсон, ки боре дар ҳузури Худо буданд. Бисёри онҳо хасис шуданд, чунки ҳеҷ кас онҳоро огоҳ намекард. Дар таълимот огоҳ карданро бо идома додани фақат маъвизаҳои рӯҳбаландкунанда ба даст овардан мумкин нест. Лекин барои ба мардон ва занон кӯмак кардан, то ки онҳо дар Масеҳ ба воя расанд, мо бояд на фақат *таълим диҳем,* балки онҳоро *огоҳ кунем* (ниг. Қӯлассиён 1:28).

Дар айёми бачагиам ба ман он чизе, ки падару модарам таълим медоданд, хушам меомад, лекин ба огоҳиҳои онҳо беэътиноӣ мекардам. Лекин баъдтар фаҳмидам, ки маҳз огоҳиҳои онҳо ҳаёти маро аз хатар эмин нигоҳ медошт. Агар падарам маро огоҳ намекард, ки симро ба розеткаи барқ назанам, ман ҳатман ин корро карда, дар натиҷа аз ҷараёни барқ осеб медидам.

Павлус ба яке аз калисоҳои маҳбуби худ гуфтааст: "Бинобар ин ҳушёр бошед ва дар хотир нигоҳ доред, ки чӣ гуна ман дар давоми се сол, рӯзонаю шабона ашк рехта, ҳар яке аз шуморо таълим додам" (Аъмол 20:31). Ҳар рӯз ва ҳар шаб дар тӯли се сол! Бо ашк! Оё мо одамонро огоҳ мекунем? Оё ҳар рӯз? Ё ин ки мо фақат таълим медиҳем ва маъвиза мекунем ва умедворем, ки маъвизаҳои рӯҳбаландкунандаи мо одамонро аз хасисӣ нигоҳ хоҳанд дошт? Оё мо дар бораи онҳо ғамхорӣ мекунем? Дар давоми ин сол ман ягон бор маъвизаро нашунидам, ки моро аз хасис будан огоҳ кунад!

Павлус дар бораи файз маъвиза мекард, лекин маҳз вай ба калисои шаҳри Эфсӯс ва ба мо муроҷиат мекунад: "Аз хасисӣ эҳтиёт бошед".

Инчунин суханони Яъқубро хонед:

> "Сабаби ҳамаи баҳсҳову ҷангҳои байни шумо дар чист? Магар дар ҳамон орзу ва ҳавасҳоятон нест, ки дар дарунатон ҷанг мекунанд?...Шумо чизеро сахт ҳавас мекунед, аммо боз ҳам ба

> мақсадатон намерасед, бинобар ин гирифтори ҷангу моҷаро мешавед. Сабаби ба даст наовардани чизи дилхоҳатон дар он аст, ки аз Худо хоҳиш намекунед. Вале хоҳиш кунед ҳам, ба даст намеоред, чунки бо нияти айшу ишрати худ талаб мекунед ва ин нияти нодуруст аст. Эй мардуми бевафо!”(Яъқуб 4:1,4, NLT).

Э биё, мон, Яъқуб, барои чӣ ин қадар манфӣ сухан меронӣ! Оё вакил, барои он ки вай хасис, дағал ва бетарбия буд, чунин сухан мегуфт? Ё вай одамонеро, ки ба онҳо ин суханонро навиштааст, дӯст медошт? Оё аз ҳамин сабаб, вай ба ҷои маъвизаи рӯҳбаландкунанда ҳақиқати талхро гуфт? Оё ҳамин сабаб намебошад, ки Худо ба вай иҷозат додааст, ки яке аз муаллифони Аҳди Ҷадид гардад, ва ба ҷои вай воизи ташвиқкунандаи ҳамон замонро интихоб накард?

## Суханони ношоистаро нагӯед

Чизи навбатӣ аз рӯи рӯйхат ин: сӯҳбатҳои бемаъно ва аблаҳона накардан, мазоқҳо ва ҳодисаҳои беҷой ва дағалро нақл накардан, мебошад. Дар ин ҷо дидан ва ё шунидани маводҳои сабтӣ ва тасвирии бемаъно ва беҷой низ дохил мешавад.

Аз ман хоҳиш карданд, ки бо гурӯҳи ҷавононе, ки онҳоро суханони беҷой ва қиссаҳои ношоистаи роҳбаронашон, ки аз суханони шахсони гуноҳкор ҳеҷ фарқ надошт, нороҳат мекард, кор кунам. Барои чӣ пешвоён чунин рафтор мекунанд? Шояд сабаб дар он бошад, ки мо ба ин пешвоён ва дигар одамон нагуфта бошем, ки: “Ба шаҳрванди Подшоҳии Худо гуфтани ингуна суханон шоиста нест”?

Павлус ба Қӯлассиён менависад: “Бигзор суханони шумо ҳамеша бо файз бошад...” (4:6). Суханони мо бояд пур аз файз бошанд.

## Нанӯшед

Дигар чиз: Ҳеҷ вақт обиҷав (пиво), шароб ва ё дигар нӯшокиҳои спиртиро *нанӯшед*. (Айни ҳамон дастурро ба маводҳои нашъаовари иҷозатдоданашуда ё иҷозатдодашуда, ва доруҳои нашъаовар истифода бурдан мумкин аст). Дар ин ҷо мо боз пешоянди “на”- ро мебинем.

Маводҳои спиртӣ чизи ҷалбкунандае мебошанд (ниг. Масалҳо 23:31,33). Ба он зуд одат карда, вобастаи он шудан мумкин аст. Нӯшокиҳои спиртӣ фикри солимро кам ва ҳатто нест мекунад. Инсоне, ки зери таъсири он меафтад, худро назорат карда натавониста, ақли вай аз идора кардан берун мешавад. Ин мисли он ки дар рӯшноии сахти офтоб айнаки сиёҳи худро бикашӣ. Баъд аз истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ мо роҳи худро гум карда, ба ҳар кори ношоям даст мезанем. Нӯшокиҳои спиртӣ системаи бехатарии майнаи сари моро аз байн мебарад. Ҳатто агар мо донем, ки ҳадди мо чӣ қадар аст ва ин ҷараёни нӯшиданро зери назорат дошта бошем ҳам, бо рафтори худ мо дигаронро, ки инро карда наметавонанд, зери хатар мегузорем. Ба шумо як ҳодисаро нақл мекунам.

Усқуфи калони як калисо дар тарабхонаи он шаҳр шароб менӯшид. Яке аз аъзои ҳамон калисо, ки нав имон оварда буд, дар ҳамон тарабхона таом мехӯрд. Ин шахс тоҷири сарватманде буд, ки пеш аз имон оварданаш бо вобастагӣ аз шароб мубориза мебурд. Баъд аз имон оварданаш вай аз нӯшидан даст кашида буд ва гуфтан мумкин буд, ки "ҳамин акнун аз ҷамъияти бадкорон дур шуда буд" (2 Петрус 2:18).

Баъд аз он ки вай шоҳиди он шуд, ки усқуфаш дар тарабхона шароб менӯшад, ин тоҷир се шабу се рӯз ғарқи шароб гашт. Ва се рӯз пеш аз ин вай чанд кори хатое карда, тамоми пулҳои худро аз даст дода буд. Ва аз ҳама фоҷиаовараш вай оилаи худро барҳам дод. Ва баъдтар вақте ки аз ӯ пурсиданд, ки чаро ғарқи шароб гашт? Вай гуфт: "Ман дидам, ки усқуфи ман менӯшад ва фикр кардам: "Агар ба вай иҷозат дода шуда бошад, ман ҳам нӯшида метавонам".

Албатта, ба рафтори нодурусташ худи ин шахс ҷавобгар аст, лекин наход ки чунин вайроншавӣ дар зиндагии ин шахс моро ба фикре наандозад, ки чӣ гуна мо ба гирду атрофи худ таъсир мерасонем?

Дар вақтҳои охир бисёр хизматгузорон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ шароб менӯшанд. Дар Навиштаҷот ҷое ҳаст, ки ҳақ будани кори онҳоро тасдиқ мекунад. Дар Номаи аввал ба Тимотиюс (3:3) Павлус мегӯяд, ки роҳбари калисо набояд ки "бадмаст" бошад. Дар за-

бони юнонӣ дар ин ҷо калимаи paroinou истифода бурда шудааст. Мувофиқи луғати “Маънои пурраи калимаҳо” (The Complete Word Study Dictionary’s) ин маънои: “вобастагӣ аз шароб, майнӯш”-ро дорад. Ин калима дар худ нӯшидани бомеъёри шаробро дар бар намегирад, балки маънои сӯиистеъмол, вобастагиро дорад. Ин мисли он шахсе, ки доимо дар рӯи мизи худ пиёлаи шаробро дорад, ки ин вобаста будани вайро нишон медиҳад”. Дар “Аҳди Ҷадид тарҷумаи ҳозиразамон” гуфта шудааст, ки “шахси майпараст роҳбари калисо шуда наметавонад” (1 Тимотиюс 3:3, NLT).

Дар дигар ҷой Павлус ба Тимотиюс маслиҳат медиҳад “...балки барои меъдаат ва нотобиҳои зиёде, ки дорӣ, каме шароб ба кор бар” (1 Тимотиюс 5:23). Аз рӯи вазифаи худ Тимотиюс бо усқуфи калони калисои Эфсӯс баробар буд. Имрӯзҳо бисёр хизматгузорон фикр мекунанд: “Агар ба пешвои калисо ба шароб даст задан иҷозат намебуд, онгоҳ Павлус ба Тимотиюс ҳатто барои ба саломатӣ истифода бурдан маслиҳат намедод”.

Одатан вақте ки сухан дар бораи шароб меравад, онҳо ҷои Навиштаҷот, ки Исо обро ба шароб табдил дод (ниг. Юҳанно 2:1,11) оварда, онро чунин маънидод мекунанд: “Агар нӯшидани шароб манъ шуда мебуд, он гоҳ Исо обро ба шароб табдил намедод”.

Агар фақат ин ҷойҳоро гирем, ҳар кас баҳс карда метавонист, ки усқуфи дар чашми ҳама шароб мехӯрдаро маҳкум кардан мумкин нест. Аммо мо дар ҷамъияте зиндагӣ мекунем, ки мушкилии зиёд бо шароб ва бадмастӣ дорем. Ҳар сол дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар натиҷаи сӯиистеъмоли шароб 88 ҳазор нафар ҳалок мешаванд, дар рӯйхати сабабҳои марг сеюм мебошад. Соли 2007 дар рӯзномаи Washington Post мақолае баромад, ки дар он гуфта мешуд, сиву се фоизи аҳолӣ вобастагӣ аз шароб доранд. Соли 2012 “Институти миллии Амрико оид ба омӯзиши мушкилиҳои шароб ва бадмастӣ” хабар дод, ки 25 фоизи пурсишшудагон аз синни 18-сола ва боло гуфтанд, ки дар моҳи гузашта якчанд рӯз аз ҳолати мастӣ берун намебаромаданд. Ин далелҳои ба ларза оваранда, дар як моҳ аз чор як нафари аҳолӣ дар ҳолати мастӣ қарор дорад! Ман

бисёр оморҳоро оварда метавонистам, лекин воқеият дар он аст ки амрикоиҳо бо шароб мушкилии калон доранд.

Ин касалӣ на танҳо дар Иёлоти Муттаҳида паҳн шудааст. Дар соли 2012, 6 фоизи аҳолии рӯи замин (3,3 миллион) аз сӯиистифодаи шароб ба ҳалокат расиданд. Дар тамоми ҷаҳон сӯиистифода аз шароб ба сабаби маргҳои пеш аз мӯҳлат ҷои панҷумро ишғол мекунад. Дар байни одамони аз синни понздаҳ то чилу нӯҳсола он ҷои аввалро ишғол менамояд!

Аз сабаби бузургии ин фоҷиа мо ҳамчун имондорон як қадам ба пеш назар карда, ба суханони Павлус, нисбати гӯшти ба бутҳо қурбонишуда назар кунем. Бо дигар суханон: "Бинобар ин, агар хӯрок бародари маро ба васваса меандохта бошад, ҳаргиз гӯшт намехӯрам, то ки бародари худро ба васваса наандозам" (1 Қӯринтиён 8:13). Вакил аниқ мегӯяд, ки гӯшти қурбониро хӯрдан гуноҳ нест. Аммо вай мегӯяд, ки агар дар натиҷаи ин бародари заиф ба васваса афтад ва пешпо хӯрад, вай умуман ба ин гӯшт даст намезанад.

Баъзе далелҳо ба тарафдории масеҳиёне, ки миқдори ками шаробро истифода мекунанд, овардан мумкин аст. Лекин оё мо ҳамчун роҳбарони калисо барои дигарон санги пешпо шудан мехоҳем ва сабаби он гардем, ки одамони ба наздикӣ аз ин гуноҳи бадмастӣ озодшуда боз ба он дом афтанд. Махсусан дар ҷамъияти пур аз ин гуноҳ зиндагӣ карда? Агар он усқуфе, ки дар тарабхона нӯшида буд, аз рӯи ин ҳикмат зиндагӣ мекард, онгоҳ аз эҳтимол дур нест, ки ин шахси тоҷир боз ғарқи шароб намешуд ва ба гуноҳ намеғӯтид.

Мо бояд аз ҳаргуна мастӣ худро дуртар нигоҳ дорем. Ингуна рафтор ба фарзанди Худо шоиста нест, ва ин қобили таваҷҷӯҳ аст. Ба мо огоҳии аниқ дода шудааст: "Оё шумо намедонед, ки нодуруст рафторкунандагон Подшоҳии Худоро мерос намегиранд? Фиреб нахӯред. На зинокор... на дузд, на одамони хасис, на *бадмастон*, на бадзабонон, на қаллобон (мошенник) Подшоҳии Худоро мерос нахоҳанд гирифт" (1 Қӯринтиён 6:9,10, NLT, тарҷума аз забони инглисӣ).

Дар ин сӯҳбат боз як омили муҳимро бояд ба назар гирифт. Мо дар давиши рӯҳонӣ ҳастем, ва Мураббии мо мегӯяд "...ҳар бори гарон ва гуноҳро, ки моро фаро мегирад, аз худ дур андохта, майдони дар пеши мо бударо бо сабр давон-давон тай кунем" (Ибриён 12:1). Баъзе гуноҳҳо ба осонӣ моро фаро мегиранд, чи тавре ки омори дар боло овардашуда нишон медиҳад, бадмастӣ яке аз ин гуноҳҳо мебошад. Агар ин гуноҳ ин қадар зиён расонида бошад, пас чаро мо бояд бо он бозӣ кунем?

Дар охир биёед, ба худ як савол медиҳем: барои чӣ мо шахсоне, ки таҷрибаи бо Рӯҳи Муқаддас пур шуданро дорем, чизҳои сунъиро барои ором шудан ва ҳаловат гирифтан меҷӯем? Ё бо Рӯҳ мо фақат дар гапамон пур мешавем ва дар асл кӯмакро аз дигар тараф мекобем?

## Фиреб нахӯред

Мо фақат ба як боб дар Номаи Эфсӯсиён назар кардем. Дар Аҳди Ҷадид боз бисёр дигар аҳкомҳо вуҷуд доранд. Боз дар хотир дошта бошед, ки ин рӯйхати корҳои ҳатмӣ барои наҷот ёфтан нест, ин тарзи ҳаёт аст, барои онҳое ки дар ҳузури Худо зиндагӣ кардан мехоҳанд.

Гӯш кунед, ки Павлус дар идомаи корҳои манъшуда чӣ мегӯяд:

> "Ва бигзор касоне, ки ин гуноҳҳоро сафед кардан мехоҳанд, шуморо фиреб надиҳанд, барои он ки ба кунандагони ин кор ғазаби Худо меояд; ба корҳои ин шахсон шарик нашавед... он чизе, ки таъби дили Худованд аст биҷӯед, ва ба корҳои бадкорон ва торикӣ шарик нашавед, баръакс, ин корҳоро фош кунед. Дар бораи он чизе, ки нобакорон дар торикӣ машғул мебошанд, ҳатто гуфтани ин корҳо барои мо шарм аст... Инак, эҳтиёт бошед ва ба ҳаёти худ назар кунед" (Эфсӯсиён 5:6,7,10-12,15).

Бигзор он шахсоне, ки гуноҳҳои худро сафед мекунанд, шуморо фиреб надиҳанд. Оқибати ин корҳо хело бад аст. Мо бояд бодиққат, на рӯякӣ таҳқиқ кунем, ки дар тарзи ҳаёти мо барои Худованд чӣ писанд аст. Бисёриҳо чунин рафтор мекунанд, ки гӯё дар майдони

бозӣ бошанд, лекин мо дар майдони ҷанг ҳастем. Мо дар ҷанг ҳастем ва сарҳои мо зери нишон аст, душман шабу рӯз кор мекунад, то ки моро аз ин майдон берун кунад. Лекин агар мо дар рӯшноӣ бимонем, вай мағлуб мешавад, барои он ки файзи Худо дар ҳаёти мо аст.

Ман шуморо ба ҳаёти олӣ даъват мекунам. Аз файзи Худо вобаста бошед, то ки дар ин олами гуноҳкор ва фосид бегуноҳ ва одилона умр ба сар баред. Мо ҳама чизҳои зарурӣро дорем, чунки Худо ба мо табиати Худро тӯҳфа кардааст. Файзи бузурги Худоро бефоида сарф накунед.

# 13

# ЧИЗЕ, КИ МОРО РӮҲБАЛАНД МЕКУНАД

Барои ҳамин хотиррасон кардани ин чизҳоро ба шумо бас намекунам, гарчанде ки шумо дар бораи ин чизҳо хабар доред ва ба ҳақиқате, ки таълим гирифта будед, устувор гардидаед. То зинда ҳастам, ин дуруст аст, ки ба шумо хотиррасон кунам, барои он ки Худованди мо Исои Масеҳ ба ман нишон дод, ки ба қарибӣ бояд ин ҳаёти заминиро тарк кунам, барои ҳамин ҳама чизи аз дастам меомадаро мекунам, то ки шумо баъд аз рафтани ман ҳамеша дар бораи ин ба хотир дошта бошед.
— 2 Петрус 1:12,15 (NLT, тарҷума аз забони инглисӣ).

... Аз дӯстии Худо дур шуданро мо ягона омили андӯҳкунанда мешуморем, мисли он ки бо Худо дӯст шудан, ягона чизи бошараф ва таъби дили мо аст.
— Григорий Нисский

Даъват ба ҳаёти муқаддас ин таклиф ва ё пешниҳод нест. Мо ба ҳаёти муқаддас ҳамчун ба як чизи дастнорас кӯшиш намекунем. Ин фармон аст, ки иҷрои онро аз мо мунтазир мебошанд.

Вакил Петрус аниқ нишон дод, ки такрор кардани ҳақиқатҳои муҳим ва аҳкомҳое, ки Худованд Исои Масеҳ ба мо додааст, ҳаётан муҳим мебошанд. Дар чор ояти дар боло овардашуда се маротиба гуфта мешавад, ки ба одамон боз ва боз бояд хотиррасон кард. Одамоне, ки Петрус ба онҳо номаҳои худро менавист, аллакай дар бораи он чизҳое, ки вай менавишт, медонистанд, лекин ба ҳар

ҳол ӯ гуфт, ҳатто баъд аз ба осмон рафтани ӯ низ, онҳо мебояд ин ҳақиқатҳоро боз ва боз бубинанд. Оё чунин нест, ки мо низ ба аҳамияти ин номаҳо ҷиддӣ муносибат кунем?

Дар сарсухани ду номаи пештара Петрус менависад, ки "Ба ҳар коре, ки шумо мекунед, муқаддас бошед" (1 Петрус 1:15, NLT, тарҷума аз забони инглисӣ). Аҳкомҳо дар Навиштаҷот одатан ба ду тариқа дода мешаванд: *кӯшиш кунед* ва *бошед.* Агар мо он чизҳоеро, ки бо *кӯшиш кунед* сар мешавад, иҷро кунем, он гоҳ мо боҳикмат ҳастем. Агар мо он чизҳое, ки бо *бошед* сар мешавад, иҷро накунем, аҳмақ ҳастем! Даъвати Петрус бо калимаи *бошед* сар мешавад.

Вакил дар бораи тарзи ҳаёти мо мегӯяд. Ин моро набояд ки ба ваҳм андозад, қаҳри моро биёрад ва ё ҳиммати моро паст занад. Мо ваъда дорем: "...аҳкомҳои Вай бори гарон нест" (1 Юҳанно 5:3). Ин маънои онро дорад, ки онҳо дастрас ва воқеӣ мебошанд.

Петрус ин мавзӯъро идома дода, дар қисми боқимондаи номаи аввали худ ва дар номаи дуюмаш маънидод мекунад, ки ҳаёти муқаддас доштан ин чӣ аст. Вай ба мо чунин аҳкомро додааст: "Ман шумоёне, ки дар ин ҷаҳон муваққатӣ ҳамчун ғарибон ва оворагон зиндагӣ мекунед, огоҳ мекунам, аз хоҳишҳои дунёвӣ, ки дар нафси шумо ҷанг мекунанд, худро дуртар нигоҳ доред" (1 Петрус 2:11, NLT, тарҷума аз забони инглисӣ).

Майдони ҷанг ин майнаи сари мо мебошад. Ин фикрҳо, эҳсосот ва иродаи мо аст, ки мо бояд зери назорати худ нигоҳ дорем. Ҳамаи гуноҳҳо дар он ҷо ба вуҷуд меоянд. Одатан он вақте ки мо мунтазир нестем, ҷанг сар мешавад. Агар мо вақти зиёдро бо беимонон ва дар имон устуворнагаштагон гузаронем, мо бисёр дар майдони ҷанг меафтем. Петрус хатарро возеҳ нишон додааст: "Эҳтиёт шавед, ва дар байни ҳамсоягони беимони худ муқаддасона зиндагӣ кунед" (1 Петрус 2:12, NLT, тарҷума аз забони инглисӣ).

Вакил, рафтори муқаддасонаи имондорон нисбат ба ҳокимият, кор, оила ва дигар муносибатҳо чӣ гуна бояд бошад, қайд карда гузашт. Вай дар бораи ҳамаи ин муносибатҳо гуфта мегузарад, лекин қайд мекунад, ки имконияти бузурги шаҳодат доданро мо дар

байни ҳамсоягон, кормандон, ҳамкурсони худ, пайдо хоҳем кард, махсусан дар байни онҳое ки то ба назди Масеҳ омаданамон ошно будем. Вай мегӯяд:

> "Албатта, рафиқони пештараи шумо намефаҳманд, ки чаро шумо дигар дар гуноҳҳои онҳо шарик намешавед. Лекин ба шумо зарур нест, ки назди онҳо ҳисобот диҳед. Ин онҳоро назди Худо барои доварӣ хоҳанд гузошт" (1 Петрус 4:4,5, тарҷума аз забони инглисӣ).

Дар аввали номаи дуюм Петрус моро таълим медиҳад: "Аз ин рӯ, эй бародарон, беш аз пеш саъю кӯшиш намоед, ки даъват ва интихоби худро устувор гардонед ва агар ҳамин тавр рафтор кунед, ҳаргиз пешпо нахоҳед хӯрд" (2 Петрус 1:10). Дар байни чизҳое, ки шумо онҳоро бояд машқ кунед, то ки мавқеи шумо устувор гардад: бартарии ахлоқӣ, худназораткунӣ, тоқат, устуворӣ, адолат, некӣ ва муҳаббат мебошанд. Ин самараҳои файз мебошад, ки мо онро аз рӯи имони худ рушд медиҳем. Агар мо ҳамаи инро иҷро кунем, онгоҳ "Малакути абадии Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ барои шумо бемалол кушода хоҳад шуд" (ояти 11).

Дар идома Петрус огоҳ мекунад, ки муаллимони риёкор хоҳанд омад, ки "...таълимоти дурӯғи худро ҷорӣ хоҳанд кард, ки одамонро ба ҳалокат дучор мекунад" (2 Петрус 2:1, тарҷумаи нав). Онҳо шунавандагони бисёрро ҷамъ хоҳанд кард: "Ва бисёр касон фисқу фуҷури онҳоро пайравӣ хоҳанд кард" (ояти 2). Дар тарҷумаи The Message дар бораи муаллимони дурӯғгӯй гуфта шудааст: "Онҳо худро ба роҳи хатарноки марговар гузоштаанд, лекин то фурӯ рафтанд, онҳо бисёр касони фиребхӯрдаро аз қафои худ мебаранд, онҳоеро, ки некиро аз бадӣ фарқ карда наметавонанд. Онҳо аблаҳона ин роҳҳоро роҳи ростӣ мехонанд" (ояти 1,2, тарҷума аз забони инглисӣ).

Ин муаллимон дар байни мо пайдо мешаванд, дар конфронсҳои мо, дар калисо ва ҷамъомадҳои хонагии мо меоянд. Ба мо огоҳӣ дода шудааст: "Чунин касон бо мо якҷоя сари як дастархон нишаста, дар бораи муҳаббати Худованд ёд мекунанд" (Яҳудо 12 ва инчунин 2 Петрус 2:13).

Дар таълимоти худ онҳо ҳақиқати зиёдеро ҷой мекунанд, барои ҳамин мо шоҳиди ду натиҷа мешавем.

Дар аввал, одамон дигар хубро аз бад фарқ карда наметавонистагӣ мешаванд. Рафторҳое, ки моро аз қалби Худо дур мекунанд, оддӣ мешаванд, ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо хуб ҳисоб мешаванд. Дақиқ эътироф ва эълон кардани Каломи Худо ҳамчун китобдонӣ дониста мешавад.

Дар қатори несту нобуд кардани арзишҳо ва тарзи дурусти ҳаёти "масеҳӣ", таълимоти бардурӯғ қобилияти фарқ карданро пахш мекунад. Хизматгузорон ва муаллимоне, ки одамонро гумроҳ мекунанд, нотиқони болаёқат мебошанд, онҳо ба бисёриҳо таъсир расонида ва бисёриҳоро асир мекунанд. Азбаски *ҳамаи* таълимотҳои Каломи Худо ҳамчун стандарти олӣ қабул карда намешавад, бисёр имондорон аз қафои таълимотҳои бардурӯғ мераванд ва ба беитоатӣ меафтанд.

Натиҷаи дуюм чунин мешавад, ки обрӯи Инҷил мерезад. Ин фақат дар он ҳолат мешавад, ки агар ин муаллимон каломеро, ки бо ҳақиқат мувофиқ аст, истифода баранд:

> "Онҳо роҳи ростро тарк карда, гумроҳ шудаанд ва аз паи Билъом ибни Баӯр рафтаанд..." (2 Петрус 2:15).

Ин роҳбарон роҳи худро ҳамчун пайравони росткори Масеҳ сар карданд, лекин дар он роҳ наистоданд, ана барои ҳамин онҳо забони масеҳиро медонанд, лекин аз виҷдони худ гузашт мекунанд.

Петрус онро қайд мекунад, ки агар мо ҳаёти муқаддас дошта бошем, он гоҳ мо ҳеҷ гоҳ пешпо намехӯрем ва ҳеҷ вақт зери таъсири ин муаллимони козиб намемонем. Амният ва бехатарии мо дар ҳаёти муқаддас мебошад. Ва баъд вай рӯйрост дар бораи он шахсоне, ки ба ин доми таълимоти бардурӯғ ва устодони айёр афтодаанд, менависад:

> "Агар ба воситаи шинохтани Исои Масеҳи Худованд ва Наҷотбахш онҳо аз ифлосии ин ҷаҳон пок шуданд, ва баъд ба ин дом афтода, боз ба бадӣ печиданд, онгоҳ ҳолати ҳозираи онҳо аз

> ҳолати пештараашон бадтар мебошад. Барои онҳо беҳтар мешуд, ки умуман дар бораи роҳи адолат хабар надошта бошанд, нисбати он *ки роҳи муқаддасӣ ва адолатро* донista, рӯй гардонанд" (2 Петрус 2:20,21, тарҷумаи нав).

Ин хабари ҳайратовар ба ақл ҷой намешавад, ва албатта, мо бояд ки онро боз ва боз такрор кунем. Вакили бузург дар бораи он шахсон мегӯяд, ки Исои Масеҳро ба ҳаёти худ қабул карда, аз чанголи гуноҳ озод шудаанд. Лекин аз сабаби он ки онҳо таълимоти солимро гӯш намекунанд, имони дуруст надошта, қобилияти фарқ кардани неку бадро аз даст дода, пас ба бероҳа бармегарданд. Вай дар бораи он мегӯяд, ки ҳолати онҳо ҳоло бадтар аз пештарааш мебошад ва барои онҳо беҳтар мешуд, ки ҳеҷ вақт роҳи ҳақиқатро намешинохтанд. Ин чӣ қадар ғамгинона аст!

Мо боз аҳкомро дар бораи ҳаёти муқаддас мебинем ва ин бисёр аҳкоми муҳим мебошад!

## Ду қуввати мағлубнашаванда

Аҳкомҳои Худованд вазнин намебошанд, барои он ки табиати нави мо бо қуввати файз ба мо қобилияти иҷро кардани онҳоро медиҳад. Лекин биёед, ба воқеият назар мекунем. Мо ин қобилиятро дошта метавонем, лекин ҳангоми муҳориба моро чӣ рӯҳбаланд мекунад, ки ин аҳкомҳои муқаддасиро риоя кунем? Ҷавоб: ду қуввати мағлубнашаванда.

Ба ман иҷозат диҳед, ки дар як мисол дар бораи қуввати аввал гӯям. Соли 1980 вақте ки ман усқуфи ҷавонон будам, ман барои маъвиза кардан ба ҷамъомад тайёрӣ медидам ва фаҳмидам, ки Худованд бо ман гап мезанад ва фикрҳои худро ором кардам ва дар дили худ шунидам: "Юҳанно 14:15-ро хон".

Ман намедонистам, ки дар Юҳанно 14:15 чӣ навишта шудааст, барои ҳамин зуд ин ҷойро кушода дидам. Ва дар он ҷо суханони Исоро хондам: "Агар Маро дӯст доред, аҳкоми Маро риоя хоҳед кард..."

Ва баъд ман аз ояти понздаҳум то бисту чорум хондам. Ҳамаи ин даҳ оят ба ояти поздаҳум, ба суханони Исо, вобаста буд. Мавзӯи

ин порча риоя кардани суханони Исо мебошад. Аз ин оятҳо ман як чизро фаҳмидам: “Аҳкоми Маро риоя карда, шумо муҳаббати худро ба Ман исбот мекунед”. Вақте ки ман ояти охиринро хондам, Худованд ба ман гуфт: “Ту нафаҳмидӣ. Як бори дигар хон”.

Ва ман бори дигар ин даҳ оятро хондам. Боз ҳамон маънoро фаҳмидам: “Аҳкоми Маро риоя карда, шумо муҳаббати худро ба ман исбот мекунед”. Ва боз овози Худовандро шунидам, ки ба ман гуфт: “Ту нафаҳмидӣ. Як бори дигар хон”. Ва ин ҷойро ҳафт ё ҳашт маротибаи дигар хонда, дар охир афсурда шудам.

Ман қарор кардам, ки оҳиста мехонам ва боз ин даҳ оятро бо суръати сангпушт хондам. Ман калимаи “агар”-ро хонда, боз истодам ва онро бо овози баланд такрор кардам. Ва ба калимаи дигар гузаштам “шумо” ва айни ҳамон корро кардам. Ва ин порчаро бисёр оҳиста хонда, вақти зиёдро сарф кардам. Ва дар охир тақрибан баъд аз понздаҳ дақиқаи ба охир расонидам ва ҳамон лаҳза овози Рӯҳи Муқаддасро шунидам, ки мегуфт: “Ту нафаҳмидӣ. Боз якбори дигар хон”.

Аз бероҳагӣ ман дод задам: “Худованд, маро бубахш, ки ин қадар кундфаҳм ҳастам! Чашмони маро воз кун, то ки он чизе, ки Ту мегӯӣ, дида тавонам!”

Ва ман боз ояти 15-умро хондам: “Агар Маро дӯст доред, аҳкоми Маро риоя хоҳед кард”. Калимаи “риоя хоҳед кард” дар тарҷумаи инглисӣ “риоя мекунед” омадааст. Дар дигар тарҷумаҳо ман дидам, ки ба ҷои калимаи “риоя мекунед”, “риоя хоҳед кард” омадааст. Ва ба ин ҷумла шакли тозаро бахшида, ман боз хондам: “Агар шумо Маро дӯст доред, аҳкоми Маро риоя хоҳед кард”. Вақте ки ман ин суханонро хондам, дар дохили ман чизе ба таркиш омад. Ва ана акнун ман дарк кардам.

Он гоҳ Худо ба ман гуфт: “Ҷон, Ман нагуфтам, ки агар ту аҳкоми Маро риоя кунӣ, онгоҳ муҳаббати худро ба Ман исбот хоҳӣ кард! Ман дар бораи он мегӯям, ки агар ту ошиқи сахти Ман бошӣ, ту бо хости худ аҳкоми Маро риоя хоҳӣ кард!” Дар аввал ман ба ин аз нуқтаи назари қонун (шариат) нигоҳ мекардам. Назари нав ба ман нишон дод, ки аз ҳама муҳимаш ин муносибатҳои муҳаббат мебошанд, ки он калиди рӯҳбаландкунанда аст.

## Ошиқии сахт

Иҷозат диҳед, ба шумо як мисолро оварам. Оё шумо ягон бор ошиқ шуда будед? Вақте ки ман бо Лиза бафотеҳа шуда будам, ман пурра ошиқи “девона”-и ӯ будам. Ман фақат дар бораи вай фикр мекардам. Ман ҳама кори аз дастам меомадаро мекардам, фақат ин ки бо вай бошам. Дар хотир дорам, боре ман бо вай якчанд соатро якҷоя гузарондем. Ва дар охир, мо хайрухуш кардем ва вақти зиёде нагузашта, Лиза ба ман занг зада, гуфт: “Ҷон, ту либоси худро (куртка) дар инҷо монда рафтӣ”. Ман хеле хурсанд шудам, ки либоси худро дар он ҷо аз ёдам баромада, монда рафтам, чунки ин боз имконияти вайро дидан буд.

Дар ҷавоб ман гуфтам: “Ман фикр мекунам, ки бояд ҳозир пас омада, инро бигирам! Ҳардуямон якҷоя ханда кардем. Ин баҳона шуд, ки боз якчанд соати дигар якҷоя вақт гузаронем”.

Агар барои Лиза ягон чиз даркор мешуд, ман аз зери замин бошад ҳам, ин чизро ёфта, ба ӯ меовардам. Агар вай нисфи шаб ба ман занг зада, мегуфт: “Азизам, ман яхмос мехоҳам”. Ман дар ҷавоб мегуфтам: “Чи хелашро мехоҳӣ? Ман баъд аз панҷ дақиқа мебиёрам!”. Ман ба ҳама чиз тайёр будам, фақат ки хоҳиш ва хости вайро иҷро кунам. Гап дар сари он аст ки *хоҳишҳои вай барои ман аҳкоми ширинтарине буд.*

Ба хотири муҳаббати бепоёни ман ба Лиза, ман аз иҷро кардани хоҳишҳои вай хурсанд мешудам. Ҳар чизе ки вай нахоҳад, ин барои ман бор набуд. Ман ба хоҳиши вай на барои исбот кардани муҳаббати худ ҷавоб медодам, лекин барои он ки ошиқи ӯ будам!

Ин мисоли хубе, ки суханони Исоро ба мо мефаҳмонад. Аз барои муҳаббати сахти мо ба Ӯ, мо аз иҷро кардани хоҳишҳои Ӯ хушнуд ҳастем. Каломи Вай ба дӯши мо ҳамчун бори гарон намеафтад, балки он хоҳиши аввалин мегардад!

Биёед мебинем, ки баъд аз якчанд сол бо оилаи ман чӣ рӯй дод. Ман бисёр ба калисо хизмат мекардам, ва пай намебурдам, ки муҳаббати ман ба Лиза кам мешавад. Хоҳишҳои вай барои ман

мисли қонун шуда буд ва одатан ин мисли бори вазнин ва ноқулай вонамуд мегашт. Ман умуман бо дигар муносибат ба ӯ хизмат карданро сар кардам. Ман дигар хоҳишҳои вайро бо хурсандӣ мисли пештара ба ҷо намеовардам. Ман дигар намепурсидам: "Кадом яхмосро ту мехоҳӣ? Ман пеши ту парвоз карда меоям". Акнун ман мегуфтам: "Ту дар асл мехоҳӣ? Азизам, ҳоло ман бо дигар корҳо банд ҳастам!" Ман имконияти бо вай вақт гузаронданро намекофтам. Ман фақат дар вақтҳои зарурӣ бо ӯ вақт мегузарондам. Ман ба кори худ ошиқ шуда будам.

> "Аъмоли туро медонам ва меҳнати туро ва сабри туро... аммо иддаое бар ту дорам, ки муҳаббати аввалини худро тарк кардаӣ. Пас ба ёд ор, ки аз куҷо афтодаӣ ва тавба кун ва аъмоли пештараро ба ҷо овар..." (Ваҳӣ 2:2,4,5).

Боз як бори дигар ба суханони Исо назар кунед: "*Аъмоли* туро медонам... ту афтодӣ, тавба кун ва *аъмоли* пештараатро ба ҷо овар". Дар ин ҷо сухан дар бораи ду намуди кор меравад. Якум намуд, корҳое, ки аз рӯи муҳаббати сахт ба калисо ва Исо анҷом дода мешаванд, ба мисли муносибати ман: "Кадом яхмосро мехоҳӣ? Ман баъд аз панҷ дақиқа мебиёрам". Ва дигар намуд, аз сабаби вазифадор будан, ба мисли: "Ту дар асл мехоҳӣ? Азизам, ман ҳоло бо дигар корҳо банд ҳастам". Нисбат ба Исо ин чунин аст: ҳангоме ки мо ошиқ мешавем, мо тайёр ҳастем, ҳама чизро барои Ӯ анҷом диҳем. Ва баъдтар муҳаббат сард мешавад ва ҳамаи ин корҳо ба ӯҳдадорӣ табдил меёбанд.

Ин камбудиро мо чӣ тавр бартараф кунем? Бо Ӯ дар дуо, парастиш ва Калом, бисёртар вақт гузаронем. Фикрҳои худро сӯи Ӯ на фақат дар дуо, хондани Калом ва ё дар калисо, балки ҳамеша дар давоми рӯз равона кунем. Мо инчунин аз Рӯҳи Муқаддас, ки Шарики мо мебошад, бояд хоҳиш кунем, ки Ӯ ҳар рӯз дилҳои моро бо муҳаббати Худо пур кунад (ниг. Румиён 5:5).

Худоро сахт дӯст дошта, ба Ӯ ошиқ нашудан ғайриимкон аст. Аз хотир набаронед: "Муҳаббат ҳеҷ вақт хотима намеёбад..." (1 Қӯринтиён 13:8).

## Тарси муқаддас

Боз як қуввати рӯҳбаландкунанда ин тарси пок мебошад. Дар бораи ин чизи нек Павлус аниқ мегӯяд, ки он қодир аст, моро дар роҳи муқаддас нигоҳ дорад:

> “...худамонро аз ҳаргуна наҷосати ҷисм ва рӯҳ тоза карда, қудсияти худро дар тарси Худо мукаммал намоем” (2 Қӯринтиён 7:1).

Муқаддасӣ дар тарси Худо рушд мекунад. Ин ягона ҳақиқатест, ки дар тамоми Аҳди Қадим мушоҳида карда мешавад.

Павлус ба дигар калисо менависад: “...бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред” (Филиппиён 2:12). Барои дар итоат иҷро кардани аҳкомҳои Худо, эҳтиром ва тарси муқаддас лозим аст. Дар бораи риояи аҳкоми муқаддас зиндагӣ кардан Петрус менависад: “...шумо ки дар ин дунё меҳмонон ҳастед, ҳаёти худро бо эҳтиром ва тарси Худованд бигзаронед” (1 Петрус 1:17, тарҷумаи нав).

Муаллифи Нома ба Ибриён моро бо чунин суханон ба муқаддасӣ даъват мекунад: “Пас мо малакутеро, ки ба ларза намеафтад, қабул намуда, файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба таври писандида бо таъзиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард” (Ибриён 12:28). Тарси Худованд ин тарзи хуби хизмат кардан ба ӯ мебошад.

Бисёриҳо аз доштани тарси Худо худро ногувор эҳсос мекунанд. Оё мо аз *тарс* озод нашудаем? Ин калима дар луғати мо кадом ҷойро ишғол мекунад?

Худо муҳаббат аст. Вай Падари мо аст. Ба ҳар ҳол, дар бораи тарс гуфтан лозим аст, чунки Аҳди Ҷадид дар бораи он мегӯяд.

Баъзе одамон мафҳуми онро кӯтоҳ карда, мегӯянд: “Ин маънои фақат ба Худо саҷда карданро дорад”. Боре дар як утоқи сабз, ки ман дар он ҷо барои маъвиза кардан, дар конфронси умумии Африқои Ҷанубӣ тайёрӣ медидам, аз як муаллими машҳури ҷаҳонӣ савол кардам, ки маънои тарси Худо чист, вай дар ҷавоб чунин гуфт: “Барои чӣ Павлус дар Аҳди Қадим чор маротиба дар бораи тарсу ларз гуфтааст, агар сухан дар бораи саҷда кардан ба Худо мерафта бошад?” Тарсу ларз аз саҷда кардан бузургтар аст.

Ба калимаи юнонии tromos (тоқат) луғати Стронг мафҳуми ягонае, ки медиҳад, ин “аз тарс ларзидан” мебошад. Инак, чунин навишта шудааст, ки мо наҷоти худро бо тарсу ларз ба амал оварем. Дар ин калимаҳо инчунин эҳтиром ва тарси солим эҳсос карда мешаванд ва ин аз тасаввуроти оддии саҷда кардан бештар аст.

Дар бораи маънои ин калима шумо гуфта метавонед: “Ин таълимоти Аҳди Қадим мебошад. Мо набояд ки аз Худо тарс дошта бошем, барои он ки Ӯ ба мо на рӯҳи тарс, балки муҳаббатро додааст”. Одамоне, ки чунин суханонро мегӯянд, рӯҳи тарсро бо тарси Худованд иваз мекунанд.

Ҳангоме ки Мӯсо халқи Исроилро ба кӯҳи Сино овард, Худо ба онҳо ҳузури Худро зоҳир кард, халқи Исроил ба қафо давида, аз Мӯсо хоҳиш кард, ки Худо бузургии Худашро ба онҳо нишон надиҳад. Бубинед, ки Мӯсо ба халқ чӣ ҷавоб медиҳад:

> “Натарсед, зеро ки Худо барои озмудани шумо омадааст, то ки тарси Ӯ пеши рӯи шумо бошад ва шумо гуноҳ накунед” (Хуруҷ 20:20).

Мисли он ки Мӯсо худаш ба суханҳои худ зид мебарояд: “Натарсед...Худо омадааст, ки шумо назди Ӯ тарс дошта бошед”. Лекин вай фарқ байни *ҳарос аз Худованд* ва *тарси Худовандро* медонист. Байни инҳо фарқи калон мебошад. Барои чӣ Худо мехоҳад, ки мо тарс дошта бошем? Аз шахси наздики худ тарс доштан ғайриимкон аст, лекин Худо мехоҳад, ки мо бо Ӯ наздик бошем.

Инсоне, ки аз Худо ҳарос дорад, чизеро аз Ӯ пинҳон мекунад, барои ҳамин аз Ӯ тарс дорад. Одам ва Ҳавво баъд аз гуноҳ содир карданашон аввалин чизе, ки карданд, аз ҳузури Худо пинҳон шуданд (ниг. Ҳастӣ 3:8). Аз дигар тараф, одаме, ки тарси Худо дорад, ба ӯ ҳеҷ чизро пинҳон кардан лозим нест, баръакс, вай аз ҷудоӣ бо Худо метарсад!

Барои ҳамин, мафҳуми аввалини худотарсӣ, тарси аз Худо ҷудо шудан мебошад. Худотарсӣ, яъне Ӯро эҳтиром кардан аст. Мо бечуну чаро Вайро аз дигарон бештар ҳурмат, эҳтиром ва қадрдонӣ мекунем.

Тарси муқаддас ба Худованд ҷоеро, ки Ӯ сазовор аст, медиҳад, мо назди Ӯ бо эҳтиром ва тарсу ларз меистем. Мо ба дили Ӯ сахт пайваст мешавем ва хоҳишҳои Вайро нисбати хоҳишҳои дигарон ва ё хоҳиши худамон авлотар медонем. Мо он чизеро, ки Вай дӯст медорад, дӯст медорем, ва нафрат мекунем аз он чизҳое, ки нафрат дорад. Чизҳои муҳим барои Ӯ чизҳои муҳими мо мегарданд. Ана барои ҳамин, навишта шудааст: "Ҳамаи тарсгорони Худованд аз бадӣ нафрат мекунанд..." (Масалҳо 8:13, тарҷумаи нав).

Дар китоби Хуруҷ (20:20) навишта шудааст, ки тарси муқаддас моро аз гуноҳ нигоҳ медорад. Ба тасдиқи ин суханон дар китоби Масалҳо (16:6) омадааст: "тарси Худованд аз бадӣ эмин нигоҳ медорад". Инчунин Павлус менависад, ки тарси Худованд, ин қуввате барои аз гуноҳ гурехтан аст (ниг. 2 Қӯринтиён 7:1).

Ҳангоме ки ман дар маҳбас як башоратдиҳандаи машҳурро ба хабаргирӣ рафтам, ин ҷойҳои Навиштаҷот дар ман тасдиқи худро ёфтанд. Ин шахс дар солҳои 1980 яке аз хизматгузорони машҳуртарине буд. Ин шахс ба ғайр аз зино, боз ҷиноятҳои зидди қонуни мамлакати мо содир карда буд.

Ин шахс дар маҳбас панҷ сол буд, дар солҳои аввали дар маҳбас буданаш бо Исо дубора вохӯрд, ки ҳаёти вайро пурра тағйир дод. Вай ба воситаи яке аз китобҳои ман таъсир расонида шуда буд ва барои ҳамин хоста буд, ки ман ӯро ташриф биоварам.

Ин вохӯриамонро дар маҳбас ҳеҷ вақт аз хотир намебарорам. Вай маро тақрибан як дақиқа дар оғӯш гирифта, гиря мекард. Ва баъд ӯ дасташро дар китфи ман гузошта, аз ман пурсид: "Оё ту худат ин китобро навиштаӣ ё ин ки ин китоб фақат дар зери номи ту баромадааст?"

Не, оғо, тамоми китобро то калимаи охиринаш ман худам навиштам".

Вай бо ҳаяҷон гуфт: "Ман бисёр гуфтанӣ дорам, лекин мо фақат навад дақиқа дорем". Вай зуд ба ҷояш нишаста, воқеаи худро нақл кард.

Дар ҳодисаи вай чунин ибора гуфта шуд: "Ҷон, ман дар маҳбас на аз хотири доварии Худо афтодам. Ман дар инҷо аз рӯи марҳама-

ти Вай ҳастам, барои он ки агар ман ҳаёти худро чунон идома медодам, ба дӯзах то абад меафтодам”. Суханони вай, тавба кардани ин шахс, маро дар ҳайрат гузошт.

Тақрибан баъд аз бист дақиқаи сӯҳбати мо, ман ба вай саволи рӯйростеро додам. Ман медонистам, ки дар оғози хизмати худ вай Исоро сахт дӯст медошт ва барои Худо оташ дошт. Ман донистан мехостам, ки ӯ чӣ тавр инро аз даст додааст.

Дар охир ман аз ӯ пурсидам: “Дар кадом вақт ту муҳаббатро ба Исо гум кардӣ?” Ман нишонаҳои хунук шудани муҳаббат ба Исоро дар вай мекофтам.

Дар ҷавоб ин шахс гуфт: “Ман муҳаббатро ба Худованд ҳеҷ вақт гум накарда будам”.

Аз ҷавоби вай ман дар ҳайрат мондам. Чӣ тавр вай ин суханонро гуфт?

Дар ҷавоб ман ба ӯ гуфтам: “Ту чиро дар назар дорӣ? Ту зино ва қаллобӣ кардӣ ва барои ин корҳо дар маҳбас нишастаӣ. Пас, ту чӣ тавр гуфта метавонӣ, ки муҳаббат ба Исоро аз даст надода будӣ?”

Боз ба чашмони ман нигоҳ карда, вай бе ягон шубҳа гуфт: “Ҷон, ман ҳама вақт Исоро дӯст медоштам”.

Ман хомӯш мондам. Ва ман боварӣ доштам, ки рӯям ҳайратро нишон медод. Пас вай гуфт: “Ҷон, ман Исоро дӯст медоштам, лекин аз Ӯ тарсе надоштам”.

Дар якчанд лаҳза хомӯшӣ фаро гирифт. Вай мунтазир буд, то ки суханонаш ба гӯши ман омада расанд. Маро эҳсосот пур кард. Ва баъд вай хомӯширо вайрон карда, бо садои ғамигинона илова кард: “Ҷон, миллионҳо амрикоиҳо чунин мисли ман зиндагӣ мекунанд. Онҳо Исоро дӯст медоранд, лекин аз Худо тарсе надоранд”.

## Исои хаёлӣ

Ин вохӯрӣ барои ман тақдирсоз гашт, ва ман барои саволҳои худ бо кӯшиши зиёд ҷавоб пайдо кардан мехостам. Чӣ тавр одаме, ки ба Худо муҳаббат дорад, ба ин гуноҳи доимӣ ва ҳатто ҳалоккунанда ғарқ мешавад? Чӣ тавр миллионҳо нафаре, ки Худоро

дӯст медоранд, дар гуноҳ зиндагӣ мекунанд? Онҳо Худоро ҷалол медиҳанд ва фаъолона дар ҳаёти калисо иштирок мекунанд, лекин айни замон ҳаёти бетартиб доранд, порнография тамошо мекунанд, доимо дурӯғ мегӯянд, бадмастӣ мекунанд, бе сабаб аз ҳамсарони худ ҷудо мешаванд ва ин ҳам рӯйхати пурраи корҳои онҳо намебошад. Онҳо мисли он хизматгузор Исоро дӯст медоранд, барои чӣ онҳо суханони Ӯро иҷро намекунанд? Исо гуфтааст, ки агар мо Ӯро дӯст дорем, қуввати ба суханони Ӯ итоат карданро меёбем. Дар ин ҷо чӣ камбудие аст?

Оё имкон дорад, ки ин одамон ба он шахсе ба муҳаббат иқрор мешаванд, ки худашон ӯро намешиносанд? Оё имкон дорад, ки ин башоратдиҳанда ва он гурӯҳи калони одамоне, ки вайро гӯш мекарданд, шакли Исои худро хаёл карда бароварда буданд, ки дар ҳақиқат он Исои ҳақиқӣ намебошад? Оё имкон дорад, ки ин Исои хаёлӣ барои табиати гуноҳкоронаи онҳо чизҳои заруриро, ки ин шахсон мунтазираш мебошанд, медиҳад?

Ба худ тасаввур кунед: дар мамлакати мо бисёр одамоне ҳастанд, ки ба ҳаёти варзишгарон ва ситораҳои Голливуд бодиққат мушоҳида мекунанд. Номҳои ин шахсон дар забони ҳама мебошанд, воситаҳои ахбори умум дар мусоҳибаҳо ва хабарҳои худ аз ҳар тараф ба ҳаёти онҳо равшанӣ меандозад. Ман шунидаам, ки ин мухлисон дар бораи ситораҳои худ, ҳамчун дар бораи дӯстони наздикашон гап мезананд. Ман шоҳиди он будам, ки ин мухлисон мушкилиҳои оилавии ситораҳоро, ҳамчун мушкилии худ ба дил мегиранд ва ҳатто ба фоҷиаҳои онҳо гиря мекунанд, мисли он ки фоҷиаи худашон бошад.

Лекин ба ҳар ҳол, агар ин мухлисон дар кӯча дӯсти "ситорагин"- и худро вомехӯрданд, онгоҳ ин шахси машҳур ба онҳо ҳатто салом намедод. Агар онҳо ҷуръат пайдо карда, ин шахсро боздоранд, онгоҳ онҳо медиданд, ки ин шахс чӣ қадар аз тасаввуроти онҳо фарқ мекунад. Хулоса: Ин муносибатҳои хаёлӣ мебошанд.

Исроил баъд аз баромадани худ аз Миср чунин рафтор кард. Ҳангоме ки Мӯсо ба танҳоӣ ба болои кӯҳ баромада, чил шабонарӯз

дар он ҷо монд, Худо на барои Мӯсо, балки барои халқ хомӯш монд. Дар ин вақти хомӯшӣ, Ҳорун ва дигар роҳбароне, ки аз ҳузури Худо дур буданд, барои худ "худоён"- ро бино карданд, ки мувофиқи таъби дили онҳо буд.

Дар тӯли ин солҳо дар ин ҳодиса ман ягон чизи муҳимро мушоҳида накарда будам, барои он ки ба забони яҳудӣ хонда наметавонам. Ҳорун ин гӯсоларо, ки аз тилло сохта буд, Йхвх, яъне бо номи Худои Исроил гузошт. (ниг. Хуруҷ 32:5). Дар дигар ҷои Китоби Муқаддас ин ном барои худоёни бардурӯғ гузошта намешавад. Ин ном он қадар муқаддас аст, ки муаллифони яҳудӣ онро фақат бо ҳарфҳои садонок менависанд.

Ва на танҳо Ҳорун, балки халқ низ ин гӯсоларо эътироф карда, эълон карданд: "Ана Худое (Илоҳим), ки туро аз Миср берун баровард!" (ниг. Хуруҷ 32:4,8). Ин калимаи ибронӣ дар боби аввали Ҳастӣ сӣ маротиба истифода карда мешавад. Дар ояти аввали Китоби Муқаддас гуфта шудааст: "Дар ибтидо *Илоҳим* осмон ва заминро офарид".

Нисбат ба Яҳве, тақрибан дар 90 фоизи мавридҳо ба ҷои Худои Тавоно ҳамин калима истифода мешавад. Дар 10 фоизи боқимонда барои худоёни бардурӯғ истифода мешавад. Аз сабаби он ки Ҳорун гӯсоларо Яхве ном гузошт, мо далерона фикр карда метавонем, ки мардум ин ду ҳодисаро аз якдигар ҷудо накарда мегуфтанд.

Ҳамаи гап дар ҳамин аст: халқ ба он ақидае буд, ки Яхве онҳоро аз ғуломӣ наҷот додааст ва таъмин кардааст. Аммо онҳо Яхвеи хаёлиро сохтанд, ки аз аслиаш, ки бо Мӯсо гап мезад, бисёр фарқ мекард.

Навишта шудааст: "Худотарсӣ оғози ҳикмат (дониш) аст" (Масалҳо 1:7, тарҷумаи нав). Саволе ба миён меояд: кадом дониш? На дониши Каломи Худо, чунки фарисиён ва китобдонон Навиштаҷотро бисёр хуб медонистанд, лекин онҳо аз ҳузури Худо дур буданд, онҳо ба Худо писанд намеомаданд. Кадом дониш ба мо лозим аст? Ҷавобро дар китоби Масалҳо (2:5) меёбем: "... худотарсиро хоҳӣ фаҳмид ва *дониши Худоро* хоҳӣ ёфт".

Иҷозат диҳед, ба шумо чизеро бигӯям: ба воситаи тарси дуруст шумо Худоро аз наздик хоҳед шинохт. Шумо Худои ҳақиқӣ, Исои ҳақиқиро, на ин ки хаёлиро хоҳед шинохт. Павлус Қуринтиёнро сарзаниш карда, мегӯяд: "Шумо ҳар як шахсеро, ки наздатон меояд, агар ҳатто он шахс Исои *дигарро* ба шумо маъвиза кунад ҳам, қабул мекунед" (2 Қӯритиён 11:4, тарҷума аз забони инглисӣ).

Башоратдиҳандаи машҳури телевизионӣ, ки дар борааш ман гуфтам, ва бисёр дигар шахсон низ айнан ҳамон Исоро, ки дар ямини Падар нишастааст, дӯст намедоранд. Онҳо Исо хаёлии худро, ки ҳатто ба корҳои нодурусти онҳо тарафдор мебошад, дӯст медоранд. Онҳо ё ин ки ҳеҷ вақт Ӯро нашинохта буданд ё ин ки аз муносибатҳо бо Ӯ рӯй гардондаанд. Дар ҳолати дуюм, ин мисли он ду дӯсте, ки ҳар яке роҳи худро дар зиндагӣ интихоб карда, бо гузашти айём пай бурданд, ки онҳо умуман дигар хел шуда буданд, на ин ки мисли пештара буданд. Муҳаббат ба Исои хаёлӣ ба мо қуввати иҷро кардани Каломе, ки Исои ҳақиқӣ гуфтааст, намедиҳад. Дар асл, он касеро, ки намешиносӣ, дӯст доштан мушкил аст.

Бидуни худотарсии муқаддас мо Худои ҳақиқиро шинохта наметавонем. Мӯсо Худоро аз наздик мешинохт. Вай овози Худоро аниқ мешунавид ва роҳҳои Ӯро медонист. Исроил Худоро фақат аз рӯи корҳояш, аз ҷавобҳои Ӯ ба дуоҳояшон мешинохт. Барои Исроил овози Худованд ҳамчун садои раъду барқ буд. Ба Мӯсо иҷозат дода шуда буд, ки дар ҳузури Вай наздик қарор гирад. Ба Исроил гуфта шуда буд, ки пас ба хаймаҳои худ баргарданд ва ба калисо бозӣ кунанд (ниг. Такрори Шариат 5:29,30).

## Чӣ тавр бо тарси муқаддас пур шавем?

Аз ҳама саволи муҳим ба миён меояд: чӣ тавр мо бо тарси муқаддаси Худо пур шавем? Фақат аз Ӯ хостан ва инро аз таҳти дил кардан лозим аст.

Исо мегӯяд: "Пас, агар шумо шарир ҳастед, ба фарзандони худ додани инъомҳои некро медониста бошед, пас Падари шумо, ки дар осмон аст, чанд маротиба зиёдтар ба онҳое, ки аз ӯ металабанд,

Рӯҳулқудсро хоҳад дод” (Луқо 11:13). Шумо хоҳед гуфт: “Оё Исо дар ин ҷо на дар бораи Рӯҳи Муқаддас, балки дар бораи тарс мегӯяд?” Гӯш кунед, ки Ишаъё дар бораи Рӯҳи Муқаддас ва Исо гуфтааст:

> “Ва навдае аз танаи Йисой берун хоҳад омад ва ниҳоле аз решаҳояш сабзида, бор хоҳад овард. Ва бар Ӯ Рӯҳи Худованд, рӯҳи ҳикмат ва хирад, рӯҳи машварат ва қудрат, *рӯҳи шинохтани Худованд ва тарси Ӯ* қарор хоҳад гирифт. Ва рӯҳи худотарсӣ Ӯро пур хоҳад кард...” (Ишаъё 11:1,3).

Охирон хислати Рӯҳи Худо дар инҷо “рӯҳи худотарсӣ” мебошад. Шахсан ман фикр мекунам, ки ин аз ҳама чизи муҳим, ки мо бояд онро талаб кунем. Ман ба ин бо ду сабаб боварӣ дорам. Дар аввал, ба мо гуфта шудааст, ки тарси Худованд ин оғози ҳикмат ва дониш, қувват ва машварат аст (ниг. Забур 110:10, Масалҳо 1:7, Масалҳо бобҳои 8 ва 9). Дуюмин ва аз ҳама муҳимаш, тарси Худованд хурсандиовар аст. Он чизе, ки барои Ӯ хурсандиовар аст, оё барои мо низ хурсандиовар нест? Дар асл, навишта шудааст, ки Исо аз сабаби худотарсиаш шунида шуда буд (ниг. Ибриён 5:7). Як гап *дуо гуфтан* ва дигар гап *шуднида* шудан аст.

Лекин тарси Худованд ва муҳаббати Худо ин маҳсулот ва натиҷаи бо Рӯҳи Ӯ пур шудан мебошад, барои ҳамин Павлус менависад: “...ва умед шарманда намекунад, чунки муҳаббати Худо дар дилҳои мо ба воситаи Рӯҳулқудс, ки ба мо ато шуд, ҷорӣ шудааст” (Румиён 5:5). Шуморо даъват мекунам, ки бо рӯҳ ва тарси Худо ва оташи муҳаббати Ӯ пур шавед.

## Зарфҳои ифлос

Акнун мо ба мушкилии бисёр паҳнгашта расидем. Дар калисои асри бисту якум камбудии ҷиддие мавҷуд мебошад. Дар он зарфҳо намерасад ва на фақат зарф, балки зарфҳои *тозае,* ки ба он ҷо Худо аз Рӯҳи Муқаддаси Худ бирезад. Биёед, ба суханони охирини Павлус назар мекунем. Вай далерона мегӯяд:

> “Валекин таҳкурсие, ки аз ҷониби Худо гузошта шудааст, устувор мебошад. Дар он мӯҳр ва навишта ҳаст: “Худованд шахсони Ху-

> дро мешиносад" ва: "Ҳар касе, ки номи Худовандро мехонад, бояд ки аз бадӣ нафрат дошта бошад" (2 Тимотиюс 2:19, тарҷумаи нав).

Павлус мегӯяд, ки моро ҳамчун калисо ва шахсони алоҳида чӣ устувор мекунад. Вай ду чизеро, ки барои таҳкурсии мо аст, қайд мекунад. Дар тарҷумаи инглисии KJM дар инҷо калимаи "мӯҳр" ва дар тарҷумаи The Message калимаи "нишон" истифода бурда шудааст.

Дар аввал, Худованд шахсоне, ки ба Ӯ тааллуқ доранд, мешиносад. Ин моро тасаллӣ медиҳад. Ҳангоме ки мо худро пурра ба Ӯ мебахшем, Вай моро аз хотир намебарорад. Мо гавҳараки чашми Вай мешавем.

Дуюмин чизе, ки дар таҳкурсии мо гузошта шудааст: "Ҳар касе, ки номи Худовандро мехонад, бояд ки аз бадӣ нафрат дошта бошад". Мо дар инҷо калимаи "бояд"-ро, на ин ки калимаи "метавонад"- ро мебинем. Ин бисёр калимаи хуб барои он ки ба мо аҳамияти аз бадӣ рӯй гардонданро нишон медиҳад. Барои чӣ? Ҷавобро мо дар ду ояти навбатӣ меёбем:

> "Дар рӯзгори калон на фақат зарфҳои тиллоӣ ва нуқрагӣ, балки сафолин ва чӯбин низ мавҷуд мебошанд, ҳам зарфи гаронбаҳо ва ҳам зарфҳои содда низ ҳаст. Он касе, ки худро аз ҳама чизҳои нопок шустааст, зарф барои истеъмоли олӣ мешавад: вай пок аст ва Хӯҷаин онро истифода мекунад, он омода аст ва ҳар вақт барои кори нек истифода бурда мешавад" (2 Тимотиюс 2:20,21, тарҷумаи нав).

Калимаи юнонии "зарф" маънои косаву табақро дорад. Агар мо ҳамчун зарф пок бошем, ин маънои онро дорад, ки мо ба Хӯҷаини худ ба кор меоем. Мо омода ҳастем, ки моро бо ҳузури Худ пур кунад.

Ҳар саҳарӣ, новобаста аз он ки дар кадом гӯшаи дунё мебошам, ман як таъомро истеъмол мекунам. Аввал, ман як пиёла оби гарм бо лимӯ ва баъд як пиёла чойи сафедро бо жасмин менӯшам. Ва баъд аз понздаҳ дақиқа чизҳои дигарро истеъмол мекунам. Барои ноништа кардан ба ман зарф лозим аст: пиёла, коса, табақ. Ва ман ҳеҷ вақт пиёла, коса ва табақи ифлосро истифода намекунам. Агар зарф ифлос бошад, онгоҳ хӯроке, ки дар он гузошта мешавад, таъ-

ми хубро намедиҳад. Пас, барои чӣ Худо Рӯҳи Муқаддасро ба зарфи нопок бирезад?

Аз рӯи суханони Павлус, масъулияти пок шуданамон ба дӯши худамон гузошта шудааст. Вай нагуфтааст: "Хуни Масеҳ моро аз ҳамаи гуноҳҳоямон пок мекунад, барои ҳамин дар бораи ин гуноҳ фикр накунед, барои он ки шумо зери муҳофизат мебошед". Албатта, не! Вай гуфтааст: "Барои ҳамин ҳар касе, ки худро пок мекунад (аз чизҳои ифлос, касе, ки аз чизҳои зараровар ва бад дур меистад), он гоҳ вай (худаш) зарфи пок ва барои истеъмоли чизҳои олӣ мегардад (ниг. ояти 21, тарҷумаи васеъ).

Мо бояд худро пок кунем. Нуқта. Дар ин ҷой Павлус дар бораи вазифаи мо дар Масеҳ, ки мо ба воситаи файз ба даст овардаем, намегӯяд. Вай дар бораи рафтори мо мегӯяд. Ин суханонро бори дигар хонед: "Он шахсе, ки худро аз чизҳои бад пок кардааст, зарфе барои истеъмоли олӣ мегардад".

Мо боз мебинем, ки ҳузури Худо, Рӯҳи Вай, на ба зарфи ифлос, балки ба зарфи пок рехта мешавад.

## Натиҷа

Ба мо гуфта шудааст, ки беқонунӣ (итоат накардан) ин сирр аст, ки дар ҷамъияти мо кор мекунад. Лекин хабари хуш дар он аст, ки мо ба ин чораашро дорем:

> "Зеро ки сирри шарорат акнун амал мекунад, вале ҳоло махфиёна аст, то даме ки он чи монеъ мешавад, аз миён бардошта шавад" (2 Таслӯникиён 2:7).

Мо бояд фаҳмем, Ӯ Кӣ аст, ки шароратро медорад? Ҷавоб яке аз инҳост: Ё Рӯҳи Муқаддас ва ё Бадани Масеҳ. Имкон дорад, ки тарҷумонҳо инро Рӯҳи Муқаддас фикр карда, бо ҳарфи калон навиштаанд. Фарз мекунем, ки онҳо ҳақ мебошанд.

Ҳоло вақте ки ман ин китобро менависам, синнам аз панҷоҳ боло аст, ва дар тамоми ҳаётам ин қадар шароратро дар мамлакатамон надида будам, ки имрӯз дорем. Ман пештар ҳеҷ вақт шоҳиди

он набудам, ки Ахбори умум, ҳукумат ва ҷамъият, рафторҳои ношоиста ва гуноҳкоронаро тарафгирӣ кунанд? Барои ин сабабе ҳаст. Қуввати нигаҳдоранда, яъне Рӯҳи Муқаддас, дар ҷамъият ҳукмрон намебошад. Дар аввали асри бисту якум ҳузури Худо дар Ғарб кам мешавад.

Сабаби ин дар чист? Агар мо Инҷили дигаргунӣ меовардаро эълон накунем, онгоҳ мо ба зарфҳои пок камбудӣ эҳсос мекунем, ки дар натиҷа ин камбудии ҳузури Худо дар рӯи замин мегардад. Дар хотир дошта бошед, вақте ки Исо дар рӯи замин ҷон дод, пардаи маъбад аз боло то поён дупора шуд. Ҳузури Худо ҳамон вақт аз зарфҳои бо дасти инсон сохташуда ба зарфҳои бо дасти Худо офаридашуда, яъне дилҳои мардон ва занон, ҷой гирифт.

Рӯҳи Худо аз маъбад на ба ғуруби офтоб, дарахт, табиати зебо, суруд, филм ва ё дигар воситаҳо, ҷой гирифт. Он ба зарфе, ки аз ҷисм ва хун иборат буд, ҷой гирифт. Агар ин зарфҳо ифлос бошанд, ҳузури Худо дар ҷамъият кам мешавад ва дар натиҷа шарорат боздошта намешавад.

Мо ин ҳолатеро, ки торафт бад мешавад, бо овоздиҳии худ дар интихоботҳо, эътирозҳо бар зидди ҳукуматдорон, аз кор пеш кардани кормандони ахбори умум, эътирозҳо дар кӯчаҳо ва ё бо дигар тарзҳо дигар карда наметавонем. Роҳи ягонаи мубориза бар зидди шарорат ба қуввати файзи Худо итоат кардан ва ҳаёти муқаддас доштан мебошад. Бо чунин рафтор мо овоз ва қуввати Рӯҳи Муқаддасро дар ҷамъият устувор мегардонем.

Камбудии маъвизаҳо дар бораи муқаддасии ҳақиқӣ шахсан барои мо ва умуман барои ҷамъият ва мамлакат ба нархи гарон афтид. Мо инро тағйир дода метавонем! Усқуфон, роҳбарон ва тамоми халқи Худо, биёед, ҳама якҷоя истода, тамоми Каломи Худоро бо пуррагиаш эътироф кунем. Биёед, ба ҳаёти одамоне, ки мо ба онҳо таъсир мекунем, асоси мустаҳкам ва сарҳадҳои возеҳро бино мекунем. Биёед, шоҳиди он мегардем, ки ба шарорат дар ҷамъияти мо ба воситаи қуввати Рӯҳи Муқаддас роҳ баста шудааст, ки ин ҳосили натиҷотро дар Подшоҳии Худо меоварад.

14

# НИШОНДОДҲОИ МО

Он шахсоне, ки чизҳои додашударо
хуб истифода бурданд, ба онҳо боз ҳам
зиёдтар дода мешавад, то ки онҳо
фаровонӣ дошта бошанд.
— Матто 25:29 (NLT, тарҷума аз забони инглисӣ).

На қобилияти ман муҳим аст, балки
ҷавоби ман ба тавоноии Худо.
— Кори Тен Бум

Биёед, ба мисоли сохтмони хона бармегардем. Дар аввал гуфтем, ки асос гузоштан, яъне худовандии Исои Масеҳро дар ҳаёти мо устувор гардондан муҳим аст. Қадами навбатӣ, ин яъне сутунҳои хонаро бино кардем, ки ин муқаддасии мо мебошад. Акнун ба қисми ниҳоии сохтмони хона мегузарем. Ин қисми сохтмон беҳамтогии кори моро нишон медиҳад. Он дар худ самаранокӣ, орзуҳо, нақшаҳо ва қарорҳои ҳаётан муҳимро дар бар мегирад.

Павлус менависад:

> “Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем” (Эфсӯсиён 2:10).

Мо дар Исои Масеҳ на танҳо барои фарзанди Худо будан офарида шудаем, лекин инчунин барои шаҳрванди самараноки Малакути Осмон шудан.

Дар ин вақти сохтмон мо дару тиреза, рангубор ва пардаю чизҳои дигари лозимаи дохили хонаро ҷой ба ҷой мекунем. Лекин натиҷаи хуб ва босифат будани ин кор аз ду марҳилаи пештара вобаста мебошад.

Дар зиндагии худ мо бисёр чизҳоеро, ки дар назари аввал хуб намоён мешаванд, интихоб мекунем, аммо дар натиҷа маълум мегардад, ки ин на аз ҳама чизи беҳтарини Худо барои мо дошта мебошад. Одатан мо фикр мекунем, ки интихобамон маҳдуд аст. Абром ва Соро қарор карданд, ки ягона роҳи фарзандоршавӣ ин аст, ки Абром бояд бо хизматгори Соро ба номи Ҳоҷар хоб карда, аз вай фарзанддор шаванд. Дар натиҷаи чунин интихоб Исмоил ба дунё омад. Ба ҳар ҳол, Каломи Худо аниқ мегӯяд, ки "...фарзанди каниз ба ҷои фарзанди ваъда меросхӯр намешавад" (Ғалотиён 4:30). Дар ин ҳолат Худо хатогии Абром ва Сороро бахшид, лекин ҳама вақт чунин намешавад. Одатан ин интихобҳои хато ва роҳҳои нодуруст моро аз мероси олиамон маҳрум месозанд.

Дар тасдиқи ин суханон дар Аҳди Кадим бисёр мисолҳо ҳастанд, ки яке аз онҳо Шоул, ки зери фишори мардум монда, қарор мекунад, ки то омадани Самуил қурбонӣ кунанд. Дар ин ҳолат хатогии вай ислоҳ нашуд. Шоул шоҳигариро аз даст дод (ниг. 1 Подшоҳон 13).

Дар мисоли амалӣ мебинем, ки чӣ тавр қарорҳои муҳим қабул карда мешаванд. Фарз мекунем, ки шумо ба саёҳат рафта, пайраҳаеро дидед, ки бисёр сайёҳон дар он роҳ мераванд ва шумо низ бисёр фикр накарда, бо он роҳ меравед. Аммо агар ҳамроҳи шумо шахси ботаҷрибае бошад, вай ҳатман дигар роҳи осонтарро низ медонад, ки шуморо хубтар ва тезтар то ҷои таъиншуда мерасонад. Ҳамсафари шумо ба интихоби дуруст ва беҳтари шумо кӯмак мекунад.

Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: "Каломи Ту чароғ аст барои поям; ва нур аст барои роҳам" (Забур 118:105). Агар шумо ба Каломи Худо устувор бошед, он роҳи шуморо равшан хоҳад кард ва ин барои қарор қабул кардан хеле муҳим мебошад.

Дар он шароит Абром ва Соро Худоро маҳдуд мекарданд, агар мо роҳи худро интихоб кунем, чунин ҳолат бисёр вақт рӯй медиҳад. Биёед, Каломи Худоро таҳқиқ мекунем, то ки ҳангоми интихоб кардан он моро раҳнамоӣ кунад.

## “Барои хонаи ту дастнорас аст”

Дар солҳои аввали хонадоршавиамон ман бо Лиза дар ду шаҳр Даллас ва Орландо зиндагӣ мекардем. Барои хонаҳои аввали худ мо ба сахтӣ пул ҷамъ кардем. То он вақт якчанд сол мо дар хонаҳои баландошёна (квартира) зиндагӣ мекардем, чунки барои хонаи шахсӣ пуламон намерасид. Мо доимо барои дидани хонаҳои ҳавлӣ мерафтем, фақат барои он ки орзу мекардем.

Ҳамон вақте ки барои харидани хона пул ёфтем, дар интихоби хуб мо дар қадами аввал ба нархи он назар мекардем. Қисми зиёди ин хонаҳо барои мо қиммат буд, чунки ҳамон вақт ман дар Даллас 18 ҳазор доллар ва дар Орландо 27 ҳазор доллар маош дар як сол доштам. Дар хонаҳои хурд (квартира) мо дигар зиндагӣ карда наметавонистем, чунки дар ҳамон вақт мо соҳиби ду фарзанд будем ва мехостем, ки ҳавлии худро дошта бошем ва бачаҳо дар он ҷо бозӣ кунанд. Дар ин ду шаҳр дар давоми якчанд ҳафта мо хонаҳои фурӯширо медидем, ки ба мо мувофиқ бошад, ки он минтақа ҳам ба ҷои кор ва ҳам ба калисо дур набошад. Дар ҳардуи ин шаҳрҳо мо хонаҳои арзон ва оддиеро ёфтем. Ва дар ҳардуи ҳолатҳо вақте ки сохтмончиён ба мо масолеҳи сохтмониро пешниҳод мекарданд, мо ҳамеша арзонашро интихоб мекардем.

Ва вақте рӯзи интихоби масолеҳи дохилии хона расид, мо хурсанд будем. Сардори сохтмончиён моро ба ҷое овард, ки намунаҳои бисёр зебои тайёр дар он ҷо буданд. Дар он ҷо ҳаргуна намуди зебои фаршҳо, болорҳо (потолки), кафелҳои зебо, ҷевонҳо, гилемҳо ва бисёр чизҳои дигар низ буданд. Менеҷери мо шӯъбаеро нишон дод, ки мо масолеҳи худро дар он интихоб карда метавонистем. Дар он ҷое, ки пули мо мерасид, ҳеҷ чизи босифат ва зебо

набуд. Ягона чизҳое, ки ба интихоби мо пешкаш шуда буд, чизҳои бесифат, арзон ва безеб.

Мо аз вай хоҳиш кардем, ки масолеҳи беҳтареро нишон диҳад, ва боз ва боз дар ҷавоб мешунидем, “он чизҳо барои хонаи шумо намешаванд” ё ин ки “барои сифати боло нархи зиёд супоридан лозим аст”. Вақте ки мо нархро пурсидем, вай, албатта, нархи баландро гуфт, ки мо онро надоштем. Ман ва Лиза гарчанде ки якдигарро дастгирӣ мекардем, ба ҳар ҳол, аз онҷо камтар хафа ва рӯҳафтода шуда баромадем.

## Аз дастамон меояд

Мо дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунем, ки мисли ин намоишгоҳи масолеҳи сохтмонӣ мебошад. Ба одамон одатан мегӯянд: “Ту наметавонӣ”, “Сахт умедвор нашав”, “Бисёр чизҳоро мехоҳӣ”, “Мисли дигарон бош, зиёд фарқ накун” ё ин ки “Кӯрпатба нигоҳ карда, пой дароз кун”. Ингуна суханонро мо ҳар рӯз шунида метавонем. Одатан мантиқ дуруст ва маслиҳат фоиданок менамояд, лекин ҳақиқат чист?

> “Ӯро, ки бо қуввате дар мо амал мекунад, қодир аст, аз ҳар он чи мо мехоҳем ё фикр мекунем, беандоза зиёдтар бикунад” (Эфсӯсиён 3:20).

Ин оят умуман дигар номаро ба мо медиҳад, нисбат ба он ки мо дар толори намоиши маҳсулоти сохтмонӣ эҳсос карда будем. Худо нишондодҳои маҳдудро намедиҳад. Сарҳадҳои Ӯ нисбат ба он чизе ки мо мебинем, орзу мекунем, тасаввур мекунем, умед мебандем ва мехоҳем, бисёр дур ҳастанд.

Калимаи асосӣ дар ин ҷо *қодир аст* мебошад. Як мисолро меоварам.

Як шахси бисёр сарватманд назди худ се тоҷирони ҷавонро хоста, ба онҳо як пешниҳоде мекунад: “Ман тиҷорате, ки шумо дар бораи он орзу мекунед, сармоягузорӣ кардан мехоҳам. Ин сармояро барои ман баргардонидан лозим нест, ягона хости ман ин аст ки

шумо дар зиндагӣ комёб бошед. Ман ба шумо ҳар чи қадаре ки пул хоҳед, дода метавонам".

Аввалин шахсе, ки сармояро мегирад, ин як зане буд, сехи қаннодӣ кушодан мехост. Барои вай ҷои фурӯши маҳсулот, якчандто тафдон (печка) барои пухтупаз, зарфҳо, мошини ҳисобкунӣ (кассовқӣ аппарат), маҳсулот барои пухтупаз ва якчанд чизҳои дигар низ лозим буданд. Вай нақшаи худро назди ин шахси сарватманд оварда, аз ӯ 100 ҳазор доллар талаб мекунад. Ин шахс беягон фикр ин пулро ба суратҳисоби вай мегузаронад.

Навбати як шахси ҷавон мерасад. Вай қарор кард, ки якчанд-то хона бино кунад. Вай бояд ки якчандто замини зери ҳавлигӣ бихарад, маҳсулотҳои сохтмонӣ, мошини боркашон ва як ҷои хурдро барои идора ба иҷора гирад. Вай бо нақшаи тиҷоратии худ омада, ва 250 ҳазор доллар талаб мекунад. Ва боз ин шахси миллиардер ин пулҳоро ба суратҳисобаш мегузаронад.

Сеюм тоҷир ин як зани ҷавоне буд, ки маркази тиҷоратӣ бо маркази истироҳатӣ дар он бино кардан мехост. Вай як заминро, ки 400 гектарро ташкил мекунад ва берун аз шаҳр ҷойгир шудааст ва ба фурӯш монда шудааст, меёбад. Ин замини беҳтарин аст ва бисёр шахсон шавқманд шуда буданд, лекин кам нафаре пайдо мешавад, ки ин қадар маблағро пардохт кунад. Вай ба ин замин харидор шуда ва розигиро мегирад.

Вай барои проекти орзуи худро ба амал овардан, гурӯҳи архитекторонро даъват мекунад. Вай мегӯяд, ки ин ду бинои зебои идораҳои бо ҳам пайвастшуда чӣ гуна шакле бояд дошта бошанд. Дар дигар қисми ин замин вай сохтмони маркази савдоро бо мағозаҳои ҳозиразамон ва тарабхона дар дохилаш ба нақша гирифт. Дар болои мағозаҳо хонаҳои зебо барои зиндагии аҳолӣ сохта мешуд. Дар маркази ин замин вай меҳмонхонаи зебои панҷситора сохтанӣ буд. Дар қисми боқимондаи ин замин ин зан боғи истироҳатӣ сохтанӣ буд. Дар назди роҳ вай дарахтҳои зебо шинониданист ва пайраҳаи зебо барои пиёдагардон бо гулҳои зебо дар назди маркази савдо ба нақша гирифта буд.

Вай умедвор аст, ки истиқоматкунандагони ин баландошёнаҳо ва меҳмонони ба маркази савдо меомада дар ин боғ сайругашт хоҳанд кард. Вай барои онҳо мағозаҳои беҳтарин бо молҳои олӣ, тарабхона ва боғи истироҳатиро пешкаш карданӣ аст. Дар меҳмонхона утоқҳои зебо ва хизматрасонии олӣ барои аҳолӣ пешниҳод мешавад. Вай мардумро аз ҳар гӯшаю канори кишвар ва сайёҳонро аз хориҷ дар ин маркази зебои тафреҳии худ ҷалб карданӣ аст.

Вай якҷоя бо архитекторон аз рӯи нақша кор карда, ин сохтмонро ба санъати меъморӣ табдил медод. Ва баъд вай ба миллиардер муроҷиат карда, нақшаи худро нишон дода, 245 миллион доллар мехоҳад. Ва мисли ба он дигар тоҷирон, дар ин ҳолат ҳам, ин шахс тамоми пулро ба суратҳисоби ин зан мегузаронад.

Баъд аз гузашти се сол ин миллиардер ҳамаи онҳоро ба вохӯрӣ даъват мекунад. Вай дар бораи пешрафти кори онҳо пурсиданӣ аст. Ва ин се шахс пайи ҳам ба ӯ ҳисобот медиҳанд. Сехи қаннодӣ ҳар моҳ якчанд ҳазор доллар фоида меорад. Сохтмончӣ дар давоми се сол се манзили баландошёна сохта, тақрибан дусад ҳазор доллар фоида кардааст.

Тоҷири сеюм аз рӯи маркази худ ҳисобот дода мегӯяд. Ҳоло дар меҳмонхонаи вай тақрибан 90 фоизи утоқҳо банд аст, биноҳои барои идораҳо сохташуда 87 фоизаш ба иҷора дода шудааст. Ҳамаи хонаҳои дар баландошёна, ки ба фурӯш монда шуда буданд, фурӯхта шуданд. Маркази савдо дар 97 фоизи худ бо дӯконҳо ва мағозаҳои ҳозиразамон пур гаштанд. Фоидаи вай миллионҳо долларро дар як моҳ ташкил медиҳад. Вай мегӯяд, ки маъмурияти шаҳр рӯзеро таъин кардааст, ки дар он рӯз ин маркази савдо ва истироҳат бо ифтихорномаи фахрӣ барои саҳмашон дар ободӣ ва беҳбудии шаҳр дар соҳаҳои: намуди зоҳирии шаҳр, ҷои корӣ барои шаҳрвандон, ҷойҳои ташриф овардани сайёҳон ва андозсупорӣ ба буҷаи шаҳр, мукофотонида мешавад. Як қисми даромади худро вай барои сохтани ошхонаҳои ройгон барои мардуми камбизоат сарф мекунад. Ва ин ҳам тамоми дастовардҳо набуд. Вай мегӯяд, ки қисми зиёди даромадҳо барои сохтмони се маркази ба ин монанд дар ди-

гар шаҳрҳо сармоягузорӣ карда шудааст, ки онҳо дар давоми якуним сол бо фосилаи шаш моҳ аз якдигар сохта шуда, ба истифода дода мешаванд. Барои ин кор вай се гурӯҳи идорачиёнро тарбия додааст, ки ин марказҳоро роҳбарӣ хоҳанд кард. Дар давоми панҷ моҳи оянда, вай ҳамин қадар даромадро ба назар гирифтааст, ки ба сохтмони панҷ марказ дар дигар шаҳрҳои калон мерасад.

Дастовардҳои ин занро гӯш карда, ду тоҷири дигар чашмони худро поён карданд. Миллиардер инро пай бурда, аз онҳо пурсид, ки барои чӣ ғамгин шуданд.

Зане, ки ба вай сехи қаннодӣ тааллуқ дошт, аввал суханро гирифта, гуфт: "Албатта, оғо, кори ин шахс нисбат ба кори мо комёбтар аст, барои он ки вай аз шумо пули бештареро хоста буд. Ва аз сабабе, ки шумо ба ин тиҷорат маблағи зиёд гузоштед, вай корҳои калонро анҷом медиҳад".

Миллиардер ба сохтмончии ҷавон назар карда, аз вай мепурсад: "Оё шумо низ бо ин суханҳо розӣ ҳастед?"

Шахси ҷавон дар ҷавоб мегӯяд: "Агар росташро гӯям, бале, оғо, ман низ бо ин суханҳо розӣ мебошам. Вай имконияти бештар дошт".

Миллиардер як ёрдамчиеро дошт, ки вохӯрии аввали онҳоро сабт карда буд. Баъд аз якчанд дақиқа вай бо ин матни сабтшуда меояд. Шахси сарватманд аз ёрдамчии худ хоҳиш мекунад: "Лутфан, он суханоне, ки ман се сол пеш ба ҳар яки онҳо гуфта будам, бихонед".

Ёрдамчӣ мехонад: "Ман тиҷорате, ки шумо дар бораи он орзу доред, сармоягузорӣ карданӣ ҳастам. Ман *қодир* ҳастам он маблағе, ки шумо зарурат доред, барои оғози ин кор бидиҳам".

Миллиардер ба ин ду шахси рӯҳафтода нигоҳ карда, аз онҳо мепурсад: "Барои чӣ шумо ба ин зан ҳасад мебаред? Барои чӣ шумо фикр мекунед, ки вай дар шароити беҳтаре буд? Ман ба ҳар яке аз шумо гуфтам, ки ҳар қадаре ки барои шумо сармоя лозим бошад, он маблағро ман ба шумо дода метавонам. Ман шуморо дар ин маврид маҳдуд накардам ва дар асл чи қадаре ки аз ман талаб кардед, ҳамон қадар ба шумо додам. Барои чӣ орзуҳои шумо калон набуданд?"

Баъд миллиардер ба зане, ки сехи қаннодӣ дошт, мурочиат кард: “Барои чӣ шумо сехи калони қаннодиро ба нақша нагирифтед? Барои ин кор ман ба шумо маблағ чудо мекардам. Барои чӣ шумо тичорати хубтарро ба нақша нагирифтед? Маҳсулоти шуморо бисёр одамон хуш карданд, шумо комёб мешудед. Ва аз ҳама саволи муҳим: Барои чӣ шумо дар нақшаи худ кушодани сехҳои қаннодиро дар тамоми гӯшаи шаҳр нагирифтед ва дар натича тичорати худро дар тамоми гӯшаи мамлакат паҳн мекардед?”

Ва баъд вай ба шахси чавон мурочиат карда, айнан ҳамон саволро медиҳад. “Барои чӣ шумо дигар сохтмончиҳоро нагирифта, дар як сол бист хона бино накардед ва ба чои ин бо сохтани як хона қаноат кардед. Шумо чойҳои кории бештареро муҳайё карда метавонистед. Барои чӣ шумо бисёртар замин нахаридед? Барои чӣ шумо тичорати худро дар дигар иёлотҳо инкишоф надодед? Ман нақшаи шуморо сармоягузорӣ мекардам, чунки ба воситаи он шумо ба бисёр оилаҳо кӯмак карда метавонистед. Дастовархои шумо маҳдуд буданд, барои он ки сармояи шумо маҳдуд буд ва сабаби ин маҳдудият нақшаҳои шумо гашт”.

## Фаровонӣ

Ҳамчун масеҳиён мо фикр мекунем, ки набояд ин қадар зиёд дошта бошем. Оё чунин тарзи фикррони дар Каломи Худо тасдиқ мегардад? Исо мегӯяд:

> “Зеро ба ҳар касе, ки чизе дорад, боз ҳам ва аз ҳад зиёдтар (бо фаровонӣ) дода мешавад” (Матто 25:29, NLT).

Худо бо фаровонӣ мушкилие надорад. Вай зидди он аст, ки ин фаровонӣ моро ғарқ кунад. Фарқ дар чист? Шахсе, ки дар зери қудрати фаровонӣ мебошад, баракат, молу мулк, пул, қобилият ва ё қувватро фақат барои манфиати худ талабгор аст. Ё ин ки ин чизҳоро аз сабаби тарс чамъ мекунад.

Бисёр он шахсоне, ки дар охирҳои асри бистум таълимоти комёбӣ ва равнақро мешуниданд, инро маҳз бо ҳамон ангезаҳои дар

боло номбаршуда талабгор буданд. Аз барои хасисии онҳо бисёр роҳбарон ва имондорон дар бораи ҳақиқати Худо оиди фаровонӣ дигар маъвиза накарданд. Бисёр одамон ба калимаи фаровонӣ нафрат пайдо карданд. Лекин ҳақиқат дар он аст, ки барои анҷом додани кори калон ва самаранок, устувор гардонидани ҳаёти одамон барои Малакути Худо, фаровонӣ барои мо лозим аст. Шояд барои ҳамин, дар Каломи Худо омадааст: "Дӯсти азизам, ман дуо мекунам, ки аз ҳар ҷиҳат ривоҷу равнақ ёбӣ ва сиҳату саломат бошӣ, чунон ки дилу ҷонат равнақ меёбад" (3 Юҳанно 2).

Дар мисоли мо шахси сарватманд ба ҳамаи тоҷирон 245 миллион долларӣ надод, фақат ба як нафар дод. Вай ба ҳар шахс мутобиқи нақша ва рӯъёяш дод. Агар он масалеро, ки дар он Исо дар бораи фаровонӣ мегӯяд, назар кунем, он гоҳ мо мебинем, ки дар аввал ҳар як хизматгор маблағи гуногуне доштанд. "Инчунин, ба ҳар хизматгор мувофиқи қобилияташ тангаҳои тилло медиҳад: ба якеаш панҷ ҳазор, ба дуюмаш ду ҳазор ва ба сеюмаш ҳазор танга; ва баъд роҳи сафарро пеш мегирад" (Матто 25:15, NLT). Қобилиятҳои онҳо аз дурбинии нақшаҳои онҳо вобаста буд.

Дар мисоли ман зани аввал фақат як сехи хурди қаннодиро медид. Ҷавонмард бошад фақат якчанд хонаро дар як сол медид. Зани сеюм қобилияти дурбинӣ дошт, ки ин бисёр чизҳоро аз вай талаб мекард.

Қувватро хуб истифода бурдан, ин яъне барои сохтани хонаҳо ва барои бино кардани Подшоҳии Ӯ истифода бурдан мебошад. Агар ба ин масал аз наздик нигоҳ кунем, мо як чизи ҷолибро мушоҳида карда метавонем. Ду хизматгор барои хӯҷаини худ вафодор буданд. Онҳо чизҳои барояшон супоридашударо афзун гардониданд (дар мисоли мо дар бораи се тоҷири ҷавон фақат яке афзун гардонид). Дар масале, ки Исо гуфта буд, хӯҷаин афзоишро *нек* хондааст (ниг. Матто 25:21,23).

Хизматгоре, ки он пулҳоро нигоҳ дошт, танбал номида шудааст. Ба хӯҷаин пулҳои вай баргашт, ва вай онҳоро ба касе, ки бо фаровонӣ дошт, дод. Хӯҷаин даҳ халтаи тиллои вайро ба ёздаҳ табдил

дод. Ин аз назари *иҷтимоӣ (сосалистӣ)* фарқ мекунад, агар росташро гӯем, ин назари *сармоягузорӣ (капиталистӣ)* мебошад.

Мо фикр мекунем, ки масеҳии хуб чизҳои ба дасташ бударо "нигоҳ медорад". Бо дигар суханон, бо он каме, ки дорад, қонеъ мешавад, ки дар асл инро *танбалӣ* меноманд. Дар аввалин аҳкоме, ки Худо ба инсон додааст, гуфта шудааст: "боровар ва афзун гардед" (ниг. Ҳастӣ 1:22). Ин аҳкоми Худо на фақат барои фарзанддор шудан тааллуқ дорад. Вай эълон кардааст: "Ҳама он чизе, ки ба шумо медиҳам, мунтазир ҳастам, ки шумо онро афзун карда, ба ман бармегардонед".

Худо ба ман қобилияти таълим доданро бахшидааст. Ба воситаи файзи Ӯ (бо он қуввати Ӯ, ки дар ман, завҷаам ва дастаи ҳамкоронам амал мекунад) ин бахшоиш афзоиш ёфта, ба воситаи паҳн гаштани таълимот дар тамоми рӯи замин, китобҳо, дарсҳои интернетӣ, паҳн кардани миллионҳо маводҳо дар байни роҳбарон ва усқуфони калисо ва ғайра, ба Ӯ бармегардад. То имрӯз Ӯ барои ман аз он чизе, ки ман дар ҷавониам орзу доштам, беандоза зиёд кардааст. Аммо барои ҳамаи ин ман ду ҷавоб дорам.

Дар аввал, оё ман дар ягон чиз Ӯро маҳдуд кардаам? Дуюмин, ман аз дидани корҳои Вай дар худ бисёр шод мебошам! Ин ду фикр дар ман ҳам кӯшиш ва ҳам хоҳишро ба вуҷуд меоваранд.

## Қуттии мо

Ба воситаи ҳар яки мо, Вай аз ин зиёдтар карда метавонист. Шумо инро дарк мекунед, ё не, мо худамон барои худ маҳдудиятҳо мегузорем. Дар Номаи Эфсӯсиён (3:20) гуфта шудааст, ки ин маҳдудиятҳо аз он маълум мегарданд, ки ба дигарон кӯмак кардан хоста, дар бораи чӣ мо "хоҳиш мекунем ё фикр мекунем". Номаи возеҳи Худо барои мо: "Файзи Ман дар ту аз он маҳдудиятҳое, ки ту мегузорӣ, дуртар рафта метавонад". Исо мефармояд: "...барои имондор ҳама чиз имконпазир аст" (Марқӯс 9:23).

Сарҳадҳои мо то кадом андоза ба сарчашмаҳои беохир наздик будани моро муайян мекунанд. Дар он мисоли ман дар бораи шах-

си миллиардер ва тоҷирони ҷавон, қуттии рӯъёи шахси аввал 100 ҳазор доллар ғунҷоиш дошт, шахси дуюм 250 ҳазор доллар ва шахси сеюм 245 миллион доллар ғунҷоиш дошт.

Росташро гӯям, Худоро андозаи қуттии мо маҳдуд мекунад. Оё имкон дорад, ки Худо аз мо мепурсад: "Барои чӣ шумо фақат дар бораи он фикр мекунед, ки як нав карда, зиндагиамро кашола кунам? Барои чӣ шумо фақат дар бораи худ ва оилаатон фикр мекунед? Барои чӣ шумо аз он қобилияте, ки Ман дар дохили шумо ҷой кардаам, истифода намебаред? Ба фикри Ман ин на фикронии *хуб,* балки *танбалӣ* аст*"*.

Ана барои чӣ Павлус дуо мекунад, ки мо дарк кунем:

> "... ва бузургӣ ва қудрати Ӯ дар мо, ки имон дорем, чӣ гуна *аз ҳад берун, олӣ ва номаҳдуд* аст. Он қудрат аз рӯи амали қуввати азими Ӯст" (Эфсӯсиён 1:9, тарҷума аз забони инглисӣ).

Ба калимаҳое, ки ман ҷудо кардам, бодиққат назар кунед. Боз истода, аз болои ҳамаи ин фикр кунед. *Беҳадду канор, беандоза,* яъне онро чен карда намешавад. *Номаҳдуд,* яъне ҳудуд надорад. *Олӣ ва бартар,* яъне дар тамоми дунё аз ин қуввати бузургтаре мавҷуд намебошад.

Диққат кунед, ки тамоми ин қудрат дар дохили мо мебошад. Ин на он қудрате, ки мо гоҳ-гоҳ аз тахти Худо мегирем. Ин он қувватe, ки аллакай дар дохили мо аст. Он ба мо имконияти рушд карданро медиҳад. Он ба мо имконияти самаранок буданро медиҳад. Он моро барои хизмат ба дигарон тайёр мекунад. Ба хотири он мо мисли чароғҳои равшан медурахшем.

## Шоҳигарӣ дар ҳаёт

Файзи Худо сарҳад надорад. Ин бахшоиши наҷот, табиати нав ва қувват барои ҳаёти муқаддас мебошад. Вай инчунин ба мо кӯмак мекунад, ки самаранок ва дар ҳаёт ҳукмрон бошем. Файз дар асл аҷоиб аст! Суханони Павлусро бодиққат хонед:

> "...онҳое, ки файзи фаровон ва бахшоиши адолатро қабул мекунанд, дар ҳаёт *ба воситаи* Исои Масеҳ *шоҳигарӣ* хоҳанд кард" (Румиён 5:17, тарҷумаи нав).

Ба бузургии ин гуфтаҳо боварамон намеояд, барои он ки ин суханон моро дар тааҷҷуб мегузорад. Шояд, аз ҳамин сабаб бошад, ки бисёр одамон ба ин диққати худро ҷалб намекунанд. Аз рӯи файзи Худо, мо бояд ки дар зиндагии худ ҳукмрон бошем. Ба мо қуввате дода шудааст, ҳар шароитеро, ки ҷаҳон моро ба он дучор мекунад, ғолиб оем. Зиндагӣ набояд ки аз вуҷуди мо ҳама чизро гирифта, моро хушк кунад, мо дар ин рӯи замин барои ғалаба кардан омадаем. Мо дар соҳаҳои ба мо супорида шуда, бояд тағйироти ҷиддӣ биоварем. Ин вазифаи мо аст.

Дар амал ин чӣ гуна шакл мегирад? Мо бояд ки аз ин мавқеи одатӣ бароем. Мо даъват шудаем, ки сар бошем, на дум, дар боло бошем, на дар зер (ниг. Такрори Шариат 28:13). Мо на фақат барои он даъват шудаем, ки аз болои шароитҳои худ ғалаба дошта бошем, балки он шахсонеро, ки бо Худо дар аҳд нестанд, равшан кунем. Мо дар ин олами торик бояд ки чароғи роҳнамо бошем. Сар, самт ва роҳро нишон медиҳад, дум аз қафои вай меравад. Мо бояд дар ҳама соҳаи ҳаёти ҷамъият пешво, на ин ки пайрав бошем. Оё воқеиат ҳоло ҳамин тавр аст? Ё ин ки мо намефаҳмем, ки Худо чиро некӣ гуфтааст?

Иҷозат диҳед, ки ман возеҳтар бигӯям. Агар шумо дар соҳаи тибб кор мекарда бошед, он гоҳ аз рӯи файзи Худо, шумо қобилияти кашф кардани тарзи нав ва пешрафти табобатро доред. Лаёқати шумо беандоза ва беҳудуд мебошад. Ҳамкорони шумо аз ихтироъҳои шумо бояд ки дар ҳайрат бошанд, кори шумо бояд онҳоро ташвиқ кунад. Ба навоварӣ ва ҳикмати шумо назар карда, онҳо сари худро хорида, мегӯянд: "Вай ин ақидаҳои навро аз куҷо мегирад?" Шумо на фақат медурахшед, балки шумо самаранокии худро дар ин соҳа, дар амал нишон хоҳед дод. Дигарон корҳои шуморо дида, рӯҳбаланд мешаванд ва пайравӣ карда, сарчашмаи ин қобилиятҳоро донистан мехоҳанд.

Агар шумо ороишгари саҳифаҳои интернетӣ бошед, он гоҳ эҷодиёти шумо бояд наву тоза ва ҳозиразамон бошад, ки дигарон онро дида, тақлид кунанд. Шумо ва дигар имондороне, ки дар соҳаи шумо кор мекунанд, бояд ки трендҳоро гузоранд, ки ҷамъият онро пайравӣ мекунанд. Шумо бо навовариҳои худ машҳур ва мутахассиси олидараҷа мешавед. Шумо ҳамеша як қадам дар пеш меистед, ки дигарон дар соҳаи шумо дар ҳайрат монда, хоҳанд гуфт: "Ин қадар эҷодкорӣ дар вай аз куҷост?" Шумо донишҳои худро ба дигарон дода, рушд карда, он соҳа ва Подшоҳии Худоро ғанӣ мегардонед.

Агар шумо муаллими мактаби миёна бошед, ба воситаи файзи қуввати Худо, ки дар дохили шумо амал мекунад, тарзҳои нави таълим ва тарбия, фаҳмиш ва ҳикмат барои дарк кардани шогирдонро дар худ рушд диҳед, ки дар бораи ин ягон устоди мактаб ҳатто фикр накарда буд. Шумо ин меъёрро боло бардошта, шогирдонро таълим дода метавонед, ки дигарон онро дида, дар ҳайрат мемонанд. Устодон, ҳамкорони шумо дар байни худ хоҳанд гуфт: "Аз куҷо вай ин чизҳоро мегирад?" Шумо ба воситаи рушди шогирдон ва дигар устодон қобилиятҳои худро тараққӣ хоҳед дод.

Агар шумо тоҷир бошед, он гоҳ маҳсулот ва техникаеро ихтироъ карда метавонед, ки аз моли дигарон хубтар мебошад. Шумо стратегияи фурӯш ва бозори худро нисбат аз дигарон хубтар ба роҳ мегузоред. Шумо ба осонӣ мефаҳмед, ки чӣ фоидавар ва чӣ бефоида аст. Шумо мефаҳмед, ки кай бихаред ва чӣ вақт бифурӯшед, кай ба ягон кор шарик шавед ва кай шарик нашавед. Дигар тоҷирон сирри шуморо фаҳмиданӣ шуда, фақат сари худро хорида мемонанд. Шумо тоҷирони ҷавонро рушд дода, ба Подшоҳии Худо саховатмандона қурбонӣ хоҳед кард.

Айни ҳамон принсипҳоро шумо дар соҳаҳои мусиқӣ, варзиш, илм, кормандони амнияти давлатӣ, телевизион, ҳарбӣ ва ҳамаи дигар соҳаҳо истифода бурда метавонед. Ҳамаи ин мисолҳои дар боло овардашуда мавқеи моро нишон медиҳад.

Ҳар яке аз мо дар соҳаҳои гуногуни ҷамъият даъват шудаем. Дар куҷое, ки мо набошем, бояд ки ҳукмрон ва пешво бошем.

Ҳангоме ки дигарон танқисӣ мекашанд, тиҷорати мо бояд рушд кунад. Ҷойҳои манзили мо бояд ки бехатар ва рушдкунанда бошанд. Ҷойҳои кории мо бояд ки афзун шаванд. Мусиқии мо он қадар зебо ва ҳозиразамон бошанд, ки сарояндагони ин ҷаҳон ба мо тақлид кунанд. Айни ҳамон чиз, дар соҳаи видео, дизайни меъмории (архитектура) мо бояд бошад. Санъати эҷодии мо бояд дар ҳар соҳаҳо фоиданок ва дар ҳар сатҳ талабот дошта бошад.

Дастовардҳои мо хоҳ дар варзиш, ВАУ (воситаи ахбори умум) ва дар ҳар дигар соҳа бояд фарқ кунад. Ҳангоме ки одилон ҳукмронӣ мекунанд, онгоҳ шаҳр, вилоят ва кишвар, нашъунамо меёбад. Мактабҳое, ки мо таълим медиҳем ва идора мекунем, бояд беҳтарин бошанд. Ҳангоме ки имондорон корро роҳбарӣ мекунанд, дар он ҷо фазои эҷодкорӣ, навоварӣ, ҳосилнокӣ, оромӣ ва садоқат, ҳукмфармо мебошад. Мо ҳамчун шогирдони Исо дар торикӣ бояд ки нур бошем. Барои ҳамин, дар асл, ба воситаи файзи Худо дар ҷамъияти торик мо бояд *фарқ карда истем.*

## Берун аз меъёр

Ин шаҳодатро дар бораи Дониёл хонед:

> "Дониёл дар миёни он нозирон ва ҳокимон мумтоз буд, чунки рӯҳи олидараҷае дошт ва подшоҳ ният дошт, ки ӯро бар тамоми мамлакат таъин намояд" (Дониёл 6:3).

Ин аҷоиб аст. Дар аввал бубинед, ки Дониёл аз дигарон *фарқ* мекард. Дар инҷо гуфта нашудааст, ки Худо вайро аз дигарон фарқ мекард. Дар ҳамаи тарҷумаҳои Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Дониёл фарқ мекард. Дар тарҷумаи The Message навишта шудааст, ки "Дониёл аз ҳама ҳокимон бартарие дошт".

Дониёл инро чӣ тавр дастрас шуд? Вай қобилиятҳои хосе дошт, чунки ӯ шахсе буд, ки бо Худо алоқа дошт. Айни ҳамон тавр, бо он касоне бояд бошад, ки Рӯҳи Худоро дар дохили худ доранд.

Дар тарҷумаи нави стандарти амрикоии Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки "Дониёл аз онҳо ҷудо мешуд, чунки дар ӯ рӯҳи олие

буд”. Калимаи “олӣ” маънои “аз меъёри миёна боло”- ро дорад. Баъзан ҳангоми омӯзиши маънои баръакс, яъне антоним, калима барои мо боз ҳам возеҳтар мешавад. Дар ҳолати мо антоними калимаи олӣ ин оддӣ, назарногир, маъмулӣ мебошад. Баръакси ҳаёти оддӣ ва назарногир, ин ҳаёти олӣ бо рӯҳи ғайриоддӣ мебошад.

Дониёл рӯҳи олӣ ва ғайриоддиро дошт. Агар мо рӯҳи олие дошта бошем, онгоҳ ҷон ва тан бояд ки ба рӯҳ итоат кунанд. Агар рӯҳ моро дар эҷодкорӣ, ҳикмат, дониш ва дигар соҳаҳои ҳаётамон роҳнамоӣ кунад, онгоҳ ин аз он ки мо бо қуввати худ зиндагӣ мекунем, фарқ хоҳад кард. Агар мо дар асл дарк кунем, ки барои мо ва дар мо файз аст, он вақт мо хоҳем донист, ки ҳеҷ маҳдудияте вуҷуд надорад. Биёед, калимаҳое, ки қуввати Худоро дар мо нишон медиҳад, аз хотир намебарорем: *беандоза, беҳудуд ва олӣ.* Дониёл ба он чизе, ки ба воситаи муносибат бо Худо дастрас буд, расид. Вай аҳди худро бо Қодир медонист, ки вай сар аст, на дум. Аҳде, ки мо бо Худо дорем, аз аҳди Дониёл ҳам, қавитар аст.

Биёед, ин ҳодисаро бодиққат назар мекунем. Вай ҳамроҳи дӯстони худ ба асирӣ афтода, аз як кишвари хурдакак ба номи Исроил ба давлати бузургтарини ҳамон замон бурда шуд. Агар шумо амрикоӣ бошед ва фикр мекунед, ки мамлакати мо бузург аст, бо Бобили он замон ҳатто муқоиса кардан мумкин нест. Бобилиён ба тамоми мамлакатҳои рӯи замин ҳукмрон буданд! Онҳо дар сиёсат, қувваҳои низомӣ ва артиш, иқтисод, иҷтимоиёт, илму фарҳанг, маълумот ва санъат, дар ҷои аввал буданд. Халқи Бобил дар рӯи замин дар ҳама соҳаҳои ҳаёт тараққикардатарин буданд. Ба ҳар ҳол, дар бораи Дониёл ва дӯстони вай навишта шудааст: “Ва дар ҳар масъалаи ҳикмат ва маърифат, ки подшоҳ аз онҳо пурсон мекард, онҳоро аз ҳамаи ғайбдонон ва афсунгароне, ки дар тамоми мамлакати ӯ буданд, даҳчандон болотар ёфт” (Дониёл 1:20). Дар дигар тарҷумаҳо гуфта шудааст, ки онҳо даҳчандон беҳтар мефаҳмиданд, даҳчандон донотар ва боҳикматтар буданд. Онҳо чунин чизҳоро фикр карда мебаромаданд, ки ҳакимони он мамлакат ҳатто дар хобашон намедиданд. Дар моҳият эҷодиёти онҳо, навовариҳои онҳо ва фикрҳои

онҳо аз он шахсоне, ки Рӯҳи Худоро надоштанд, даҳ маротиба афзалтар буд.

## Аз Дониёл ҳам бузургтар

Акнун вақте ки ҳама инро фаҳмидем, суханони Исоро мехонем: “Ҳоло ба шумо мегӯям, ки дар байни ҳамаи онҳое, ки аз модар ба дунё омадаанд, бузургтар аз Яҳё касе пайдо нашудааст...” (Луқо 7:28). Ин маънои онро дорад, ки Яҳёи Таъмиддиҳанда аз Дониёл бузургтар буд. Ин ду шахсро аз рӯи аъмол ва корнамоиҳояшон муқоиса накунед. Яҳё дар хизмати рӯҳонӣ буд, Дониёл бошад, ба ҳукумат ва давлат кор мекард. Аммо Исо возеҳ ва равшан мегӯяд, ки Яҳё аз вай бузургтар аст. Ва баъд Вай илова мекунад:

> “...аммо шахси хурдтарин дар Подшоҳии Худо бузургтар аз Яҳё аст” (Луқо 7:28).

Барои чӣ хурдтарин дар Подшоҳии Худо аз Яҳё бузургтар аст? Исо ҳоло ба салиб мехкӯб нашуда буд, то ки одамизодро наҷот диҳад, барои ҳамин Яҳё аз олами боло таваллуд наёфта буд. Дар бораи Яҳё чунин гуфта намешуд: “Чуноне ки Исо аст, ҳамон тавр Яҳёи Таъмиддиҳанда низ дар ин ҷаҳон мебошад” (ниг. 1 Юҳанно 4:17). Лекин дар бораи мо ҳамин тавр гуфта шудааст! Яҳё ҳамроҳи Масеҳ аз мурдагон қиём накард ва дар ямини Худо нанишастааст (ниг. Эфсӯсиён 2:6), чуноне ки ҳамаи ин имрӯзҳо ба мо тааллуқ дорад! Ана барои ҳамин хурдтарин дар Подшоҳии Худо аз Яҳё бузургтар аст. *Оё мо инро дарк мекунем?*

Баъзе олимон ҳисоб карданд, ки баъд аз дубора зинда шудани Исо то замони мо, дар рӯи замин ду миллиард масеҳиён зиндагӣ кардаанд. Имконият бисёр кам аст, ки шумо аз ҳама хурдтарин дар Подшоҳии Худо ҳастед, лекин агар ин ҳамин тавр бошад ҳам, шумо аз Яҳё бузургтар ҳастед! Ин маънои онро дорад, ки аз *Дониёл низ бузургтар* ҳастед. Акнун савол ба миён меояд: “Оё шумо дар асл дар бораи худ медонед, ки кӣ ҳастед? Оё шумо аз дигарон фарқ мекунед? Оё шумо даҳ баробар дар дониш, ҳикмат, авлотар мебо-

шед? Аз ҳамаи ҳамкороне, ки бо Худо ба воситаи хуни Масеҳ дар аҳд намебошанд, бофаҳмтар, эҷодкортар ва лоиқтар ҳастед? Агар не бошад, пас барои чӣ не? Оё имкон дорад, ки мо ба файзи бузурги Худо имон надорем?

Биёед, боз камтар мулоҳиза мекунем. Исо мегӯяд, ки мо “нури ин ҷаҳон ҳастем” (ниг. Матто 5:14). Мурочиат кардан ба мо ҳамчун фарзандони нур дар олами зулумот дар Аҳди Ҷадид як маротиба намебошад (ниг. Матто 5:14,16; Юҳанно 8:12; Аъмол 13:47; Румиён 13:12; Эфсӯсиён 5:8,14; Қӯлассиён 1:12; Филиппиён 2:15; 1 Таслӯникиён 5:5; 1 Юҳанно 1:7; 2:9,10). Дар олами зулумот дурахшидан, ин ҳадафи асосии мо дар ҳаёт бо Масеҳ мебошад.

Дар олам нур будан кадом маъноро дорад? Бисёриҳо фикр мекунанд, ки дар ин ҳолат гап фақат дар сари он аст ки мо рафтори дуруст дошта бошем, одами нек буда, ҳама он чизеро, ки дар Юҳанно 3:16 навишта шудааст, бигӯем. Агар Дониёл низ ба аҳкоми нур будан чунин ақида медошт, чӣ рӯй медод? Чӣ мешуд, агар вай ҳар рӯз аз идораи худ дар қасри Бобил, берун баромада, ба ҳамкорони худ мегуфт: “Эй хирадмандони Бобил, дар Забур 22 навишта шудааст: “Худованд, чӯпони ман аст, ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ нахоҳам шуд...”?

Дар ин ҳолат ҳангоме ки Дониёл ҳар рӯз барои дуо хондан берун мебаромад (ман боварӣ дорам, ки вай ҳар рӯз дуо мехонд) ин ҳокимон ва хизматгорони қасри шоҳӣ чӣ мегуфтанд? Ман боварӣ дорам, ки онҳо чунин мегуфтанд: “Чӣ қадар хуб шуд, ки ин девонаи диндор рафт. Кошки тамоми рӯз дар дуои худ машғул мешуд. Вай одами *ғалатӣ* аст!”

Барои чӣ онҳо қонунеро фикр карданд, ки Дониёл дуо гуфта натавонад (ниг. Дониёл 6:6,8). Оё на барои он ки Дониёл аз онҳо даҳ маротиба бохирадтар ва боҳикматтар буд, ихтироъкорӣ ва эҷодкории вай дар ҳалли мушкилиҳо даҳчандон зиёдтар буд. Ӯро ҳамеша дар вазифааш боло мебардоштанд, то ба дараҷаи он ки вайро сардори ҳама нагузоштанд, шояд онҳо ба ӯ камтар ҳасад мебурданд.

Ин сардорон дар ҳайрат буданд ва имкон дорад, ки байни худ пичиррос зада, мегуфтанд: “Мо намедонем! Муаллимони мо беҳта-

рин устодони соҳаҳои худ, донишмандони бузурги ин сарзамин буданд. Ин ҷавонмард бошад, аз як мамлакати майдаяки атроф омадааст. Аз куҷо вай ақидаҳои худро мегирад? Чӣ тавр вай аз мо беҳтар шуда метавонад? Шояд ин аз он сабабе бошад, ки вай ҳар рӯз се маротиба дуо мехонад. Биёед, қонунеро бар зидди дуогӯии вай мебарорем, то ки вай дигар аз мо фарқ накунад ва аз мо беҳтар набошад!" (албатта, онҳо ба дигар ҳадафи худ низ расиданд, ин яъне Дониёлро ҳабс карданд).

Дониёл ҳамчун нур медурахшид, барои он ки вай шахси комёб дар соҳаи худ буд. Ба хотири хислатҳои нотакрори худ вай дар назди мардуми он замон равшан медурахшид. Онҳо комёбии вайро дида натавониста, ба ӯ ҳасад мебурданд. Аммо гумон мекунам, ки бисёр шахсони дигар, аз он ҷумла худи шоҳ низ, дасти Худои зиндаро бар Дониёл ва лаёқатҳои вай, медиданд. Бартарӣ доштани вай дигарон маҷбур мекард, ки Худои Дониёлро ҳурмат кунанд. Дигар одамон вайро на ба хотири дониши Навиштаҷот ва се маротиба дуо гуфтанаш пайхаст карданд, балки барои он ки вай кори худро аз дигарон беҳтар ва хубтар анҷом дода, хислати пок дошт. Таҳкурсӣ, сутун ва корҳои дохилии вай олӣ буданд.

## Исбот дар ҳаёти ман

Ман шоҳиди қуввати файзи Худо дар ҳаёти худ будам. Барои ман яке аз фанҳои мушкил дар мактаб, ин забони инглисӣ ва иншо навиштан буд. Вақте ки ба мо вазифаи навиштани иншо дар се саҳифа медоданд, ин барои ман даҳшат буд. Ман якчанд соат нишаста, ҳатто ним саҳифа ҳам навишта наметавонистам. Ман варақҳои худро пора карда мепартофтам, чунки ба фикрам чизҳои нодурустро дар он навишта будам. Ба имтиҳони даҳонӣ аз фанни инглисӣ ман ҳамагӣ 370 хол аз 800 гирифта будам. Барои он ки шумо беҳтар фаҳмед, ки ин натиҷа чӣ қадар паст аст, иқрор мешавам, ки дар тӯли сафарҳои зиёди худ, ман танҳо як шахсро вохӯрдам, ки аз ман холи пасттаре дошт.

Вақте ки соли 1991- ум ҳангоми дуо гуфтанам Худо ба ман гуфт, ки ман бояд китоб нависам, ман фикр кардам, ки Ӯ маро ба каси дигар монанд кардааст. Мисли Соро дар Аҳди Қадим ман низ аз сидқи дил хандидам. Ман ҳатто як бобро навишта наметавонам, ҳол он ки китоб бошад. Он вақт ман файзи номаҳдуд, беандоза ва олии Худоро ба назар нагирифта будам.

Баъд аз гирифтани вазифа аз ҷониби Худо дар бораи "навиштани китоб", дар давоми даҳ моҳ, ду хоҳар аз ду Иёлоти гуногун назди ман омада, чунин суханонро гуфтанд: "Ҷон, Худо мехоҳад, ки ту нависӣ. Агар ту ин корро накунӣ. Онгоҳ Вай ин вазифаро ба шахси дигар месупорад". Баъд аз ин ман бо Худо шартнома баста, дар он иқрор шудам, ки пурра аз файзи Ӯ вобаста мебошам. Дар бобҳои дигар ман давоми ин ҳодисаро нақл хоҳам кард, лекин ҳоло гуфтанӣ ҳастам, ки дар ҳоли ҳозир ман нуздаҳ китобро ба нашр додаам, ки ба навад забони ҷаҳон тарҷума шуда, ба миллионҳо нусха паҳн карда шудааст.

Файз ба ман кӯмак кард, ки на танҳо китоб нависам, балки сухан низ ронам. Ҳангоме ки баъд аз хонадоршавиамон Лиза бори аввал маъвизаи маро гӯш кард, вай дар қатори аввал хобаш бурд. Ин қадар маъвизаи ман хушк буд. Яке аз дӯстони наздики вай, ки ҳамроҳаш нишаста буд, ин қадар хобаш сахт бурд, ки ҳатто даҳонаш кушода шуда монда буд. Ин қадар дастгирии сахт барои ман буд! Ҳоло дар вақти маъвизаи ман хоби одамон намебарад. Пештар ман бо қуввати худ маъвиза мекардам, ҳоло ман ёд гирифтам, ки ба файзи Худо таваккал кунам, аз он вобаста бошам, ва ба он итоат кунам.

Дар ин ду соҳа ман бо қуввати худ ҳеҷ кор карда наметавонистам. Аммо Худо ба воситаи онҳо ба ман афзалияте бахшидааст, ки ба миллионҳо нафар хизмат кунам.

## Дар ҳақиқат ҳаёти хуб

Биёед, нишонаҳои ҳаёти муқаддасро хулоса мекунем. Агар шумо имон дошта бошед, ҳеҷ чизи имконнопазире барои шумо нест. Барои он ки Ӯ беандоза зиёдтар, аз он чизе ки мо фикр меку-

нем ва талаб мекунем, барои мо карда метавонад. Қуввати дохилӣ, ки барои мо дастрас аст, аз ҳама чизҳои дигар беандоза, беҳудуд ва олӣ мебошад. Ҳаёти шумо ба ҳаёти ман ва Лиза, дар он толори намоишӣ, вақте ки маводҳои сохтмонӣ барои хонаи худ интихоб мекардем, набояд ки монанд бошад. Мо сарҳад надорем, барои он ки он касе, ки шумо ҳастед ва он чизҳое, ки шумо мекунед, ҳамаи ин файзи Худо мебошад! Ба Рӯҳи Муқаддас иҷозат диҳед, ки рӯъёи шуморо васеъ кунад. Орзуҳои бузург дошта бошед, боварӣ дошта бошед ва ба пеш ҳаракат кунед.

Як омили муҳим барои иҷро кардани гуфтаҳои боло мавҷуд мебошад. Ин нуқтаро дарк накарда, мо афсурдахотир шуданамон мумкин аст ва ҳатто дар ин роҳ самаранокӣ ва афзоиши худро аз даст доданамон мумкин аст. Дар боби навбатӣ мо ин нуқтаро бо номи *фарқ кардан* дида мебароем.

15

# ФАРҚ КАРДАН

“Вале ғизои сахт барои касонест,
ки ба камол расидаанд, ки ҳиссиёташон
ба василаи малака ба фарқ кардани неку
бад омӯхта шудааст”.
— Ибриён 5:14

Муқаддасӣ барои интихобшудагон
ин на шукӯҳу ҳашамат, балки вазифа
аст барои ман ва барои ту.
— Модар Тереза

Шахсони ба камолрасида, ин на шахсони синну солашон калон, балки дар рӯҳ ба камолрасидагон мебошанд. Ҷисман мо кӯдак таваллуд шуда, баъд калон шуда, ба воя мерасем. Айни ҳамон тавр, мо дар рӯҳ кӯдак таваллуд ёфта ва баъд аз он калон шуда, ба андозаи синни Масеҳ мерасем. Байни ин ду синну сол фарқи калоне вуҷуд дорад. Камолоти ҷисмонӣ бо гузашти айём меояд. Шумо ягон бор дидаед, ки кӯдаки дусола қоматаш 180 см бошад? Инсон ба ин қомат дар синни понздаҳ-бистсолагӣ мерасад. Аммо камолоти рӯҳонӣ на бо гузашти айём меояд. Шумо ягон бор имондоронеро вохӯрдаед, ки ҳамагӣ як сол аз имон оварданашон гузаштааст ва онҳо нисбат ба ононе, ки бист сол боз имондоранд, солимтар фикр меронанд?

Чуноне ки дар Номаи Ибриён (5:14) навишта шудааст, нишонаи ба воя расидан, ин дар дохили худ аниқ фарқ кардани некии аслӣ аз бадӣ мебошад.

Қайд кардан муҳим аст, ки дили шумо ҳамчун баданатон дорои панҷ ҳиссиёт мебошад. Инро дар тӯли тамоми Навиштаҷот мушоҳи-

да кардан мумкин аст. “Бичашед ва бубинед, ки Худованд некӯст!...” (Забур 33:9). Дар як оят дар бораи ду ҳиссиёт гуфта мешавад.

Исо боре ба анбӯҳи мардум гуфта буд: “Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад!” (Матто 11:15). Дар байни шунавандагон қариб ки ҳама гӯши ҷисмонӣ доштанд ва шунида метавонистанд, лекин Вай дар бораи гӯшҳои дохилӣ мегуфт.

Павлус суханони Худоро, ки ба Исроил гуфта буд, такрор кардааст: “...ба чизҳои нопок *даст назанед* ва ман шуморо қабул хоҳам кард” (2 Қӯринтиён 6:17). Ҳамон вакил навиштааст, ки Худо “накҳати дониши Худро ба воситаи мо дар ҳама ҷо паҳн мекунад” (2 Қӯринтиён 2:14).

Танҳо дар ин чор оят ҳамаи узвҳои ҳискунанда номбар шудаанд!

## Фарқ кардан

Чӣ тавр мо худро, махсусан дар замоне, ки фиребгарӣ зиёд мешавад, аз он эҳтиёт кунем, ки неку бадро омехта накунем? Чӣ тавр мо ба он доме, ки Ҳавво афтод, ба он бовар карда, ки бадӣ некӣ оварда метавонад ва хушнамуд ва ҳикматомез мебошад, мо низ ба он наафтем? Ҷавоб, ин ба воситаи *фарқ кардан аст*. Чӣ тавр ин лаёқатро дар худ рушд диҳем? Ба воситаи тарси муқаддас ва ҳақиқӣ мо инро рушд дода метавонем.

Пайғамбар Малокӣ пешгӯӣ кардааст, ки дар вақтҳои охир ду намуди имондорон мешаванд, онҳое, ки аз Худо тарс доранд ва онҳое, ки тарс надоранд. Дар вақтҳои мушкил он касоне, ки тарси Худо надоранд, шикоят мекунанд, норозӣ мешаванд ва худро бо дигар касон муқоиса мекунанд. Ба онҳо маъқул намешавад, ки ба Худо хизмат карда, азобу уқубат кашидан лозим аст, ҳол он ки гуноҳкороне, ки бо Худо муносибат надоранд, кайфу сафо карда зиндагӣ мекунанд.

Тарсгорони Худованд айни ҳамон мушкилиҳоро аз сар гузаронида, ба он муносибати дигаре доранд. Онҳо дар бораи некии Худо мегӯянд. Онҳо бо ин мушкилиҳо мубориза бурда, имон доранд, ки Ӯ дар ин мушкилиҳо ҳамроҳи онҳо мебошад. Онҳо бештар диққати худро на ба мушкилоти вақтинча, балки ба хоҳишҳои Худо, нақшаҳои Вай ва манфиати Подшоҳӣ ҷалб мекунанд. Онҳо дар бораи

вафодории Вай медонанд ва дар он устувор мебошанд. Муносибати онҳо чунин хоҳад буд:

> “Агар дарахти анҷир гул накунад ва токҳо бор наоварад ва меваи зайтун мувофиқи чашмдошт набошад ва киштзорҳо ҳосил надиҳад ва гӯсфандон аз қӯра талаф шавад ва говҳо дар оғил мавҷуд набошад, вале ман дар Худованд шод хоҳам буд ва дар Худои наҷоти худ ба ваҷд хоҳам омад. Худованд Худо қуввати ман аст. Ӯ пойҳои маро мисли пойҳои оҳуён мегардонад ва маро бар баландиҳоям ҳидоят менамояд” (Ҳабаққуқ 3:17,19).

Худо ба Исроил ба воситаи пайғамбар Малокӣ гуфтааст, ки онҳоро ганҷи бебаҳои Худ мегардонад (Дар хотир доред, дар 2 Тимотиюс 2:21, чӣ гуна Павлус дар бораи “зарфҳои махсус” мегӯяд). Малокӣ таъкид мекунад, ки яке аз афзалиятҳои тарсгорони Худованд ин хоҳад буд: “Ва шумо аз нав фарқи байни одил ва шарирро, байни касе, ки ба Худо хизмат мекунад ва касе, ки ба Ӯ хизмат намекунад, хоҳед дид” (Малокӣ 3:18). Бо дигар суханон, ин имондорон чизи бадро бо чизи хуб омехта намекунанд.

Дар боби пештара мо нишонаҳои некӣ ва марҳамати Худо, яъне фаровониро маълум кардем, ки он аз он чизе, ки мо талаб мекунем ва ё фикр мекунем, беандоза зиёд мебошад. Барои як шахс фаровонӣ сабаби лағжиданаш мешавад ва барои каси дигар имконияти бузург мегардад. Агар худи фаровонӣ барои шумо ҳадаф бошад, онгоҳ шумо ба он дом меафтед, ки Ҳавво, Қобил, Билъом, Ҷеҳазӣ ва Яҳудои Исқариотӣ, Искандари мисгар, калисои Лаодикӣ ва бисёр дигарон афтода буданд. Аммо агар мақсади асосии шумо ба Худо писанд омадан бошад, он гоҳ шумо қобилияти фарқ кардани байни неку бадро пайдо мекунед ва бо он фаровоние, ки меояд, дуруст рафтор хоҳед кард.

Як сирри фарқ карда тавонистан аст, яъне қобилияти фарқ кардани мо баробар аст ба он тарси Худованд, ки мо дорем. Ман инро қайд карданӣ ҳастам: чи қадаре ки тарси Худованд дар мо зиёд бошад, ҳамон қадар мо боҳикматона фарқ карда метавонем. Дар оғози салтанати худ шоҳ Сулаймон бо чунин суханон дуо кард: “Пас, ба бандаи Худ дили бохирад ато намо...ба *фарқи* байни нек ва бад *сарфаҳм равам...* (3 Подшоҳон 3:9).

Сулаймон бо ҳикмати аҷоибе салтанат меронд. Дар солҳое, ки вай Худовандро пайравӣ мекард, чунин навиштааст: "Агар донишро даъват намоӣ ва овози худро сӯи хирад баланд кунӣ, агар онро мисли нуқра орзу кунӣ ва мисли ганҷҳо ҷустуҷӯ намоӣ, он гоҳ худотарсиро хоҳӣ фаҳмид ва дониши Худоро хоҳӣ ёфт" (Масалҳо 2:3,5).

Аммо ҳамон вақте ки Сулаймон тарси Худоро гум кард, вай ғарқи гуноҳ шуда, некию бадиро фарқ карда наметавонист. Барои вай ҳама чиз "ҳеҷу пуч" ва "дилгиркунанда" шуд. Тамоми китоби Воиз ин акси шахси хаста ва гумроҳзада мебошад, ки тарси Худоро гум карда, дар натиҷа ҳикмати худро аз даст дода буд. Вай дар ҳолати ғамгинӣ қарор дошт. Дар тӯли солҳои хизмати худ дили ман барои бисёр имондорон ва роҳбарон месӯхт, ки дар пеши чашмони ман тарси Худоро гум мекарданд, ва дар натиҷаи аз даст додани фарқ кардани неку бад, фиреб мехӯрданд.

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, тарси муқаддас моро водор месозад, ки бо файзи Худо ҳамкор буда, худро аз ҳар ифлосӣ пок кунем. Аҷоибаш он аст ки фарқ кардани мо аз ҳаёти пок доштанамон вобаста аст. Ба ҳар ҳол, мо муқаддасиро ҳамчун сохторе мебинем, ки қарорҳои зиндагиамонро дар ҳар соҳа: кор, муносибат, пул, равобити иҷтимоӣ ва ҳар соҳаи дигар, дастгирӣ мекунад.

Пеш аз ҳама мо хоҳиши сахти тарси Худоро бояд дошта бошем. Агар ин афзалияти мо бошад, он гоҳ фаровонӣ моро аз роҳ намезанад. Навишта шудааст: "Касе ки ба сарвати худ умед мебандад, ҳатман фурӯ меғалтад..." (Масалҳо 11:28). Дар ҳамон китоб навишта шудааст, ки: "...ман дошин ҳастам... сарват ва ҷалол дар дастони ман аст" (Масалҳо 8:14,18). Ва боз навишта шудааст: "Подоши фурӯтанӣ ва худотарсӣ, сарват ва ҷалол ва ҳаёт аст" (Масалҳо 22:4). Сарвати ҳақиқӣ ин он чизҳое, ки ба шумо кӯмак мекунад, то ки кори Худоро иҷро кунед. Он ҳатман таъсир расонидан ба дигар одамонро дар бар мегирад, бо дигар суханон гӯем, ин аст сохтани Подшоҳии Худо.

Муҳим аст ки ҳар субҳ аз худ бипурсӣ: Имрӯз ман аз рӯи тарси Худо амал мекунам ё бо хоҳиши сарватманд шудан? Агар ҳадафи шумо тарси пок бошад, он тарс шуморо эмин нигоҳ медорад, ки шумо чизи хубро дастрас карданӣ шуда, ба роҳи бад наафтед.

Ин ҷо ман равшанӣ андохтан мехоҳам: сарват, боигарӣ ва фаровонӣ чизҳои хуб мебошанд. Лекин агар ин чизҳо ҳадаф гарданд, шумо фарқ кардани онро аз даст медиҳед, ки оё ин воситаҳои бад барои дастрас кардани чизи *хуб* намебошанд. Як ҳодиса аз Китоби Муқаддас ба шумо кӯмак мекунад, ки инро дарк кунед.

## Оё вақти гирифтан аст?

Дар Исроил расме буд, ки ба пайғамбарон қурбонӣ ва ё тӯҳфа меоварданд. Шоҳ Шоул ҳангоми ҷавон буданаш ҳамроҳи хизматгораш ба кофтукови модахарҳои гумшудаи падараш баромада буд. Баъд аз кофтукови зиёд, ки ҳеҷ натиҷа надод, хизматгузораш ба вай маслиҳат дод, ки ба деҳаи наздик рафта, аз пайғамбар Самуил пурсанд, ки ҳатман ба онҳо мегуфт, ки модахарҳо куҷо рафтанд. Шоул дар ҷавоб гуфт: "...инак агар биравем, ба он мард чӣ чизе бибарем? Зеро ки ноне дар тӯрбаҳои мо боқӣ намондааст ва савғоте нест, ки ба марди Худо биёрам; пас чӣ чизе дорем?" (1 Подшоҳон 9:7). Одатан чунин фикр мекарданд, вақте назди пайғамбар мерафтанд.

Биёед, ба давраи дигари Исроил нигоҳ мекунем. Сардори лашкари подшоҳи Арам, бо номи Наамон ба назди хонаи пайғамбар Элишоъ омад. Пайғамбар ба вай гуфт, ки чӣ корҳоро бояд кард ва ҳангоме ки вай гапдаро буд ва ҳамаи корҳои фармударо иҷро кард, аз махави худ пок гашт. Вай назди Элишоъ баргашта, мехост миннатдорӣ кунад ва тӯҳфае ба вай бидиҳад. Пайғамбар дар ҷавоб гуфт: "Ба ҳаёти Худованд, ки дар ҳузураш истодаам, қасам мехӯрам, ки нахоҳам гирифт..." (4 Подшоҳон 5:16). Наамон ба гирифтан маҷбур мекард, вале Элишоъ розӣ нашуд.

Хизматгори шахсии пайғамбар, бо номи Ҷеҳазӣ шоҳиди ҳамаи ин кор буд. Вай дар тааҷҷуб монд, ки чӣ гуна Наамон ҳамаи тӯҳфаҳои овардаашро бо худ пас гирифта меравад. Ҳамон вақте ки Элишоъ рафт, Ҷеҳазӣ аз қафои Наамон давида рафт. Сардори лашкарон вайро дида, корвонро боздошта аз вай пурсид, ки чӣ шудааст.

Хизматгор гуфт, ки ҳама чиз хуб аст ва баъд дурӯғеро илова карда гуфт, ки Элишоъ ба чизе мӯҳтоҷӣ пайдо кардааст. Вай чунин су-

ханонро гуфт: "...оғоям маро фиристода гуфт: "Инак, алҳол аз кӯҳи Эфроим ду ҷавон, аз банӣ-анбиё, назди ман омаданд; лутфан барои онҳо як киккар нуқра ва ду баста либос бидеҳ" (4 Подшоҳон 5:22).

Наамон ду баробар зиёд аз он чизе, ки вай талаб карда буд, дод. Ва онҳо хайрухуш карданд, Ҷеҳазӣ баргашта, ин тӯҳфаҳоро пинҳон кард.

Ҳангоме ки хизматгор назди Элишоъ омад, пайғамбар аз ӯ пурсид, ки куҷо рафта буд, вай дар ҷавоб боз дурӯғ гуфт, ки ҷое нарафта буд. Он гоҳ Элишоъ ба вай гуфт:

> "...Оё ту мефаҳмӣ, вақте ки ту бо Наамон дар назди аробаи вай вохӯрдӣ, рӯҳи ман низ он ҷо буд? Оё ҳоло вақти гирифтани нуқра ва гирифтани либосҳо ва дарахтони зайтун ва токҳо ва гӯсфандон ва говон ва ғуломон ва канизон аст? Аз сабаби он ки ту ин корро кардӣ, ту ва насли ту то абад махавӣ хоҳед буд" (4 Подшоҳон 5:26,27, NLT, тарҷума аз забони инглисӣ).

Ҷеҳазӣ тарси Худоро надошт (яъне фарқ карда наметавонист), барои ҳамин фиреб хӯрд. Вай фикр кард, ки вақти чизеро гирифтан фаро расидааст, ҳол он ки барои ин вақт набуд. Вай фикр кард, ки тӯҳфаро онҳо сазовор мебошанд ва агар хӯҷаини вай нагирифта бошад, пас ӯ талаб карда метавонад. Дар охир вай низ мисли Элишоъ ҳаёти худро ба хизмат кардани Худо ба қурбонӣ овард. Оё Худо тарафдори баракат додани онҳо намебошад? Ана шахси сарватманди бутпараст назди онҳо омад. Оё сарвати гуноҳкорон барои одилон ҷамъ нашудааст? Вай фикр кард, ки Элишоъ тӯҳфаҳои барои хизматаш сазовор бударо раъд карда, хирадмандона рафтор накард.

Ақли солими Ҷеҳазӣ вайро ба он водор кард, ки тӯҳфаҳои онҳо сазовор бударо талаб кунад. Вай фарқ карда наметавонист, вай чизи бадро ҳамчун чизи нек қабул кард ва барои беитоатии худ нархи гаронро супорид.

## Ҳадаф, аз воситаи ба даст овардани он, муҳимтар аст

Ман ба шумо бисёр ҳодисаҳоро гуфта метавонистам, ки чӣ гуна кӯшиши ба даст овардани сарватҳои заминӣ тарси Худоро тира

(пинҳон) карда, хизматгузорон ва аъзоёни калисоро аз роҳ мезанад. Дар тӯли солҳои хизмати худ ман шоҳиди он будам, ки бисёриҳо дар ин роҳ нархи гаронро супориданд. Дар аввал ин имконияти ба даст овардан хуб ва ҷолиб намоён мегардад. Дар аввали ин кор чунин вонамуд мегардад, ки ҳар меҳнати мо мукофоти худро дорад ва комёбӣ дар остонаи дари мост. Ва баъд ҳамааш баръакс мешавад ва натиҷаи бад меояд. Ман шоҳиди он будам, ки чӣ гуна оилаҳо барҳам мехӯранд, чӣ гуна хизматгузориҳо бозмеистоданд, тиҷоратҳо муфлис мешуданд, мушкилиҳо бо саломатӣ пайдо мешуданд, чӣ гуна муносибатҳо аз байн мерафтанд. Ба ғайр аз ин, одамон дигар ростқавл ва содиқ набуда, боварии хешу табор ва наздиконро низ аз даст медоданд.

Тоҷирон дар бораи он корҳои нодурусти бародарон аз калисо, ки бо онҳо дар кор дучор шудаанд, нақл мекарданд. Худпарастӣ, дурӯғ, дуздӣ, ҳасад, қаллобӣ, порахӯрӣ. Ҳамаи ин чизҳо аз куҷо омадаанд? Ҷавобаш хеле содда мебошад: ҳадафе, ки намуди *хуб* дорад, воситаҳои бадӣ ба он расиданро сафед мекунад. Одамон худро бо ин гуна фикрҳо сафед мекунанд: “Худо мехоҳад, ки ман комёб бошам, бисёр пул дошта бошам ва бо мақоми худ ҳаловат бубарам”. Лекин онҳо тарзи ҳаёти худро аз филтри Каломи Худо намегузаронанд. Одатан аз Каломи Худо гузашт кардан, ин ягона роҳи дастрас кардани ҳадафҳояшон вонамуд мегардад.

“Агар мо кӯшиш накунем, он гоҳ қаиқи мо ба тарафи ҷараёни об ҳаракат хоҳад кард. Мо имконияти бузурги баракат ёфтанро аз даст медиҳем”. Барои баракатҳои Худоро мунтазир шудан ба мо хислати ба камол расида лозим аст.

Дар оғози хизмати Худованд, шайтон ба Исо роҳи созишро (компромисс) пешниҳод кард. Вай Исоро озмоиш мекард, ки бо роҳҳои осон ва камазоб барқароркунии подшоҳии ҷаҳонро (ин ҳадафи омадани Исо ба ин замин буд) сар кунад, фақат мебоист ки Вай ба шайтон саҷда кунад. Шояд барои Исо ин ҷолиб намоён мешуд. Агар Исо пешниҳоди шайтонро қабул мекард, он гоҳ Ӯ хизматгузории худро ба осонӣ ва зуд ба анҷом мерасонид. Ҳама чизе, ки аз Вай талаб карда мешуд, ин фақат ба шайтон саҷда кардан

буд. Бисёр вақт шайтон пешниҳод мекунад, ки он чизеро, ки Худо дар дили мо гузоштааст, иҷро кунем, лекин барои ин мо бояд аз ростқавлӣ, садоқат ва итоати худ гузашт кунем. Парастиш кардан ин сурудҳои ором хондан ва суханони зебо гуфтан нест. Парастиш, ин эҳтиром кардани шахси парастанда мебошад. Дар калисо сурудҳои ором хонда, лекин дар зиндагӣ ба торикӣ саҷда кардан мумкин аст, ки ин аз сурудҳо садои баланде дорад.

Дар боло ман гуфтам, ки бисёр муаллифон агар дар китобашон калимаҳои нав вохӯранд, дар маротибаи аввали омадани ин калима маънои онро менависанд. Агар шумо ба аввалин маротиба калимаи “парастиш”, ки дар Китоби Муқаддас вомехӯрем, назар андозед, он гоҳ маънои ҳақиқии онро дарк мекунед. Дафъаи аввал ин калимаро мо он вақт мебинем, ки Худо ба Иброҳим мегӯяд, ки шахси наздикашро қурбонӣ кунад. Ва дар ин ҳолат Худо сабаби талаб кардани ин қурбониро намегӯяд.

Дар охири сафари серӯзаи худ Иброҳим бо писари худ Исҳоқ дар назди кӯҳи Мориё омаданд. Иброҳим ба хизматгорони худ гуфт: “...шумо дар ин ҷо бо хар бимонед; ва ман бо писарам дар он ҷо рафта, ибодат мекунем...” (Ҳастӣ 22:5).

Вай болои кӯҳ баромада, ба Худо сурудҳои оромро нахонд. Вай бо итоат ба Холиқи худ ба он ҷо баромад, то ки аз ҳама “чизи” қимматашро барои Вай қурбонӣ кунад. Барои вай парастиш ин маънои итоат карданро дошт.

Оё ба ҳамин сабаб бошад, ки Худо боре барои халқи Худ гуфта буд: “Ғавғои сурудҳои худро аз Ман дур кун ва навозиши барбатҳои туро Ман гӯш нахоҳам кард. Бигзор инсоф мисли об ва *адолат мисли наҳри бепоён ҷӯш зада ҷорӣ гардад*!” (Омӯс 5:23,24).

Ба ман суханони “*адолат мисли наҳри бепоён ҷӯш зада ҷорӣ гардад*” бисёр писанд меоянд. Ман инро итоати бетағйир меномам.

Дар замони зиндагии пайғамбар Омӯс ҳаёти одамон ба Каломи Худо мувофиқат намекард, лекин онҳо ба ҳар ҳол ҷамъ шуда, сурудҳои нав менавистанд ва сурудҳои парастиширо мехонданд. *Парастиши ҳақиқӣ дар итоат кардан аст, на дар суруд хондан.*

## Чизҳои хуб ва некро ба ивази Худо интихоб кардан

Як ҳодисаро нақл мекунам, ки чӣ тавр ман бо итоати худ гузашт (компромисс) карда, ба дом афтодам. Хизматгузории мо дар оғози худ, тақрибан ду сола, буд. Ин хизматгузорӣ аз он иборат буд, ки ман ба калисоҳои хурд, ки тақрибан сад нафар аъзо доштанд, рафта, маъвиза мекардам. Одатан воситаи нақлиёте, ки мо истифода мекардем, ин мошини "хонда-йивик" буд ва ду фарзанди мо низ ҳамроҳамон дар курсиҳои ақиб менишастанд. Ва дар он мошин фақат барои анҷоми мо ва ду қуттӣ бо видеокассетаҳо, ки мо онҳоро дар он калисоҳо паҳн мекардем, ҷой буд.

Чи тавре ки ман пештар гуфта гузаштам, боре Худо дар дили ман хоҳиши навиштани китобҳоро гузошт. Ман ин корро бо ду сабаб оғоз намекардам. Дар аввал, дар вақти мактабхонӣ ман иншо навишта наметавонистам, одатан барои иншоҳои худ баҳои паст мегирифтам ва сабаби дуюм, кӣ розӣ мешавад, китоби муаллифи машҳур набударо ба нашр диҳад? Аммо, дар охир, ман итоат карда, ба навиштани китоб оғоз кардам.

Ин як солро дар бар гирифт, ки меҳнати пурмашаққати худро аз болои китоби аввал ба охир расонам. Баъд ман ба ду нашриёт муроҷиат кардам, ки ин дастнависи маро бо номи "Ғалаба дар биёбон" дида бароянд. Яке аз ин нашриётҳо гуфт, ки "ин бисёр ба маъвиза монанд аст". Дигараш умуман ҷавоб надод. Ман рӯҳафтода шуда будам. Мо бо Лиза ба имконияти ягона розӣ шудем, ки ин аз ҳисоби худ китобро ба нашр додан буд. Мо маблағ ҷамъ карда, якчанд ҳазор намунаро чоп карда, дар калисоҳои хурде, ки ман маъвиза мекардам, мефурӯхтем. Ба одамон китоб маъқул шуд ва дар соли дигар ман боз як китобро навиштам. Ва боз мо дигар имконият надоштем, ҷуз он ки худамон онро ба нашр диҳем.

Баъд аз якчанд моҳи ба нашр додани китоб, ба ман муҳаррири масъули яке аз нашриётҳои машҳуртарини Амрико занг зад. Ин шахс худро шинос карда ва баъд сабаби телефон карданашро гуфт: "Ҷон, ба ман китоби шуморо бо номи "Ғалаба дар биёбон" доданд. Нашриёти мо ба ин гуна номаҳо боварӣ дорад ва мо ба шумо кӯмак кардан мехоҳем, ки ин китоб ба хонандагони зиёд дастрас бошад".

Мо якчанд дақиқа гап задем. Ин шахс бо тарзҳои гуногун паҳн кардани китобро ба ман маълумот медод ва шӯъбаи маркетинг ва рекламаи худро таъриф мекард. Ҳамааш ин қадар хуб вонамуд мешуд, ки ман ба гӯшҳои худ бовар намекардам, ана акнун ин китоб барои тамоми Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дастрас мешавад.

Аммо баъд аз сӯҳбатро ба охир расонидан бо ин шахс, ман дар дили худ хавотириро эҳсос кардам. Ин сӯҳбат дар рӯҳи ман тасдиқи худро намеёфт. Субҳи дигар ман дуо хондам ва аниқ дар дили худ эҳсос кардам, ки Худо мегӯяд: "Розӣ нашав".

Ман дар бораи ин бо Лиза гап задам. Дар бораи ин пешниҳод фикр карда, вай низ бо ман розӣ шуд, ки ба ҷолибияти ин пешниҳод нигоҳ накарда шубҳаҳо зиёданд.

Ҳамон рӯз, вале андаке баъдтар Лиза гуфт: "Азизам, вақте ки ман дар бораи ин дуо кардам, ман эҳсос мекунам, ки розӣ шудан даркор нест". Он гоҳ ман аниқ дарк кардам, ки бо ин пешниҳод розӣ шудан даркор нест.

Дар рӯзи дигар ин шахс аз нашриёт боз занг зад. Ман аллакай дар ин мавирид иродаи Худоро медонистам, лекин ба ҳар ҳол вайро гӯш кардан хостам. Дар он лаҳза ман нафаҳмидам, ки хоҳиши ман барои идома додани сӯҳбат ин худаш бонги хатар буд. Барои чӣ ба ман итоати оддӣ кофӣ набуд? Барои чӣ ман боз суханони вайро дар бораи чоп кардани китоб ба воситаи нашриёти онҳо гӯш кардам? Шояд барои он ки ин суханон хоҳишҳои нодурусте, ки ман дар дил доштам, гарм мекарданд? Шояд ки ин ба худпарастии ман писанд буд?

Ин шахс дар бораи он мегуфт, ки чӣ гуна тамоми кормандони нашриёт хоҳиши сахти ба нашр додани ин китобро доранд. Вай маро ба он бовар мекунонд, ки чӣ қадар барои кишвари мо ин китоб муҳим аст, ки ин Каломи Худо барои ҳама мебошад ва ташкилоти онҳо бо мағозаҳои беҳтарин ҳамкорӣ мекунад ва дар оянда ин китоб ҳамаи мағозаҳои масеҳӣ ва дунявиро пур хоҳад кард. Вай дар бораи ду муаллифи номашҳуре нақл кард, ки чӣ гуна онҳо китобҳои ин шахсонро ба нашр дода, сар то сари Амрико паҳн карданд. Баъд аз он ин муаллифон дар конфронсҳои машҳур баромад карданд. Вай гуфт, ки ҳамаи ин ба воситаи нашриёти онҳо шудааст.

Дар тӯли якчанд ҳафта рӯз дар миён ин шахс ба ман занг мезад, чунки ман “не” намегуфтам. Чи қадаре ки ман бисёртар ӯро гӯш мекардам, ҳамон қадар ба ман вонамуд мешуд, ки бояд китобро дар он нашриёт ба чоп диҳам. Ҳамон лаҳза расид, ки хавотирӣ пурра аз дили ман дур шуд. Шаҳодати дохилии Рӯҳи Муқаддас хомӯш монд. Ман иҷозат додам, ки хушомад кардани инсон ва суханони исботкорона овози Худоро пахш кунад. Бо дигар суханон, фарқ кардани ман мебоист ки хомӯш шавад.

Дар китоби Хуруҷ навишта шудааст: “Ва ришва нагир (пора нахӯр), зеро ки ришва биноёнро кӯр мегардонад...” (23:8). Хушомад, ин як намуди порахӯрӣ аст ва он маро кӯр карда буд. Ман ба ивази худотарсӣ, фаровонӣ ва имкониятро интихоб кардам. Ба огоҳиҳои ҷиддии ҳамсарам нигоҳ накарда, ман шартномаро имзо кардам ва баъд аз он ҳаргуна мушкилиҳо ба миён омаданд.

Дар он вақт мо бо Лиза ёздаҳсол дар никоҳ будем. Гоҳ-гоҳ вай ба ман мегуфт: “Ту ҳеҷ вақт касал намешавӣ!” Ва ин рост буд, ман хеле кам касал мешудам ва агар касал шавам ҳам, дар як шабонарӯз мегузашт. Лекин аз ҳамон рӯзе, ки мо шартномаро имзо кардем, ман бо касалӣ мубориза бурда, аз он халосӣ намеёфтам.

Ҳамааш аз шамолхӯрӣ сар шуд, ки дар умрам ин ҳамагӣ дуюм бор буд. Ҳамон лаҳзае, ки шамолхӯриам гузашт, ман бо вирус сироят ёфтам. Мо бо Лиза барои ҷашнгирии солгарди хонадоршавиамон берун аз шаҳр рафта будем, ва тамоми вақт таби ман баланд буд. Ва баъд аз рухсатӣ маро як ҳафта ларза мегирифт. Баъд аз маъвизаҳо дар калисо, ман зуд ба утоқи меҳмонхона медавидам, то ки зери кӯрпа гарм шуда, чой бинӯшам.

Ба тааҷҷуби мо табларза се ҳафта поён намерафт. Ман ҳеҷ вақт ин қадар сахт касал нашуда будам. Дар ниҳоят доруҳои сахти антибиотик кор худро карданд, лекин баъд аз як ҳафтаи дору нахӯрданам, боз касал шудам. Ман худамро хеле бад ҳис мекардам, гулӯям дард мекард, сарам мисли деги мисин вазнин буд ва дигар дардҳо низ дар баданам буд. Касалӣ маро аз чанголи худ сар намедод.

Баъд аз ду ҳафтаи аз шамолхӯрӣ халос шуданам, зонуямро шикастам. Ман он қадар сахт ҷароҳат дида будам, ки якчанд ҳафта бо асо-таёқ мегаштам. Ва гӯё ки ин ҳам барои ман кам бошад, баъд аз

он ман боз вирус гирифтам. Ин давраи касалиҳо ва ҷароҳатҳо се моҳ тӯл кашид ва ба хотима намерасид. Ва ҳамаи ин вақт Лиза солим буд.

Ба замми ин касалиҳо муносибати мо бо нашриёт низ хуб набуд. Ҳамин тавр вонамуд мешуд, ки мо дар ҳеҷ чиз ба розигӣ намеоем. Аз сабаби ин муносибатҳо кори чопи китоб низ пеш намерафт.

Лекин ин ҳам тамоми мушкилиҳо набуд, дар ҳаёти мо паси ҳам мушкилиҳое меомаданд, ки мо ҳалли онҳоро намедонистем. Дар тӯли он се моҳ ҳаёт бисёр сахт шуд. Оё ба ҳамин сабаб Довуд нагуфта буд: “Пеш аз азоби худ, ман гумроҳ шуда будам; акнун каломи Туро риоя мекунам” (Забур 118:67).

Худо пур аз марҳамат аст ва дар ин шароит ба ман иҷозат дод, ки хатогии худро бубинам. Ман комёбии хизматгузориро аз итоат кардан авлотар донистам. Ман ба хатогии худ назди Худо ва ҳамсарам иқрор шудам. Ман бахшида ва пок шудам. Марҳамати Вай бузург аст!

Аммо ман то ҳол низ дар дом монда будам. Ба мо мӯъҷиза лозим буд, то ки аз он шартнома бо нашриёт халос шавем. Мо бо Лиза дар дуо дастони худро гирифта, аз Худо хоҳиш кардем, ки ба ин шароит дахолат кунад.

Баъд аз якчанд ҳафта, аз нашриёт ба мо нома фиристонданд, ки шартномаро барҳам медиҳанд. Ман ба оромӣ нафас кашидам, гарчанде ки барои ин нархи қимматеро супоридам: барои барҳам додани шартнома ман 4000 доллар супоридам. Барои хизматгузорие, ки акнун дар пои худ меистод, ин маблағи хеле калон буд, ки дар он вақт нисфи буҷаи якмоҳаи моро ташкил медод.

## Имконият аз ҷониби Худо

Баъд аз якчанд моҳ дӯсти ман бо номи Скотт маро барои хӯрдани хӯроки нисфирӯзӣ таклиф кард. Вай гуфт: “Ҷон, ман туро бо як рафиқам шинос мекунам”. Ман розӣ шудам.

Дар тарабхона Скотт маро ба дӯсти худ муаррифӣ кард, ки номи он шахс низ Ҷон буд. Дар вақти сӯҳбат маълум шуд, ки ин шахс сардори яке аз нашриётҳои машҳуре будааст. Дар вақти ин сӯҳбати хубу дӯстона Ҷон аз ман пурсид, ки ҳоло бо кадом нома баромад мекунам. Фикр мекунам, ки баъд аз ин савол ман дигар ҳеҷ чиз нахӯрдам.

Ман ба вай ҳамаи мушкилиҳоеро, ки дучор мешавам, нақл кардам. Тақрибан дар тӯли понздаҳ дақиқа ман ба Скотт ва Ҷон ҳамаи инро нақл мекардам.

Дар кадом лаҳза Ҷон маро боздошт ва гуфт: “Ман мехоҳам, ки ту бидонӣ, мо китоби туро ба нашр дода наметавонем, барои он ки дар тӯли як сол ҳамагӣ бисту чор китоб, ин ҳам бошад, китоби муаллифони машҳур ва пасторҳои номиро ба чоп медиҳем”.

Дар ҷавоб ман гуфтам: “Ман аз ту хоҳиш накардаам, ки китоби маро ба нашр диҳӣ, ман фақат ба саволи ту ҷавоб медиҳам, ки ҳоло бо кадом кор машғул мебошам”.

Вай гуфт: “Албатта, давом бидеҳ”.

Ман тақрибан панҷ ва ё даҳ дақиқаи дигар дар бораи ин доме, ки ба он афтода будам, нақл кардам.

Вақте ки ман суханони худро ба поён расонидам, Ҷон аз ман пурсид: “Мумкин-мӣ ман ба дастнависат нигоҳ кунам”.

Ман дар ҳайрат монда гуфтам: “Ман фикр кардам, ки ту гуфтӣ ба нашр дода наметавонӣ”.

Вай гуфт: “Ман фикр мекунам, ки ин номаро мо бояд ҳатман ба нашр диҳем”.

Роҳбарияти нашриёт ин номаро қабул карданд ва китобро бо номи “Доми Шайтон” ба нашр бароварданд. Бо гузашти замон ин китоби беҳтарини байналхалқӣ шуд. Дар ҳоли ҳозир, вақте ман ин китобро менависам, китоби “Доми Шайтон” зиёда аз як миллион нусха фурӯхта шуда, он дар зиёда аз шаст забони дунё тарҷума шудааст.

Ман он рӯзро ҳеҷ вақт аз хотир намебарорам, ки аз нашриёт ба ман занг зада гуфтанд, ки омода ҳастанд, ин китобро ба чоп диҳанд ва бо ман шартнома банданд. Ман гӯшаки телефонро гузошта, ба дуо гуфтан рафтам ва дар дили худ шунидам, ки Худо ба ман гуфт: “Нашриёти аввал ин интихоби ту буд. Ин нашриёт интихоби Ман аст”.

Ин ҳодиса ба ман фарқи байни чизҳои хуб ва Худоро нишон дод. Одатан имкониятҳои хуб аввал меоянд. Ва баъд имкониятҳо аз ҷониби Худо меоянд. Айни ҳамон тавр, дар ҳаёти Иброҳим ва Соро низ буд: аввал Исмоил ва баъд Исҳоқ ба дунё омад.

## Исботи тарси Худованд

Чӣ маро водор кард, ки қарори нодуруст қабул карда, нашриёти аввалро интихоб кунам? Росташро гӯям, ин кӯшиши ман ба фаровонӣ (ман фикр кардам, ки китобҳо ба мардуми зиёд мерасанд), на ба тарси Худо буд. Ин маро водор кард, ки ба суханони мантиқан дуруст дар бораи комёбӣ гӯш дода, каломеро, ки Худо возеҳ дар дили ман гуфт, пахш кунам.

Итоат кардан, ин намуди зоҳирии тарси Худованд мебошад. Вақте ки мо аз Худованд тарс дорем, он гоҳ мо...

- Худи ҳамон лаҳза ба ӯ итоат мекунем.
- Агар натиҷаи корро дида натавонем ҳам, ба Ӯ итоат мекунем.
- Агар ин дарднок бошад ҳам, ба Ӯ итоат мекунем.
- Агар барои худ манфиатро набинем ҳам, ба Ӯ итоат мекунем.
- То охир ба Ӯ итоат мекунем.

Озмоише, ки Иброҳим аз он гузашт, нишон медиҳад, ки вай ҳамаи ин нуқтаҳоро риоя мекард. Биёед, ин имтиҳони бузургро ба ёди худ меоварем.

Боре як шом Худо ба вай гуфт, ки писараш Исҳоқро ба қурбонӣ биёрад. Оё вай дуруст мешунавад? Мумкин ин фақат хоби бад бошад? Оё вай фикр намекунад, ки: “Не! Ин имкон надорад? Ман писари худро дӯст медорам. Ман Исҳоқро кушта наметавонам. Ба ман ваъда дода шудааст, ки аз ӯ шоҳон ва халқҳо ба вуҷуд меоянд. Агар ман вайро қурбонӣ кунам, чӣ тавр ин ваъдаҳо иҷро хоҳанд шуд?”

Иброҳим дод мезанад: “Чӣ! Чӣ тавр Ту аз ман инро талаб карда метавонӣ? Ту ба ман ваъда додаӣ, ки аз вай халқҳо ба вуҷуд меоянд!” Аз тарафи Худо ҳеҷ садое намебарояд, фақат хомӯшӣ аст.

Ба ҳаёти Иброҳим тӯфон омад. Ман боварӣ дорам, ки он шаб хоби вай парида буд. Кӣ аз мо дар бораи чунин хоҳиш ҳафтаҳо, моҳҳо ва ҳатто солҳо фикр намекард ва дар охир худро ба он бовар мекунонд, ки ин кор аз ақл берун аст?

Лекин Иброҳим дигар хел рафтор кард. Навишта шудааст: “Ва Иброҳим бомдодон бархоста, хари худро зин кард...” (Ҳастӣ 22:3). Вай *ҳамон лаҳза* итоат кард.

Шумо ягон бор шунидаед, ки баъзе аз дӯстонатон сабукфикрона мегӯянд: “Худо якчанд ҳафта ба ман дар бораи ин мегӯяд”, ва ханда мекунанд? Ин фоҷиаи бузург аст, ки одамон бо набудани тарси Худо фахр мекунанд.

Худо аз Иброҳим хоҳиш мекунад, ки ваъдаи аз ҳама бузургашро, ки вай бисту чор сол мунтазир буд, қурбонӣ кунад, ва Ӯ хоҳиши Худро маънидод намекунад. Иброҳим барои қурбонӣ кардани Исҳоқ *маъниро намебинад,* лекин ба ҳар ҳол итоат мекунад.

Писари ҷавони худро қурбонӣ кардан ин хеле дарднок аст. Дар тӯли ин сафари серӯза дард дар дохили Иброҳим аланга мезад. Дар аввал вақте ки вай овози Худоро шунида буд, гӯё ки ин кори осон ба назар менамуд, лекин баъде ки Худо хомӯш мемонд, дард зиёд мешуд. Аз ҳама мушкилаш он буд, вақте ки Иброҳим бо писари маҳбуби худ якҷоя қурбонгоҳ месохтанд. Ба ҳар ҳол, Иброҳим дар итоати худ устувор монд.

Худои Қодир ба Иброҳим нагуфта буд, ки агар вай вафодор монад, ба ивази писараш дигар қурбонӣ дода мешавад. Дар фарқият аз мо Иброҳим дар дасти худ китоби Ҳастиро надошт ва ба охири ин ҳодиса назар карда наметавонист. Вай дар он ҳолат аз ин аъмоли худ ҳеҷ фоидаеро намедид, лекин ба ҳар ҳол қарор мекунад, ки гапдаро бошад.

Имрӯзҳо ҳама чиз тағйир ёфтааст. Бисёр одамон дар аввал фоидаро аз итоат кардан ба Худо дидан мехоҳанд ва баъд итоат мекунанд. Мо муаллимон маъвизаҳои худро бисёр вақт бо ваъдаҳо пур карда мегӯем, агар шумо Худоро пайравӣ кунед, соҳиби ин ё он мешавед. Мо муаллифони китобҳо фикр мекунем, ки агар дар саҳифаҳои аввали китоб дар бораи фоидаи он ба хонанда нанависем, он гоҳ китобҳои мо ба фурӯш нахоҳанд рафт.

Дар охир Иброҳим масофаи зарурииро тай карда, ба ҷои таъиншуда мерасад: ба болои кӯҳ баромада, қурбонгоҳ бино мекунад, дасту пои Исҳоқро баста, корди худро ба сари писари маҳбубаш боло бардошта, омодаи он мешавад, ки онро ба дили Исҳоқ занад. Вай то охир итоат мекунад.

Ҳангоме ки корд ба сари Исҳоқ наздик мешавад, ногаҳон фариштае пайдо шуда мегӯяд: “Дасти худро ба писар дароз накун ва ба ӯ чизе накун; зеро *акнун донистам, ки ту аз Худо метарсӣ...”* (Ҳастӣ 22:12).

Аз куҷо фаришта фаҳмид, ки Иброҳим аз Худо метарсад? Барои он ки Иброҳим ҳамон лаҳза итоат кард, ҳатто вақте ки маънои ин корро намефаҳмид, ҳангоме ки дарднок буд, вақте ки вай мукофотро намедид, ин масофаро то охир гузашт. Вай одами хеле сарватманд буд, ва сарвати асосии вай, ин писараш буд. Лекин сарват маънои зиндагии Иброҳим набуд. Афзалияти асосии зиндагии вай, ин итоат кардан ба Худованд буд.

Тарси пок моро мусаллаҳ мегардонад, ки аз озмоишҳои сарват, фаровонӣ ва боигарӣ гузашта, ба доми онҳо наафтем. Ана Навиштаҷот чӣ мегӯяд: "Баракати Худованд сарватманд мекунад ва ғамму ғуссае бо худ намеоварад" (Масалҳо 10:22).

## Назари нодуруст

Байни Яҳудо, шогирди Исо ва Иброҳим фарқи калоне буд. Яҳудо дар ҳолатҳое, ки ба манфиати ӯ буд, ҳақиқатро ба осонӣ аз хотир мебаровард. Вай барои хароҷотҳои шахсии худ аз пулҳои дар сандуқ ва барои хизматгузорӣ додашуда истифода мебурд, вай фиреб медод, Пешвои худро фурӯхт, дар бораи қашшоқон ғамхорӣ намекард, вай риёкор буд (ниг. Матто 26:25,49 ва Юҳанно 12:6,13:2). Вай барои доварӣ маҳкум шуда буд, барои он ки тарси Худоро надошт, вай байни чизи нек ва бадро фарқ карда наметавонист.

Боре як зани сарватманд, як кӯза равғани атрафшон, ки бисёр қиммат буд, ба сари Исо рехт. Яҳудо бо норозигӣ ва шикоят дар бораи рафтори "ахмақонаи" ин зан мегуфт. "Ин равғани қимматбаҳо арзиши маоши яксолаи коргар аст, беҳтар мешуд, онро фурӯхта, пулашро ба камбағалон тақсим мекардем" (Юҳанно 12:5, тарҷумаи нав). Суханони ӯ мантиқӣ ва дуруст ба назар менамуданд ва шогирдон низ зери таъсири ин суханҳо рафта, бо вай розӣ шуда, кори ин занро маҳкум карданд.

Исо Яҳудоро ислоҳ карда, мегӯяд: "Ин занро ором гузоред. Барои чӣ вайро барои ин *кори некаш,* ки ба Ман кард, маҳкум мекунед?... Рафтори ин занро дар оянда низ ба хотир оварда, дар бораи корнамоиҳои вай сухан хоҳанд ронд" (Маркӯс 14:6,9). Исо рафтори ин занро *нек ваояндадор* номид. Яҳудо бошад, вайро маҳкум карда, раф-

торашро *бад ва бефоида (гузарон)* номид. Қобилияти фарқ кардани Яҳудо тира шуда буд. Вай аз тапиши дили Худо дур шуда буд.

Оятҳои зеринро хонед:

> "Он гоҳ яке аз дувоздаҳ шогирдони Исо, ки номаш Яҳудои Исқарют буд, ба назди сардорони рӯҳонӣ рафт, то Исоро ба онҳо таслим кунад" (Марқӯс 14:10, тарҷумаи нав).

Қатраи охирон, ки косаи сабрашро лабрез карда буд. Яҳудо мондаю хаста шуда буд, корҳои роҳбарикунандаи Исо ба дилаш зад. Вай ин шахси Ҷалилиро бо он мақсад пайравӣ карда буд, ки Вай рӯзе дар тахти шоҳии Довуд хоҳад нишаст. Аз рӯи суханони пайғамбар Ишаъё, Масеҳ салтанати абадиро хоҳад овард. Се сол гузашт, Исо мунтазири чӣ мебошад? Агар вай салтанатро барқарор мекард, онгоҳ Яҳудо, ҳамчун яке аз наздикони Вай ва хазинадор, дар ин салтанат мақоми муҳимеро ишғол карда, соҳиби сарват ва қудрат мегашт.

Яҳудо фикр кард: "Ман ин корро метезонам. Интизорӣ кашидан ба дилам зад. Ман қудрат, сарват ва ҳокимиятро мехоҳам. Ангуштнамо шудан аз тарафи роҳбарон ба дилам зад. Ман намехоҳам, ки ба ман ҳамчун як шахси аҷнабӣ назар кунанд. Агар ман Ӯро ба саркоҳинон таслим кунам, он гоҳ Вай ҳатман қудрати Худро нишон хоҳад дод, ва он гоҳ ман низ мақоми худро ишғол хоҳам кард".

Шояд шумо бо фикрҳои ман дар бораи Яҳудо розӣ нашавед, лекин шахсан ман чунин фикр мекунам, ки вай ҳамин гуна ангезаҳо дошт. Яҳудо доимо қуввати Исоро медид, чӣ тавр Вай шифо медод, тӯфонро хомӯш мекард, мурдагонро зинда мекард, дарахти анҷирро лаънат кард, чашмони кӯронро бино ва гӯшҳои каронро шунаво мекард ва боз бисёр дигар мӯъҷизаҳоро низ анҷом медод. Яҳудо суханони Исоро дар бораи Подшоҳӣ шунида буд. Вай шунида буд, ки чӣ гуна Петрус ва дигарон Исоро ҳамчун Масеҳ эътироф мекарданд. Вай ҳар рӯз шоҳиди бузургии Исо мешуд.

Аммо вақте ки Исо ба марг маҳкум шуд, Яҳудо гумроҳ будани худро дарк кард, вай аз кори кардааш пушаймон шуда, худро ба дор овехт. Бо кӯшишҳо ва нақшаҳои худ вай ба орзуяш нарасид.

Зиндагии ин ду мардон, Иброҳим ва Яҳудо, фарқи аниқро байни касе, ки аз Худо тарс дошт ва касе, ки худотарсӣ надошт, ни-

шон медиҳад. Яке фарқ карда метавонист, дигаре дар фиреб зиндагӣ мекард. Интихоби шахсии онҳо танҳо дар дилҳои онҳо инъикос меёфт. Тақдири ин ду мард бисёр фарқ мекард.

Ҳамаи мо дар хотирҳо мемонем, чунки мо махлуқоти абадӣ ҳастем. Саволе, ки мо бояд ба худ диҳем, ин дар ёди дигарон мо чӣ гуна хотирае аз худ мегузорем? Худотарсии шумо ба ин савол ҷавоб хоҳад дод.

## Хулосаи суханон

Дилҳои мо бояд тоза бошанд, агар хоҳем, ки фикрронихои мо солим, на ин ки тира бошанд. Ва дар лаҳзае, ки донистани он муҳим аст ки ин фикре, ки намуди хуб ва ҷолиб дорад, аз Худо омадааст ё фақат зоҳиран хуб мебошад, иштибоҳ нахоҳем кард. Мо нисбати ҳамсарони худ, фарзандонамон, дӯстони наздикамон, корамон, имкониятҳо, калисо ва дар дигар соҳаҳои зиндагӣ, ки мо бояд интихоб кунем, қарорҳои дуруст қабул хоҳем кард.

Сулаймон дар охири умри заминии худ, ҷалоли бузург ва нокомии азимро аз сар гузаронида, нидо кардааст: "Хулосаи суханон комилан фаҳмост: аз Худо битарс ва аҳкоми Ӯро риоя намо, чунки ҳама чиз барои одамизод аз ҳамин иборат аст; зеро ки ҳар амалро Худо ба доварӣ хоҳад овард, ҳар амали ниҳониро низ, хоҳ нек бошад, хоҳ бад" (Воиз 12:13,14).

Сулаймон қобилияти фарқ карданро аз даст дода, неку бадро фаҳмида наметавонист ва аз ақл берун рафта буд. Дар Китоби Воиз дар бораи ин ҳолати Сулаймон гуфта шудааст. Вале он моро хушнуд мекунад, ки дар охири умраш Сулаймон ба фикри солим бармегардад. Вай дарк кард, ки дар ҳаёт аз худотарсӣ дида, ҳеҷ чизи муҳиме вуҷуд надорад. Аз рӯи суханони вай ин "хулосаи суханон" мебошад.

Инак, дӯсти азизи ман, агар ба ин ҷаҳон бо чашмони Худованд назар кардан хоҳӣ, ҳикматро дарк карда тавонӣ ва онро қабул кунӣ, он гоҳ тарси Худовандро интихоб намо. Ту аз интихоби худ ҳеҷ вақт пушаймон нахоҳӣ шуд.

16

# ТАСВИРИ КАЛОН

Чунон ки Ту Маро ба ҷаҳон фиристодӣ,
Ман низ онҳоро ба ҷаҳон фиристодам.
— Юҳанно 17:18

Тақдири пешбинишуда барои инсон, ин на хушбахтӣ,
на саломатӣ, балки муқаддасӣ аст.
— Освалд Чемберс

Биёед, як қадам ба қафо гузошта, ба тамоми тасвир ба таври яклухт назар мекунем. Худо моро сахт ва аз таҳти дил дӯст медорад. Вай барои мо чизҳои беҳтаринро мехоҳад. Ҳама чизе, ки аз ҷониби Худо меояд, хуб аст, лекин на ҳама чизи хуб аз ҷониби Худо аст. Барои ҳамин *чизҳои хубе* ҳастанд, ки моро аз чизҳои беҳтарин дур мебаранд. Ҳамаи мо чизҳои беҳтаринро мехоҳем, лекин роҳ ба сӯи ин чизҳо на ҳамеша аён аст ва барои ёфтани ин роҳ қобилияти фарқ кардан лозим аст.

Дар ҳаёти заминии худ ба ғайр аз Худо мо бо шайтон низ вомехӯрем, ки бо ӯ низ сарокалла мезанем. Вай мехоҳад, ки моро несту нобуд кунад, мақсади асосии ӯ дилҳои моро аз Худованд хунук кардан аст. Навиштаҷот мегӯяд, ки душман "намуди Фариштаи нурро ба худ мегирад". Дар ояти навбатӣ навишта шудааст: "хизматгузорони вай низ шакли хизматгузорони адолатро бигиранд" (ниг. 2 Қӯринтиён 11:14,15).

Хуллас, бисёр қарорҳо ва роҳҳое мавҷуданд, ки намуди хубе доранд, лекин оқибати онҳо бадбахтӣ, фалокат ва марг мебошад (ниг. Масалҳо 14:12). Дар барои инҳо фикр кунед: душмани мо, хизмат-

гузорони вай ва роҳҳои ӯ, ҳамаи инҳо шакли *хуберо* ба худ гирифта, ҳадафи моро нобуд кардан доранд. Навиштаҷот намегӯяд, ки онҳо намуди зоҳирии худро дигар карда метавонанд, балки мегӯяд, ки онҳо намуди зоҳирии худро дигар мекунанд. Барои ҳамин ҳушёр бошед: одатан чизҳое, ки ба мо хатар меоваранд, ба ягон чизи бад монанд намебошанд. Одатан, баръакс, онҳо намуди зоҳирии хубро дар бар мекунанд.

Дар солҳои аввали масеҳият душман барои худ ҳадафе гузошта буд, ки Калисоро несту нобуд кунад. Имондорон зери таъқибот буданд, онҳоро азобу шиканҷа медоданд ва мекуштанд. Лекин ҳамон қадаре ки душман кӯшиш мекард, ки халқи Худоро несту нобуд кунад, ҳамон қадар Калисо пурқувваттар мегашт. Азбаски шайтон бефаҳм нест, балки бисёр доно ва айёр аст, вай қарор кард, ки ба Калисо ҳаёти хуберо, ки ҳикмати Худоро надорад, пешниҳод карда, бо ҳамин тарз онро несту нобуд кунад. Дар асл айни ҳамон стратегияро вай дар боғи Адан низ дошт.

Акнун баъд аз гузаштани асрҳои зиёд, мо дарк мекунем, ки корҳои шайтон чӣ қадар самаранок буд, барои он ки мо бо чизҳое, ки намуди хуб доранд, лекин *ҳақиқатро иваз кардаанд,* розӣ мешавем ва онҳоро ба ҳаёти худ ҷой медиҳем. Мо дар бораи некии Исо ва дар бораи кори наҷоти Ӯ мегӯем (ки ин ҳақиқати мутлақ аст), лекин арзиш, қувват ва ҳокимияти Ӯро дар ҳаёти худ ба назар намегирем. Мо мустақилияти Худо ва адолати худро назди Ӯ қабул мекунем, лекин ба вазифаи худ, нисбати имон овардан ва итоат кардан ба аҳкоми Вай, беэътиноӣ мекунем. Аз сабаби он таълимотҳои "хубе", ки мо худамон фикр карда баромадаем, покии рафтору тарзи ҳаёти мо қариб ки номуҳим шудаанд.

Дар ҳаёти масеҳии худ бисёр имондорон бар ивази кӯшиш кардан, ба афзоиш ба нигоҳ доштани он чизҳое, ки доранд, машғул гаштаанд, маънои ҳаёт як кор карда нигоҳ доштан на ин ки афзоиш ёфтан, шудааст. Дар асл мо он таълимотеро фикр карда баромадаем, ки дар мантиқи мо асос ёфтааст ва ба ивази он ки тамоми пуррагии Навиштаҷот ва он баракатҳое, ки осмон ба мо тайёр

кардааст, қабул кунем, ин таълимотҳо бо баъзе ҷойҳои Навиштаҷот тасдиқ меёбанд.

Ин равишро бояд боздошт. Вақти он расидааст, ки мо боз пурра ба Навиштаҷот ғарқ шуда ва содиқона аз Рӯҳи Муқаддас пурсем, ки моро ба ҳақиқат ва дониш раҳнамоӣ кунад. Мо набояд ки дар Навиштаҷот он чизҳое, ки аллакай медонем, ҷустуҷӯ кунем, вақти он расидааст, ки ба Навиштаҷот содиқона, бо дили кушод мурочиат кунем ва ба чизҳое, ки дар он навишта шудааст, бовар кунем. Вақти он расидааст, ки аз Рӯҳи Худо хоҳиш кунем, ки онро ба мо ошкор кунад ва ҳама фикрҳои нодуруст ва иштибоҳотро аз мо дур кунад.

*Пешвои калисо.* Ман шуморо даъват мекунам, ки Каломи Худоро бо тамоми пуррагиаш таълим диҳед. Ба он бовари ҳосил кунед, ки ҳадафи асосии шумо ин ба гӯсфандон ғизои ҳақиқӣ додан ва гуноҳкоронро бо пуррагии ҳақиқати Китоби Муқаддас дастрас кардан, на ин ки мушоракатҳои калон доштан аст. Агар ҳадафи асосии шумо ин ҷалб кардани шунавандагон бошад, то ки онҳо ҳафтаи оянда низ ба калисои шумо биёянд, он гоҳ аз Рӯҳи Муқаддас бахшиш пурсед, ки ҳадафи шуморо тағйир дода, онро чаронидани рама кунад. Ба усулҳои таълим додан навоварӣ биёред ва ҳозиразамон бошед, лекин номаи қадимаро маъвиза кунед.

*Имондор.* Дар кадом соҳае, ки таъсир расонида метавонед, хоҳ синфи мактаб, идора, лаборатория, майдони варзиш, хона, бозор, бояд дили пур аз муҳаббат дошта бошед, дар муносибатҳо бо одамон ҳақиқатро гӯед ва худатон низ дар ҳақиқат зиндагӣ кунед. Бигзор онҳо дар шумо Исоро бинанд. Бигзор онҳо ҳузури Худоро дар ҳаёти худ аз сар гузаронанд. Агар шумо ба муқаддасии ҳақиқӣ кӯшиш кунед, онгоҳ бо ҷалоли Вай медурахшед.

Агар мо мувофиқи аҳкоми Масеҳ зиндагӣ накунем, онгоҳ ҳузури Ӯро аз даст медиҳем, он гоҳ калисои Вай Масеҳро ба ҷаҳон нишон дода наметавонад. Росташро гӯем, худамон аз ин ҳолат зарар мебинем. Ва ба ғайр аз мо одамони дар гирду атрофамон буда зарар мебинанд. Дар аввал, аз норасогии ваҳӣ дар бораи Масеҳ,

гуноҳкорон ҳузури он Ягона Шахсеро, ки ташнагии онҳоро шикаста метавонад, аз сар гузаронда наметавонанд. Дуюмин, бародар ва хоҳарони мо дар Масеҳ доимо ба касалии бо номи аз ҳақиқат гузашт кардан (компромисс) дучор мешаванд, ки ин касалӣ қодир аст, онҳоро аз дили Худо ва ҳузури Вай дур кунад.

Исо гуфт: "Ман ба хотири онҳо Худро ба Ту бахшидам..." (Юҳанно 17:19). Аз хотири одамоне, ки бо Ӯ ба мушоракат даромадаанд, Вай худро ба итоати Падар даровард. Дар қисми дуюми ин оят Исо сабаби асосии итоат кардани Худро мегӯяд: "...то ки онҳо низ ба ростӣ тақдис (муқаддас) шаванд".

То дубора баргаштани Ӯ дар рӯи замин ману шумо ягона Исое ҳастем, ки ҷаҳон онро дида метавонад. Биёед, ба ҷаҳон Исои ҳақиқиро, на ин ки хаёлӣ ва беқувватро нишон медиҳем. Биёед, бо чизҳои хуб розӣ намешавем, балки фақат чизҳои беҳтаринро мегирем. Биёед, ҳақиқатро қабул карда ва шоҳиди самараҳои нек ва натиҷаҳои аз итоати ноҷунбон ва муҳаббат пургашта ҳаловат мебарем.

---

Умри дароз дошта бошед, толиби муқаддасӣ бошед ва дар корҳои худ муваффақ бошед. Чунин амал карда, шумо ҳаёти дигаронро дар гирду атроф низ тағйир хоҳед дод.

"Ба Ӯ, ки шуморо аз гуноҳ нигоҳ дошта,
бе камбудӣ ва бо шодмонӣ пеши ҷалоли
Худ оварда метавонад, яъне бар Худои ягона,
ки ба воситаи Худованд
Исои Масеҳ наҷоткори мо шудааст,
дар тӯли асрҳо аз имрӯз
то абад бузургиву ҷалолат
ва нерӯву қудрат бод!
Омин!" (Яҳудо 24,25).

Дӯсти Азиз!

*“Некӣ ё Худо”* ин на танҳо китоб аст. Ин номае аст, ки одамонро рӯҳбаланд мекунад, ба ҳаракати муқаддасӣ ҳамроҳ шаванд. Акнун шумо медонед, ки чӣ гуна ҳаёт дар фаровонӣ ба итоати ҳукмронии Исо ва файзи Ӯ дароварда мешавад. Ман шуморо мусаллаҳ кардан мехоҳам, то ки шумо ин ваҳиро дар он оламе, ки зиндагӣ мекунед, бубаред.

Шумо бо нақл кардани он чизҳое, ки ёд гирифтед, дӯстон, оила ва ҳамсояҳоятонро ба ин ҳаракат ҷалб карда метавонед. Павлус дар танҳоӣ як гурӯҳи хурдеро таълим дод, ки дар натиҷа ин одамон дар давоми ду сол тамоми одамони Осиёро ба даст оварданд! Онҳо зарфе шуданд, ки дар он ҳузури Худо ҷой гирифт (ниг. Аъмол 19:1,10). Агар ҳамаи мо ин хоҳиши сахтро дар дилҳои худ дошта бошем, он гоҳ Худо ба воситаи мо кадом корҳоро анҷом дода метавонад?

Имконияти паҳн кардани ин пайёмро шумо дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ доред. Шумо онро дар:

- гурӯҳҳои хонагӣ;
- хизматгузориҳои калисо;
- дар китобхона, дар идораи худ;
- дар дарсҳои хизматгузорон;
- ва бисёр ҷойҳои дигар истифода бурда метавонед.

Новобаста аз он ки шумо ин маводҳоро истифода мебаред ва ё бо ақидаҳои худ кор хоҳед кард, дастаи ҳамкорони ман саъю кӯшиш мекунанд, то ки шуморо дастгирӣ кунанд. Мо ҳалли дурустро ба шумо пайдо хоҳем кард, ба шумо сарчашмаҳо, маводҳои ройгон ва бисёр чизҳои дигарро пешниҳод мекунем. Ба ғайр аз ин китоб, мо боз дарсҳои сабтӣ ва навории “Некӣ ва Худо”- ро барои шумо омода сохтаем ва ҳамаи ин барои дастрас кардани қалбҳои наздикони шумо мебошад. Лутфан, бо мо дар алоқа бошед, ва мо барои шумо усул ва маводҳои заруриро пешниҳод мекунем, ки дар хизмати шумо самаранок мешаванд.

Ташаккур ба шумо, ки ҳамроҳи мо хизмат карда, Каломи Худоро дар ҳама ҷой паҳн мекунед!

*Аз сидқи дил,*

*Ҷон Бивер*

# ХОНИШ ВА САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА

**ҲАФТАИ 1**

**Бобҳои аз 1 то 3-ро хонед**

*Дар ин ҳафта дарси наворӣи (Видеоурок) 1- ро тамошо кунед*

## САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА

1. Ҳавво аз меваи дарахт хӯрд, барои он ки ин мева намуди *хуб, зебо ва ҷолибе дошт.* Ин хислатҳоро маънидод кунед. Ин чӣ маъно дорад, агар ягон чиз намуди хубе дошта бошад? Вақте ки ягон чиз зебо намояд? Ҷолиб намояд? Чӣ тавр ҳар яке аз ин се чизҳои номбаршуда моро аз Худо дур мекунад?
2. Тамоми ҳодиса дар боғи Адан бо як чиз вобаста аст, бо қудрати манъкунандаи Худо. Оё ин ҳодиса ба мо дар бораи боварӣ ва табиати инсон сухан меронад? Чӣ тавр мо ин тамоюлро ба чизҳои Худо манъкарда боздошта метавонем?
3. Китобҳо, мақолаҳо ва дигар маводҳо, ки моро дар бораи Худо таълим медиҳанд, ин сарчашмаҳои боарзише мебошанд. Лекин вақте ки шумо фарқи байни дониши додашуда ва ошкоршударо мефаҳмед, оё тасаввуроти шумо дигар мешавад? Агар ҳа бошад, пас чӣ гуна?
4. Аз ҳодисаи ин шахси ҷавони сарватманд, мо медонем, ки аз дониши он ки Худо бо *некӣ* вобаста аст ва иқрор шудан ба он ки Вай сарчашмаи некӣ мебошад, фарқе вуҷуд дорад. Чӣ тавр боварӣ ҳосил кунем, ки Худо сарчашмаи некӣ барои мо мебошад?
5. Шумо дар бораи дақиқ будан ва аҳамияти Китоби Муқаддас чӣ фикр мекунед? Боз 2 Тимотиюс 3:16-ро хонед. Оё дар бораи он чизе, ки ин оят мегӯяд ва он чи ки шумо ба он бовар мекунед, фарқияте вуҷуд дорад? Он чизҳое, ки дар ин ҳафта дар бораи ин маврид омӯхтед, муҳокима кунед.

# ХОНИШ

Худованд барои ҳама нек аст...
— Забур 144:9

Он ҳодиса, ки чӣ гуна шайтон Ҳавворо дар боғи Адан фиреб дод, бисёр фоҷианок аст. Ҳавво ба дурӯғи вай бовар кард, ки Худо чизҳои хубро аз мо нигоҳ медорад, гарчанде ки вай нисбати худ муносибати ё рафтори бадро намедид. Вай дар муҳити комил зиндагӣ мекард, ва дар ҳеҷ чизе камбудӣ надошта ва дар муносибати ҳаррӯза бо Худо буд.

Барои қабул кардани Худо ҳамчун сарчашмаи ҳамаи чизҳои нек, пеш аз ҳама, бояд ба он устувор шуд ва боварӣ изҳор кард, ки Худи Худо хуб ва нек аст. Дар боғи Адан ин кори осон набуд. Имрӯзҳо дар назди мо низ бисёр омилҳо вуҷуд доранд, ки имони моро ба некии Худо меҷумбонад.

Бар хилофи Ҳавво шумо ҳатман дар ҳаёти худ ба ягон чиз афсурда шудаед, наздикони худро аз даст додаед, таҳқир шудаед, дарду ранҷро аз сар гузаронидаед. То он лаҳзае, ки интихоб байни хости худатон ва хости Худо ба миён наояд, натиҷаҳои ин чизҳо ягон муддат нонамоён монданаш мумкин аст. Ҳангоми ба озмоиш дучор шудан ҳар мушкиле, ки мо онро дар вақташ ҳал накарда будем, ба гӯши мо пичиррос мезанад. Агар мо фикр кунем, ки Худо аз мо ягон чизи хубро нигоҳ медорад, мо ба он боварӣ ҳосил мекунем, ки агар аз рӯи хости Вай амал кунем, ҳеҷ чизро ба даст намеоварем. Лекин он чизе, ки дар Китоби Масалҳо навишта шудааст, дар хотир дошта бошед: “Роҳе ҳаст, ки ба назари кас рост менамояд, вале оқибаташ роҳҳои мамот аст” (14:12). Ҳеҷ чизе, ки берун аз хости Худо аст ва он чи қадаре ки ҷолиб намудор нагардад ҳам, моро ба ҳаёти абадӣ, хурсандӣ, баракат, серӣ, намеоварад.

Дар давоми ҳафта ман шуморо рӯҳбаланд мекунам, ки бовари и худро ба некии Худованд баҳо диҳед. Аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш кунед, ки ба шумо ошкор кунад, ки оё дар дохили шумо шубҳа ва но-

боварӣ дар ин маврид ҷой нагирифтааст, ки он ба шумо халал мерасонад, ки Ӯро гӯш кунед, ва ба Вай итоат намоед. Ва баъд ҷойҳои Навиштаҷотро пайдо кунед, ки ҳақиқатро дар шароити мушаххаси шумо ошкор мекунад ва онҳоро эътироф кунед. Дар фурӯтанӣ аз Рӯҳи Худо хоҳиш кунед, ки ба воситаи Калом ақли шуморо тоза кунад. Ҳақиқати Вай ба шумо озодӣ меоварад!

## *Мулоҳиза*

"Худовандро шукр гӯед, чунки Вай нек аст! Муҳаббати бовафои Вай то абад боқист!" (Забур 106:1, тарҷумаи нав).

## *Истифода бурдан*

Ҳангоме ки Еҳушаъ ибни Нун ва халқи Исроил ба замини ваъдашуда медаромаданд, онҳо мебоист ки дарёи Ӯрдунро убур кунанд. Он гоҳ мавсими дарав буд ва ҳудудҳои дарё аз соҳили он берун мебаромад. Лекин Худо дахолат карда, ин ҷараёни обро боздошт, то ки тамоми Исроил аз умқи дарё бо замини хушк қадам зада гузарад. Баъд аз ин ҳодиса Худо ба Еҳушаъ ибни Нун гуфт, ки тамоми халқ барои ёдоварӣ дар наздикии он ҷой аз сангҳо як сохтмонеро бино кунанд, ки ин нишонаи корҳои анҷомдодаи Худованд бораи онҳо бошад.

Одатан мо корҳои бадро дар хотир дорем, нисбат ба корҳои хубе, ки Худованд барои мо анҷом додааст. Дар ин ҳафта ёдгориҳо барои корҳои Худованд, ки дар ҳаёти шумо анҷом додааст, бино карданро оғоз намоед. Ҳангоме ки вафодории Худоро мебинед, онро ҳатман дар дафтарчаи худ, дар телефони худ, ба таври хаттӣ ва ё сабтӣ, сабт кунед. Ин лаҳзаҳои хурди ёдоварӣ барои шумо шаҳодат мешавад ва дар вақти мушкилӣ, ки шубҳаҳо боварии шуморо ба некии Худованд ба ларза меоваранд, имони шуморо ташвиқ мекунад.

**ҲАФТАИ 2**

**Бобҳои 4 ва 5-ро хонед**

*Дар ин ҳафта дарси наворӣи (Видеоурок) 2- ро тамошо кунед*

## САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА

1. Фарқияти мақоми Исоро ҳамчун Худованд ва аъмоли Вайро ҳамчун Наҷотдиҳанда, муҳокима кунед. Ин чизҳо аз он чизҳое, ки шумо пештар имон доштед ва ё шунида будаед, фарқ мекунанд? Оё дар рафтор ва фикрронии шумо ягон тағйирот овардан лозим аст, то ки бо таълимоти Китоби Муқаддас оиди ҳукмронӣ мувофиқат кунад?
2. Агар ҳамаи мо имрӯз ба дигар мамлакат мусофират кунем, дар он замини нав мебоист ки бо қоидаву қонуне, ки онҳо доранд, розӣ шавем. Оё шумо муносибати худро бо Худо чунин мебинед? Агар ҳа бошад, пас барои чӣ? Агар не бошад, пас барои чӣ?
3. Тасаввур кунед, ки шумо бо шахсе сӯҳбат мекунед, ки масеҳӣ шуданӣ аст. Дар асоси маълумотҳои имрӯз гирифта, шумо имрӯз ба вай чӣ мегуфтед?
4. Инҷили Марқӯс (8:34,35)-ро хонед. Чӣ тавр мо дарк кардем, ки хоҳиши худро раъд кардан, ин маънои дар асл худро раъд карданро надорад. Бигӯед, ки чӣ инсонро водор мекунад, ки ба хоҳиши худ диққат кунад, нисбат ба он ки ба суханони Исо итоат намояд.
5. Биёед, боз Матто (7:21)-ро мехонем. Исо чор хосияти некро номбар мекунад, ки ҳатто одамоне, ки Ӯро пайравӣ намекунанд, ин хосиятҳоро дошта метавонанд: имон ба таълимоти Вай, шавқмандӣ аз рӯи эҳсосот, маъвизаи Инҷил ва иштирок ба хизматгузорӣ. Мо медонем, ки Худо моро даъват намекунад, ки аз рӯи тарс ва ё маҳкумият амал кунем. Шумо чӣ тавр фикр мекунед, барои ин ваҳӣ кадом ҷавоб сазовор аст?

## ХОНИШ

Аммо мо шаҳрвандони осмон, он ҷое,
ки Худованд Исои Масеҳ истиқомат мекунад.
— Филиппиён 3:20 (тарҷума аз забони инглисӣ).

Аз нуқтаи назари Аҳди Ҷадид дар суханони “Исо Худованд” тамоми моҳияти масеҳият инъикос меёбад. Мувофиқи Нома ба Румиён (10:9) ҳаёти масеҳӣ аз он вақт оғоз меёбад, ки шахс Исоро ҳамчун Худованд эътироф мекунад. Ин фақат калимаҳое, ки мо мегӯем ва ё дар сурудҳо мехонем, шуда метавонад. Лекин мо аз хотир мебарорем, ки Исоро *Худованд* хондан, ин эътироф кардани ҳукмронии пурраи Вай дар ҳаёти мо мебошад.

Пеш аз он ки дар ҳаёт бо имон қадам задем, мо шаҳрвандони ин ҷаҳон будем. Мо хости Худоро нисбати худ намедонистем ва онро намеҷустем ва барои ин заруратро низ намедидем. Лекин ҳоло мо дигар шаҳрвандони ин ҷаҳон намебошем. Мо шаҳрвандони Подшоҳии Худо, Подшоҳии осмонӣ ҳастем. Ҳама чиз дар ҳаёти мо бояд ки ба стандартҳои ин Подшоҳӣ мутобиқат карда, моҳияти Худованд Исои Масеҳро инъикос кунад.

Моҳият ва табиати Вай чӣ гуна аст? Барои инро фаҳмидан, биёед, ба он ҳодисае, ки бо Исо дар боғи Ҷатсамонӣ рӯй дод, назар меандозем, ки ин воқеа дар Инҷили Марқӯс (14:32,43) омадааст. Ин ҳодиса пеш аз ба марг таслим шудани Исо ва куштори Вай аз тарафи румиён ба вуқӯъ омада буд. Ба ояти 36 назар кунед, ки дар он ҷой Исо ба Падари Худ муроҷиат карда, мегӯяд: “Лекин на хости Ман бошад, балки хости Ту”.

Марг дар салиб ин амали мушкили итоат кардан мебошад, лекин ҳақиқат дар он аст ки итоатҳои сабук ва осон вуҷуд надоранд. Ҳангоме ки мо Исоро ҳамчун Худованд эътироф мекунем, он гоҳ мо ба хости Вай итоат мекунем, ҳатто агар гузашт кардан ночиз намоён шавад ва итоат кардан ноқулай ва кори машҳур набошад ҳам, мо итоат мекунем. Мо мегӯем: дар ҳама чиз “Ман иродаи Туро мехоҳам”.

Оё шумо Исоро бо ҳамин шартҳо қабул кардед? Ё то ҳол дар ҳаёти шумо баъзе чизҳое вуҷуд доранд, мисли як гуноҳе, ки шумо дои-

мо онро такроран содир мекунед, ё хоҳишҳои худпарастона, ки онҳоро шумо доимо аз таълимотҳои Худо болотар мегузоред? Маҳкумият ва хиҷолатро эҳсос кардан лозим нест. Лекин вақти он расидааст, ки роҳи навро дар зиндагӣ пайдо кунем. Дар дуо ба Худо муроҷиат кунед ва аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш кунед, ки ба шумо ёрӣ расонад, то ки дар асл Исоро ҳамчун Худованд эҳтиром карда тавонед. Вақте ки шумо дар ҳузури Вай ва дар Каломи Ӯ вақт мегузаронед, Вай шуморо таълим медиҳад, ки шаҳрванди осмон чӣ тавр бояд зиндагонӣ кунад.

## *Мулоҳиза*

“Худро пурра ва аз сидқи дил... барои роҳҳои Худо бубахшед” (Румиён 6:13, тарҷума аз забони инглисӣ).

## *Истифода бурдан*

Баъдтар мо мебинем, ки чӣ гуна Худо ба мо қувват медиҳад, ки дар итоат зиндагӣ карда, ба қонунгароӣ (легализм) ва хиҷолат наафтем. Лекин дар ин ҳафта шуморо рӯҳбаланд мекунам, ки аз худ содиқона пурсед, ки:

“Оё ман ба Худовандии Исо пурра итоат мекунам?” Ҳамаи мо дар баъзе чизҳо ба хатогӣ роҳ медиҳем. Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки шахсеро пайдо кунед, ки шумо он шахсро дӯст медоред ва ба ӯ бовар мекунед, ин яъне зан (шавҳар), дӯсти наздик ё пешвои калисо, онҳое, ки ба шумо боварӣ доранд ва фақат беҳбудии шуморо хоҳонанд. Ва он чизе, ки ин ҳафта дар бораи принсипи ҳукмронӣ фаҳмидед, ба онҳо нақл кунед ва фикрашонро дар ин маврид пурсед. Оё онҳо дар ҳаёти шумо ягон соҳаҳоро мебинанд, ки шумо ба гузашт (компромисс) меравед?

Агар онҳо ягон гуфтание дошта бошанд, онҳоро бодиққат гӯш карда, ба суханони онҳо дили кушод дошта бошед. Ва баъд ҷавоби худро ҳамчун дуо пеши Худованд биёред. Аз Ӯ хоҳиш кунед, ки ҳақиқатро дар бораи чизҳои шунидаатон ба шумо ошкор кунад. Фурӯтанӣ ин яроқи пурқувват бар зидди фиреб мебошад, ин машқи оддӣ шуморо ба тағйиротҳои бузург оварда метавонад!

**ҲАФТАИ 3**

**Бобҳои 6 ва 7- ро хонед**

*Дар ин ҳафта дарси наворӣи (Видеоурок) 3- ро тамошо кунед*

## САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА

1. Ҳар гуна мақсади неке, ки хоҳиши донистан ва эҳтиром кардани Худоро дар мо пахш мекунад, хатарнок мешавад. Мақсадҳои зеринро муҳокима кунед. Онҳо чи хубӣ доранд? Ва баръакс, агар мо онҳоро мақсади асосии зиндагиамон гардонем, чӣ тавр онҳо моро аз роҳи ростӣ дур бурда метавонанд?
   - Иқтисоди хуб
   - Машҳур будан
   - Таъсир расондан
   - Саховатмандӣ
   - Дастовардҳои башардӯстона
   - Хизматгузории самаранок.
2. Тасаввур кунед, шумо бо Мӯсо будед, вақте ки Худо ба Мӯсо гуфта буд, ки халқи Исроилро ба замини ваъдашуда бидуни ҳузури ӯ бубарад. Чӣ фикр мекунед, дар он лаҳза ба шумо чӣ кӯмак мекард, ки он қарорро қабул кунед, ки Мӯсо қабул кард?
3. Кадом нишонаҳо маълум мекунанд, ки муносибати инсон бо Худо, бештар ба чизҳое, ки Ӯ дода метавонад, равон карда шудаанд, нисбат ба он ки Худи Ӯ Кӣ аст? Агар ин нишонаҳо дар муносибати шумо бо Худо пайдо шаванд, чӣ тавр шумо ин ҳолатро ислоҳ хоҳед кард?
4. Назари худро дар мавриди он бигӯед, ки чӣ тавр мо ҷаҳонро дастрас карда, айни ҳамон вақт, дӯсти ин ҷаҳон нашавем.
5. Қонунчигӣ ин ҳам як намуди тарзи ҳаёти ҷаҳонӣ мебошад. Шумо чӣ тавр фикр мекунед, оё ба диндорӣ наафтода, дӯстии худро бо Худо нигоҳ доштан мумкин аст?

# ХОНИШ

...дар ҳузури Ту пуррагии хурсандӣ аст...
— Забур 15:11 (тарҷума аз забони инглисӣ).

Яке аз имтиҳонҳои бузурги имон, ин вақте ки роҳи осон барои шумо як чизи одатӣ намоён мешавад.

Мӯсо вақте ки дар биёбон буд, имконияти интихоб кардани роҳи осонро дошт. Вай аз Миср ба тарафи кӯҳи Сино бо халқе равона буд, ки доимо шикоят мекард ва бо ҳама чиз норозӣ буд ва имконияти ба замини ваъдашуда дохил шудан ин барои вай роҳи халосие буд. Лекин Мӯсо оё ба ин ваъда розӣ мешуд, ки барои ин ҳузури Худоро аз даст медод?

Баъд аз ҳазор сол Исо низ назди интихоби бо роҳи осон рафтан буд. Ҳангоме ки Вай дар оғози хизмати Худ буд, шайтон ба Ӯ имконияти аз озмоишҳо гузаштанро пешниҳод кард, ки ин аз мушкилиҳо хез карда, яъне мушкилиҳоро нагузашта, ва қудратро аз болои халқ ба дасти худ бигирад. Исо фақат мебоист ки ба ӯ саҷда кунад. Оё Исо он чизе, ки Худо ба воситаи азоб ба Вай доданӣ буд, бо роҳи осон онро ба даст овард?

Он ки шайтон ин усулро нисбати Писари Худо истифода мебурд, дар бораи он мегӯяд, ки вай огоҳ аст, ки ин усул натиҷаовар аст.

Мо баъдтар ба ин воқеа боз назар хоҳем кард; муҳимаш он аст, ки Исо ягона шахсе набуд, ки ба ин домҳои шайтон муқобилат карда тавонист. Мӯсо ҳамаи роҳҳоро санҷида дид: бо Худо дар биёбон мондан ё бидуни Ӯ ба замини ваъдашуда дохил шудан, ва вай биёбонро интихоб кард. Барои чӣ? Вай медонист, ки агар бидуни Худо равад, чиро аз даст хоҳад дод.

Ман мехоҳам, ки шумо аз сидқи дил ба саволи зерин "ҳа" гуфта тавонед: "Оё ҳузури Худо ба ҳаёти шумо мақсади асосие аст?" Лекин барои он ки саволи шумо фақат машқи фикрие набошад, шумо бояд пеш аз ин ба дигар савол ҷавоб диҳед: "Оё шумо медонед, ки дар ҳузури Худо будан чӣ маъно дорад?"

Дӯсти азиз, ман мехоҳам, ки шумо низ мисли Мӯсо ба ҳузури Худо ошиқ шавед. Ман мехоҳам, ки шумо низ ташнаи наздик шу-

данро бо Ӯ дошта бошед, ки ягон роҳи осонро интихоб кардан ҳатто ба фикри шумо ҳам наояд. Ва танҳо ҳангоме ки дар ҳузури Худо мебошед, ин гуна хоҳиш ба шумо меояд.

Яъқуб мегӯяд: "Ба Худо наздик шавед ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд" (4:8). Наздик шудан, ин яъне барои дуо хондан вақт ҷудо кардан, саҷда кардан ва Каломи Худоро хондан, ин корҳоро на ҳамчун вазифа анҷом додан, балки хоҳиши Шахсияти Ӯро шинохтан бошад. Ҷустуҷӯи Худо ба шумо имконияти интихоби дуруст карданро дар ҳамаи роҳҳои оянда медиҳад.

## *Мулоҳиза*

"Агар шумо маро аз сидқи дил биҷӯед, Маро хоҳед ёфт" (Ирмиё 29:13, тарҷума аз забони инглисӣ).

## *Истифода бурдан*

Дар ҳар гуна муносибатҳо ҳарду тараф чизҳоеро доранд, ки ба ҷониби дигар пешкаш карда метавонанд, масалан, ташвиқ кардан, маслиҳат додан ва дар амал дастгирӣ кардан. Лекин муносибатҳои солим на оне, ки мо фақат аз он муносибатҳо чизе гирифтанӣ ҳастем, балки он ки дар он инсон муҳимтарин мебошад. Баъзан мо дар муносибатҳои худ бо Худо инро аз хотир мебарорем. Азбаски Худо сарчашмаи ҳама чизҳои ба мо лозима аст, мо чунон саргарми гуфтани хоҳишҳои худ ба Ӯ шуда метавонем, ки шинохтани Ӯ аз хотирамон мебарояд.

Худо мехоҳад, ки мо назди Ӯ бо хоҳишҳои худ биёем! Лекин агар ҳадафи асосии шумо ҳузури Ӯро доштан бошад, он гоҳ ин ҳафта тамоми вақти худро ба он сарф кунед, ки Ӯро бишносед. Дар бораи хислати Ӯ фикр кунед. Дарк кунед, ки чӣ Ӯро хурсанд мекунад. Ягон воқеаро дар Навиштаҷот ёфта, дар бораи он мулоҳиза кунед, дар он ҷо ба шумо дар бораи хислати Худо чӣ ошкор мешавад. Ман дуо мекунам, ки шумо дар ин вақт чизеро ёбед, ки шуморо водор мекунад, ки ба Холиқи худ боз ҳам бештар ошиқ шавед.

**ҲАФТАИ 4**

**Бобҳои аз 8 то 9-ро хонед**

*Дар ин ҳафта дарси наворӣи (Видеоурок) 4- ро тамошо кунед*

## САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА

1. Баъзе шахсон дар он фикр ҳастанд, ки ақли онҳо ба худошиносӣ кӯшиш мекунад, лекин бо мурури замон онҳо мефаҳманд, ки ба чизҳои дигар шавқманд шудаанд. Чӣ тавр инсон фарқ карда метавонад, ки фикри вай бо чӣ банд аст?
2. Дар бисёр аз фарҳангҳои ҳозиразамон одамон бо рафтор ва намуди зоҳирии худ ба шахсони машҳур, ки ҳатто онҳоро намешиносанд, монанд шуда, ба канорҳо меафтанд. Баръакс, Худо ваъда кардааст, шахсоне, ки Ӯро меҷӯянд, хоҳанд ёфт. Шумо чӣ тавр фикр мекунед, барои чӣ одамон тарафдори тағйиротҳо дар ҳаёти худ намебошанд, ҳол он ки ин тағйиротҳо кӯмак мекунанд, ки онҳо Худоро бештар шиносанд, дар ҳоле ки барои аз наздик шинохтани шахси дигар онҳо ба тағйиротҳо омода мебошанд?
3. Бо кадом тарз шумо боварӣ ҳосил карда метавонед, ки худи шумо низ толиби ҳузури Худо ҳастед, на ин ки муштоқи муҳити хубе мебошед? Тарзҳои дуоҳои инфиродӣ ва гурӯҳиро дар ҷамъомадҳо дар ин маврид пешниҳод кунед.
4. Муҳим аст, ки ба муқаддасӣ ҳамчун ба муносибат назар кунем, барои он ки ҳадафи асосии муқаддасӣ ин аз наздик донистани Худованд мебошад. Ҳамчун тарзи машқ аз нуқтаи назари муносибатҳо даҳ аҳкомро дида бароед, ки дар китоби Хуруҷ (20:1,7) омадааст. Ҳар як ин аҳком дар бораи Худо чӣ мегӯяд?
5. Имкон дорад, ки муқаддасиро аз нуқтаи назари Худо дида баромадан осон намебошад, лекин ба ҳар ҳол, аз тарафи худ, ҳамаи кӯшишҳои лозимаро анҷом диҳед! Акнун онро дониста, ки Худо чӣ гуна аст ва Вай аз шумо чиро мехоҳад, шумо чӣ тавр фикр мекунед, барои чӣ он қадар муҳим аст, ки фарзандони Ӯ ҳам дар мавқеъ, ва ҳам дар рафтор, муқаддас бошанд?

# ХОНИШ

... акнун шумо ҳамон корҳоро анҷом медиҳед,
ки сӯи муқаддасӣ мебаранд...
— Румиён 6:22 (тарҷума аз забони инглисӣ).

Ман ин вақтро дар таълимотамон мунтазир будам, ки мо мавзӯи муқаддасиро дида бароем, барои он ки ман боварӣ ҳосил кардан мехоҳам, ки шумо мефаҳмед, ки сухан на дар бораи назорат кардан, ҳиссиёти айбдорӣ ё мутобиқат кардан ба меъёрҳо, ки аз ҷониби инсон фикр карда шудааст, меравад. Муҳимаш ин муносибат аст.

Тасаввур кунед, ки дар оилаи шумо шахсе ҳаст, ки шумо вайро сахт дӯст медоред, лекин вай доимо нисбати шумо беҳурматӣ нишон медиҳад, дағал аст ва шумо ба ӯ боварӣ карда наметавонед. Новобаста аз он ки шумо ин шахсро дӯст медоред, лекин дар ҳузури вай худро ноқулай эҳсос мекунед. Агар вай омодаи тағйирот набошад, шумо маҷбур мешавед, ки дар муносибатҳои худ сарҳадҳои солимро гузоред. Имкон дорад, шумо қарор мекардед, ки аз вохӯриҳои ҳаррӯза бо ин шахс худдорӣ кунед.

Чи тавре ки мо дар ҳафтаи гузашта муҳокима карда будем, Худо ин Шахсияте ҳаст, ки ҳузури Ӯро мо меҷӯем. Лекин боз Худо пурра муқаддас мебошад. Шояд дар ҳузури шахсе, ки рафтори нодуруст дорад, будан мушкил аст, лекин дар ҳузури Худо бе муқаддасӣ умуман омадан ғайриимкон аст. Ана барои ҳамин муқаддасӣ чунин аҳамияти калон дорад!

Боз Нома ба Ибриён (12:14)-ро хонед: “Кӯшиш кунед, ки муқаддасӣ дошта бошед, ки бе он ҳеҷ кас Худовандро нахоҳад дид”. Дар матни аввал калимаи “кӯшиш кунед”, маънои “ҳаматарафа заҳмат кашед, инро барои худ вазифа ва ҳадаф гузоред”- ро дорад. Ба ду ҷиҳати ин маъно диққати худро ҷалб кунед: кӯшиши ҳаматарафа ва ҳадаф. Ҳадафи мо чи тавре ки пештар гуфта шуда буд, ин дар ҳузури Худо будан аст. Барои ҳамин, биёед, кӯшиш мекунем, ки ҳаёти муқаддас дошта бошем.

Муқаддасӣ бо қонунчигӣ ва қоидаҳои мурдаи динӣ ҳеҷ алоқае надорад. Барои ҳамин, кӯшиш кардан ба муқаддасӣ аз ҳар яки мо ду чизро талаб мекунад:

1. **Шогирди каломи Худо будан.** Дар ҷаҳон бисёр чизҳое мавҷуданд, ки ақли инсон ва ҷамъият онҳоро чизҳои нек меноманд, лекин Худо ин тавр намешуморад. Айни ҳамон тавр, баъзе маҳдудиятҳо, ки гӯё рӯҳонӣ вонамуд мешаванд, дар Китоби Муқаддас тасдиқи худро намеёбанд, онҳо низ аз тарафи ҷамъият ва фарҳанг ба мо бор карда шудаанд. Навиштаҷот ин ягона меъёри мо мебошад. Барои фаҳмидани мафҳуми муқаддасии Худо, мо бояд ки ба Навиштаҷот ғарқ шавем.
2. **Ба Рӯҳи Худо бодиққат будан.** Худо ҳеҷ вақт шуморо бар зидди Каломи Худ роҳнамоӣ намекунад. Лекин Ӯ шуморо, аз дигарон дида, беҳтар медонад. Вай он соҳаро медонад, ки шумо дар он ҷо бештар зери таъсири озмоишҳо ҳастед ва Ӯ метавонад шуморо роҳнамоӣ кунад ва бигӯяд, ки аз шумо чӣ мехоҳад ва чӣ намехоҳад.

Роҳнамоиҳое, ки шумо аз ин ду сарчашма мегиред, шуморо дар зиндагӣ нигоҳ хоҳанд дошт!

## *Мулоҳиза*

“Биёед, ҳама чизе, ки барои давидани мо халал мерасонад, аз худ дур мекунем, махсусан, гуноҳро, ки моро ба осонӣ ба доми худ меандозад, ва бо тоқат он масофае, ки Худо ба мо чен кардаааст, мегузарем” (Ибриён 12:1, тарҷума аз забони инглисӣ).

## *Истифода бурдан*

Павлус ба калисои Қӯринтиён гуфта буд: “Аз ман ибрат гиред, чунон ки ман низ аз Масеҳ ибрат мегирам” (1 Қӯринтиён 11:1, тарҷумаи нав). Оё дар ҳаёти шумо чунин шахсе ҳаст, ки Каломи Худоро хуб медонад ва ба Рӯҳи Худо гапдаро мебошад? Дар ин ҳафта вайро барои муносибат кардан даъват кунед. Аз вай хоҳиш кунед, ки дар бораи муносибатҳои худ бо Худо ба шумо нақл кунад, ва дар бораи рушди фаҳмиши Каломи Худо ва шинохтани овози Рӯҳи Муқаддас аз ӯ савол кунед. Ҳатман ин ваҳиро вай дар тӯли солҳо ҷамъ кардааст, барои ҳамин, он шахсро бодиққат гӯш кунед!

**ҲАФТАИ 5**

**Бобҳои аз 10 то 12- ро хонед**

*Дар ин ҳафта дарси наворӣи (Видеоурок) 5- ро тамошо кунед*

## САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА

1. Мувофиқи Китоби Муқаддас хосияти асосии Худо ва калисои Ӯ ин муқаддасӣ аст. То он вақте ки шумо ба дида баромадани ин мавзӯъ оғоз намуда будед, ба фикри шумо хосияти асосии Худо, Калисо, чӣ буд? Он чизҳое, ки ба шумо дар ин ҳафта ошкор гашт, тасаввуроти шуморо дигаргун кард ва ё шуморо ба дигар ваҳиҳо рӯҳбаланд намуд?
2. Таълимоти қисмӣ дар бораи файз аҳамияти файзро паст зада, онро то ба андозаи чизи фақат гуноҳҳои моро рӯйпӯш мекарда мефарорад. Мувофиқи Аҳди Нав файз ҳам гуноҳҳои моро рӯйпӯш мекунад, ва ҳам ба мо қувват мебахшад, ки дар муқаддасӣ роҳ гардем. Барои баъзеҳо номаи аввал осонтар мебошад. Маънидод кунед, ки барои чӣ номаҳои Аҳди Нав дар бораи файз беҳтар аст.
3. Масалҳо 27:6-ро хонед. Ин оятро дар он ақидае, ки баъзеҳо доранд, беҳтар аст ҳеҷ чизи манфиро маъвиза накунем ва таълим надиҳем, дида бароед.
4. Агар нома ҷалбкунанда бошад, ин маънои онро надорад, ки ба таъби дили мебошад. Дар асл, бо ҳақиқат дучор гаштан одатан дард ва нороҳатиро оварда, лекин дар айни замон, озодии дурудароз ва дигаргуниро низ мебахшад. Аз зиндагии худ мисол биёред, чӣ вақт баъзе чизҳо барои шумо фоиданок буд, лекин дили шумо бо он розӣ намешуд. Дар ин мисол чӣ нишон медиҳад, ки мо ба Каломи Худо чуқуртар дохил шавем?
5. Ҳангоме ки одамон мегӯяд, ки ин оламро тағйир додан лозим аст, одатан онҳо дар бораи соҳаҳои қонунбарорӣ ва ё иҷтимоӣ сухан меронанд. Кадом чиз муқаддасии шахсиро қуввати бузург барои тағйир додани ҷамъият мекунад?

## ХОНИШ

...дар файз боқувват бош, ки онро
Худо ба ту дар Исои Масеҳ медиҳад...
— 2 Тимотиюс 2:1 (тарҷума аз забони инглисӣ).

Байни ду номаи асосие, ки мо дар бораи файз имрӯзҳо мешунавем, фарқи аниқе вуҷуд дорад. Онро бо саволи оддӣ маълум кардан мумкин аст: оё шумо худро хуб эҳсос кардан мехоҳед ё ин ки шахси хуб шудан мехоҳед? (зери мафҳуми *шахси хуб* будан ман *шахси Худо ( аз они Худо)* буданро дар назар дорам.).

Ин маънои онро надорад, ки таълимоти Аҳди Ҷадидро дар бораи файз қабул карда, мо шахсони ночиз мегардем. Баръакс, Исо вазифаи худро дар байни одамон ин тавр гуфтааст: "Ман омадаам, то ки шумо ҳаёти фаровон ва сарватмандро дошта бошед" (Юҳанно 10:10, тарҷума аз забони инглисӣ). Дар Масеҳ мо ҳама вақт хурсандии абадиро пайдо карда метавонем. Муҳимаш он аст ки афзалиятҳои мо афзалиятҳои осмониро такрор кунанд. Худо ҳеҷ вақт қулай буданро аз некӣ боло намегузорад. Оё мо низ ҳамин тавр амал мекунем?

Зеро мо худамон қарор мекунем, ки ба кадом номаи файз имон биоварем. Навиштаҷотро хонда, фақат бо он чизҳое, ки ба ақидаи мо мувофиқ мебошад, бовар кардан мумкин аст. Номаҳои ноқулайро раъд карда, фақат он воизонро гӯш кардан мумкин аст, ки ба гӯшҳои мо суханони форамро мегӯянд. Мисли он шахсе, ки ду духтурро гӯш мекард, мо низ баъзан бо он диагноз зиндагӣ мекунем, ки ба гӯши мо форам аст.

Агар мо ин роҳро қабул кунем, он гоҳ мо худро хуб эҳсос мекунем! Лекин, биёед, суханони машҳури Исоро такрор мекунем: "Ба одам чӣ фоида дорад, ки тамоми дунёро ба даст овараду ҷонашро аз даст диҳад?" (Марқӯс 8:36). Инак ба саволи худ бармегардем, оё шумо худро хуб эҳсос кардан мехоҳед ё ин ки шахси нек будан мехоҳед?

Ман умедворам, ки шумо номаи файзро ҳамчун қуввати Худо мефаҳмед ва ин хабари бисёр хубе мебошад. Агар мо имон дошта бо-

шем, ки файз фақат гуноҳҳоро рӯйпӯш мекунад, он гоҳ мо дар ҳаёти худ банд монда, ғуломи гуноҳе, ки моро лагад мезанад, шуда, банду басти тарс ва дурӯғ мешавем. Лекин файзи қувватбахшро қабул карда, мо қобилияти ҳамчун Исо зиндагӣ карданро пайдо мекунем: озод, боваринок, пурқувват ва баракатёфта. Файзи Худо ин боре нест, ки моро ба поён мекашад. Чи тавре ки вакил Юҳанно мефармояд:

"Зеро Худоро дӯст доштан, ин фармонҳои Ӯро иҷро кардан аст. Фармонҳои Ӯ бошанд, вазнин нестанд, чунки ҳар кӣ аз Худо таваллуди нав гирифтааст, ҷаҳонро ғалаба мекунад, ва ин ғалаба, ки бар ҷаҳон ғолиб мебарояд, имони мост" (1 Юҳанно 5:3,4).

Агар Худо дар асл Некӯ бошад ва агар Ӯ дар ҳақиқат барои мо фақат чизҳои некро хоҳон бошад, он гоҳ мо дар ҳайрат набошем, ки аҳкоми вай роҳи беҳтарине барои мо аст! Ва ба хотири қуввати файзи Ӯ, ки дар дохили мо амал мекунад, мо дарк мекунем, ки аҳкоми Вай вазнин намебошад. Аҷоиб!

### *Мулоҳиза*

"...барои ту файзи Ман басанда аст, зеро қуввати ман дар заъф комил мешавад" (2 Қӯринтиён 12:9).

### *Истифода бурдан*

Оё шумо тайёр ҳастед, ки барои интихоб кардани роҳҳои Худо аз чизҳои қулай ва осон даст кашед? Агар ҳа бошад, инро дар дуо ба Худо гӯед:

*Падар, Туро барои файзи қувватбахши Ту шукр мегӯям. Ман онро на фақат ҳамчун бахшиши гуноҳҳо, балки қуввате, ки ба воситаи он корҳоеро анҷом дода метавонам, ки бо қуввати худ карда наметавонистам, қабул мекунам. Ман боварӣ дорам, ки Ту нек ҳастӣ. Барои ҳамин, ман медонам, ки ҳамаи аҳкоми Ту барои нафъи ман мебошад. Худо ман ҷалолро ба Ту овардани ҳастам! Маро дигаргун соз, маро ба Худ монанд кун. Ба номи Исо. Омин.*

**ҲАФТАИ 6**

**Бобҳои аз 13 то 16- ро хонед**

*Дар ин ҳафта дарси наворИИ (Видеоурок) 6- ро тамошо кунед*

## САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА

1. Чӣ одамонро водор мекунад, ки аз Худо чизҳои хурдро мунтазир бошанд, нисбати он ки Вай барои онҳо анҷом дода метавонад? Агар ин чизҳоро эҳсос кунед, чӣ тавр бар онҳо ғолиб омада метавонед?
2. Дар бораи он ҳодиса, ки бо миллиардер ва се тоҷири ҷавон нақл кардем, фикр кунед. Ба фикри шумо барои чӣ рӯъёи ин шахси сеюм аз рӯъёи ду нафари пештара бузургтар буд? Тасаввур кунед, ки назари вай ба гузашта ва оянда чӣ гуна буд. Барои худ тасаввур кунед, ки чӣ гуна он шахс ба вохӯрӣ бо сармоягузор тайёрӣ медид. Кадом корҳоро вай анҷом дод, ки шумо барои баланд бардоштани сатҳи интизориатон аз Худо карда метавонед?
3. Дар асоси чизҳои аз ин курсҳо омӯхтаатон, бигӯед, ки ҳиссиёти фарқ кардани шахси фикрронии ҷаҳонидошта аз фарзанди Худо, ки ба камол расидааст, чӣ гуна мебошад. Кадом нақшаҳо ва асбобҳо барои фарқ кардан, ба масеҳӣ кӯмак мерасонад?
4. Чӣ тавр тарси Худо муносибати моро барои гузаштани мушкилиҳо тағйир медиҳад? Шахсоне, ки тарси Худоро доранд, ҳангоми фишор зиёд шудан чӣ мегӯянд ва чӣ тавр амал мекунанд? Онҳо кадом корҳоро анҷом медиҳанд?
5. Дар охири ин курсҳо барои ҳар як шахс хулосаи инфиродӣ ва инчунин барои гурӯҳ низ хулоса бароред. Кадом принсипҳо, дарсҳо ва арзишҳоро дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ истифода хоҳед бурд? Ин чӣ тавр шакл мегирад? Бигзор қадамҳои шумо аниқ ва амалӣ бошанд, то ки шумо далерона ба пеш ҳаракат карда тавонед!

# ХОНИШ

Подоши фурӯтанӣ ва худотарсӣ
сарват, ҷалол ва ҳаёт аст.
— Масалҳо 22:4

Дар давоми ин курсҳо мо якчанд соҳаи муҳимро дида баромадем. Ҳукмронӣ, муқаддасӣ ва моҳияти аслии файз ва ин фақат баъзе аз он соҳаҳо мебошанд. Шумо ба саволҳои мушкил дар бораи назари худ ба зиндагӣ ҷавоб додед. Акнун ман диққати шуморо ба он ҷалб карданӣ ҳастам, ки шумо чӣ тавр зиндагӣ карда метавонед.

Бубинед, ки дар Номаи Эфсӯсиён, дар тарҷумаи The Message, чӣ навишта шудааст:

"Шумо медонед, ки Худо аз он чизе, ки шумо ба худатон тасаввур мекунед, фикр мекунед ва дар орзуҳои далеронаи худ меоваред, беандоза зиёд карда метавонад! Вай ин корро карда, моро ба ҳар сӯ тела намекунад, лекин ба воситаи Рӯҳи Муқаддас оромона ва нарм дар дохили мо кор мекунад" (3:20).

Худо барои моро ба худ баргардонидан, ҳеҷ чизро дареғ надошт. Вай моро бо нархи аз ҳама гарон харид, барои ҳаёти мо Писари Худро қурбон кард. Ва бо ягон сабабе ба фикри он наафтем, ки ҳоло Вай хасис шудааст.

Худо ба мо ҳама чизи зарурири додааст, то ки ҳама чизи беҳтарине, ки Вай дорад: ҳақиқати Каломи Ӯ, роҳнамоии Рӯҳи Ӯ ва қуввати файзи Ӯро дошта бошем. Ба ҳар ҳол, чи тавре ки дар порчаи дар боло омадаи Навиштаҷот хондем, Худо моро маҷбуран шарики худ намесозад. Вай моро даъват мекунад, ки имон, фарқият ва фурӯтаниро истифода бурда, ба ҳаёте, ки аз орзуҳои мо низ болотар мебошад, дохил шавем.

Шуморо чӣ боз медорад? Тасаввуроти шуморо чӣ маҳдуд мекунад? Чӣ шуморо водор мекунад, ки миқдори ками пулро талаб кунед, дар ҳолате ки ҳеҷ маҳдудият барои талаб кардан вуҷуд надорад?

Вақти он расидааст, ки бо Худо якҷоя орзу кунем. Дар кадом соҳа шумо кам мунтазир ҳастед ва имони танг доред? Кадом ваъдаҳо шуморо ба ҳарос меоваранд? Барои чӣ? Бигзор некии Худо шуморо

рӯҳбаланд кунад. Он чизҳоро талаб кунед, ки базӯр имонатон ба он мерасад. Вай ваъда кардааст, ки аз он ҳам беҳтарро ато намояд!

### *Мулоҳиза*

"Аммо, чунон ки навишта шудааст: "он чиро ки чашме надидааст, гӯше нашунидааст ва ба дили инсон наомадааст, Худо барои дӯстдорони Худ муҳайё кардааст" (1Қӯринтиён 2:9).

### *Истифода бурдан*

Мо дар бораи орзуҳо ва маҳдудиятҳо сухан рондем, акнун, биёед, ба амалҳои аниқ мегузарем. Ҳар ҳафта як вақти муайянро барои орзу кардан ҷудо кунед. Дар аввал, як қоғаз ва ягон чизи электрониро гирифта, соҳаҳои муҳими ҳаёти худро дар он нависед. Имкон дорад, ки рӯйхати шумо ин соҳаҳоро дар бар хоҳад гирифт:

- Муносибат бо Худо
- Муносибат бо одамон
- Оила ва никоҳ (ҳозира ва ё оянда).
- Пул
- Кор (карьера).
- Калисои маҳаллӣ ва хизмат
- Бахшоишҳои мушаххас ва хоҳиши ин бахшоишҳо.

Ба ҳар яки ин сарлавҳаҳо орзуи худро нависед. Ин тавр тарзи фикри пинҳонии дил ва ақли шумо бояд бошад. Аз муносибатҳои худ бо Худо дар асл чиро мунтазир ҳастед? Дар бораи вазъияти иқтисодии худ дар оянда кадом назарро доред? Дар бораи оилаи худ-чӣ?

Акнун дар дуо ба рӯйхати худ баргардед. Аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш кунед, ки назари Худо ва ваъдаҳоро ошкор кунад. Дар кадом соҳа тарс чашми шуморо банд мекунад? Чӣ тавр ҷароҳатҳо ва афсурдахотириҳои гузашта ба шумо монеъ мешаванд? Ба фикри шумо Худо дар бораи чизҳое, ки ба Вай аҳамият надорад, чӣ мегӯяд? Дар хотир дошта бошед, ки рӯъёи шумо қобилиятҳои шуморо таъин мекунад. Худо маҳдудиятҳоро аз ҳаёти шумо мебардорад. Вақти он расидааст, ки шумо низ ин тавр амал кунед!




## РӮҲИ МУҚАДДАС

Дар ин китоб Ҷон Бивер шуморо бо Рӯҳи Муқаддас шинос мекунад. Шумо дар бораи шахсияту қуввати Ӯ ва чӣ гуна беҳтар шинохтани Рӯҳи Муқаддасро зиёдтар меомӯзед. Роҳи зиндагии шумо бо Худованд чӣ хеле ки набошад, китоби "Рӯҳи Муқаддас: дастурамал" кӯмак мекунад, ки шумо ба Худои абадият ва дӯстдори шумо наздик шавед.




## САРГУЗАШТИ ОИЛА

Кай мо ин алоқаро бо он саргузашти муҳаббати комил аз даст додем? Дар "саргузашти оила" Ҷон ва Лиза Бивер шуморо даъват мекунанд, ки боз барои худ тақдири аҷоиби Худоро барои оила ошкор намоед. Шумо оиладор ҳастед ва ё муҷаррад ва ё ин ки номзад ҳастед, саргузашти шумо як қисми саргузашти Ӯ мебошад.

Маводҳои дигари Ҷон ва Лиза Бивер ба забони тоҷикӣ
барои шумо дар ин сайт дастрас мебошанд:
www.CloudLibrary.org

Бештар мехоҳед ?
Дар ин ҷой сабт кунед.

## БАРОИ ЧӢ ЧИЗҲОИ ХУБ, АГАР БА ОН ДАСТИ ХУДО НАБОШАД, КОФӢ НЕСТ? АГАР ИН ХУБ БОШАД,ИН АЗ ҶОНИБӢ ХУДОСТ, ДУРУСТ АСТ?

Дар замони мо калимаи некӣ ва Худо калимаҳои ҳаммаъно шудаанд. Мо фикр мекунем, ки агар ягон чизро ҷамъият хуб шуморад, Худо низ ҳатман тарафдори он мебошад. Саховатмандӣ, фурӯтанӣ ва адолат ин некӣ аст. Худпарастӣ, ғурур ва сахтдилӣ ин бадӣ аст. Фарқият бисёр возеҳ ва равшан аст.
Оё ин ҳама чиз аст? Агар некӣ ҳамин қадар аён бошад, пас барои чӣ дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки мо некиро аз бадӣ фарқ карда тавонем?
“Некӣ ё Худо?”- ин дастурамали нав барои ёрдам додан намебошад. Ин китоб аз шумо талаб мекунад, ки рафторатонро тағйир диҳед. Он ба шумо барои бо Худо дар ҳамон сатҳ пайваст шудан қувват мебахшад, ки ҳар як соҳаи ҳаёти шумо тағйир меёбад.

ХОНИШҲОИ ҲАРҲАФТИНА ВА САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМАРО ДАР МУДДАТИ ШАШ ҲАФТА ДАР БАР ГИРИФТААСТ



ҶОН БИВЕР ва ҳамсари вай Лиза асосгузорони хизматгузории Messenger International мебошанд. Ҷон ҳамчун хизматгузор ва муаллифи китобҳои машҳур, бо далерӣ ва хоҳиши сахт номаи бегузаштро маъвиза мекунад. Хоҳиши дили вай дастгирӣ кардани калисоҳои маҳаллӣ ва таъмин кардани онҳо бо маводҳои зарурӣ, новобаста аз мавқеъ, забон ва ҳолати молиашон мебошад. Дар ҳоли ҳозир корҳои вай дар зиёда аз 90 забони дунё тарҷума шуда, миллионҳо нусхаҳо ба роҳборон ва усқуфони калисоҳо дар сар то сари ҷаҳон фиристонда шудаанд. Дар хона Ҷон аз Лиза хоҳиш мекунад, ки бо ӯ голф бозӣ кунад ва ҳамроҳи чор фарзандашон, як келин ва набераҳояшон якҷоя вақт гузаронанд.

Ин ва дигар маводҳоро дар сайти зерин сабт кунед:
www.CloudLibrary.org

Ин нусха тӯҳфа аз ҷониби муаллиф мебошад.
Барои фурӯш пешбинӣ нашудааст.

MESSENGER
INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

Бештар мехоҳед ?
Дар ин ҷой сабт кунед.